37х
А 15

В. Н. Аванесова

# ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМИ КӮДАКОН ДАР ГУРӮҲИ ГУНОГУНСИН



КИТОБХОНАИ «БОҒЧАИ БАЧАГОН ДАР ДЕҲОТ»

В. Н. АВАНЕСОВА

# ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМИ КӮДАКОН ДАР ГУРӮҲИ ГУНОГУНСИН

НАШРИЁТИ «МАОРИФ»
ДУШАНБЕ 1983

372
А 18

Управленияи томактабии
Вазорати маорифи СССР
тавсия кардааст

БИБЛИОТЕКА
Душанбинского
Госпединститута
им. Т. Г. Шевченко
ИНВ. № ________

**Аванесова В. Н.**
А 18 Тарбия ва таълими кӯдакон дар гурӯҳи гуногунсин. Душанбе, «Маориф», 1983. саҳ. 192.

А $\frac{4305006000-192}{М\ 504\ (13)-83}$ 70—83

© Издательство «Просвещение», 1977,
©Тарҷума ба забони тоҷикӣ, нашриёти «Маориф», 1983.

## САРСУХАН

Дар қарорҳои съезди XXVI КПСС вазифа гузошта шудааст, ки тамоми системаи маорифи халқ минбаъд такмил дода шавад.

Мо дар соҳаи тарбияи томактабии ҷамъиятӣ ҳамчун зинаи аввалини тарбияи коммунистии насли наврас, бояд корҳои бисьёреро баҷо орем. Дар баробари инкишофи минбаъдаи сети боғчаҳои бачагон ва яслиҳо дар шароити ҳозира муҳим аст, ки сифати баланди таълиму тарбияи кӯдакон, ба хондани бомуваффақият дар мактаб тайёр кардани онҳо низ таъмин карда шавад.

Ба муносибати нисбат ба тамомкунандагони муассисаҳои томактабӣ (ҳам шаҳрию ҳам қишлоқи) афзудани талаботи мактаб зарур аст, ки дар гурӯҳҳои омехта—гуногунсин кори тарбиявию таълимӣ такмил дода шавад. Ин гуна гурӯҳҳо дар боғчаҳо ва яслӣ-боғчаҳои бачагонаи яккомплектӣ, дукомплектӣ ва секомплектӣ, ки дорои 25, 50 ва 90 ҷой мебошанд, мавҷуданд. Шумораи гурӯҳҳои омехта дар муассисаҳои томактабии бисьёркомплекта (муассисаҳои санаторияви, шабонарӯзӣ, гурӯҳҳои боғчаҳои миллии тарзи омӯзишашон ба забони русӣ ва ғайра) низ бисьёр аст.

Тарбияи якҷояи кӯдакони синнашон гуногун бисьёр ҷиҳатҳои мусбат дорад. Алоқаи доимии кӯдакони хурдсол бо кӯдакони калонсол барои ташаккули муносибати дӯстонаю ғамхоронаи байни онҳо, ташаккули мустақилияти онҳо шароити мусоид ба вуҷуд меорад. Ибрати калонсолон барои хурдсолон аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Вале ҳамаи ин худ ба худ ба вуҷуд намеояд, балки натиҷаи кори доимӣ ва сӯботкоронаи педагог, натиҷаи ташкили дурусти зиндагӣ ва фаъолияти мустақилонаи кӯдакон хоҳад буд. Дар ин гуна гурӯҳҳо кор кардан аз мураббӣ талаб мекунад, ки ӯ одоби муомила ва маҳорати зарурӣ дошта бошад, программаи кори ҳамаи гурӯҳҳои кӯдакони синни гуногунро хуб донад, талаботи программаро мувофиқи хусусиятҳои синнусол ва индивидуалии ҳамаи тарбиятгирандагон ба амал бароварда, ба ҳамаи ин дуруст диққат диҳад, хусусиятҳои хоси ҳар як кӯдак ва тамоми гурӯҳро фаҳмидаю дида тавонад.

Қори тарбиявӣ дар боғчаҳои бачагонаи камкомплект ва гурӯҳҳои кӯдакони синнашон гуногун дар асоси «Программаи тарбия дар боғчаи бачагон» ташкил карда мешавад, вале дар ин маврид хусусияти дар як гурӯҳ тарбия гирифтани кӯдакони синнашон гуногун ба назари эътибор гирифта хоҳад шуд. Бо мақсади дуруст ташкил кардани процесси педагогӣ, дар ҳар як мавриди конкретӣ, ҳайати гурӯҳро муайян намуда, дар дохили он ду — се гурӯҳи хурд ташкил кардан ва кори тарбиявию таълимиро мувофиқи ҳамин ба роҳ мондан зарур аст (бо ҳамин мақсад тавсия карда мешавад, ки то 1 сентябрь дар ҳар як гурӯҳи омехта рӯйхати кӯдакони ҳар як гурӯҳи хурдро тартиб дода, дар он санаи таваллуд ва синни кӯдакон навишта шавад). Дар ин маврид зарур аст, ки принципи ҳарчи бештар ба эътибор гирифтани имкониятҳои синнусолии кӯдакон ба асос гирифта шуда, ба ҳар як гурӯҳ ба қадри имкон кӯдакони синну солашон якхела ва ба ҳам наздик якҷоя карда шаванд. Масалан, дар боғчаи дукомплектӣ дар як гурӯҳ бояд кӯдакони аз 3 то 5-сола, дар дигараш — аз 5 то 7-сола бошанд. Дар мавриди мавҷуд будани се гурӯҳ зарур аст, ки ба як ё ду гурӯҳ кӯдакони синнашон якхеларо муттаҳид намуда, дар гурӯҳи омехта кӯдакони синнашон ба ҳам наздик якҷоя карда шавад. Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, ҳамин гуна ҳайати гурӯҳ барои хубтар ташкил кардани зисту зиндагонӣ ва тарбияи кӯдакон, барои беҳтар ба ҳисоб гирифтани имконият ва талаботи онҳо шароити хеле мусоид фароҳам меорад.

Ва баръакс, дар як гурӯҳ муттаҳид намудани кӯдакони синнашон хеле гуногун (дар амалия чунин ҳодисаҳое ҳам вомехӯранд, ки дар як гурӯҳ кӯдакони чорсолаю шашсоларо ва дар дигараш — панҷсолаю ҳафтсоларо якҷоя мекунанд) барои ба роҳ мондани тартибот ва ташкили тарбияи кӯдакон боиси душвориҳои зиёдатӣ мешавад.

Агар дар боғчаи бачагон танҳо як гурӯҳи омехта бошад, дар ин сурат, одатан дар он кӯдакони аз 2—3 то 7-сола тарбия мегиранд, бинобар ин, ҳайати онҳоро аз ҷиҳати синну сол ба тартиб даровардан душвор аст. Вале агар дар наздикии як микрорайон ва ё муассиса якчандто ҳамин хел гурӯҳҳои ба ҳам наздик мавҷуд бошанд, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба як гурӯҳ кӯдакони 3—5-сола ва ба гурӯҳи дигар кӯдакони калонсол муттаҳид карда шаванд.

Дар мавриди пурра кардани гурӯҳҳои омехта, барои кӯдакони ба мактаб тайёршаванда, ба қадри имкон, гурӯҳҳои алоҳида ташкил кардан зарур аст (масалан, дар боғчаи сегурӯҳа), дар гурӯҳи кӯдакони синни гуногун бошад, кӯдакони ба ҳафт қадамгузошта-талабагони оянда, ҳатман гурӯҳчаи мустақил ташкил карда, бо онҳо аз рӯи программаи гурӯҳи ба мактаб тайёркунанда, кор бурдан лозим.

Дар боғчаҳои бачагонаи комплект, ба мисли ҳамаи типҳои муассисаҳои томактабӣ, педагог кори тарбиявию таълимро дар

чараёни ҳаёти ҳаррӯза ва фаъолияти мустақилонаи кӯдакон (бозӣ, меҳнат ва ғ.) инчунин дар рафти машғулиятҳо, ки махсус барои ҳамаи кӯдакон ташкил карда шуда, мунтазам гузаронида мешаванд, ба амал мебарорад. Мураббӣ, пеш аз ҳама барои фаъолияти ҳарҷонибаю шавқовар ва саломатии хуби ҳар як кӯдак шароити зарурӣ фароҳам меорад, дар бачагон тарзи рафтору одоби хуб ва муносибати дурустро байни худашон ва калонсолон тарбия мекунад, таҷриба ва тасаввуроти кӯдаконро муайян мекунад, дониши мавҷудаи кӯдакро мустаҳкам ва доираи назари онро васеъ менамояд. Мураббӣ дар процесси машғулият фаъолияти омӯзиши ҳамаи бачагонро ташкил мекунад, ба бачагон мувофиқи нишондоди шахси аз худ калонсол амал карданро талқин менамояд, ба онҳо мунтазам ва пай дар пай донишу малакаҳои навро меомӯзонад.

Вале маълум аст, ки масъалаи таълиму тарбияи кӯдакони гуногунсин ва ба мактаб тайёр кардани онҳо ба мураббиҳо душвориҳои калонро ба вуҷуд меоранд. Илова бар ин, адабиёти методии мавҷудаи доир ба тарбияи томактабӣ асосан барои муассисаҳое навишта шудаанд, ки онҳо дорои гурӯҳҳои кӯдакони як синну сол мебошанд.

Китоби мазкур маҳз бо мақсади ёрӣ расондан ба педагогҳои гурӯҳҳои кӯдакони синни гуногун навишта шудааст. Вай барои коркунони боғчаҳои бачагонаи комплекти доимии шаҳрию қишлоқӣ таъин шудааст[1].

Дар китоби мазкур мувофиқи мазмуни асосӣ ва сохти «Программаҳои тарбия дар боғчаи бачагон» хусусияти кори тарбиявию таълимӣ дар чараёни ҳаёти ҳаррӯза, хусусиятҳои роҳбарии педагогӣ ба бозиҳои мустақилона ва шаклҳои ба кӯдакон мувофиқ будаи меҳнат дар гурӯҳҳои омехта, инчунин хусусияти омӯзиши кӯдакони синни гуногун дар вақти машғулият нишон дода шудаанд. Ба масъалаи асосҳои илмӣ-методии ташкили процесси педагогӣ бо роҳи дуруст ба ҳам пайвастани талаботи умумии педагогикаи томактабӣ ва шароитҳои конкретии дар як гурӯҳ тарбия намудани кӯдакони синну солашон гуногун аҳамияти калон дода мешавад.

Чунончи, тавсияҳои оид ба ташкили ҳаёт ва тарбияи кӯдакони синнашон гуногун дар чараёни фаъолияти мустақилонаи онҳо дар асоси талаботи умумии педагогӣ оид ба режими (тартиби рӯзи) кӯдакони синни томактабӣ, мувофиқи принципи тадриҷан ва пай дар пай, ҳар дафъа аз хурдсолон сар карда, ба режим одат кунондани кӯдакон, дар асоси зарурати ба онҳо

---

[1] Барои муассисаҳои томактабии корашон муваққатӣ, ки асосан баҳору тобистон кор мекунанд, тавсияҳои программавию методиро дар китоби «Тарбияи бачагон дар муассисаҳои томактабии мавсимӣ» («Воспитание детей в сезонных дошкольных учреждениях», тартибдиҳанда Н. И. Кузина, М., 1977) пайдо кардан мумкин аст.

барои тамоми рӯз ба фаъолияти гуногун машғул шуданашон шароит фароҳам овардан тартиб дода шудаанд.

Дар аснои муайян кардани хусусиятҳои машғулияти гурӯҳи кӯдакони синни гуногун кӯшиш карда шуд, ки як қатор талаботи умумии дидактикаи томактабӣ ба амал татбиқ гардад. Ин талабҳо инҳоанд: хусусияти инкишоф ёфтаистодаи таълим таъмин карда шавад; шаклҳои гуногуни таълим истифода шаванд (машғулиятҳои таълимӣ, бозиҳои дидактикӣ ва машқҳои дидактикӣ); процесси таълим дар машғулиятҳо бо кори буньёдкоронаи ҳаёти ҳаррӯза пайваста пеш бурда шавад ва ғайра.

Оид ба ташкили зисту зиндагӣ ва тарбияи кӯдакон дар гурӯҳҳои омехта чизҳои зерин ба тариқи манбаъҳои тавсияҳои педагогӣ истифода шудаанд:

таҷрибаи кори гурӯҳҳои омехта, ки дар матбуот чоп шудаанд;

натиҷаҳои семинарҳои коркунони муассисаҳои томактабии комплект, ки муаллиф дар вилоятҳои Иваново, Қалуга, Москва, РСС Белоруссия ва ғайра гузарондааст;

материалҳои семинари доимоамалкунандаи роҳбарони иттиҳодияҳои методии мураббиҳои боғчаҳои бачагонаи комплекти вилояти Москва, ки муаллиф бо иштироки методисти шӯъбаи маорифи вилоят Ю. И. Чеснокова гузаронидааст;

хулосаҳои кори таҷрибавию илмии муаллиф дар гурӯҳи синну соли гуногуни яслӣ-боғчаи № 39 ш. Люберции вилояти Москва.

Иштироки бевосита дар семинарҳои мураббиён ва мудирони бочғаҳои бачагонаи комплект, инспекторону методистони оид ба тарбияи томактабӣ ба муаллиф имконият дод, ки тартиби намунавӣ, конспектҳои машғулиятҳо ва бозиҳои дидактикӣ, ҷадвали якҳафтаинаи машғулиятҳо ва ғайраро, ки худи ӯ тартиб додааст, санҷида барояд ва инчунин таҷрибаи мусбати педагогиро ба ҳисоб гирад.

Ба фикри муаллиф китоби «Тарбия ва таълими бачагон дар гурӯҳи гуногунсин» аввалин кӯшишест дар роҳи санҷида баромадани хусусиятҳои кори тарбиявию таълим аз рӯи «Программаи тарбия дар боғчаи бачагон» дар шароити муассисаҳои тарбияи томактабии комплект. Такмили методикаи кори тарбиявӣ дар гурӯҳи кӯдакони синни гуногун бояд дар китобҳои нави методӣ, инчунин дар таҷрибаи пешқадами педагогӣ инъикос ёбад.

Муаллиф ба методисти оид ба тарбияи томактабии шӯъбаи маорифи вилояти Москва Ю. И. Чеснокова, мураббия—методисти яслӣ-боғчаи ш. Люберции вилояти Москва М. М. Короткова, мудир ва мураббияи ясли-боғчаи № 25 районн Подольскии вилояти Москва Э. А. Двойных ва О. С. Виноградова барои ёриашон дар тайёр кардани материалҳои амалӣ ва суратҳои китоб миннатдорӣ изҳор менамояд.

# ТАШКИЛИ ҲАЁТИ ГУРӮҲҲОИ ГУНОГУНСИН ВА ТАРБИЯИ КӮДАКОН

## ХУСУСИЯТИ АСБОБУ АНҶОМ ВА ТАҶҲИЗОТ

Дуруст ташкил кардани ҳаёт ва фаъолияти гуногуни кӯдакон дар боғчаҳои бачагонаи комплект, инчунин ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои инкишофи ҳарҷонибаи бачагони синну солашон ҳархела ёрӣ мерасонад. Ин гуна шароитҳо умуман дар лоиҳаҳои типӣ пешбинӣ шудаанд[1]. Бинобар ин боғчаҳои бачагонаро, ки дорои гурӯҳҳои кӯдакони синнашон гуногун мебошанд, мувофиқи ҳамин лоиҳаҳо сохтан зарур аст. Дар ин маврид бояд хусусиятҳои иқлимӣ ва демографии маҳалли мазкур, инчунин пешомадҳои тараққиёти соҳаи тарбияи ҷамъиятии томактабӣ ба назари эътибор гирифта шаванд.

Масалан, барои муассисаҳои томактабии қишлоқҷойҳо лоиҳаи типии яслӣ-боғчаи барои 50 ва 90 ҷой хеле ба мақсад мувофиқ буда, дар ӯ имконияти дар фасли тобистон то 95 ва 180 ҷой зиёд кардани ғунҷоиши яслӣ-боғча пешбинӣ шудааст.

Дар муассисаҳои томактабӣ, ки мувофиқи лоиҳаи типӣ сохта шудаанд, хонаи васеи гурӯҳҳо (62 $м^2$), хонаи хоб (50 м)[2], дар муассисаҳои калонтар-зал барои машғулиятҳои мусиқӣ ва физкультурӣ (75 $м^2$) хонаҳои махсуси либоскашӣ ва ҳоҷатхона, дигар хонаҳои иловагӣ мавҷуданд[2].

Бинохои мувофиқ кардашудаи боғчаҳои бачагонаи кӯҳнаро ба тарзи нав сохтан матлуб буда, онҳо бояд ба қадри имкон ба нормаҳои ҳозираи сохтмон ва санитарӣ наздик карда шаванд. Дар баробари ин бояд дар хотир дошт, ки барои тарбияи кӯдакон фароҳам овардани шароити хуб дар боғчаҳои бачагонаи камкомплект, ки дар бинохои кӯҳнаи мувофиқ кардашуда ҷойгир шудаанд, диққати махсуси педагогҳоро талаб мекунад: бинохои мавҷударо самаранок истифода бурдан лозим, зарур аст, ки хонаҳои гурӯҳ, ҷойҳои дастшӯӣ, либоскашӣ ва ғайра қулаю муносиб бошанд.

---

[1] Ниг. нормаҳои лоиҳакашии яслӣ-боғчаҳои бачагон, ки аз январи с. 1972 ҷорӣ карда шуда, дар китоби «Справочник по дошкольному воспитанию», М., 1972, саҳ. 228—255 навишта шудааст.

[2] Дар хусуси зарурияти хонаҳои умумӣ ва дигар хонаҳои муассисаҳои томактабии қишлоқҷойҳо ба китоби «Сельский детский сад. Книга для воспитателя», М. 1973, саҳ. 7—23 муроҷиат кунед.

*Дуруст истифода бурдани бино, аз ҷиҳати педагогӣ ба мақсад мувофиқ будани ҷо ба ҷо гузоштани асбобу анҷом ва риоя кардани талаботи гигиена-шароити муҳими дуруст тарбия кардани кӯдакон мебошад.*

Хонаи гурӯҳ бояд васеъ, равшан ва ҳавояш тоза бошад. Бинобар ин, хонаро бо чизҳои зиёдатӣ ва тирезаҳоро бо ҳар гуна растаниҳо ва бо пардаю пардачаҳо банд кардан тамоман раво нест. Дар мавриди нокифоя будани равшанӣ, вакте ки коэффициенти рӯшноӣ-нисбати оинаи тиреза ба саҳни хона — аз норма кам бошад (камтар аз 1:4 ё 1:5), дар ҳавои тира дар хонаи гурӯҳ чароғи электрикро даргирондан лозим аст (шишаи чиркини тиреза ҳам равшании хонаро паст мекунад).

Бо мақсади муҳофизат кардани чашми кӯдакон ба дурустии рӯшноии сунъӣ назорат кардан зарур аст. Мувофиқи нормаҳои гигиенӣ ба як метри мураббаи саҳни хона дар мавриди аз лампочкаи муқаррарии электрикӣ истифода кардан аз 25 вт. ва дар мавриди кор фармудани чароғи электрикии люминесцентӣ аз 50 вт. кам набошад. Дар баробари ин мумкин нест, ки дар бино ба ҷои 4—6—8 лампаҳои ба ҳама ҷо баробар равшанидиҳанда танҳо 1—2 лампаи калон даргиранд: ин боис мегардад, ки равшанӣ ба як ҷои хона бисьёртару ба ҷои дигараш камтар паҳн шуда, ба чашм зарар расонад.

Бозиҳо ва машғулиятҳоеро, ки ба чашм бисьёртар зӯр меоранд — (расмкашӣ, бозиҳои болоистолӣ бо суратчаҳо, хотамкорӣ ва ғ.), дар қисми равшантари хона, дар болои столҳои ба тиреза наздик гузошташуда ташкил кардан зарур аст.

Барои инкишофи ҳарҷонибаи ҷисмонии кӯдакон дуруст интихоб кардани мебель аҳамияти калон дорад. Мебель бояд шаклан оддию сабук, қулай буда, бо ранги ҷилодори беғубори гигиенӣ ранг карда шавад. Столу стулҳо мебели асосии кӯдакон буда, барои гурӯҳи омехта бояд камаш аз 3—4 микдор иборат бошанд.

Аз рӯи стандартҳои мавҷудаи давлатӣ (ГОСТ 19301. 1—73) барои муассисаҳои томактабӣ се типи столи бачагона муқаррар карда шудааст:

I — столи чорҷоя барои кӯдакони 1,5—5-сола;

II — столи дуҷоя барои кӯдакони 5—7-сола, ки дорои сарпӯштахтаи нишеби тағьирьёбанда ва қуттиҳои китобмонак мебошад;

III — столи дуҷояи трапецияшакл барои кӯдакони 1,5—4-сола (иловагӣ).

Ба синну сол ва қади кӯдакҳо нигоҳ карда, барои 5 гурух стол пешбинӣ карда мешавад:

I — барои кӯдакони синнашон аз 1 солу панҷ моҳ то 2 солу 8 моҳ, ки дарозии қадашон аз 80 то 90 см аст;

II — барои кӯдакони аз 2 то 4-сола, ки дарозии қадашон аз 90 то 100 см аст;

III — барои кӯдакони аз 3 то 6-сола, ки дарозии қадашон аз 100 то 115 см аст;

IV — барои кӯдакони аз 5 то 9-сола, ки дарозии қадашон аз 115 см то 130 см аст.

V — барои кӯдакони аз 6 то 10-сола, ки дарозии қадашон аз 130 см зиёд аст.

Ҷадвали 1.

| Номи андозаҳо | Нормаҳо барои столҳои гурӯҳ (бо ҳисоби мм) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | IV | V |
| Дарозии тахтаи рӯи стол: | | | | | |
| — чорқоя | 700 | 700 | 700 | — | — |
| — дучоя | — | — | 1100 | 1100 | 1100 |
| Дарозии столи трапецияшакл | 900 | 900 | 900 | — | — |
| Васеъгии тахтаи стол: | 450 | 450 | 450 | — | — |
| — чорқоя | 700 | 700 | 700 | — | — |
| — дучоя | — | — | 450 | 450 | 450 |
| — трапецияшакл | 450 | 450 | 450 | — | — |
| Баландии стол аз тарафи шинанда | 380 | 430 | 430 | 540 | 600 |
| Масофаи аз фарш то чӯби таги тахтаи стол на кам аз | 310 | 360 | 410 | 470 | 530 |

Ҷадвали 2.

| Номи андозаҳо | Нормаҳо барои столҳои гурӯҳ (бо ҳисоби мм) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | IV | V |
| Баландии қисми пеши стул аз фарши хона | 200 | 240 | 280 | 320 | 360 |
| Васеъгии (бари) ҷои нишасти стул на кам аз | 240 | 260 | 280 | 300 | 320 |
| Дарозии (қади) ҷои нишасти стул на кам аз | 180 | 200 | 230 | 260 | 290 |
| Масофаи аз лаби ҷои нишаст то ҷои дӯнги такьяи стул | 180 | 200 | 230 | 260 | 290 |
| Масофаи аз фарш то таги чӯби пайвасткунандаи пояҳои стул на кам аз | 160 | 190 | 220 | 250 | 280 |
| Масофаи аз поёни такьяи стул то ҷои нишаст (хатти амуд) | 90 | 100 | 110 | 120 | 135 |
| Баландии қисми болоии такьяи стул аз ҷои нишаст | 170 | 190 | 210 | 240 | 270 |
| Баландии такья | 80 | 90 | 100 | 120 | 135 |
| Васеъгии такья | 200 | 220 | 240 | 260 | 280 |

Чадвали 3.

| Номи андозаҳо | Норма барои кати типи I—II (ба дис. мм) | |
|---|---|---|
| | I | II |
| Дарозии чои хоб | 1200 | 1400 |
| Васеъгии чои хоб | 600 | 600 |
| Баландии чои хоб аз замин | 300, 500 | 300 |
| Баландии деворчаи кат аз замин | 100 | — |
| Баландии такьяи кат аз тарафи сар | — | 300 |
| Баландии такьяи кат аз тарафи пой | — | 100 |
| Масофаи байни тирҷои пояҳои амуди девори кат | 100 | — |
| Диаметри пояҳои амудӣ | 10-15 | — |
| Андозаи уреби сӯрохи тӯри девори кат | 80 | — |

Андозаи функционалии столи бачагона бояд ба андозаҳои дар чадвали I нишон додашуда мувофиқ бошад.
Стулҳои бачагона низ аз руи ГОСТ 1930. 2—73 бояд мувофиқи столҳо, яъне 5 хел сохта шаванд ва андозаи функционалии онҳо ба нишондодҳои дар чадвали 2 нишон додашуда мувофиқ бошанд.

Мувофиқи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ 1930. 3—73) бояд ду хели катҳои бачагона сохта шаванд:

I — кати бачагонаи деворчадор (панчарадор), ки баландии чои хоби он ба кӯдакони сесола мувофиқ бошад.

II — кати бачагона барои кӯдакони аз 3 то 7-сола. Дар чадвали 3 андозаи функционалии катхо нишон дода шудааст.

Ҳадди кам ё зиёд кардани андозаи маснуот, ки дар чадвалҳои 1—3 пешбинӣ карда шудааст, набояд аз —3 мм зиёд бошад.

Дар асоси андозаҳои нишон додашудаи мебель ва хулосаҳои таҳқиқоти тиббӣ дар аввали соли хониш (сентябрь) мебельро дуруст интихоб кардан, тағма задан ва столу стулҳоро ба кӯдакон вобаста кардан зарур аст.

Бисьёр мураббиҳо ин корро пеш аз ба гурӯҳҳо аз нав тақсим кардани кӯдакон ба чо меоранд. Онҳо бо кӯдакон дар бораи он ки рафиқони калонсолашон ба мактаб рафтанд ва ба чои онҳо хурдсолон омаданд, сӯҳбат мекунанд. Педагог ба кӯдакон чойҳои навашонро вобаста карда, ба онҳо мефаҳмонад ва нишон медиҳад, ки кӣ дар паси столи дучоя ва кӣ дар чорчоя мешинад, ба кадом стулҳо нишастан лозим, онҳо стулҳои даркориро чӣ гуна бояд ёбанд (аз руи тамға) ва онҳоро ба назди стол чӣ хел гузоранд, то ки дуруст ва қулай нишинанд. Педагог кӯдаконро ба чойҳои навашон шинонда, ба онҳо мегӯяд, ки бинанд ва дар хотир доранд, кӣ бо кӣ ҳамсоя аст, ба якдигар, хусусан ба хурдсолон ёрӣ расонанд, ки чойҳои худашонро ёбанд ва ҳамеша ба стули ба худашон муносиб ниши-

нанд. Дар вақти тақсими сачоқовезак ва ҷевончаҳои пальтовезак педагог ба кӯдакон мефаҳмонад, ки хурдсолон аз либосовезакҳои паст истифода баранд, либосовезакҳои баланд барои бачаҳои калонсол таъин шудааст.

Баъд дар давоми сол мураббӣ мувофиқи таъинот, тарзи истифодашавии мебельҳоро назорат мекунад.

Барои нигоҳ доштани бозичаҳо ва асбобҳои таълим ҷевонҳои хоначадор (шӯъбадор), ки ба шароити ҳар як гурӯҳ нигоҳ карда онҳоро ҷудо кардану пайвастан мумкин аст, хеле мувофиқанд.[1] Столҳои бар қадди тиреза қатор гузошташуда ба мақсад мувофиқанд. Кӯдакон имконият пайдо мекунанд, ки дар назди тиреза бозӣ кунанд, расм кашанд, кӯчаро тамошо кунанд. Ба болои столҳо гузоштани гул, аквариум, қафаси паррандаҳо ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст.

*Дар хона ҷо ба ҷо гузоштани мебель аҳамияти калон дорад.* Қори он мураббиҳо дуруст аст, ки столу катҳоро мувофиқи синну соли кӯдакон ҷо ба ҷо мегузоранд. Ин имконият медиҳад, ки дарозии муддати процессҳои тартибот ба шароит мувофиқ карда шуда, аз кӯдакони синну солашон якхела як хел талаб карда шавад ва дар айни замон фаъолияти кӯдакони синну солашон гуногун ҳархела гардад.

Масалан, дар мавриди дар хонаи гурӯҳӣ хоб рафтани кӯдакон, кати хурдсолонро дар ҷои оромтари хона гузоштан хуб аст. Кӯдакони калонсол, ки аз ҳама охир хоб рафта, аввал бедор мешаванд, ба доя барои ғундоштани кат ёрӣ мерасонанд, дар ҷои холишуда, ба хоби хурдсолон халал нарасонда, бозӣ мекунанд.

Дар гурӯҳҳои 10—12 соата катҳо бояд кушодашавандаю пӯшидашаванда бошанд ва танҳо дар вақти хоби рӯзонаи бачаҳо гузошта шаванд. Катҳои оҳанин ё чӯбин дар гурӯҳҳои шабонарӯзӣ дар мавриди мавҷуд будани хобгоҳи стационарӣ истифода мешаванд.

Қатҳои кушодашавандаю пӯшидашаванда ва кӯрпаю болиштҳо хуб мешуд, ки дар хонаи алоҳидаи дорои рафҳои шӯъбадор ва номи ҳар бача навишташуда нигоҳ дошта шаванд. Ҷои бистари кӯдакони калонсол бояд дар рафи поён бошад (онҳо кӯрпаю болишташонро худашон мeғундоранд), аз они хурдсолон бошад, бояд дар рафи боло бошад (кӯрпаю болишти онҳоро доя мeғундорад).

Столҳоро ба тиреза тарзе наздик гузоштан лозим аст, ки ба онҳо рӯшноӣ аз тарафи чап афтад ва бачаҳо ба рӯшноӣ пуштнокӣ нишинанд. Дар вақти ҷо ба ҷо гузоштани столҳо, аз он хусус ғамхорӣ кардан лозим аст, ки кӯдакон мураббиро хуб бинанд ва шунавида тавонанд, то ки онҳо аз паси стол

---

[1] Дар хусуси интихоб намудани васоит ва бозичаҳо барои гурӯҳи омехта ба бобҳои доир ба бозӣ, меҳнат, машғулияти китоби мазкур нигаред.

бемалол, ба якдигар халал нарасонда, хеста ва баромадаю даромада тавонанд.

Буфету столи зарфмонак ва ҷои шустани онҳо (агар барои аз хонаи гурӯҳ ба дигар ҷой бурдани онҳо имконият набошад) хуб мебуд, ки дар наздикии дари даромад воқеъ бошанд, то ки додани хӯроки бачаҳо барои доя осон шавад. Косаю табақ ва дигар зарфҳои ошхона ба синну соли кӯдакон ва ба қоидаҳои ороиши дастурхон бояд мувофиқ бошанд.

Дар мавриди ҷиҳозонидани хонаҳои дигари боғчаи бачагонаи камкомплект (хонаи либоскашӣ, дастурӯшӯӣ, ҳоҷатхона ва ғ.) зарур аст, ки онҳо ба қоидаҳои гигиена мувофиқ бошанд ва дар айни замон барои тарбияи кӯдакони синнашон гуногун шароитҳои қулай фароҳам оварда шаванд. Онҳо бояд ба хонаи гурӯҳ наздик бошанд, он гоҳ мураббӣ метавонад ба кӯдакон хубтар назорат кунад, ба муттасилии процессҳои тартибот муваффақ шавад.

*Зарур аст, ки ҳар як боғчаи бачагон участкаи сабзазор ва обод дошта бошад.* Участка бояд барои ҳаёти кӯдакон дар ҳавои кушод, барои бозию машғулияти онҳо тобистону зимистон мувофиқ бошад.

Мувофиқи талаботи умумии гигиенаю педагогика участкаи гурӯҳи омехта бояд дорои шипанги седевораи масоҳаташ 50 м² бошад, инчунин барои нигоҳ доштани бозичаҳо асбобу анҷоми спорт, меҳнат ва ғ. ҷевон дошта бошад. Дар ин шипанг кӯдакон дар фасли тобистон ба машғулиятҳо иштирок мекунанду дар ҳавои бад аз борону шамол паноҳ мешаванд.

Маслиҳат дода мешавад, ки дар наздикии шипанг ду-се столу харакҳои ба қадду басти бачагон мувофиқ гузошта шавад. Дар ин ҷо бачагон метавонанд бозӣ кунанд, бо бозиҳои рӯистолӣ ва материалҳо машғул шаванд.

Дар гӯшаҳои участка барои ташкил кардани бозиҳои сюжету рольдор ҷои махсус пешбинӣ кардан лозим. Барои бозии кӯдакони хурдсол ва калонсол 1—2 хоначаи фанерин (бо як ё ду девори ба ду тараф ҷудошаванда), барои хурдсолон мошин, киштӣ ё дигар таҷҳизоти содда сохтан мумкин аст. Барои кӯдакони калонсол хуб мебуд, ки «нимфабрикат» — харак, тахтачаҳои тунуку борик, мехҳои чӯбин (60—70 см), ресмони дароз, масолеҳи партов мавҷуд бошад. Аз ин масолеҳ худи кӯдакон барои бозиашон чизҳои заруриро месозанд (самолёт, автобус ва ғ.). Барои регбозии кӯдакони хурдсол ящики поядор (андозааш 1,5×1,5 м ва баландиаш 45—50 см) ва барои кӯдакони калонсол работчаи регдори андозааш 3×3 м, ки бо деворчаи паст иҳота шуда, ҷои даромаду баромад дорад, зарур аст. Хуб мешуд, ки дар наздикии ящики регдор барои кӯдакони хурдсол столчаҳои ба замин гӯр кардашуда ва ё харакчаҳо мавҷуд бошанд (барои аз лой нон, самбӯса ва ғ. сохтан). Барои кӯдакони калонсол дар наздикии работчаи регдор барои лой ва масолеҳи партов (ғалтак, чӯбча, сангреза ва ғ.) ҷой ҷу-

до кардан лозим, ки ин барои сохтани иморатҳои регин масолеҳи иловагӣ мешавад. Ба болои ящику работчаҳо соябон кашидан хуб аст. Барои рост истода бо об бозӣ кардани кӯдакон дар фаслҳои гарм, дар участка бояд ванначаҳои (на кам аз ду адад), ба қадду басти кӯдакони хурдсолу калонсол мувофиқ ва барои рост истода бозӣ кардани онҳо қулай мавҷуд бошанд. Дар фасли зимистон аз барф иморату кӯҳу теппа, аз ях роҳравчаҳо ва ғ. месозанд.

Дар участкаи гурӯҳи омехта барои инкишофи ҳарҷонибаи ҳаракати мустақилона ва аз тарафи мураббӣ ташкил кардашаванда бояд шароитҳои зарурӣ бошанд. Барои ин майдончаи ҳамвор, ки аз асбобу анҷоми бозӣ ва чизҳои дигар озод аст (одатан онро дар маркази участка дар наздикии шипанг месозанд) ва майдончаи махсуси физкультура доштан зарур аст. Матлуб аст, ки майдончаи физкультура давоми бевоситаи участкаи гурӯҳ, қисми дуюми он бошад. Ин имконият медиҳад, ки кӯдаконро мувофиқи талаб тақсим кунанд, имконияти синну соли бачаҳои гурӯҳчаҳоро хубтар ба ҳисоб гиранд ва дар айни замон ба педагог имконият медиҳад, ки ҳамаи бачаҳо дар пеши назари он бошанд. Таҷҳизот ва асбобу анҷоми машқҳои ҷисмонии хурдсолонро дар наздикии майдончаи бозиҳои спортӣ, асбобу анҷоми кӯдакони синнашон калонтарро асосан дар майдончаи физкультура тайёр карда мондан ба мақсад мувофиқ аст.

Барои бачагони гурӯҳҳои хурдсолу миёнсол деворчаи сепаҳлу ва ё нардбончаи сабук (барои баромадану фуромадан) даркор буда, масофаи байни зинаҳои он 15—18 см, васеъгии он 65—80 см бошад; ғӯлачӯб барои машқи мувозинат дарозиаш 1,5—2 м, диаметраш мувофиқан 25—30 см бошад (ғӯлачӯби горизонталӣ барои бачагони гурӯҳи миёнсол одатан аз сатҳи замин 10—15 см баланд мешавад); тахта (ва ё сабат) барои ба сӯи он ҳаво додани тӯб, пуфак ва ғ. Бачаҳои калонсол метавонанд барои баромадану фаромадан дар деворҷаи пешпаҳлу (масофаи байни зинаҳояш 25 см, васеъгиаш 80—100 см мешавад), инчунин дар нардбончаи овеза ва пирамидаи сайёр машқ кунанд. Барои машқи мувозинат, ғӯлачӯби дарозиаш 2,5—3 м, диаметраш 15 см-ро истифода мебаранд.

Дар фасли тобистон ба кӯдакон давидан ва ба дарозию баландӣ ҷаҳиданро машқ кунондан лозим; барои ин роҳрави ҳамвор ва чуқурии регдор тайёр карда мешавад. Барои бозиҳои волейбол, баскетбол, городки ва ғ. низ шароитҳои заруриро фароҳам овардан лозим.

Дар участка мисли ҳарвақта барои гӯшаи табиат ва обчакории бачагон бояд ҷой ҷудо карда шавад. Хусусияти ҷиҳозонидани гӯшаи табиат ва обчакорӣ аз он иборат аст, ки бояд ҳатман имконияти бачагони синну солашон гуногун ва тала-

боти дар ин бобат мавҷуда ба назари эътибор гирифта шавад[1].

## ХУСУСИЯТҲОИ РЕЖИМ

Программаи боғчаи бачагон тарбияи ҷисмонӣ, фикрӣ, ахлоқӣ ва эстетикии кӯдаконро мувофиқи синну сол ва хусусиятҳои психофизиологии индивидуалии онҳо пешбинӣ мекунад. Ҳаёти кӯдакон ва фаъолияти гуногуни онҳоро ташкил намуда, мураббия бояд, пеш аз ҳама, барои муҳофизат ва мустаҳкам намудани саломатии ҳар як кӯдак, инкишофи ҳарҷонибаи ҷисмонӣ ва рӯҳияи баланду зиндадилии ӯ ғамхорӣ намояд.

Дуруст ташкил намудани инкишофи ҷисмонии кӯдак, танҳо дар шароити пурра ва қатъӣ риоя карда шудани режим (тартиби рӯз), ки ба ҳайати воқеии кӯдакони гурӯҳ мувофиқ бошад, имконпазир аст. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳатман барои ҳар як гурӯҳу гурӯҳчаи кӯдакони синни гуногун режими алоҳида ҷорӣ карда шуда, тартиби рӯз, ки дар программа барои ҳар як соли ҳаёти кӯдак таъин шудааст, қатъиян риоя карда шавад. Дар шароити гурӯҳи омехта, ин аз имкон берун аст, зеро иҷрои процессҳои гуногун ба як вақт рост намеоянд. Масалан, саршавии хӯроки нисфирӯзии кӯдакҳои калонсол ба вақти хоби хурдсолон рост меояд ва кӯдакҳои калонсол барои хоб кардани хурдсолон халал мерасонанд ва ғ. Бинобар ин, чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, дар гурӯҳҳои омехта барои ҳама режими умумӣ тартиб додан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар муассисаҳои томактабии дукомплекта, ҳангоми дар ҳар гурӯҳ мавҷуд будани кӯдакони ду синну соли баҳам наздик (чорсолаю панҷсола ва шашсолаю ҳафтсола) кардани ин кор душвор нест, зеро режими онҳо аз якдигар кам фарқ мекунад. Дар ин маврид режими кӯдакони калонсол ба асос гирифта мешавад, барои хурдсолон бошад, процессҳои режимӣ 5—10 дақиқа барвақттар сар мешавад. Ин имконият медиҳад, ки ҳаёти кӯдакон мувофиқи синну соли онҳо ташкил карда шавад. Дар вақти муқаррар намудани режими умумӣ барои кӯдакони се -чор синну сол (аз 3 то 7-сола) режими кӯдакони синни миёна (соли панҷуми ҳаёт) ба асос гирифта мешавад ва дар айни замон режими дигар синну сол низ ба эътибор гирифта шуда, дар асоси он ба дарозии вақти процессҳои тартиби рӯз баъзе тағиротҳо дароварда мешавад.

---

[1] Дар хусуси ба тартиб овардан, ҷиҳозонидан, кабудизор кардан ва оро додани участка дар китоби «Сельский детский сад. Книга для воспитания» дар зери таҳрири Р. А. Қурбатова ва Т. А. Маркова (М., 1973, саҳ. 23—41) муфассалтар навишта шудааст.

## Даврам хунуки сол

### Дар хона

| | |
|---|---|
| Аз хоб хестан, шустушӯи пагоҳӣ, либоспӯшӣ | 6.30— 7.30 |

### Дар боғчаи бачагон

| | |
|---|---|
| Қабул, азназаргузаронӣ, бозӣ, навбатдорӣ, гимнастикаи пагоҳӣ. | 7.00—8,25 |
| Тайёрӣ барои ноништа, ноништа | — 8.25— 8.55 |
| Бозӣ, тайёрӣ ба машғулиятҳо | — 8.55— 9.10 |
| Машғулиятҳо: | |
| якум | — 9.10— 9.40 |
| дуюм | — 9.50—10.15 |
| сеюм (1—2 маротиба дар давоми ҳафта) | — 10.20—10.40 |
| Бозӣ, тайёрӣ барои сайру гашт; сайру гашт (бозиҳо, мушоҳида, меҳнат) | — 9.40, 10.15, (10.40)—12.15 |
| Бозгашт аз сайру гашт | — 12.15—12.25 |
| Тайёрӣ ба хӯроки нисфирӯзӣ, хӯрокхӯрӣ | — 12.25—13.00 |
| Тайёрии хоб, хоби рӯзона | — 13.00—14.45 (15.00) |
| Оҳиста-оҳиста аз хоб хестан; процедураҳои ҳавоию обӣ, бозиҳо | — 14.45 (15.00)— 15.25 |
| Тайёрӣ ба хӯроки пешин, хӯрокхӯрӣ | — 15.25—15.45 |
| Тайёрӣ ба машғулият | — 15.45—15.50 |
| Машғулият барои гурӯҳчаи хурдсолон ва ё якҷоя бо бачаҳои панҷсола. | —15.50—16.10 |
| Бозӣ ва меҳнат | — 16.10—16.40 |
| Тайёрии сайру гашт, сайру гашт | — 16.40—18.10 |
| Бозгашт аз сайру гашт | — 18.10—18.20 |
| Тайёрии хӯроки шом, хӯрокхӯрӣ | — 18.20—18.45 |
| Бозӣ, ба хона рафтани бачаҳо | — 18.45—19.00 |

### Дар хона

| | |
|---|---|
| Сайру гашт | — 19.00—20.00 |
| Бозгашт аз сайру гашт, бозиҳои ором, процедураҳои гигиенӣ | —20.00—20.30—(20.45) |
| Хобондан, хоби шаб | 20.30(20.45) 6.30 (7.30) |

## Даврам гарми сол

### Дар хона

| | |
|---|---|
| Аз хоб хестан, шустушӯи пагоҳӣ, либоспӯшӣ | —6.30— 7.30 |

### Дар боғчаи бачагон

| | |
|---|---|
| Қабул, азназаргузаронӣ, бозӣ, навбатдорӣ | —7.00— 8.25 |
| Тайёрӣ ба ноништа, ноништа | —8.25— 8.55 |
| Бозӣ, тайёрӣ ба сайру гашт, машғулият, ба сайру гашт баромадан | —8.55— 9.20 |

| | |
|---|---|
| **Машғулият дар участка (умумӣ ё бо гурӯҳчаҳо)** | —9.20— 9.50 (10.00) |
| **Бозӣ, мушоҳида, ба ҳавои тоза ва офтобрӯя баромадан** | —9.50 (10.00)—11.50 |
| **Бозгашт аз сайру гашт, процедураи об, бозӣ** | —11.50—12.15 |
| **Тайёрӣ ба хӯроки нисфирӯзӣ, хӯрокхӯрӣ** | —12.15—12.45 |
| **Тайёрӣ барои хоб, хоби рӯзона** | —12.45—15.00 (15.10) |
| **Аз хоб хестан, бозӣ** | —15.00 (15.10)—15.30 |
| **Тайёрӣ ба хӯроки пешин, хӯрокхӯрӣ** | —15.30—15.50 |
| **Тайёрӣ ба сайру гашт, сайру гашт, бозӣ ва меҳнат дар участка** | —15.50—18.00 |
| **Бозгашт аз сайру гашт, бозӣ** | —18.00—18.25 |
| **Тайёрӣ ба хӯроки шом, хӯрокхӯрӣ** | —18.25—18.50 |
| **Бозӣ, ба хона рафтани кӯдакон** | —18.50—19.00 |

**Дар хона**

| | |
|---|---|
| **Сайру гашт** | —19.00—20.15 (20.30) |
| **Бозгашт аз сайру гашт, бозиҳои ором, процедураи гигиенӣ барои кӯдакон** | —20.15 (20.30)—20.45 (21.00) |
| **Хобондан, хоби шаб** | —20.45 (21.00)— 6.30 |

Дар сурати ҷорӣ набудани режими мазкур пайдарпаии процессҳои ҳаётан муҳиме, ки барои кӯдакони синни томактабӣ заруранд ва дар программа пешбинӣ шудаанд, пурра нигоҳ дошта мешаванд ва дар айни замон дарозу кӯтоҳ карда шудани ин процессҳо аз 5—10 дақиқа ва танҳо дар баъзе мавридҳо аз 20 дақиқа бояд зиёд набошад. Агар умуман гирем, ҳаёти кӯдакон дар ҳамаи гурӯҳчаҳои синну соли гуногун мувофиқи талаботи асосии гигиенӣ ва педагогӣ ташкил карда мешавад. Лекин барои ин дар гурӯҳи кӯдакони синну солашон гуногун хеле муҳим аст, ки ҳамеша ба қоидаи зерин риоя карда шавад: процессҳои режимиро барои хурдсолон нисбат ба кӯдакони панҷсола 5—10 дақиқа ва барои кӯдакони панҷсола бошад, нисбат ба кӯдакони 6—7-сола каме пештар сар кардан лозим (дар дигар маврид аз хоби нисфирӯзӣ бедор шудани кӯдакон ба таври зайл ба амал меояд: кӯдакони калонсол 15 дақиқа пештар аз хоб мехезанд, зеро аз рӯи режим онҳо бояд назар ба хурдсолон камтар хобанд). Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки кӯдакони синнашон гуногун, ки ба як гурӯҳ дохил мешаванд, ҳамаи амалиётро ба таври муқаррарӣ, бесаросемагӣ, оромона ва пай дар пай ба ҷо оранд ва вақти худро беҳуда нагузаронанд.

Режим танҳо ҳамон вақт ҳаёти кӯдакро ташкил карда, омили муҳими тарбия шуда метавонад, ки агар вай мунтазаму пурра иҷро гардад ва ҳар гуна вайронкунӣ ҳодисаи фавқулодда ҳисобида шавад. Барои он ки ҳодисаҳои кам кардани вақти бозӣ ва машғулияти мустақилона, инчунин дароз кардани вақти сайру гашт пешгирӣ карда шавад, дар вақташ хӯрокхӯрии кӯдаконро таъмин кардан лозим аст. Дар боғчаҳои ба-

чагона, беҳтарин режими ҷоришудаи ҳаёти кӯдакон дар байни аҳли коллектив муҳокима карда мешавад ва он барои педагогҳо, дояҳо, ошпаз ва ҳамаи хизматчиҳо ҳукми қонунӣ пайдо мекунад. Дар мавриди тағьир ёфтани ҳайати синну соли бачаҳо режим ҳам нав карда мешавад.

Қори якҷояю бомаслиҳати байни мураббияю доя хеле муҳим аст. Дояи гурӯҳи синну соли гуногун бояд ролу вазифаи худро дар кори педагогӣ бо кӯдакон хеле хуб донад, қоидаҳои асосии ташкили процессҳои режимро аз худ кунад, бояд хуб донад, ки вай ба кӯдакон чӣ ёрӣ дода метавонад ва онҳо кадом корро бояд худашон мустақилона иҷро кунанд. Ёрии ӯ хусусан дар вақти гузаронидани гимнастикаи пагоҳӣ, хӯроки пагоҳӣ, тайёр кардан ва гузаронидани машғулиятҳо, ба сайру гашт рафтану бозгаштан, ҳангоми хӯроки нисфирӯзиву хоби рӯзона ва ғ. зарур аст. Бинобар ин, кори доя бояд чунон ташкил карда шавад, ки вай дар лаҳзаҳои серташвишу масъулиятноки аз як процесс ба процесси дигар гузаштани гурӯҳи омехта, бо якҷоягии мураббия, бевосита ҳамроҳи кӯдакон бошад. Хеле хуб мебуд, ки дар ҳамин мавриди ба онҳо мудири боғчаи бачагон низ ёрӣ расонад.



Расми 1. Кӯдакон зери назорати доя хӯрок мехӯранд.

Тартиби якрӯзаи процесси режимро дар гурӯҳи омехта ба таври зерин баён кардан мумкин аст: дар гурӯҳи рӯзона рӯзи кор аз қабул карда гирифтани кӯдакон сар мешавад. Тақрибан 10—15 дақиқа пеш аз сар шудани гимнастикаи пагоҳирӯ-



БИБЛИОТЕКА
Душанбинского
Госпединститута
им. Т. Г. Шевченко
инв. №

ӣ, педагог ба кӯдакони калонсол ва миёнсол таклиф мекунад, ки бозиро бас кунанд, навбатдорҳо столи хӯроккӯриро тайёр менамоянд ва худи ӯ бо хурдсолон машғулияти гимнастикӣ мегузаронад. Пас аз он бо кӯдакони калонсол гимнастика гузаронида мешавад. Дар ин вақт хурдсолон бо назорати доя дастуруӣ мешӯянд ва ноништа мекунанд. Баъди бо тамоми гурӯҳчаҳо гузаронидани машғулияти якум, бачаҳои хурдсол машғули бозӣ мешаванд ё бо роҳбарии доя барои сайру гашт либос мепӯшанд, мураббия бошад, бо кӯдакони гурӯҳчаҳои калону миёна машғулияти дуюмро мегузаронад, баъд бо ҳамроҳии ҳамаашон ба сайру гашт мебароянд. Пас аз тамом шудани сайру гашт, аввал кӯдакҳои хурдсол бармегарданд, онҳоро доя пешвоз мегирад ва сару либоси онҳоро мекашад; кӯдакҳои калонтар материалҳо ва бозичаҳоро ғун мекунанд, участкаро ба тартиб дароварда, ба гурӯҳ меоянд, либосашонро мекашанд ва ба хӯроки нисфирӯзӣ тайёрӣ мебинанд. Дар ин вақт хурдсолон ба сари столи хӯроккӯрӣ мешинанд. Калонсолҳо ҳам дастурӯяшонро шуста ба хӯроккӯрӣ шурӯъ мекунанд. Баъди тамом кардани хӯроккӯрӣ, бачаҳо даҳонашонро мечайқонанд ва ба хоби рӯзона тайёрӣ мебинанд. Азбаски хӯроки нисфирӯзиро ҳамаи бачаҳо қариб дар як вақт ба охир мерасонанд, калонсолон ба хурдсолон барои либоскашӣ ва хоб рафтан ёрӣ мерасонанд, сонӣ худашон хоб мераванд. Аввал кӯдакҳои калонсол аз хоб мехезанд. Онҳо бо роҳбарии мураббия процедураҳои ҳавоӣ-обӣ қабул мекунанд ва ба бозӣ сар мекунанд. Баъд хурдсолҳо мехезанд ва ба бозӣ ҳамроҳ мешаванд (дар ин маврид ҳам кӯдакҳои калонсол метавонанд ёрӣ расонанд). Мураббия ба бозии кӯдакон роҳбарӣ мекунад. Баъд ба хӯроки пешин тайёрӣ мебинанд. Аввал хурдсолон ба паси стол менишинанд, сонӣ калонсолон. Баъди чанд вақт мураббия бо ҳамроҳии навбатдор ба машғулияти бегоҳӣ тайёрӣ мебинад (бо хурдсолон, баъзан бо миёнсолон). Бачаҳои аз машғулият озод бозиро давом медиҳанд. Пас аз тамом шудани машғулият хурдсолон ба бозии кӯдакони калонсол ҳамроҳ мешаванд. Тайёрӣ ба сайру гашти бегоҳирӯзӣ, баргаштан аз он, тайёрии хӯроки шабона ва хӯроккӯрӣ низ бо ҳамин тартиб ба амал бароварда мешавад.

Ҳамаи ин барои таъмини гуногунии мӯҳлати процессҳои режимӣ, инчунин барои тарбияи муносибати дурусти байни бачаҳо имконият медиҳад: дар кӯдакони калонсол нисбат ба хурдсолон ҳисси илтифот пайдо мешавад, нисбат ба онҳо ҳиссу муносибати гузашткунӣ инкишоф меёбад ва дар айни замон хурдсолҳо дар бораи кӯдакони калонсол бо эҳтиром гап мезананд, аз ғамхориҳои онҳо миннатдорӣ мекунанд.

Дар вақти *қабули пагоҳии кӯдакон* (дар вақти тобистон дар участка гузаронидани он матлуб аст) мураббия кӯдаконро меҳрубонона, бо чеҳраи кушод пешвоз мегирад, бо онҳо саломалейк мекунад, баъд ҳар як бачаро бодиққат аз

назар мегузаронад (мабодо дар рӯй, даст ё баданаш доначаҳо набошад), саломатии бачаҳоро аз падару модарашон мепурсад, озодагии сарулибос, будан ё набудани даструймолча ва ғайраро қайд мекунад. Педагог, хусусан ба бачаҳои хурдсол ва нав диққати махсус медиҳад.

Яке аз вазифаҳои асосии мураббия ҳар рӯз дар рӯҳи дилхушиву оромӣ тарбия ва дар бозию машғулиятҳо, фаъолияти меҳнатии кӯдакон иштирок кардани ӯст. Мураббияи барои хуб



Расми 2. «Қанӣ расми мошинҳоро нишон диҳед».

қонеъ гардонидани шавқу рағбати бачаҳои синнашон гуногун ҳамаи шароитҳоро тайёр мекунад. Барои бозӣ ва машғулияти бачаҳои хурдсол рег, об, бозичаҳо, масолеҳи бинокорӣ ва ғайра муҳайё карда мешаванд. Бачаҳои калонсол метавонанд бо-

зии дина бегоҳӣ сар кардаашонро давом диҳанд, тӯббозӣ, боғчабозӣ кунанд, бо киштӣ саёҳат кунанд ва ғ.

Ҳангоми пагоҳӣ барои гуфтугӯи кӯдакони калонсол бо хурдсолон имконияти калон мавҷуд аст. Хурдтаракон мушоҳида кардани онро дӯст медоранд, ки рафиқони калонсолашон чӣ хел бозию меҳнат ва навбатдорӣ мекунанд. Қалонсолҳо бошанд, ба хурдсолон бо хоҳиши том ёрӣ мерасонанд (бо ташаббуси худ ё бо ёрии мураббия), бо ҳамроҳии онҳо суратҳоро тамошо мекунанд, китоб «мехонанд», чӣ тавр сохтани чизеро фаҳмонда медиҳанд. Бисьёр вақт чунин ҳам мешавад, ки кӯдак, вақте ки ӯро рафиқи калонсолаш пешвоз мегирад, аз падару модараш бо осонӣ ҷудо мешавад.

Гимнастикаи пагоҳӣ — воситаи муҳими инкишофи ҷисмонӣ ва ахлоқию иродавии кӯдакон мебошад. Машғулияти мунтазами гимнастикаи пагоҳӣ кори системаи мушак, дилу раг, нафаскашӣ ва ғайраро хеле фаъол мекунад. Гимнастикаи пагоҳӣ фаъолияти узвҳои бадани кӯдакро баланд мебардорад, аҳволи рӯҳияи ӯро беҳтар мекунад, завқу ғайраташро афзун менамояд, ёрӣ мерасонад, ки ба фаъолияти дигар бачаҳо ҳамроҳ шавад.

Гимнастикаи пагоҳӣ аз гурӯҳи хурдсолон сар карда ба режими рӯз дохил карда мешавад ва он бо кӯдакони синнашон гуногун гузаронида мешавад. Дар гурӯҳҳои шабонарӯзӣ, гимнастикаро бевосита баъди аз хоб хестан ва дар гурӯҳҳои рӯзона, пеш аз ноништа гузаронидан лозим. Гимнастика аз 4—6 дақиқа — барои хурдсолон то 10—12 дақиқа — барои кӯдакони 6—7-сола давом мекунад. Гимнастикаи пагоҳиро дар ҳамаи фаслҳои сол, дар вақти ҳавои гарм бошад — ҳатман дар берун, дар ҳавои кушод ва ё дар бинои нағз шамол додашуда гузаронидан матлуб аст ва бачаҳо бояд либоси сабук пӯшида бошанд.

Ба комплекси гимнастикаи пагоҳӣ бояд машқҳои оддии ҳамаи узвҳои баданро инкишоф медодагӣ дохил карда шавад, то ки он машқҳо ба қисмҳои гуногуни мушак паси ҳам таъсир расонанд. Ин машқҳо одатан бо тартиби зерин гузаронида мешаванд: машқҳо барои мушакҳои даст ва чамбари китф (ба тарафҳо бардоштану фуровардани даст, ба пеши худ дошта истода бардоштану фуровардани чамбарак: калтакро боло бардошта, ба болои китф фуровардан, дастро боло бардоштан, фуровардан, дастро дар оринҷ қату рост кардан ва ғ.); машқҳо барои мушакҳои тан ва пой (хам шудан, нишастану хестан, чарх занондани тан ва ғ). Гимнастика аз роҳгардӣ ва давидани сабук сар шуда, сипас машқҳои умумӣ иҷро карда мешаванд, баъд бо давидан ё дар ҷои худ ҷаҳидан ва боз роҳ рафтан ба охир мерасад.

Гимнастикаи бачаҳои 3—4-сола бештар дорои хусусияти бозӣ буда, бисьёр машқҳо аз тақлид кардан ба амалиёти персонажҳои гуногун иборат мебошад (паррандаҳо париданд, қа-

ноташонро ҷумбонданд; тӯбча барин меҷаҳем; поямонро бардорем, тойча барин бидавем). Дар рафти гимнастика мураббия ҳамаи машқҳоро ҳамроҳи кӯдакон иҷро мекунад, нишон медиҳад ва мефаҳмонад, ки машқро чӣ хел иҷро кардан даркор, суръати барои бачаҳо мувофиқро интихоб карда мегирад, ғайрату рағбати онҳоро бедор мекунад (баъзан барои намуна кӯдакони калонтарро ҷалб кардан мумкин.)

Гимнастикаи пагоҳии кӯдакони 5—7-сола аз рӯи хусусият ва мазмуни худ мураккабтар мешавад. Дар вақти машқи роҳгардӣ самту суръати онро тағьир медиҳанд; (нӯг-нӯги пой, бо пошна роҳ гаштан ва ғ); машқҳои гуногун барои тарбияи диққатнокӣ (баъди зарбаи нақора ё дойра бачаҳо роҳ меравандь баъди ду зарба медаванд ва ғ). Машқҳои инкишофи умумиро кӯдакон ба звено саф кашида ба ҷо меоранд. Барои он ки ҳамаи кӯдакон дар пеши назари педагог бошанд, онҳоро якчанд бор ба 90° ва 180° чарх занондан зарур. Кӯдакони хурдсол ва қадиаст ба мураббия наздиктар истанд, хуб аст, зеро ин имконият медиҳад, ки вай аз тарафи бачаҳо тарзи иҷро кардани машқҳоро нағзтар мушоҳида кунад. Аз бачаҳои калонсол сифатноктар иҷро кардани ҳамаи машқҳо, тартиботи саф кашидан, сареҳу хуб ба ҷо овардани қоидаи саршавии машқ, ҳаракати бо ҷидду ҷаҳд ва фаъолонаро талаб кардан лозим аст. Кӯдакон бояд дар вақти машқ бо нишондоди даҳонакии мураббия қоидаҳои ҳаракатро дар ҳар гуна вазъият (истода, нишаста, хоб рафта) бо суръат иҷро намоянд. Ҳар як машқро бачагони хурдсол 5—6 маротиба, бачаҳои 7-сола 6—8 маротиба такрор мекунанд.

Чунон ки дида мешавад, давомнокӣ ва мазмуни гимнастикаи пагоҳӣ барои кӯдакони синнашон гуногун як хел нест, бинобар он дар гурӯҳи омехта онро аввал бо кӯдакони 3—4-сола, пас аз он бо кӯдакони 5—6-сола гузаронидан матлуб аст. Дар он ҷое, ки барои ин шароит нест, гимнастикаи пагоҳиро бо ҳамаи бачаҳои гурӯҳ дар як вақт гузаронидан мумкин аст. Дар ин маврид имконияти гуногуни онҳоро албатта ба ҳисоб гирифтан лозим ва аз ин рӯ ба сифат, суръат, давомнокии машқҳо талабот ҳам бояд гуногун бошад. Одатан хурдсолон назар ба рафиқони калонсоли худ машқҳоро камтар иҷро мекунанд. Аз бачаҳои калонсол талаб карда мешавад, ки ҳаракатҳоро бехато ва босифаттар иҷро кунанд. Барои он ки хурдсолон машқро чандин маротиба иҷро кунанд, ба бачаҳои калонсол зарур аст, ки худашон машқро сар кунанду ба хурдсолҳо нишон диҳанд, ки машқро чи тавр дуруст иҷро кардан лозим. Баъд ҳамин машқро бо ҳамроҳии хурдсолон ба ҷо меоранд. Баъзан чунин ҳам мешавад, ки ба комплекси гимнастика танҳо барои кӯдакони калонсол машқҳои мураккабтар ҷорӣ мекунанд. Вақте ки бачаҳои калонсол ин гуна машқҳоро иҷро мекунанд, хурдсолҳо онро мушоҳида менамоянд ва дам мегирад. Чунин усули кор низ қобили қабул аст, ки иҷрои

машқҳои мураккабтарро одатан ба таъхир мегузоранд ва бачаҳои калонсол ин машқҳоро баъди ба шустушӯ рафтани хурдсолҳо иҷро мекунанд.

Комплекси гимнастикаи пагоҳӣ одатан баъди ҳар 10—14 рӯз иваз мешавад, бинобар ин ба мураббияҳои гурӯҳҳои кӯдакони синни гуногун зарур аст, ки дар вақти интихоби машқҳо ва ташкили гимнастикаи пагоҳӣ нишондодҳои умумиро ба асос гиранд[1], вале дар айни замон синну соли бачаҳои гурӯҳи хурдро бояд дар назар дошта бошанд.

Комплексҳои намунавии гимнастикаи пагоҳиро пешниҳод мекунем.

**Барои гурӯҳи хурдсолон (3—4-сола)[2]**

1. Аз паси якдигар дукасӣ роҳ гаштан, даст ба даст гирифта, нӯг-нӯги пой давидан (20 сония). Ба давра саф кашидан.

2. Рост истодан, пойҳоро каме васеъ гузоштан, кафи дастонро боло карда, ба пеш дароз намудан; (кафи дастонатонро нишон диҳед). Дастро ба тахтапушт бурдан («кафи дастонатонро пинҳон кунед») 5—6 бор такрор карда мешавад.

3. Рост истодан, пойҳоро каме васеъ гузоштан; бо дастҳо миёнро доштан. Ба рост хам шудану рост шудан; ба чап хам шудану рост шудан (раққосаки соат). Ба ҳар тараф 3—4 борӣ такрор карда мешавад.

4. Рост истодан, пойҳоро каме васеъ гузоштан, дастҳоро партофтан; нишастан, сарро бо зону хам кардан, зонуҳоро бо дастон дар бар гирифтан («руст шудем»). Хестан, рост шудан, дастҳоро партофтан 5—6 бор такрор мешавад.

5. Ба тахтапушт хоб кардан, дасту пойҳоро ҷумбондан (ба мисли қунғуз).

6. Рост истодан, пойҳороякҷоя мондан, дастҳоро партофтан, бо ҳарду пой оромона хез задан (тӯбча барин). Баъди 6—8 маротиба ҷаҳидан, дам мегиранд, боз аз нав 3 бор меҷаҳанд.

7. Оромона роҳ гаштан, дастҳоро боло бардоштан ва поён фуровардан («шабпаракҳо мепаранд»), дар ҷои худ оромона давр задан.

**Барои гурӯҳи бачагони калонсол (5—7-сола)[3]**

1. Қатор шуда аз як девор ба сӯи девори дигар роҳ гаштан (ду бор), пароканда шуда, тез-тез роҳ гаштан, пойҳоро

---

[1] Дар бораи хусусият, принципҳо ва мазмуни гимнастикаи пагоҳӣ дар китоби Осокина Т. И. «Физическая культура в детском саду». М., 1973 саҳ. 48—50, 63—66, 97—101, 131—134, 173—175, 225—226 маълумоти муфассал дода шудааст.

[2] Ҳамон китоб, саҳ. 98.

[3] Ҳамон китоб, саҳ. 174.

рост дошта, аз паси якдигар давидан (ду бор 15 сониягӣ). Роҳравии оромона. Аз нав қатор шудан.

2. Пошнаҳоро якҷоя, панҷаи пойҳоро васеъ гузошта рост истодан; дастҳоро боло бардошта, чамбаракро болои сар доштан. Чамбаракро ба болои китф фуроварда, онро ба сар пӯшидан. 6—8 бор такрор мешавад.

3. Рост истода, пойҳоро баробари васеъгии китф ҷудо гузоштан. Дастҳоро бо чамбарак ба қафо бурдан. Танро ба чапу рост хаму рост кардан. 6—8 бор такрор мешавад.

4. Рост истодан, пойҳоро каме васеъ ва кафи пойҳоро баробар гузоштан, дастро ба чамбарак ба пеш бурдан. Танро ба пеш ҳам кардан, чамбаракро ба замин мондан, рост шудан. Танро ба пеш хам карда, чамбаракро гирифтан, чамбаракро ба пеш бардоштан. 6 бор такрор мешавад.

5. Бо зону ба даруни чамбарак нишастан, пойҳоро якҷоя гузошта, нӯги пойҳоро васеъ ёзондан, даст дар миён. Ба тарафи рост хам шудан. Хестан. Ба тарафи чап ҳам шудан. Хестан. Ба ҳар тараф чор маротибагӣ такрор мешавад.

6. Ба тахтапушт хоб карда, чамбаракро дар болои сар доштан. Пойҳоро рост карда боло бардоштан, нӯги пойҳоро ба чамбарак расондан. 4 бор такрор мешавад.

7. Пойҳоро ҷафс карда, бо дастон миёнро дошта, дар миёни чамбарак истодан. Ба тарафи чапу рост роҳ гаштан.

8. Ба ҳар сӯ давидан.

**Барои ҳамаи гурӯҳҳо (аз 3 то 7-сола)**

1. Аз паси якдигар роҳ гаштан (калонсолон бо пошна ва нӯги пой роҳ мегарданд: хурдсолон бо қадамҳои муқаррарӣ роҳ мераванд. Аз паси якдигар давидан (хурдсолҳо дар мобайн). Ба се қатор саф оростан (мувофиқи гурӯҳҳо).

2. Рост истодан (пойҳои хурдсолон кушод меистанд, пошнаҳои калонсолон дар як ҷо, нӯги пойҳояшон ҷудо). Дастҳоро ба пеш дароз кардан (кафи дастҳо — ба дарун) ба ду тараф дароз кардан), (кафи дастҳо — ба поён), ба поён фуровардан. 5—6 бор такрор карда мешавад. Қалонсолон дастҳоро мушт карда, машқро давом медиҳанд. (3—4 бор).

3. Рост истодан, вазъияти пойҳо мисли аввала, дастҳо дар миён. Ба тарафи рост хам шудан (хурдсолҳо — як бор, калонсолҳо — ду бор), рост шудан, ба тарафи чап хам шудан. Хурдсолҳо — 6 бор, калонсолҳо — 8 бор такрор мекунанд.

4. Рост истодан. Вазъияти пойҳо — мисли аввала. Ба пеш хам шудану рост шудан. Хурдсолҳо хам шуда, даст ба зонуҳояшон мезананд, калонсолҳо хам шуда, дастонашонро ба нӯги пойҳояшон мерасонанд. Ҳангоми хамшавӣ «чапак-чапак», «ба паст» — гуфтан мумкин аст.

5. Ба рӯи қолинча (ё стул) нишастан. Пойҳоро ёзондан.

Пойҳоро боло бардоштану фуровардан (3—4 бор). Пойҳоро бардошта, ба тарафи чап, баъд — ба тарафи рост фуровардан (4 бор). Бо дастҳо ба фарш такья мекунанд.

6. Ба болои қолинча дароз кашидан. Хурдсолон дам мегиранд. Калонсолон пойҳояшонро мебардоранд ва онҳоро меҷумбонанд (ба мисли велосипедронӣ).

7. Хестан ва рост истодан. Дастҳоро ба ду тараф бардошта, дар рӯи хона роҳ гаштан, давидани сабук, роҳгардӣ (хурдсолон мераванд).

8. Бозии ба воситаи ҳаракат «шаклеро сохтан». (Кӯдакон дар рӯи хона тез роҳ мегарданд, бо ишораи мураббия дар ҷояшон истода шаклеро месозанд ва наҷумбида меистанд). 3—4 бор такрор карда мешавад.

Ташкили хӯрок, дастурӯшӯӣ, пӯшидану кашидани либоси кӯдакон дар шароити гурӯҳи омехта аз мураббия маҳорати хуби тарбиятгарӣ, мунтазамӣ ва ботартибии кори ҳамаи хизматчиёни боғча, ба вуҷуд овардани шароити оромона ва хайрхоҳона, муносибати бодиққатонаи калонсолонро нисбат ба кӯдакон, алалхусус ба хурдсолон талаб мекунад.

Ҳамаи ин аз он сабаб муҳим аст, ки дар як вақти кӯтоҳе, ки аз рӯи режим барои иҷрои ин процессҳои ҳаётан муҳим ҷудо карда мешавад, на танҳо нигоҳубини кӯдаконро зуд ва дуруст ба ҷо овардан, хӯрондан, пӯшондан ва ғайра зарур аст, балки аз рӯи талаботи программа дар кӯдакон мувофиқи синну солашон малакаҳои маданию гигиениро низ ташаккул додан зарур аст. Барои ин қоидаҳои зеринро риоя кардан лозим:

1. Ҳамаи корҳои зарурии ташкили хӯроки кӯдакон (бо тартиби муайян столҳоро ҷо ба ҷо гузоштан, асбобу анҷоми хӯрокро мувофиқи синну соли бачаҳо гузоштан, хӯроки якумро оварда, тақсим карда додан, дастпоккунакҳо, стаканчаҳо барои чайқондани даҳон ва ғайра) пешакӣ, дар вақти дастурӯӣ шустани кӯдакон тайёр карда мешавад. Маҳз дар ҳамин маврид доя ба ташкили кӯдакон шурӯъ мекунад.

2. Дастурӯшӯӣ ва ба сари стол шинондани кӯдакон бояд оҳиста-оҳиста, аз бачагони хурдсол ва суст хӯрок мехӯрдагӣ сар карда, ба ҷо оварда шавад.

3. Кӯдакони гурӯҳҳои хурдсолон ва миёнсолонро дар сари стол нигоҳ доштан лозим нест: онҳо метавонанд баъди хӯрда шудани хӯрок аз сари стол хеста берун бароянд: бачаҳои калонсол баъди он ки ҳамаи рафиқони ҳаммизашон хӯрокхӯриро тамом карданд, мебароянд.

4. Хӯроки хурдсолон пешакӣ тайёр карда мешавад (гӯшту самбӯсаҳоро бурида мондан, катлетаро пора кардан ва ғайра).

5. Мураббия ба аксарияти кӯдакон, доя бошад, ба бачаҳои хурдсол сардорӣ мекунад. Кӯдакони ҳамаи гурӯҳҳо дар давоми рӯз бояд дар пеши назару назорати мураббия бошанд. Дар ҳолате, ки агар ҳамеша бо хурдсолон ҳамроҳ будани доя

лозим бошад, он гоҳ ӯ бояд методикаи ташкили процессҳои режимиро хуб донад.

6. Тартиби нигоҳубини кӯдакон, инчунин талаботи мураббия ва доя (ороиши столи хӯрокхӯрӣ, тартиби додани хӯрок ва ғ.) ба малакаи кӯдакон бояд ягона ва доимӣ бошад.

7. Ташкили процессҳои режимӣ бояд ба инкишофи мустақили кӯдакон, ташаккули рафтори мадании онҳо мадад расонад.

Сайру гашт дар режими боғчаи бачаҳо мавқеи муҳим дошта, вай воситаи амалии инкишофи ҳарҷонибаи кӯдакон мебошад. Барои он ки сайру гашт самарабахш шавад, барои фаъолияти гуногун ва бомазмуни кӯдакони гурӯҳҳои мухталиф дар ҳавои кушод (бозӣ, меҳнат, мушоҳида ва ғ.) шароитҳои хуб муҳайё кардан лозим аст.

Барои тарбияи ҷисмонии кӯдакон, пеш аз ҳама барои мустаҳкам намудан ва обутоб ёфтани организми онҳо бо роҳи



Расми 3. «Ин алафи хушбӯйро хӯр, харгӯшча».

истифодабарии омилҳои табиӣ—ҳаво, офтоб, об[1] сайру гашт аҳамияти махсус дорад. Бинобар ин, мураббиён ва ҳамаи хизматчиёни боғчаи бачагон бояд кӯшиш кунанд, ки кӯдакон бисьёртар сайру гашт намоянд. Мувофиқи режим дар ҳавои хунук рӯзе ду маротиба сайру гашт — пагоҳию бегоҳӣ — дар

---

[1] Тадбирҳои махсуси оид ба обутобьёбии бачаҳо (ваннаи офтобӣ, оббозӣ) бо тартиби дар программа муқарраршуда ба амал бароварда мешавад.

давоми на кам аз 3—4 соат ташкил карда шавад (пагоҳӣ дар ҳавои кушод қабул карда гирифтани бачаҳо иловаи хубе мебошад). Дар фасли гарми сол муддати дар ҳавои кушод будани кӯдакон хеле меафзояд, машғулиятҳо, хоби рӯзона ва ғ., агар имконият бошад, дар худи участка ташкил карда мешавад.

Самарабахшии сайру гашт аз бисьёр ҷиҳат ба либоси кӯдакон вобаста аст: вай ба мавсим ва боду ҳаво мувофиқ, сабуку шинам бошад, ба ҳаракаткунии онҳо халал нарасонад. Дар ҳавои гарм кӯдакон бояд бисьёртар тани турсию майка, бо пойафзоли сабук ва агар шароит бошад, пойлуч гарданд. Ҷоиз нест, ки дар ҳавои гарм кӯдакон бо либоси гарм, колготкаю ботинка сайру гашт кунанд. Дар ҳавои хунук либоси кӯдакон бояд тавре бошад, ки бадани онҳо на гарм шаваду на хунук хӯрад, зеро ки гармиву хунукӣ ба организми кӯдак зарар дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар гурӯҳи омехта, хусусан бачаҳои калонсолро хубтар назорат кардан лозим, чунки онҳо аксаран аз ҳад зиёд мустақилона амал карданро дӯст медоранд. Дар мавриди зиёд будани гурӯҳи кӯдакони синну солашон ҳархела, дар дохили бино фаъолияти гуногуни ҳаракаткунии онҳоро таъмин кардан душвор аст (илова бар ин бисьёр мураббияҳо бозиҳо ва машғулиятҳои оромро афзалтар медонанд). Бинобар ин зарур аст, ки ҳамаи кӯдакон дар вақти сайру гашт бисьёртар ҳаракат кунанд — роҳ гарданд, даванд, часпида баромадан, мувозинат ва ба нишон расонданро машқ кунанд, ба бозиҳои спортӣ (волейбол, баскетбол бадминтон, городки ва ғ.) машғул шаванд. Дар ин маврид мураббия бояд назорат кунад, ки бозию машғулиятҳои ҷисмонӣ ба кӯдакон вазнинӣ накунад, бозиҳоро ба серҳаракат, ё камҳаракат будани онҳо нигоҳ карда иваз кардан лозим, роҳ додан мумкин нест, ки хурдсолон ба кӯдакони калонсол тақлид карда, ҳаракати барояшон душвору зарарнокро ба ҷо оранд (ба дастҳояшон овезон шудан, муаллақ задан, ба нардбони зинаҳояш калон баромадан, дар теппаи сунъии баланд баро-фуро кардан ва ғ.).

Гузарондани бозиҳои спортӣ, ки ба программаи сайру гашт дохил шуда, онҳоро мураббия пешакӣ ба план медарорад, хислати махсус дорад. Бозиҳои спортӣ мувофиқи мақсад ва ба ҳолати ҷисмонии кӯдакон нигоҳ карда, мумкин аст якҷоя бо ҳамаи кӯдакҳо (3—7-сола) ё бо ду гурӯҳи бо ҳам наздик (бо кӯдакони 3—5-сола ё 5—7-сола) ё бо як гурӯҳи бо ҳам наздик (бо кӯдакони 3—5-сола ё 5—7-сола) ё бо як гурӯҳи алоҳида гузаронида шаванд. Дар ин ҳолат бозиҳое, ки бо ду ё як гурӯҳ гузаронида мешаванд, афзалият доранд, зеро дар ин маврид имкониятҳои гуногуни кӯдаконро хубтар ба эътибор гирифтан мумкин аст. Дар давоми ҳафта барои кӯдакони калонсол якчанд машғулиятҳои алоҳидаи спортӣ гузаронидан лозим аст, зеро дар вақти бозиҳои якҷоя онҳо қувваи худро ба дараҷаи

даркорӣ сарф намекунанд ва ин ба инкишофи ҷисмонии онҳо мусоидат намекунад.

Чуноне ки таҷриба нишон дод, бозиҳои спортиро бо хурдсолон ҳангоми сайру гашт гузаронида, бо кӯдакони калонсол— дарҳол баъди ба участка баромадан (алалхусус, вақте ки бачаҳо дар ҳар ду машғулият муддати зиёд нишаста, бисьёр меҳнати фикрӣ карда бошанд) ё дар охири сайру гашт, пеш аз ба гурӯҳ гашта омадан гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст. Чунин тарзӣ ташкили бозиҳо ба хусусияти кӯдакон ва фаъолияти онҳо мувофиқ аст.

Бачаҳои хурдсол хусусан дар фасли хунуки сол муддати дароз бо бозиҳои гуногун машғул шуда наметавонанд, фаъолияти мустақилонаи онҳо нисбатан зуд аз байн меравад ва шавқу ҳавасашон ба сайру гашт кам меша-



Расми 4. «Мо ҳамроҳи бачаҳои калон сайр мекунем».

вад. Бинобар ин, дар ин давра барои онҳо бозии муташаккилонаи спортӣ зарур аст: вай дараҷаи фаъолияти эмоционалиро баланд мебардорад, дар нимаи дуюми сайру гашт барои ҳаракати ҷисмонӣ ва бозӣ ғайрату хоҳиши кӯдаконро меафзояд.

Бозии кӯдакони калонсол бошад, пурмазмунтар ва устувортар буда, баробари авҷ гирифтани бозӣ шавқу ҳаваси онҳо на танҳо кам намешавад, балки меафзояд. Ба фаъолияти шавқоваронаю мустақилонаи онҳо, ки ба бозии спорт зоҳир мекунанд, монеъ шудан на ҳамеша ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ин ҳолат кӯдакон ба таклифи калонсолон барои иштирок кардан дар бозиҳои умумӣ бо дили нохоҳам розӣ мешаванд ва ё аз бозӣ тамоман даст мекашанд. Бинобар ин, бозиҳои муташаккили спортиро бо кӯдакони калонсол ё дар аввали сайру гашт (то бозиҳои худашонро сар кардани онҳо) ва ё дар охир, то вақти ба гурӯҳ баргаштанашон гузаронидан лозим аст.

Агар дар давоми рӯз ғайр аз бозиҳои пешбинишуда, дар дохили бино, ё вақти сайругашт дигар бозиҳои спортӣ низ ташкил карда мешуданд, хеле хуб мебуд. Онҳо бо ташаббуси худи кӯдакон, ё бо таклифи мураббия ташкил мегарданд ва дар ин бозиҳо бачаҳои синнашон гуногун иштирок мекунанд.

Сайру гашти мунтазами берун аз участка — дар бешазор, лаби дарьё, марғзор хеле фоиданок аст. Аҳамияти ин гуна сайру гашт барои тарбияи ҷисмонии кӯдакон аз он иборат аст, ки онҳо дар оғӯши табиат, дар майдони васеъ бемалол медаванд, меҷаҳанд, бозӣ мекунанд[1]. Хеле муҳим аст, ки агар шароити табиати атроф мусоидат кунад, ин имкониятро ҳаргиз аз даст додан лозим нест.

Хоби рӯзона барои дуруст инкишоф ёфтани кӯдакони синни томактабӣ зарур аст. Вай имконият медиҳад, ки кӯдакон баъди машғулият, бозӣ ва сайру гашти дуру дароз дам гиранд ва барои дар нимаи дуюми рӯз давом додани фаъолияташон ба худ қувва ҷамъ кунанд. Ҳавои хонаи хоби бачагон бояд ҳамеша тоза бошад. Хуб мешуд, ки тиреза ё бодпарво кушода буда, ба хона офтоб ва рӯшноӣ аз ҳад зиёд надарояд.

Дар режими гурӯҳи омехта, дарозии вақти хоби рӯзонаи кӯдакони чорсола ва панҷсола назар ба хоби кӯдакони гурӯҳҳои муқаррарии синни якхела каме кӯтоҳ карда шудааст (тақрибан ба миқдори 20 ва 10 дақиқа), бинобар ин барои зуд бурдани хоби онҳо, шароит муҳайё кардан хеле зарур аст. Аввал онҳоро барои хоб тайёр карда, баъд дар ҷои осудатари хона ва ё дар пешайвон хобондан лозим, то ки кӯдакҳои калонсол ба хоби хурдсолон халал нарасонанд. Инчунин дар хотир доштан лозим аст, ки агар ҳангоми тайёрии хоб дар гурӯҳ оромӣ ҳукмфармо бошад, хоби кӯдакон зудтару хубтар мебарад. Барои ҳамин ба кӯдакон ёд медиҳанд, ки шустушӯи баъди хӯроки нисфирӯзиро саросема нашуда, оромона ба ҷо оранд, либосҳоро кашида, ботартиб таҳ карда монанд, даводав накунанд, баланд гап назананд.

Қоидаи риоя кардани оромӣ, ба хоби кӯдакон халал нарасондан барои хизматчиёни боғча низ ҳатмист. Бинобар ин, ҳартарафа фикр кардан зарур аст, ки косаю табақро кай ва

---

[1] Дар хусуси ташкили бозиҳои спортӣ ва машқҳои ҷисмонӣ дар ҳавои кушод ниг. ба «Сельский детский сад», дар зери таҳрири Р. А. Қурбатова ва Т. А. Маркова М., 1973, саҳ. 173—191.

дар куҷо шустан лозим, хонаи гурӯҳро кай рӯбучин кардан хубтар аст, ба хоби кӯдакон чӣ тавр назорат кардан лозим (хусусан дар он ҷое, ки дар кори мураббияҳо танаффус ҷорӣ карда шудааст), кӯдаконро чӣ тавр дар вақташ аз хоб бедор карда, бозии онҳоро ташкил кардан лозим.



Расми 5. Дар ин ҷо барои эҷодкории мустақилона, ҳама чиз муҳайёст.

Дар хотир доштан зарур аст, ки кӯтоҳ кардан ва ё дароз кардани хоби рӯзона барои саломатии кӯдак зарарнок буда, ҳаёти гурӯҳро аз доираи тартиб мебарорад, дар гузаронидани кори тарбиявии нимаи дуюми рӯз боиси душвориҳои иловагӣ мегардад.

Ташкил кардани ҳаёт ва фаъолияти мустақилонаи бачаҳо дар гурӯҳи омехта баъ-

ди хоби рӯзона (хусусан то сайру гашт) — кори мушкил ва масъулиятнок мебошад. Педагог бояд на танҳо дар хусуси дар сари вақт аз хоб хезондан ва процедураҳои мустаҳкамкунии саломатӣ ғамхорӣ кунад, балки ташкили фаъолияти мустақилонаи кӯдакони синнашон ҳархеларо (бозӣ, мушоҳида, меҳнат ва ғ.) бо гузаронидани машғулиятҳои бегоҳӣ вобаста намояд.

Мураббия мувофиқи режими ҷорӣ кардашуда, кӯдакҳои калонсолро аз хоб мехезонад ва бо онҳо процедураҳои мустаҳкамкунии саломатиро мегузаронад, хурдсолон дар ин вақт ҳоло хобанд, ё акнун бедор шуда истодаанд. Баъди процедураи мустаҳкамкунии саломатӣ ва ғундоштани ҷогаҳ, кӯдакҳои калонсол бо ёрии мураббия бозӣ ташкил мекунанд. Баъд хурдсолон аз хоб мехезанд. Доя ба либоспӯшии онҳо ёрӣ мерасонад, баъд ҷогаҳҳоро меғундорад. Педагог онҳоро бо бозии калонсолҳо ҷалб мекунад ва ё ба ягон кори дилхоҳашон машғул менамояд. Дар ин вақт доя бо навбатдорҳо барои хӯроки пешинӣ тайёрӣ мебинад, аввал хурдсолонро, баъд калонсолонро ба сари стол даъват мекунад.

Машғулиятҳои бегоҳӣ на дар ҳамаи гурӯҳҳои омехта, балки танҳо дар гурӯҳҳое, ки кӯдакони аз 2—3-сола то 7-сола тарбия меёбанд ва ё дар мавриди ба як ҷо ҷамъ шудани кӯдакони синнашон гуногун (хурдсолон ва калонсолон) гузаронда мешаванд[1]. Дар мавриди аввал машғулият бо гурӯҳи хурдсолон (аз 2—3 то 4-сола) ва гурӯҳи миёнсолон (аз 4 то 5-сола) гузаронда шуда, дар мавриди дуюм — машғулияти бегоҳӣ фақат бо хурдсолон гузаронида мешавад. Бояд дар хотир дошт, ки бегоҳирӯзӣ аз як бор зиёд машғулият ташкил кардан мумкин нест, вагарна педагог ба фаъолияти мустақилонаи бачаҳо роҳбарӣ карда наметавонад.

Баъди тамом шудани машғулият ва то ба сайру гашт рафтан, вақте ки бачаҳо ҳама бозӣ мекунанд, мураббия бояд ба ташкили фаъолияти мустақилонаи кӯдакон ва ташаккули муносибатҳои мусбати байни кӯдакони синнашон гуногун диққати махсус диҳад, шавқу ҳавас ва имкониятҳои гуногуни онҳоро бинад, тасаввуроташонро бой ва саҳеҳ кунад, маҳораташонро инкишоф диҳад[2].

Тарзи ташкили сайру гашти шабонаро низ чунон ҳартарафа фикр карда баромадан даркор аст, ки бачаҳо дилтанг нашаванд ва дар айни замон аз ҳад зиёд ба ҳаяҷон наоянд, ошуфта нашаванд, ба бозиҳои ҳархела машғул ша-

---

[1] Дар хусуси машғулиятҳои бегоҳӣ дар мақолаи ҳамин китоб «Тавсияҳо оид ба плангирии машғулиятҳо дар гурӯҳи гуногунсин» маълумоти муфассал дода мешавад.

[2] Дар ин бора маълумоти муфассал дар саҳ. 44 дода мешавад.

ванд, меҳнат кунанд, ҳама чизу ҳодисаҳои атрофро мушоҳида намоянд ва ғ.

## ТАРБИЯИ КӮДАКОН ДАР ҶАРАЁНИ ҲАЁТИ ҲАРРӮЗА

Дар рафти фаъолияти ҳаррӯза дар кӯдакон бояд чунин хислатҳои нек—малакаҳои маданию гигиенӣ, ахлоқу рафтори дуруст дар коллектив, муносибати дӯстонаи байни якдигар тарбия карда шавад. Педагог ҳаёти бачаҳоро ташкил намуда, метавонад процессҳои режимро дар зарфи як рӯз ва ё рӯз ба рӯз такрор намояд, кӯдакони синни гуногунро ба фаъолияти муттасилу мантиқӣ ва азхуд кардани малакаҳои зарурӣ одат кунонад. Барои он ки ҳамаи кӯдакон малакаҳои барояшон дастрасро азхуд кунанд, ба мураббия зарур аст, ки ҳаҷми талаботи программаро барои ҳар як гурӯҳи синни гуногун ба худ равшан тасаввур кунад.

Акнун дида мебароем, ки кӯдакон, масалан, дар вақти хӯрок хӯрдан, дасту рӯй шустан кадом малакаҳои гигиенаи шахсиро бояд аз худ кунанд. (ниг. саҳ. 33).

Чуноне ки дида мешавад, барои ҳар як соли ҳаёти кӯдак доираи талаботи программавӣ муайян карда шудааст. Вале барои он ки дар шароити гурӯҳи кӯдакони синни гуногун пурратар иҷро шудани ин талабот муяссар шавад, ба педагог зарур аст, ки дар хусуси лаҳзаҳои зерин тасаввуроти равшан дошта бошад:

1. Дар ҳар як процесси режим малакаҳои мураккабе ташаккул меёбанд, ки аз кордонию маҳорати конкретӣ иборатанд. Чунончи, малакаи хӯрокхӯрӣ: тавонистани хӯрдани хӯрок (гирифтан ва хоидани хӯрок), кор фармуда тавонистани қошуқу чангча, дастпоккун, баъди хӯрдани таом аз паси стол дуруст баромадан ва миннатдорӣ карданро дар бар мегирад.

Малакаи пӯшидан ва кашидани либос, мустақилона иҷро кардани ин кор, бо пайдарҳамии муайян пӯшидани либос, таҳ кардан, камбудии либосро дар сари вақт ошкор сохтан ва ба тартиб дароварда тавонистани онро дар худ таҷассум менамояд.

Донистани ин ба педагог ёрӣ медиҳад, ки ғайрату кӯшиши кӯдаконро ба умуман аз худ кардани малака равона намояд ва дар айни замон диққати онҳоро ба такмил додани малакаи алоҳидаи кордонӣ ва дар навбати аввал ба корҳое, ки онҳоро худи кӯдакон хуб иҷро карда наметавонанд ё тамоман аз ӯҳдаи он намебароянд, ҷалб намояд. Хурдсолон барои худ диққати махсус ва муносибати босабронаро талаб мекунанд, зеро дар онҳо бисьёр малакаҳо дар ибтидои ташаккульёбӣ мебошад.

2. Тарбия намудани малакаҳои маданию гигиенӣ процесси мураккаб ва дурударозе мебошад. Баъзе малакаҳо (маса-

лан, мустақилона хӯрок хӯрдан, дуруст кор фармудани қошуқу чангча, мустақилона шустан ва нағз пок кардани дасту рӯй ва ғ.) дар давоми тамоми бачагии томактабӣ ташаккул меёбад ва аз ин рӯ бояд ҳамеша дар доираи назари педагог бошад. Баъзе малакаҳоро дар синни муайян ташаккул додан муҳим буда, дар асоси ин минбаъд вазифаҳои нав ҳал карда хоҳанд шуд.

Дар овони хурдсолӣ, масалан, ба кӯдакон ёд додан лозим, ки дасту рӯяшонро танҳо бо сачоқ, дастпоккун ва рӯймолчаи худ пок кунанд, қошуқу чангчаро дуруст дошта тавонанд ва ғ. Ба кӯдакони калонсол кор фармудани на танҳо қошуқу чангча, балки истифода бурдани корд, инчунин дидан ва бартараф карда тавонистани камбудии либос (тоза кардани либосу пойафзол, дӯхтани тугма ва ғайра)-ро меомӯзанд. Аз синни 4-солагӣ ба кӯдакон мунтазам тоза кардани дандон ва баъди хӯрокхӯрӣ чайқондани даҳонро ёд медиҳанд.

3. Дар хусуси малакаҳое, ки дар давоми ҳамаи солҳои дар боғча будани кӯдакон ташаккул меёбанд, на танҳо васеъ шудани ҳаҷми талабот, балки мураккабтар шудани он пешбинӣ карда мешавад. Чунончи, дар заминаи малакаи либоскашӣ ва либоспӯшии кӯдакони 3—5-сола, дар назди кӯдакони калонсол вазифаи зуд иҷро кардани он гузошта мешавад. Дар мавриде, ки хурдсолон бо огоҳкунии педагог дасташонро мешӯянд, барои таом миннатдорӣ мекунанд ва ғ., кӯдакҳои калонсол бояд ин корро худашон мустақилона карда тавонанд. Мураккаб шудани дараҷаи талабот дар мустақилона иҷро кардани малакаҳои маданию гигиенӣ низ зоҳир мегардад: кӯдакони 3—4-сола ба ёрии дигарон эҳтиёҷи калон доранд, вале кӯдакони калонсол, бояд инро бе ёрии дигарон ба ҷо оранд.

Ба ҳисоб гирифтани ин хусусиятҳо имконият медиҳад, ки вазифаҳои конкретии тарбиявӣ мувофиқи ҳар як гурӯҳи синну соли гуногун муайян карда шаванд.

Вале талаботи мазкурро танҳо ба синни кӯдак мутаносиб донистан мумкин нест. Бисьёр вақт кӯдакони як синну сол аз рӯи дараҷаи инкишофи худ аз якдигар хеле фарқ мекунанд. Баъзан кӯдаки сесола аз кӯдаки 4—5-сола дида хубтар хӯрок хӯрда ва либос пӯшида метавонад. Бинобар ин талаботи программавӣ бояд бо маҳорату қобилияти конкретии кӯдакҳо мувофиқ бошад ва дар асоси он нисбат ба ҳар як гурӯҳ ва ҳар як кӯдак вазифаҳои педагогӣ муқаррар карда шаванд. Агар кӯдакон ин ё он малакаро соҳиб бошанд, онро устувор кардан лозим, дар баъзеи дигарашон онро ёфтан, мустаҳкам кардан даркор, дар он кӯдакҳое, ки соҳиби малака нестанд, онро аз ибтидои кор ташаккул додан лозим аст.

Ҳамин гуна вазифаҳои тарбиявиро нисбат ба кӯдакони конкретӣ дар сари ҳар чанд вақт ба план дохил кардан лозим аст. Баъди гузаштани вақти муайян тақрибан як маротиба дар квартал пешрафти бачаҳоро ба ҳисоб гирифта, вазифаҳои нав-

3—792

## Малакаҳои хӯрокхӯрӣ

| Гурӯҳи 2-юми хурдсолон | гурӯҳи миёнсолон | гурӯҳи калонсолон | гурӯҳи тайёрӣ |
|---|---|---|---|
| Хӯрокро мустақилона ва ботартибона хӯрдан, хӯрокро бо даҳони пӯшида хоидан. Қошуқу чангчаро кор фармудан, ба болои стол нарезондани шӯрбо, чой ва ғ. Бе хотиррасонкунӣ истифода кардани дастпоккун, бо он тоза кардани лабҳо ва ангуштон. Стулро оҳиста тела додан, аз паси стол хестан, ташаккур гуфтан. | Мустақилона хӯрок хӯрдан, таомро кам-кам гирифтан, хуб хоидан. Дуруст истифода бурдани қошуқ, чангча, корд, дастпоккун. Стулро оҳиста тела дода, аз паси стол хестан, ташаккур гуфтан. | Аз асбобу анҷоми ошхона дуруст истифода кардан, ботартиб хӯрок хӯрдан. Рост нишастан. Ба рафиқони ҳамстол халал нарасондан, дар мавриди зарурӣ ба онҳо хизмат кардан. | Хӯрокро бешавқун хӯрдан, онро хуб хоидан. Асбобу анҷоми ошхонаро дуруст истифода бурдан. |

## Малакаҳои дастурӯйшӯӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| Остинҳоро барзада, мустақилона шустани даст, рӯй, обро чарақса накунондан, либосро тар накардан, собунро кор фармудан. Бо сачоқ пок кардани дасту рӯй, бе хотиррасонкунӣ сачоқро ба ҷояш овехтан, танҳо сачоқ, дастпоккун ва даструймолчаи худро кор фармудан. | Пеш аз хӯрок дасту рӯйро тоза шустан ва умуман ҳар бор баробари чиркин шудан шуста истодан. Баъди хӯрокхӯрӣ даҳонро чайқондан, шабона пеш аз хоб дандонро тоза кардан. | Мустақилона дастурӯй шустан, бе хотиррасонкунӣ пеш аз хӯрок ва баробари чиркин шудан дастро шустан. Баъди хӯрокхӯрӣ даҳонро чайқондан, шабона пеш аз хоб дандонро тоза кардан. | Дандонро мунтазам шуста истодан, даҳонро баъди хӯрокхӯрӣ чайқондан, пеш аз хоб пойҳоро шустан. |

ро пешбинӣ кардан муҳим аст. Масалан, ба гурӯҳ кӯдаки сесолае омад, ки ҳоло либосҳояшро худаш кашида наметавонад (ва инро намехоҳад). Дар ин маврид чӣ бояд кард? Аввал дар кӯдак хоҳиши кашидани либосро ба вуҷуд овардан лозим, баъд бо ёрии шахси калонсол кашидану пӯшидани либосро ёд додан лозим, сонӣ ба ӯ ёрӣ додан лозим, ки ба қувваи худаш боварӣ ҳосил кунад ва бо ҳамин роҳ ӯро ба амалиёти мустақилона гузарондан лозим аст. Ба кӯдаки дигаре, ки либосро худаш кашидаю пӯшида метавонад, оҳиста-оҳиста пайдарпаии ин амалиётро машқ кунондан лозим. Баъди дар кӯдаки 5-сола устувор гаштани ин малака, муваффақ шудан лозим аст, ки вай ин амалиёти муқарририро зуд иҷро карда тавонад.

Мувофиқи вазифаҳои конкретӣ (на танҳо вазифаҳои умумӣ) нисбат ба тарбиягирандагони гурӯҳи худ методикаи таъсиррасонии педагогии мувофиқро низ хоста гирифтан даркор аст. Дар мавриде, ки малакаҳо акнун ташаккул ёфта истода бошанд, методи нишон додан, бо ҳамроҳии кӯдак иҷро кардани амал, фаҳмонда додан (чӣ гуна ва бо кадом тартиб иҷро кардани амал) ва ғайраро истифода бурдан зарур аст. Дар мавриде, ки бачаҳо дасту рӯяшонро шуста метавонанд, либосашонро худашон кашидаю пӯшида метавонанд, ба онҳо зарурати дуруст ва ботартиб иҷро кардани ҳамаи корҳоро бисьёртар хотиррасон ва таъкид кардан лозим аст.

Барои ташаккули малакаҳои гигиенаи шахсӣ фароҳам овардани шароити мусоиду дилписанд аҳамияти калон дорад. Хоҳиши боҳавас ва мустақилона шустани дасту рӯй дар мавриде тезтар пайдо мешавад, ки агар ба бачаҳо собуни хушбӯй, сачоқи тоза диҳанд, об он қадар хунук набошад ва ғ. Рафтору гуфтори оромонаи калонсолон, истифода кардани суханҳои аҷибу дилхушкунанда, хондани шеър ва баъзе шаклҳои бозӣ («хирсча омадаст, ки бинад-бачаҳо чӣ тавр дасту рӯяшонро мешӯянд» ва ғ.) ба хурдсолон таъсири мусбат мерасонад.

Таҳкурсии малакаҳои маданию гигиенӣ ҳанӯз дар синни хурди томактабӣ гузошта мешавад, бинобар ин хурдсолон дар гурӯҳи омехта ҳам диққати махсус, ёрии калонсолон ва кӯдакҳои калонро талаб мекунанд. Дар баробари ин аз рӯзҳои аввал кӯдаконро ба кори мустақилона омӯзондан зарур, барои ин кӯшиши онҳоро, ки мехоҳанд ҳама корро худашон кунанд, истифода бурдан лозим аст. Процесси ба бачаҳо ёд додани мустақилона дастурӯй шустан, хӯрок хӯрдан дар гурӯҳи омехта бо таъсири ибрати кӯдакони калон осон мегардад, ки онҳо метавонанд ҳамеша чӣ хел иҷро кардани ин ё он амалро нишон диҳанд. Ёрии оқилона ба хурдтаракон, кӯшишу имконияти ба онҳо намуна шудан ҳисси масъулияти кӯдакони калонсолро нисбат ба рафтору одоби худашон баланд мебардорад, дар онҳо хоҳиши зудтар ва хубтар иҷро кардан, сазовори боварии калонсолон шуданро ба вуҷуд меорад.

Бачаҳои 5—6-сола бояд ба худашон нигоҳубин карда тавонанд, вале дар мавридҳои зарурӣ (бастани бинт, шарфу қарс, тугмаи пушти куртаро андохтан ва ғ.) дар онҳо майлу хоҳиши ба якдигар ёрӣ расонданро бедор кардан лозим аст. Кӯдакҳои калонсол одатан ҳама корро худашон карда метаванд, лекин ба онҳо ҳам диққату эътибори доимии педагог зарур аст. Дар ин ҷо ҷиҳати асосӣ — ба сифати малакаҳо назорат кардан аст: ҳама кор бояд зуд, пухта, бо тартибу низом ва бодиққат бе огоҳкунии калонсолон иҷро карда шавад.

Ташаккули кордонӣ ва малакаҳо, чуноне ки дар боло зикр гардид, процесси мураккаб ва дуру дарозе буда, машқи доимӣ ва бисьёркаратаро талаб мекунад. Дар айни замон хеле муҳим аст, ки талаботи ҳамаи калонсолон—мураббияҳо ва падару модарон нисбат ба кӯдакон доимӣ ва ягона бошад. Агар ин қоида риоя карда шавад, бачаҳо зуд ва бо осонӣ одат мекунанд, ки бояд дар вақташ дасту рӯй шӯянд, хӯрок хӯранд, либосашонро кашанд, пӯшанд ва ғайра; ба озодагии сару либос ва намуди зоҳириашон диққат кунанд, гирду атрофашонро ба тартиб оварда, асбобу анҷоми хона, бозичаҳо, китобҳоро бо тартиб ба ҷо гузоранд. Ва, баръакс, агар мураббия ба худкории кӯдакон такья карда, то ягон корро иҷро кардани онҳо бесаброна мунтазир шуда истад ва ё агар худи ӯ либоси кӯдаконро пӯшонда, дастурӯяшонро шӯяд, корҳои мустақилона метавонистагии кӯдаконро ба ҷои онҳо худаш иҷро кунад, ба ягон натиҷаи хуб умедвор шудан амри маҳол аст.

Тартиботи ҷоришудаи рафтор ва муносибати байни ҳамдигарии кӯдакон, эҳтироми калонсолон бояд ҳатман иҷро карда шуда, ягон ҳодисаи вайрон шудани он аз назару эътибори калонсолон берун намонад. Дар кори тарбиявӣ чизи майдачӯйда нест: ҳеҷ роҳ додан мумкин нест, ки кӯдакон имрӯз салфеткаро кор фармоянд, остинашонро бар зананд, салом диҳанду сонӣ фардо ин корро ба ҷо наоранд ва ин аз назару диққат берун монад.

Ҳамаи гапҳои дар боло гуфташуда на танҳо ба малакаҳои гигиенаи шахсӣ, балки ба малакаҳои рафтору одоби маданӣ, ба муносибати байни кӯдакон ва муносибати онҳо бо калонсолон низ дахл дорад. Дар программа нишон дода мешавад, ки кӯдакон аз 2—3-солагӣ сар карда, то ба мактаб рафтанашон бояд кадом малакаҳоро аз худ кунанд, аз ҷиҳати методика бошад, ба тавсияҳои дар боло баёншуда риоя кардан муҳим аст.

## ВАСЕЪ НАМУДАНИ ОШНОЙ БО МУҲИТИ АТРОФ ВА ИНКИШОФИ НУТҚИ КӮДАКОН

Кори тарбиявии доимӣ бо маърифатноккунӣ — васеъ ва сареҳтар намудани ошноии бачаҳо бо муҳити атроф ва инкишофи нутқи онҳо зич вобаста аст.

Бачаҳо дар хона ва боғчаи бачагон таассуроти гуногун мегиранд. Мебели хона, асбобу анҷоми рӯзгор, косаю табақ, ки кӯдак аз он хӯрок мехӯрад, кӯрпаю болишт ва асбобу анҷоми ороиш, ки онро истифода мекунад, либосе, ки онро мепӯшад, бозичаҳо — ҳамаи ин ҳамон муҳити конкретии атроф аст, ки кӯдак даставвал бо он шинос мешавад. Кӯдак бо предметҳои дучоршудааш кордор шуда, хосияти он чизҳоро дарк мекунад, оҳиста-оҳиста гуфтани номи онҳоро ёд мегирад, вазифаи ҳар яки онҳоро гуфта метавонистагӣ мешавад.

Шахси калонсол, пеш аз ҳама шароити гуногуни ҳаёт, хоҳишу майли кӯдакро, ки барои бомуваффақият ташкил кардани бозӣ, меҳнат ё ягон фаъолияти дигар зоҳир мекунад, муайян карда, дар ташкили кор истифода мебарад, аввал тасаввуроти кӯдакро муайян мекунад, диққати онро ба сифатҳои асосии чизҳо ҷалб мекунад, муносибати бачаҳоро ба он чизҳо тарбия мекунад.

Бо чизҳо ва ҳодисаҳои воқеияти муҳити атроф муносибати бевосита доштани бачаҳо на танҳо барои инкишофи таҷрибаи амалии онҳо, балки барои ташаккули муносибати дарккунии этикӣ, ба ҳама чизи нав ва дар навбати аввал ба табиати ватан рағбату мароқ зоҳир намудани онҳо ёрӣ мерасонад.

Табиат манбаи бепоёни идрок ва инкишофи ҳиссиёти кӯдак мебошад.

В. А. Сухомлинский «Мактаби хушнудӣ»-и худро барои бачаҳои томактабӣ дар асоси муносибати бевосита доштан бо табиат ташкил намуда, ба таври ҳаққонӣ мегуфт, ки кӯдаконро ба оғӯши муҳити атроф даровардан зарур аст, то ки онҳо ҳар рӯз барои худашон ягон чизи навро ёбанд, то ки ҳар як қадами кӯдакон «сиёҳат ба сарчашмаи тафаккур ва нутқ» бошад.

Муносибати кӯдакон бо табиат, ҳар дақиқа дар онҳо ҳазорҳо саволҳои гуногунро ба миён меорад: чӣ тавр? Чаро? барои чӣ? «Чаро аз хоки хушк кулча сохта намешаваду аз хоки тар зуд сохтан мумкин аст? «Эҳ, ин қадар зебо! Ин хатҳои ҳархелаи рангоранги осмон (тиру камон) аз куҷо пайдо шуданд?» «Барои чӣ говро ҳайвони хонагӣ меноманд: охир вай дар хона не, дар оғил зиндагӣ мекунад-ку?» — ин гуна саволҳо дар он ҷое пайдо мешаванд, ки *шахси калонсол худаш табиатро дӯст медорад ва ҳамеша диққати кӯдаконро ба он ҷалб мекунад, ба кӯшиши кӯдакон, ки мехоҳанд муҳити атрофро хубтар донанд, бо таври ҷиддӣ аҳамият медиҳад, ба саволҳои онҳо некхоҳона ва бо хоҳиши том ҷавоб медиҳад ва ё ба бачаҳо ёрӣ медиҳад, ки ҷавоби саволашонро худашон ёбанд, сипас аз кашфиёти хурди кӯдакон ҳамроҳи онҳо хурсандӣ мекунад.* Хуб мешуд, ки агар худи мураббия на танҳо ба муроҷиати ба ӯ кардаи кӯдакон хайрхоҳона ҷавоб гардонад, балки худи ӯ ба кӯдакон *савол-супориш* диҳад: бинед ва гӯед, ки чаро шӯша дар як тарафи бино бисьёр асту дар тарафи

дигараш-кам; мушоҳида кунед ва номи паррандаҳои ба қуттии донхӯрак парида меомадагиро гӯед; дарахтҳои баргашон зард шудагиро ёбед ва номи онҳоро гӯед; ба болои хазон роҳ рафта гӯш андозед ва гӯед, ки чаро вай дар зери пой хиширхишир мекунад ва ғ.



Расми 6. «Бинед, бачаҳо, ин — Москва!»

Дар гурӯҳи омехта ин супоришҳоро ба кӯдакони синнашон гуногун пешниҳод кардан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан: «Наташа (6 сола) ба Олия нишон деҳ, ки дарахти булут дар кӯчо меруяд ва ҳардуятон чормағзи онро чинетон». Ва ё педагог мебинад, ки кӯдак аз хоки хушк кулча сохта наметавонад, ӯ ба кӯдаки калонтар мурочиат мекунад ва мегӯяд, ки вай чӣ тавр сохтани кулчаро (ба хок об рехта лой карданро) нишон диҳад.

*Мураббия ҳар як имкониятро истифода мебарад, ки диққати кӯдаконро ба ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятии барои онҳо фаҳмо ҷалб кунад, фаҳмидани хусусияти меҳнат ва ҳаёти одамони советиро ёд диҳад, дар дили кӯдак нисбат ба ватанамон ҳисси эҳтиром ва муҳаббатро тавлид кунад.*

Дар вақти сайру гашт вай диққати кӯдаконро ба кӯчаҳои ба таври идона оро додашудаи шаҳр ҷалб мекунад, дар бораи иди дар пеш истода гап сар мекунад, таклиф менамояд, ки шеърҳои азьёд кардаашонро ба хотир оранд. Дафъаи дигар

тамошои суратҳоро ташкил мекунад, ба кӯдакони калонсол месупорад, ки суратҳоро ба хурдсолон нишон диҳанд ва ғ.

Ба кӯдакон тамошои ҷараёни дарахтшинониро ташкил кардан, онҳоро ба назди ронандае, ки ба боғчаи бачагон озуқаворӣ овардааст, бурдан мумкин аст. Дар арафаи идҳои бахшида ба касбу кори гуногун — Рӯзи муаллим, Рӯзи бинокор, Рӯзи шахтёр — ба педагог лозим аст, ки дар бораи кори одамони калонсол бо кӯдакон сӯҳбат кунад, дар хусуси ҳамаи меҳнаткашон суханҳои гарму ҷӯшон гӯяд. Ҳамаи ин тасаввуроти кӯдаконро васеъ ва бой мекунад, дар онҳо нисбат ба ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ шавқу рағбати калон бедор менамояд, кӯдаконро боидроктару фаъолтар мегардонад.

*Ташкили зиндагонии кӯдаконро доимо ба он равона кардан лозим аст, ки онҳо ба меҳнати падару модарон ва хизматчиёни боғчаи бачагон бо ҳисси эҳтиром нигоҳ кунанд.* Барои дар ин хусус гуфтугӯ кардан хонаи гурӯҳ, ки онро доя хуб тоза кардааст («хонаи мо чӣ тавр тозаю зебо шудааст-а! Ин меҳнати Мария Ивановна аст, раҳмат ба ӯ»), курта ё костюми нав, ки онро ягон бача пӯшида омадааст, сару либоси тозае, ки аз ҷомашӯйхона овардаанд, хӯроки бомазае, ки модар ё ошпази боғчаи бачагон тайёр кардааст ва ғайра баҳонаи хубе шуда метавонад. Ба ин гуна фактҳои рӯзмарра диққати кӯдаконро ҷалб намуда, мураббия таъкид мекунад, ки ҳамаи одамони калонсол (модар, доя, ошпаз, ҷомашӯйзан) хеле кӯшиш кардаанд, ки курта зебо, сару либос тоза ва хӯрок болаззат бошад. Баъди ин гуна сӯҳбат ҳатто кӯдакони хурд ҳам мефаҳманд, ки меҳнати калонсолон сазовори эҳтиром ва миннатдорӣ мебошад, чизҳои тайёр кардаи онҳоро эҳтиёт кардан лозим аст (либосҳоро бо тартиб таҳ кардан, дастархонро чиркин накардан, пальторо ба либосовезак овехтан).

*Иҷрои процессҳои режимиро барои васеъ кардани тасаввуроти кӯдакон ва инкишофи нутқи онҳо истифода бурдан лозим аст.* Ин маврид маълумотҳои оид ба чизҳои рӯзгори хона (либос, мебель, косаю табақ ва ғайра) хусусият, ном, ҷои нигоҳ дошта шудани онҳо ва ғайра барои кӯдакон аҳамияти амалӣ пайдо мекунад. Масалан, агар кӯдак дар куҷо будани гиребону остинро ёд нагирад, куртаро пӯшида наметавонад, агар номи бозичаҳо ва дар куҷо будани онҳоро надонад, бозӣ карда наметавонад.

Мураббия бояд ғамхорӣ кунад, ки ҳар як кӯдак номи дурусти амалиёти иҷро мекардагиашро донад ва фаҳмад, ки кай хӯрок мехӯрад, дастурӯй мешӯяд, кай либос мепӯшад, кай бозӣ мекунад ё ба машғулият иштирок мекунад. Барои ин ба мураббия зарур аст, ки ҳар дафъа номи амалиёти навбатиро ба бачаҳо гӯяд («ҳозир ба сайру гашт меравем», «Машғулиятамонро сар мекунем»).

Дар ибтидои фаъолият аз кӯдакон пурсидан лозим, ки онҳо чӣ кор мекунанд, ба ҳар як кӯдак таклиф кардан даркор,

ки вай номи процесс ё амалиётро такрор кунад. Кӯдакони калонсолро водор кардан лозим аст, ки худи онҳо номи амалиёти навбатиро гӯянд, тартиби процессҳои режимиро ба хотирашон биёранд (пагоҳ мо ноништа мекунем, баъд машғулият мегузаронем, сонӣ ба сайру гашт меравем ва ғ.), инчунин амалиёти ҳар процесси иҷро мекардагиашонро гуфта тавонанд. (масалан, дар вақти дасту рӯй шустан остинро барзадан, дастро тар кардану собун задан ва ғ.).

Доимо ба кӯдакон ёд додан лозим аст, ки чизҳоро шинохта, номи онҳоро дуруст гуфта тавонанд: сачоқ, собун, лаълича, чангча, эзорча, ҷевони либос, рафи китоб ва ғ. Ин корро хусусан бо хурдсолон кардан муҳим аст, зеро ки онҳо ҳоло акнун ба гурӯҳ одат мекунанд ва барои онҳо ҳама чизи дар гирду атрофашон будагӣ, ки дар боғча ба онҳо кордор мешаванд, нав мебошад. Дар вақти тайёрӣ ва пӯшондани либос, шӯёндани дастурӯй ва ғайра ба кӯдакон супоридан лозим, ки чизҳои заруриро худашон ёбанд («Аз ҷевонча куртаро биёр»), номи онро гӯянд («Ту чиро овардӣ? Дуруст, куртаро») онро бурда, ба ҷои муайян монанд ё ба рафиқи худ диҳанд.

Ба хоҳишу талаби кӯдак бо диққат муносибат кардан лозим, вале барои иҷрои он саросема шудан даркор нест. Агар кӯдакон хоҳишу талабашонро аниқу равшан нагӯянд, таклиф кардан лозим аст, ки онро такрор кунанд. Ин кӯдакро водор мекунад, ки дониш ва нутқи худро хубтар кор фармояд. Баъзан ба бачаҳо барои тамошо додани сурат, китобҳои суратдор, ки дар онҳо лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти кӯдакон ва калонсолон акс ёфтаанд, фоиданок аст. Ин тасаввуроти кӯдаконро ҳам васеъ мекунад, ҳам барои инкишофи нутқи онҳо ёрӣ мерасонад.

Кӯдак бо чизҳои гуногун кордор шуда, хусусияти гуногуни он чизҳоро ҳис мекунад. Вазифаи мураббия аз он иборат аст, ки қобилияти чиздарккунии кӯдаконро мунтазам инкишоф диҳад, ба онҳо ёрӣ диҳад, ки чизҳои дарк кардаашонро, инчунин ҳиссиёту фаҳмиши худро бо сухан ифода карда тавонанд (ба дастонат собун задӣ — онҳо лағжонак шуданд, шустӣ — тоза шуданд, аммо таранд, пок кардӣ — хушк шуданд; пиёлаи чойдор — гарм, компотдораш — хунук; чалаки холӣ — сабук, чалаки пуроб ё регдор — вазнин).

# РОҲБАРИИ ПЕДАГОГӢ БА БОЗИҲО ДАР ГУРӮҲИ ОМЕХТА

Бозӣ шакли асосии фаъолияти кӯдаки синни томактабӣ, талаботи организми инкишофьёбанда мебошад. Бозӣ ба кӯдакон хурсандӣ мебахшад, ҳиссиёт ва таассуроти гуногун ба вуҷуд меоварад. Бозӣ шакли ба кӯдак фаҳмою дастраси дарк намудан ва эҷодкорона инъикос кардани таассуроти аз муҳити атроф пайдо кардаи ӯ мебошад. Бачаҳои синни томактабӣ малакаҳои аввалини ахлоқи ҷамъиятиро аз бозӣ пайдо мекунанд: бо дигар бачаҳо якҷоя амал карда тавонистан, бо онҳо муносибату алоқаи гуногун пайдо кардан, барои ташкил кардани ин ё он бозӣ маслиҳат кардану муттаҳид шудан, ба эътибор гирифтани манфиати шарикони худ. Ҳамаи ин бозиро воситаи ниҳоят хуби тарбияи коммунистӣ ва шакли ташкили ҳаёт ва фаъолияти кӯдакон мегардонад.

## МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ РОҲБАРӢ НАМУДАН БА ТАШКИЛИ БОЗИИ КӮДАКОНИ СИННИ ГУНОГУН

Мураббияи гурӯҳи аз ҷиҳати синну сол омехта бояд назар ба педагоги гурӯҳҳои кӯдакони синнашон якхела ба динамикаи талаботи программавӣ дар тамоми давраи тарбияи томактабӣ хубтар сарфаҳм равад. Вай вазифаҳои умумии тарбияю таълимро, инчунин мундариҷаи конкретии тарбияи кӯдакони ҳар як синни муайянро дар мавриди ташкил кардани бозиҳои гуногун хуб бидонад, бозиҳоро мутобиқан бо дараҷаи инкишофи кӯдакони гурӯҳи худ ташкил намояд ва дар ҳамин асос процесси педагогиро ба амал бароварда, ба ҳарҷониба инкишоф ёфтани ҳар як кӯдак муваффақ шавад.

### ВАЗИФАҲОИ ТАРБИЯВИИ БОЗӢ

Мувофиқи «Программаи тарбия дар боғчаи бачагон», *пеш аз ҳама дар хусуси тарбияи ҷисмонии ҳар як кӯдак ғамхорӣ* кардан лозим аст. Бозиҳоро ташкил ва ба онҳо роҳбарӣ намуда ба он муваффақ шудан зарур аст, ки шавқ ва майлу хоҳиши

кӯдакон, ки ҳамеша дар ҳаракат буданро мехоҳанд, қонеъ гардад, намудҳои асосии ҳаракат такмил дода шуда, дар кӯдакон майлу хоҳиши иҷро кардани машқҳои мухталиф, ба мисли давидан, часпида баромадан, ҷаҳидан, ҳаво додан, партофтану дошта гирифтани тӯб ва ғ. бедор гардад, бозӣ тавре бошад, ки дар кӯдакон рӯҳияи фаъолият, ғайрату кӯшиш, зиндадилию хушҳолӣ ба вуҷуд орад.

Бо мақсади *тарбияи фикрӣ дар кӯдак ҳисси ба муҳити атроф мароқ зоҳир карданро бедор намудан,* дар ӯ ҳисси кунҷковӣ, кӯшиши донистани хосияти чизҳое, ки ӯ бо онҳо бозӣ мекунад, аз рӯи ранг, шакл, ҳаҷм фарқ карда тавонистани ҷизҳоро инкишоф додан лозим аст, кӯдакро ба дуруст гуфтани номи чизҳо ва аломату вазифаи онҳо водор кардан лозим аст. Бозиро барои инкишофи нутқи кӯдакон, қобилияти озодона бо ҳамдигар гуфтугӯ кардан ва бой гардондани захираи луғавиашон истифода намудан лозим аст ва дар айни замон хотира, тасаввурот, диққати озодонаи кӯдаконро инкишоф додан зарур мебошад. Дар гурӯҳи кӯдакони калонсол ба он бозиҳое диққати махсус додан лозим аст, ки онҳо барои муайян намудан ва ташаккул додани шавқу рағбат ва майлу ҳаваси гуногуни кӯдакон, қобилияти дарккунӣ, донишдӯстӣ, мушоҳида ва мустақилона ҳал карда тавонистани масъалаҳои фикрӣ имконият медиҳад.

Тарбияи одоб дар рафти бозӣ *ташаккульёбии хислатҳои нек, бо ҳамсолонаш ҳайрхоҳона муносибат кардани кӯдакро* пешбинӣ мекунад (аз ҳисси хайрхоҳӣ, бозичаҳоро додан ё бахшидан, ба якдигар ёрӣ расондан ва ғайра—дар хурдсолон то ҳамкорӣ ва ёрии байни якдигар, масъалаҳои баҳсноки дар вақти бозӣ пайдо мешудагиро хушӣ ба хушӣ, одилона ва мустақилона ҳал карда тавонистан — дар кӯдакони калонсол), инкишофи муносибати эҳтиёткоронаю сарфакорона нисбат ба бозичаю материалҳо (дар кӯдакони синни хурд ва миёна), муносибати масъулиятнокона барои эҳтиёту саришта кардани асбобу анҷоми бозӣ ва риоя намудани тартибот дар вақти бозӣ (дар кӯдакони калонсол) низ талаботи тарбияи хушодобӣ мебошад.

Ба амал бароварда шудани вазифаҳои зикрьёфта аз бисьёр ҷиҳат ба дараҷаи инкишофи роҳ ва усулҳои ташкили бозӣ вобаста аст: дараҷаи бозӣ ҳар қадар баланд бошад, барои тарбияи бачаҳо, барои ташкили ҳаёт ва фаъолияти пурмазмуни онҳо ҳамон қадар бештар имкониятҳо фароҳам меоянд. Бинобар ин дар программаи ҳар як гурӯҳи омехта вазифаҳои ташкили бозиҳои кӯдакон алоҳида нишон дода шудааст: бозӣ карда тавонистан (тамоми диққати худро ба бозӣ додан), дар қатори дигар бозиҳо ва бо ҳамроҳи онҳо дар бозиҳои умумӣ фаъолона иштирок намудан, ба қоидаҳои бозӣ риоя кардан, мувофиқи роли ба зиммаи худ гирифтааш амал кардан ва ғ.

Дар гурӯҳҳои омехта ин вазифаҳо гуногунанд, зеро ки кӯдакон аз ҷиҳати дараҷаи инкишофи бозӣ аз якдигар хеле фарқ

мекунанд ва аз ин рӯ ба роҳбарии махсус муҳтоҷанд. Бинобар ин, мураббия бояд мувофиқи синну сол тағьир ёфтани хелҳои мухталифи бозиҳоро ба эътибор гирад.

А. П. Усова инкишофи бозиро дар синни томактабӣ ба таври зерин маънидод мекунад: (Дар якмоҳагӣ—ин амалиёти якҷояи одами калонсол бо кӯдак буда, ӯ кӯдакро бозӣ медорад (бозии якҷоя бо шақилдоқу зангӯлача, «чапак-чапак», «қу-қу» ва ғ). Дертар, яъне дар 7—8-моҳагӣ кӯдак оҳиста-оҳиста худаш бо чизҳо ва бозичаҳо бозӣ карданро ёд мегирад. Дар соли дуюми ҳаёт бо чизҳо амал кардани кӯдак такмил меёбад. Дар охири соли дуюм ва соли сеюми ҳаёт бозии рольдор пайдо мешавад, ки ӯ дар 4—5-солагӣ инкишоф ёфта, шакли асосии бозӣ мегардад. Тахминан дар ҳамин синну сол бачаҳо аз рӯи қоида бозӣ карданро ёд мегиранд. Дар кӯдакони синни калони томактабӣ бозии рольдор ва бозиҳои аз рӯи қоида такмил меёбанд, ҳарчи бештар хусусияти фаъолияти мустақилонаро пайдо мекунанд[1].

Инкишофи бозии кӯдакон мувофиқи пайдарҳамии дар боло зикршуда, қонунияти синнусолӣ буда, вай тадриҷан бе табаддулоти тез ва зуд бадалшавии давраҳо ба вуҷуд меояд. Чизи нав дар дохили чизи кӯҳна пайдо шуда, муддати дуру дароз унсурҳои кӯҳнаро, ки ба зинаи пешинаи тараққиёт хос аст, дар худ нигоҳ медорад ва баъд оҳиста-оҳиста бартарӣ пайдо мекунад. Масалан, бозиҳои барои кӯдакони дусола хосбуда—бо предметҳо бозӣ кардан-пештар, яъне дар рафти амалиёти якҷояи одами калонсол бо кӯдак, пайдо мешавад. Дар навбати худ ёд гирифтани тарзу усули бо предметҳо ва бозичаҳо амал кардан, шарти зарурии бозии сюжетдор ва бозии аз рӯи қоида мегардад.

Ба ҳамин тариқ, дар бозии кӯдакони синни томактабӣ унсурҳои давраҳои гуногун дар як вақт ҳамроҳ вуҷуд дошта метавонанд. Вале баъзеи онҳо прогрессивӣ буда, умуман хусусияти бозиро муайян мекунанд, баъзеи дигарашон давраи гузаштаро ифода менамоянд.

Ҳамчун намуди асосии фаъолияти кӯдакон инкишофу ташаккул ёфтани бозӣ танҳо бо синну соли кӯдак муайян карда намешавад, балки вай аз бисьёр ҷиҳат ба шароити зиндагӣ ва тарбия вобаста аст. Дар мавриди мавҷуд набудани шароити мусоид ин процесс суст мешавад, бачаҳо ба дараҷаи имконпазири бозӣ муваффақ намешаванд (масалан, ҳатто кӯдакони синни калони томактабӣ аз рӯи қоида бозӣ карданро ёд намегиранд, бозиҳои сюжетию рольдорро мустақилона ба ҷо оварда наметавонанд). Ва, баръакс, агар дар гурӯҳ шароити зарурию мусоид фароҳам оварда шавад ва мураббия хусусиятҳои синну соли кӯдаконро ба ҳисоб гирифта, онҳоро мунтазам аз бозиҳои оддӣ ба зинаҳои баландтари инкишофи он гузаронад, кӯдакон

---

[1] Ниг. Усова А. П. Роль игры в воспитании детей. М., 1976, саҳ. 67—68.

бозиҳои мураккабтарро барвақт ёд мегиранд, бештар бозӣ мекунанд, бозии онҳо ҳархела мешавад. Шарти зарурӣ ин аст, ки педагог бояд ҳатман хусусияти фаъолият ва майлу шавқи ба бозӣ доштаи ҳамаи тарбиягирандагони худро донад ва бояд бифаҳмад, ки ҳар як кӯдак ба чи қобил аст ва ба кадом ҷиҳати бозии ӯ бештар диққат карда, онро ташаккулу инкишоф додан лозим аст.

## ГУНОГУНИИ ШАКЛҲОИ БОЗӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ТАШКИЛИ ҲАЁТ ВА ТАРБИЯИ КӮДАКОН

Кори тарбиявию таълимӣ дар ҳар як гурӯҳи синну соли гуногун, аз гурӯҳи якуми хурдтаракон сар карда, дар бозиҳои гуногун — бозиҳои сюжетию рольдор, сохтмонбозӣ, бозиҳои спортӣ дар ҳавои кушод, бозиҳои дидактикӣ ва ғ. ба амал бароварда мешавад.

Ҳар як намуди бозӣ барои тарбияи ҳарҷонибаи кӯдакон муҳим аст. Дар гурӯҳ бозиҳо *ҳар қадар гуногун бошанд, ҳаёти кӯдакон ҳамон қадар шавқовар мегузарад, барои иҷрои вазифаҳои программавӣ ва инкишофи ҳарҷонибаи шахсияти синни томактабӣ ҳамон қадар бештар имконият фароҳам меояд.* Маҳз аз ҳамин сабаб зарур аст, ки бачаҳо ҳарчи бисьёртар ба бозиҳои гуногун машғул шаванд, худашон на танҳо бозиҳои мавзӯъноку рольдор, балки бозиҳои гуногуни қоидадорро низ ташкил намоянд.

Бозиҳои мавзӯъноку рольдорро худи кӯдакон фикр карда мебароранд. Дар ин бозиҳо назар ба бозиҳои дигар онҳо имконият доранд, ки дар интихоби мавзӯъ, ба амал баровардани нияти худ, инкишофи мавзӯъ, интихоби ҳарифон ва ғ. мустақилӣ зоҳир намоянд. Кӯдакон дар бозиҳои худ дар асоси таҷриба ва шавқу рағбати нисбат ба воқеияту муҳити атроф доштаи худ, инчунин таъсири роҳнамоёнаи мураббия ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти калонсолон, муносибати онҳоро нисбат ба меҳнат, ба одамони дигар инъикос мекунанд. Кӯдак мувофиқи роли ба худ гирифтааш метавонад модари ғамхор, мураббияи меҳрубон, капитани ҷасури киштӣ ё кайҳоннавардро тақлид кунад. Дар рафти бозӣ дар бачаҳо ҳиссиёт инкишоф меёбад, онҳо таассуроти худро инъикос мекунанд, дониш ва тарзи рафтору кирдори шахсеро, ки ба ӯ тақлид мекунанд ва ё ба вай самимона монанд шудан мехоҳанд, аз худ мекунанд. Дар айёми бозӣ кӯдакон бо якдигар дӯстона муносибат ва якҷоя амал менамоянд, ҳамроҳ шодмонӣ мекунанд. Модоме ки ҳаёти кӯдакон муддати дуру дароз муташаккилона мегузарад, пас бозии мавзӯъноку рольдор асоси маҳз ҳамин муташаккилӣ мебошад.

*Бозиҳо бо масолеҳи бинокорӣ, бозиҳои драмамонанд* ва ғ., ки бо ташаббуси худи кӯдакон ба вуҷуд меоянд ва дар онҳо низ ҳаёти бачаҳо ҷараён мекунад, коллективи бачагона ташак-

кул меёбад ва он чизе, ки кӯдакон мебинанд, мефаҳманд, дӯст медоранд, он чизе, ки онҳоро ба ҳаяҷон ва шавқу ҳавас меорад, дар ҳаёти онҳо ба таври худ инъикос меёбад.

Мураббия бояд ғамхорӣ кунад, ки кӯдакон бозиҳои гуногуни қоиданокро мустақилона ва ба таври васеъ истифода намоянд. Вале бозиҳои дидактикӣ, мусиқавию дидактикӣ ва спортии қоиданокро калонсолон ба вуҷуд меоранд ва онҳо ба бачаҳо ба шакли тайёр пешкаш карда мешаванд, кӯдакон танҳо баъди он ки бо роҳбарии мураббия бо мазмуну қоидаҳои бозӣ шинос мешаванд ва ба иштироки бевоситаи одами калонсол дар он дигар эҳтиёҷ намемонад, мустақилона бозӣ карда метавонанд.

Ин бозиҳо барои ҳар як кӯдак ва тамоми коллективи бачагон аҳамияти калони ташкилкунандагӣ дорад. Чуноне ки А. П. Усова қайд мекунад, қоидаҳои ин бозиҳо меъёри амалиёт (фикрӣ ва ҷисмонӣ)-ро пешбинӣ мекунанд, дар онҳо муқаррар карда мешавад, ки дар вақти бозӣ чӣ мумкин асту чӣ мумкин нест, ҳар як кас ва ҳамаи бозигарон чӣ тавр бояд амал кунанд.

## МУНОСИБАТИ БАЙНИ БАЧАҲОИ СИННУ СОЛИ ГУНОГУН ДАР ВАҚТИ БОЗӢ

Ташкили ҳаёти бомазмуну шавқовари кӯдакони сину соли гуногун, ҳамчун ҳалли масъалаҳои ҳарҷонибаи педагогӣ, на танҳо бо ташкили бозиҳои гуногун, балки бо инкишофи олами бачагон ҳам, ки дар он бозиҳо гузаронда мешаванд, таъмин карда мешавад. Бинобар ин, ҷамъияти бачагон, гурӯҳу гурӯҳчаҳои кӯдакони бозикунандаро бо диққат омӯхтан хеле зарур аст, ба кӯдакони алоҳида не, балки ба коллективе, ки дар ин ё он бозӣ таркиб меёбад, роҳбарӣ кардан лозим. Педагог бояд дар ҳар як кӯдак аъзои ҳамин коллективро бинад ва бидонад, ки бачаҳои гурӯҳаш соҳиби кадом малакаҳои рафтори ҷамъиятӣ мебошанд, бо дигар кӯдакон дар ҳаёти муқаррарӣ ва дар ҳангоми бозӣ чӣ тавр муносибат мекунанд, ҳар як кӯдак дар ҷамъияти бачагон чӣ гуна мавқеъ дорад.

Ба ҳаёти кӯдак аз наздик, бевосита шинос будани одамони калонсол имконият медиҳад, ки вазифаҳои конкретии тарбиявии ҳар як кӯдаки алоҳида муайян карда шавад: баъзеашонро аз одати танҳо фармон додану амр кардан, даст кашондан, дар баъзеашон ғайрату фаъолиятро инкишоф додан, ба баъзеи дигарашон ёрӣ расондан лозим, ки ба гурӯҳи бозигарон ҳамроҳ шуда, талаботи ба бозии дилхоҳ доштаашонро қонеъ кунонанд ва ғ.

Мураббия ба бозии кӯдакони гурӯҳи омехта роҳбарии педагогиро ба амал бароварда, бояд он чизро ба эътибор гирад, ки қобилияту маҳорати синни гуногун дар ташкили бозӣ ва муносибати онҳо ба бозӣ якхела нестанд, таҷрибаи ҳамроҳ бозӣ

кардану дар машғулиятҳо иштирок карданашон гуногун аст. Дар кӯдакони синни томактабӣ (аз 2 то 7-сола) дараҷаҳои зерини инкишофи муносибати байни якдигар мушоҳида карда мешавад:

**Дараҷаи якум** — дараҷаи аз ҳама паст — аз рафтори номуташаккил иборат аст, ки дар он кӯдак ҳоло бо бозичаҳо бозӣ карда наметавонад, барои диққаташро ба онҳо пурра ҷалб кардан оҷиз аст, инчунин ҳоло бо дигар кӯдакҳо муносибат карда наметавонад, намефаҳмад ки рафиқонаш бозӣ мекунанд ва ба онҳо халал расондан, бозии дигаронро вайрон кардан мумкин нест.

**Дараҷаи дуюм** — бозии яккаву танҳо, вақте ки кӯдак бозичаро гирифта бозӣ мекунад, муддате бо бозии худ овора асту дар ӯ ҳоҳишу рағбати бо дигарон ҳамроҳ бозӣ кардан вуҷуд надорад.

**Дараҷаи сеюм** — дар наздикии дигар бачаҳо бозӣ кардан, вақте ки кӯдак на танҳо худаш бо бозича дуруст бозӣ мекунад ва муддате бо ин бозӣ овора мешавад, балки ба дигарон ҳам халал намерасонад. Ин хел кӯдак одатан бозию материалҳои дигаронро намегирад, ҷои онҳоро ишғол намекунад, балки дар наздикии онҳо истода бозӣ мекунад.

**Дараҷаи чорум** — дар он кӯдакҳоеро мебинем, ки онҳо худашон бозӣ карда метавонанд, ба бозиҳои оммавӣ иштирок мекунанд, бо бачаҳои дигар ҳар хел муносибат карда метавонанд. Муносибати кӯдакон дар вақти бозӣ, аввал кӯтоҳмуддат мешавад ва амалиёти якҷоя бештар дар ҷое зоҳир мегардад, ки он моҳиятан дар хусусияти худи бозӣ мавҷуд аст (масалан, яхмолакбозӣ, аробасаворӣ, аспакбозӣ, ба якдигар тӯбпартоӣ ва ғ. ва ё аз тарафи мураббия талқин карда мешавад («ту борро ба машина бор кун, ту борро кашон»). Баъдҳо дар заминаи манфиатҳои умумии онҳо нисбат ба мазмуни бозӣ, дар асоси масъалаҳои баҳснокро якҷоя ҳал карда тавонистан, муносибати байни якдигарии кӯдакон бардавомтар мешавад (баъзеҳо ба бозии сохтмон муттаҳид мешаванд, баъзеи дигаронро ҳавасмандӣ ба шашкаю шоҳмот муттаҳид мекунад). Билохир, муносибати байни бачаҳо бо амалиёти якҷояи онҳо дар асоси майлу ҳусни таваҷҷӯҳи нисбат ба якдигар доштаи кӯдакон муайян мегардад. Ин хел бачаҳо ҳамеша ва дар вақти ҳар гуна бозӣ бо якдигар ҳамроҳ буда, ба якдигар илтифот мекунанд, манфиат ва хоҳиши рафиқашонро ба эътибор мегиранд, бо иттифоқ ва дӯстона бозӣ мекунанд.

Инкишофи дараҷаҳои дар боло зикрьёфтаи муносибати байни кӯдакон дар мавриди бозӣ ба синни онҳо вобаста аст: се дараҷаи аввал бештар дар кӯдакони хурдсол вомехӯрад, вале амалиёти дутарафа дар бозиҳои якҷоя — дар кӯдакони синни калони томактабӣ вомехӯрад.

Вале дар мавриди роҳбарии дурусти педагогӣ, кӯдакони хурдсол малакаи дар бозиҳои умумӣ иштирок карданро пайдо ме-

кунанд, бо гурӯҳи на он қадар калони рафиқонашон бозӣ кардан ва ҳамроҳ амал карданро ёд мегиранд ва баръакс, дар шароити номусоид, дар мавриди роҳбарии ғайриқаноатбахш ҳатто бачаҳои панҷ-шашсола ҳам дуру дароз бозӣ карда наметавонанд, мустақилона бо ҳамдигар маслиҳат карда, муносибати зарурии байниякдигариро ҷорӣ ва ба қоидаҳои бозӣ риоя карда наметавонанд.

Дар гурӯҳи омехта бозии кӯдакон назар ба гурӯҳҳои дигари муқаррарӣ метавонад шавқовартар ва бомазмунтар гузарад. Муносибати байни якдигарии кӯдакони синнашон гуногун, чунон ки дар боло зикр карда шуд, бисьёр ҷиҳатҳои мусбат дорад. Ин хусусан барои кӯдакони хурдсол нафънок аст. Вале, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, муносибати дурусти байни кӯдакони синни гуногун дар он ҷое беҳтар ташаккул меёбад, ки барои қонеъ гардонидани талабот ва шавқу завқи ҳамаи кӯдакон шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд, мураббия ба ташкилу рафти бозии онҳо фаъолона таъсир мерасонад, фикр карда мебарояд, ки дар кадом бозӣ киро бо кӣ ҳамроҳ кардан беҳтар аст, кадом тарзҳои амалиёти якҷоя ва муносибати байни якдигарии кӯдаконро ташаккул додан лозим аст, дар вақти бозӣ ба кадом ҷиҳатҳои мусбати рафтори кӯдакон такья кардан лозим, кадом ҷиҳатҳои манфиро пешгирӣ кардан даркор аст.

## МАВҚЕИ БОЗӢ ДАР РЕЖИМИ РӮЗ

Бозиҳои хуб ташкилшуда яке аз шартҳои зарурии дуруст ба роҳ мондани кори тарбиявӣ мебошад. Бозӣ дар программа на танҳо чун воситаи тарбиявию таълимӣ, балки ҳамчун шакли ташкили ҳаёти кӯдакон дар боғчаи бачагон ҳисобида мешавад, бинобар ин ба ӯ дар қатори дигар шаклҳои фаъолияти кӯдакон ҷои махсус дода шудааст.

Бозӣ ба мисли процесси хӯрокхӯрӣ, гимнастика, машғулият ва ғ. ба тартиби рӯзи кӯдакон дохил карда шуда, ба вай дар давоми тамоми рӯз вақтҳои муайян ҷудо карда шудааст пагоҳирӯзӣ то ноништа ва баъди он; дар мобайни машғулиятҳо; дар вақти сайру гашти рӯзона; бегоҳирӯзӣ, дар дохили бино ва дар ҳавои кушод. Дар гурӯҳи омехта қисми кӯдакон дар вақти машғулият ҳам дар дигар гурӯҳча бозӣ мекунанд. Ҳамаи кӯдакон дар давоми рӯз метавонанд аз се то чор соат бозӣ кунанд.

Мураббия, мудири боғчаи бачагон ва тамоми хизматчиён бояд процесси педагогиро чунон ба роҳ монанд, ки вақти барои бозӣ ҷудошуда бо ҳеҷ чораҷӯии дигар иваз карда нашавад ва дар ҳар як гурӯҳ барои бозиҳои ҳархелаи кӯдакон ҳамаи шароитҳои мусоид муҳайё карда шаванд.

Ҳамаи давраҳои бозиро аз ҷиҳати педагогӣ дуруст ташкил

кардан муҳим аст[1]. Ин чунин маънӣ, дорад, ки вазифаҳои тарбиявии ҳар як давраро хуб фаҳмидан лозим, ҳаёти бачаҳои синни гуногунро дар шакли бозиҳои ҳархела, ки пурмазмун ва аз ҷиҳати педагогӣ ба мақсад мувофиқ бошанд, ташкил кардан даркор аст, барои кӯдакон ба вуҷуд омадан ва пойдор шудани хислату рафтори матлуб, муносибати дурусти байни якдигар, амалиёту рафтори неки онҳо дар байни ҳамсолонашон, инчунин дар мавриди бозӣ бо бачаҳои аз худашон хурд ва ё бо рафиқони калонсоли ҳамгурӯҳи худ шароити мусоид ба вуҷуд овардан лозим аст.

Вазифаи асосии тарбиявии п а г о ҳ и р ӯ з ӣ — ин муайян намудани шавқу ҳаваси кӯдакон дар интихоби бозӣ ва шарикон, инчунин ҳавасманд кардани онҳо ба бозиҳо мебошад. Мувофиқи ин ба кӯдакон имконият додан лозим аст, ки бо бозиҳои дилхоҳи худ машғул шаванд. Кӯдакони хурдсол дар ин вақт мехоҳанд бо регу об, бо аробачаю мошин ва ғайра бозӣ кунанд. Кӯдакони калонсол барои бозиҳои сюжетию ролӣ, сохтмонбозӣ ва баъзе бозиҳои дигари спортӣ ғун мешаванд.

Бозиҳоеро, ки пеш аз машғулият мегузаранд, бо хусусияти машғулияти дар пешистода вобаста кардан зарур аст: агар машғулияти нишаста гузаронда мешудагӣ дар пеш бошад, кӯдаконро ба бозиҳои серҳаракат водор кардан лозим ва агар машғулиятҳои мусиқӣ ва физкультурӣ дар пеш бошанд, онҳоро ба бозиҳои оромона машғул доштан ба мақсад мувофиқ аст. Агар ин гуна машғулият дар як гурӯҳча сар шуда бошад ва ё пурра гузаронда мешуда бошад, бозии дигар гурӯҳча низ бояд оромона гузарад. Ҳамаи кӯдакон бояд донанд, ки кадом бозичаҳоро истифода кардан мумкину кадомашро мумкин не. Дар марҳилаи аввал, то даме, ки кӯдакон ин қоидаро ёд нагирифтаанд, бозичаҳои сершавқунро ба онҳо додан лозим нест.

Б о з и ҳ о и б а й н и м а ш ғ у л и я т ҳ о ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки онҳо дам гиранд. Бозиҳои ҳаракатнок, сурудхонӣ, сӯжетию ролӣ он вақт ба дамгирии кӯдакон мусоидат мекунанд, ки онҳо зуд анҷом ёфта, кӯдакон имконияти ба машғулияти оянда оромона тайёр шудан пайдо менамоянд.

В а қ т и с а й р у г а ш т давраи аз ҳама давомноки бозӣ (аз як соат то як соату 30 дақиқа) ба шумор меравад, бинобар ин бозиҳои ҳархела ташкил намудан, онҳоро иваз карда истодан зарур аст, ғамхорӣ кардан лозим аст, ки кӯдакон бисьёртар дар ҳаракат бошанд ва бо хоҳиши том ба ҳавои кушод бароянд (хусусан дар ҳавои хунук). Барои ҳамин зарур аст, ки дар фаслҳои гуногуни сол дар участкаи боғча материалҳои ҳархела: бозичаҳои калон, материалҳои табиат, таҷҳизот барои бозиҳои сюжетию рольдор ва ғ. мавҷуд бошанд.

---

[1] Дар ин хусус маълумоти муфассалро дар китоби Усова А. П. «Роль игры в воспитании детей». М., 1976, саҳ. 74—85 хоҳед ёфт.

Бозиҳои шабона бояд ба мукаммалтар намудани шавқу завқи кӯдакон равона карда шаванд. Дар ин вақт кӯдакон метавонанд бозиҳои сюжетию ролии пагоҳӣ сар кардаашонро давом диҳанд ё навашро сар кунанд. Педагог ба ташкили бозиҳои сюжетдору драмавӣ ва рӯистолӣ ёрӣ мерасонад ва ғ.

Дар нимаи аввали ҳамин давра, вақте ки мураббия бо як қисми кӯдакон машғулияти бегоҳирӯзӣ мегузаронад, ба бачаҳои дигар таклиф кардан лозим аст, ки бо бозичаҳо ва материалҳои дидактикӣ, лото ва бозичаҳои омехта ва ғайра машғул шаванд. Баъди машғулият бо бачаҳои синни гуногун ва ҳатто бо тамоми гурӯҳ бозиҳои ҳархела гузарондан мумкин аст.

Ба ҳамин тариқ, роҳбарии педагогӣ ба ҳаёти кӯдакон ва ташкили бозии онҳо аз мураббия одоби педагогӣ, маҳорати дар сари вақт фаҳмидану ба ҳисоб гирифтани майлу хоҳиш ва ният у орзуи бевоситаи кӯдак, инчунин эҳтиром кардани шахсияти онро талаб мекунад. Ба фаъолияти кӯдакон дар бозӣ роҳнамоӣ карда, мураббия имконият пайдо мекунад, ки хислатҳои шахсии кӯдаконро равшантар бинад, фаҳмад ва ба ҳисоб гирад, усулҳои мувофиқтари таъсиррасонии педагогиро ёбад, таҷрибаи шахсӣ ва ҷамъиятии кӯдакро пурратар кунад, онро такмил диҳад. Бояд дар хотир дошт, ки ҳатто кӯдаки хурдсол аллакай шахси фаъол буда, муносибати худро нисбат ба муҳити атроф зоҳир менамояд.

## ХУСУСИЯТИ ИНТИХОБ НАМУДАН ВА ҶО БА ҶО ГУЗОШТАНИ БОЗИЧАҲО ВА АСБОБИ БОЗӢ

Дуруст интихоб намудан, оқилона ҷо ба ҷо гузоштан ва самаранок истифода кардани бозичаҳо ва асбоби бозӣ шарти муҳими ташкил намудани бозии пурмазмуни кӯдакон дар гурӯҳи синну соли гуногун мебошад.

*Ба ҳайати воқеии кӯдакони гурӯҳ мувофиқ будани бозичаҳо ва асбоби бозӣ принципи асосии интихоб намудани материали бозӣ мебошад.* Ин чунин маънӣ дорад, ки масалан, дар гурӯҳи хурду миёна бояд он бозичаҳое бошад, ки барои кӯдакони 3—5-сола таъин шудаанд, дар гурӯҳе ки кӯдакони аз 3 то 7-сола тарбия мегиранд, навъҳои материали бозӣ бояд ҳамаи бачаҳоро қонеъ гардонад.

Бозичаҳо ва материалҳои бозиро дар ҷойҳои гуногуни хонаи гурӯҳ ҷо ба ҷо гузоштан беҳтар аст. Агар шароити бино имконият диҳад, барои бозии хурдсолон гӯшаи алоҳида ва барои кӯдакони калонсол низ ҷой ҷудо кардан даркор аст—барои бозиҳои сюжетию рольдор алоҳида, барои бозиҳои болоистолӣ ва «конструкторҳо» алоҳида. Масолеҳи бинокориро ба ду ҷой мемонанд: барои хурдсолон шаклҳои калону оддӣ; барои кӯдакони калонсол—ғайр аз ин шаклҳои мураккабтар, гуногунхелтару майдатар.

Бозичаҳои кӯдакони хурдсолро дар болои рафчаҳо ва ё ҷевончаҳои кушод, дар қабати поёни он мондан лозим, то ки онҳо бозичаҳоро ба осонӣ гирифта тавонанд, бозичаҳо ҳамеша дар пеши назари кӯдакон буда, дар онҳо хоҳиши бозӣ карданро ба вуҷуд меоранд. Вале бозичаҳои кӯдакони калонсолро дар ҷевони руст мондан мумкин аст, зеро онҳо бозию машғулияти худро кай ва чи хел хоҳанд ташкил кардан намегиранд, балки аз рӯи фикру мақсади пешакӣ маслиҳатшуда мегузоранд: кӯдакон пешакӣ маслиҳат мекунанд, ки кадом бозиро карданианд ва барои ин кадом бозичаҳо лозиманд.

Ба гурӯҳҳо тақсим кардани бозичаҳо шартӣ мебошанд. Ба ин ё он гурӯҳ асосан он бозичаҳо ва асбобҳои бозӣ вобаста карда мешаванд, ки барои дигарон мувофиқ нестанд, ба онҳо мураккаб ва нофаҳмоанд ва ё, баръакс, аз ҳад зиёд содда менамоянд.



Расми 7. «Бозичаҳои мо ана ҳамин тавр нигох дошта мешаванд».

Бозичаҳои дигар умумианд. Ҳангоми истифодаи бозичаҳо «инаш мумкин, ваяш мумкин не» гуфта, қатъӣ манъ кардан лозим нест, вале дар ҷараёни бозӣ ва ба он роҳбарӣ кардан бачаҳоро одат кунонидан лозим, ки худашон барои бозии мекардагиашон материалҳои зарурии таъиншударо интихоб ва истифода карда тавонанд.

Ба гурӯҳ ҷудо карда шудани бозичаҳо ва асбобҳои нави бозӣ аз ҷиҳати педагогӣ лаҳзаи муҳим аст. Пеш аз бозичаю асбобҳои бозиро ба кӯдакон додан, мураббия бояд худаш бо он-

ҳо хубтар шинос шавад, муайян кунад, ки онҳо барои кадом синну сол таъин шудаанд, худаш бозичаҳоро кор фармуда бинад, тарзу усулҳои гуногуни истифодаи онҳоро муайян кунад. Бисьёр вақт ягон қисми материали бозиро гирифта монда, онро соддаю осонтар кардан ва ё, баръакс, ба қоидаю шароити он ягон чизи нав дохил кардан лозим меояд. Пеш аз сар шудани бозӣ тарзу усули бозӣ ё бозичаро ба кӯдакон нишон дода, диққати онҳоро ба вай ҷалб кардан лозим, номи онро гуфта, чи хел бозӣ карданро нишон додан даркор, сонӣ гуфтан лозим аст, ки вай барои кадоме аз кӯдакон таъин шудааст ва онҳо якчанд бор ҳамроҳ бозӣ карда, баъди бозӣ, бозичаҳо ва асбоби бозиро ба куҷо монанд. Дар оянда дуруст истифода шудани бозичаи навро назорат кардан даркор аст.

Бозичаҳоро сари чанд вақт иваз мекунанд, ба як вақти муайян ба дигар ҷой гирифта мемонанд, то ки дар мавриди мувофиқ боз онҳоро ба кӯдакон диҳанд. Он гоҳ шавқу ҳаваси кӯдакон ба бозичаҳо паст намешавад: кӯдакон онҳоро ҳамчун бозичаҳои нав қабул мекунанд.

То саршавии соли хониш бозичаҳои кӯҳнаро дуруст кардан, навашро харидан лозим (умуман роҳ додан мумкин нест, ки кӯдакон аз бозичаҳои шикаста ва китобҳои дарида истифода баранд). Маслиҳат дода мешавад, ки дар рӯзҳои аввали сентябрь бо кӯдакон суҳбат карда, гуфтан лозим аст, ки онҳо акнун хеле калон шудаанд (хурдсолҳо ба гурӯҳи миёнсолҳо гузаштанд, кӯдакони миёнсол акнун ба қатори бачаҳои калонсол мегузаранд ва ғ.) ғайр аз ин ба гурӯҳ бачаҳои нав омаданд. Баъд хотирнишон кардан лозим аст, ки барои бачаҳои калонсол ва хурдсолҳо чӣ гуна бозичаҳо мавҷуданд ва аз онҳо чи хел истифода кардан ва онҳоро чӣ тавр нигоҳ доштану эҳтиёт кардан даркор аст.

Ба туфайли кори тарбиявии оқилона кӯдакон ба тартиботи ҷоришуда одат мекунанд, бозичаҳо ва асбобҳои бозии худро аз худ мекунанд, дар вақти бозӣ ба рафиқони худ халал намерасонанд, бозичаҳоро мувофиқи таъинот, яъне ба синну солашон нигоҳ карда истифода мабаранд.

## РОҲБАРИИ ПЕДАГОГӢ БА БОЗИҲОИ СЮЖЕТНОКУ РОЛЬДОР

Бозиҳои сюжетноку рольдор, сохтмонӣ ва ғайра намуди асосии фаъолияти мустақилонаи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Мураббия бояд ба бозиҳо диққати доимӣ диҳад, доимо ва ботамкинона роҳбарӣ кунад, ба тамоми гурӯҳ ва ҳар як гурӯҳчаи синну соли гуногун барои бозиҳои ҳархелаи эҷодкорона шароит муҳайё намояд.

Дар бозиҳои сюжетноку рольдор, сохтмонӣ ва аз панҷсолагӣ сар карда, дар бозиҳои драмавӣ, кӯдакон ҷиҳатҳои гуногуни

ҳақиқати атрофро инъикос мекунанд ва дар ҳар мавриди муайян ин корро бо роҳҳои ба худ хос ба ҷо меоранд. Мазмуни асосии бозиҳои сюжетноку рольдор аз инъикос намудани рафтор ва муносибати байни якдигарии одамон дар процесси меҳнат, истироҳат ва ғайра иборат аст. Кӯдакон дар вақти бозӣ ба худ роли одами калонсолро мегиранд ва мувофиқи ҳамин роль амал мекунанд. Дар бозиҳои сохтмонӣ аз масолеҳи бинокорӣ сохтани асбобу анҷоми рӯзгор, биноҳои ҷамъиятӣ, нақлиёт ва дигар чизҳои ба кӯдакон шинос ва шавқовар-маҳсули ранҷи дасти калонсолон-чизҳои асосӣ ҳисоб меёбанд. Дар бозиҳои драмавӣ дар заминаи донистани матни адабӣ кӯдакон аз номи персонажҳои афсонавӣ ва қаҳрамонии китобҳои бачагона гап мезананд, амал мекунанд, ба онҳо тақлид менамоянд.



Расми 8. «Доктор, бачаҳои моро муолиҷа кунед...»

Истифода бурдани намудҳои гуногуни бозиҳои эҷодӣ фаъолияти дар вақти бозӣ зоҳир мекардагии кӯдакро умуман ва дар ҳар як намуди бозӣ бой мегардонад. Масалан, бозии сюжетноку рольдор он вақт шавқовар, дурудароз ва пурмазмунтар мешавад, ки агар дар рафти бозӣ бачаҳо аз масолеҳи бинокорӣ биноҳои даркорӣ созанд ва ё дар вақти мувофиқ бозии драмавиро ҳамроҳ кунанд.

Дар ин гуна бозиҳо таъсири тарбиявӣ ба воситаи мазмуни бозӣ, роль ва муносибатҳои ба он роль доштаи бозигарон гузаронда мешавад. Масалан, кӯдак дар бозӣ роли модарро иҷро карда, ба бачаҳояш ғамхорӣ мекунад, дар роли командири

киштӣ шуҷоату далерӣ ва қобилияти зуд ва саҳеҳу равшан команда доданро зоҳир мекунад. Кӯдакон меҳнати калонсолон-ошпаз, духтур, мураббияро нишон дода, ҷиҳати ҷамъиятии онро равшантар тасаввур мекунанд, ҳис менамоянд, зеро кӯдак дар рафти бозӣ барои касе хӯрок тайёр мекунад, касеро муолиҷа мекунад, мехононад.

Барои он ки бозиҳои мустақилонаи бо ҳамсолонашон, бо рафиқони хурдсол ё калонсолашон мекардагии кӯдакон, ба роҳи дуруст равона карда шавад, мураббия бояд вазифаҳои программавиро хуб донад. Масалан, бачаҳои 3—4-соларо ба иҷро намудани якчанд амалиёти пай дар пай водор кардан лозим (лӯхтакҳо кор мекунанд, сайр мекунанд, хӯрок мехӯранд, хоб мераванд). Кӯдакони 4—5-соларо водор кардан лозим аст, ки онҳо натанҳо ҷиҳатҳои зоҳирии амалиёти калонсолонро, балки муносибати онҳоро ба атрофиён низ инъикос намоянд (муносибати ғамхоронаю меҳрубононаи модар ба духтар, хушмуомилагии фурӯшандаю харидор).

Дар бозиҳои бачаҳои панҷ-шашсола муваффақ шудан лозим аст, ки кӯдакон ҳодисаҳои мураккабтар ва воқеаҳои муҳимми ҷамъиятиро инъикос кунанд. Ба бачаҳои ҳафтсола ёд додан лозим аст, ки таассуроти бевосита ва дониши аз ҳаёти ҳаррӯза гирифтаи худро бо таассуроту дониши аз дигар манбаъҳо (адабиёти бадеии бачагона, гуфторҳои радио, намоишҳои телевизион, кинофильмҳо ва ғ.) гирифтаашон вобаста карда тавонанд.

Педагог кӯдаконро мунтазам ва мувофиқи мақсад бо муҳити атроф шинос мекунад, машғулиятҳои шавқовар мегузаронад, ба онҳо китоб хонда медиҳад, бисьёр ҳикояю наклҳо мекунад, диққати кӯдаконро ба факту воқеаҳои равшану барҷастаи ҳаёти одамони советӣ ҷалб мекунад, ки аз ин бозиҳои сюжетноку рольдор, сохтмонӣ ва дигар бозиҳои эҷодӣ пурмазмуну шавқовар мешаванд.

Ҳаҷми талабот нисбат ба бачаҳои синну соли гуногун, афзудани он талабот аз гурӯҳи хурдсолон то калонсолон дар рафти ба амал баровардани вазифаҳои программавӣ ҳам, ки ба инкишофи тасаввуроти кӯдакон нигаронида шудааст, бояд ҳамеша дар маркази диққат бошад. Аз амалиёти оддии ба ягон кас тақлид кардан ва ягон сюжети соддаро хаёл карда баромадан (кӯдакони 2—3-сола), оҳиста-оҳиста кӯдаконро (4—5-сола) ба хаёл карда баромадани бозии шавқовар, пас аз он ба инкишофи ташаббус ва тасаввуроти эҷодӣ ҳидоят кардан, якҷоя фикр карда баромадан ва ба амал баровардани нияти коллективона (6—7-сола) — ҷиҳати хеле муҳимми кор аст.

Дар «Программаи тарбия дар боғчаи бачагон» вазифаҳои дар бачаҳо ташаккул додани муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар онҳо инкишоф додани қобилияти мустақилона ташкил карда тавонистани бозиҳо пешбинӣ шудааст, яъне бачаҳо бояд худашон мавзӯъ ва сюжети бозиро интихоб карда гиранд, бо рафиқони

ҳамгурӯҳашон дар хусуси дар вақти бозӣ якҷоя амал кардан аҳду паймон карда тавонанд, рольҳоро байни якдигар одилона тақсим карда, мувофиқи он амал кунанд, муттафиқона бозӣ кунанд ва ғ. Бачаҳо маҳз дар бозиҳои сюжетноку рольдор аввалин мактаби ҳаёт ва фаъолиятро дар ҷамъияти кӯдаконаи худашон аз сар мегузаронанд ва дар кори бо дигар бачаҳо муносибат кардан, малакаҳои амалӣ пайдо мекунанд, таҷрибаи якҷоя амал карданро меомӯзанд.



Расми 9. «Ҳозир дуруст мекунему меравем».

Дар рафти иҷрои вазифаи тарбияи кӯдакон дар ҷараёни бозӣ ба мураббия зарур аст, ки ғайр аз хуб донистани программа фаъолият, маҳорат ва шавқу завқи ба бозӣ доштаи кӯдаконро нағз омӯзад, муносибати байни ҳамдигарии кӯдакони синнашон гуногун, инчунин мавқеи дар бозии коллективӣ ишғол мекардагии ҳар як кӯдакро бинад.

Агар ба ин аҳамияти зарурӣ дода нашавад, мумкин аст, бачаҳои калонсол хурдсолонро ранҷонанд, ба онҳо нохайрхоҳона муносибат кунанд, ба ҳоҳишҳояшон мамониат намоянд. Бачаҳои калонсол баъзан ба бозиҳои худ хурдсолонро шарик кардан намехоҳанд, зеро онҳо бозиро дуруст намедонанд, баробари калонсолҳо бозӣ карда ва ё хуб сохта наметавонанд. Низоъ ва ихтилоф дар он сурат низ метавонад ба вуҷуд ояд, ки бачаҳои калон хурдсолҳоро барои ҳамроҳ бозӣ кардан даъват мекунанд, вале на ҳама вақт қуввату имконияти онҳоро ба ҳисоб мегиранд. Ғайр аз он доимо бо хурдтаракон ҳамроҳ буда-

ни кӯдакони калонсол (дар амалия тамоили ҳарҷониба дастгирӣ кардани бозиҳои якҷояи бачаҳои синну солашон гуногун мавҷуд аст) ба инкишофи кӯдакони калонсол таъсири номатлуб мерасонад, боиси маҳдудуяти шавқу завқи онҳо мегардад, бозиҳои дилхоҳ ва ба худашон мувофиқу маъқулро карда наметавонанд ва ғ.

Дар мавриди роҳбарӣ намудан ба бозиҳои кӯдакони синнашон гуногун, ки дар як гурӯҳ тарбия мегиранд, кӯшиш кардан лозим аст, ки кӯдакҳо на танҳо барои бозиҳои гуногуни эҷодӣ имконият дошта бошанд, балки ба он бозиҳо бо тарзҳои гуногун муттаҳид шуда ҳам тавонанд. Дар гурӯҳи омехта бозии кӯдакони як синро, ки шавқу завқ ва имкониятҳои хеле наздик доранд, инчунин барои усулҳои бо якдигар муносибат пайдо кардан, онҳоро ҳарҷониба дастгирӣ ва эҳтиёт кардан лозим аст; бозиҳои якҷояи кӯдакони синнашон гуногунро, ки ҳам аз ҷиҳати тарбиявӣ, ҳам барои калонсолон фоиданок аст, ҳарҷониба дастгирӣ кардан ва инкишоф додан лозим аст. Бозиҳо, ба вазифаҳо ва хусусияташон нигоҳ карда, метавонанд индивидуалӣ бошанд, ё ба гурӯҳчаҳои хурд (2—4 кас) тақсим карда, ё мувофиқи гурӯҳҳои синну сол (алалхусус бозиҳои қоиданоки дидактикӣ ва дар ҳавои кушод) ва ё баъзан бо иштироки бачаҳои тамоми гурӯҳ гузаронида шаванд.

## ТАШКИЛИ БОЗИИ КӮДАКОНИ ЯК СИННУ СОЛ

Чуноне ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, мураббияҳои гурӯҳҳои омехта дар мавриди роҳбарӣ кардан ба бозиҳои кӯдакони як синну сол он қадар душворӣ намекашанд. Ин фаҳмост: дар «Программаи тарбия дар боғчаи бачагон» ва дар нишондодҳои методии он, инчунин дар дигар васоитҳо муфассал нишон дода шудааст, ки хусусияти бозии бачаҳои ҳар як синну сол аз чиҳо иборат аст, дар рафти бозии кӯдакони синни томактабӣ кадом вазифаҳоро ҳал кардан лозим, ба бозиҳои сюжетноку рольдор чӣ тавр бояд оқилона роҳбарӣ кард ва дар ин маврид ба фаъолият ва ташаббуси эҷодии кӯдакон чӣ хел такья кардан ва дар айни замон чӣ тавр бозиҳоро чун восита ва шакли кори тарбиявӣ истифода бурдан даркор аст.

Бозиҳои сюжетноку рольдор, сохтмонӣ ва дигар бозиҳои эҷодии бачаҳо бисьёр ҷиҳатҳои умумӣ доранд, бинобар ин дар шароити гурӯҳи синну соли гуногун муайян кардан душвор аст, ки кадомаш танҳо барои хурдсолону кадомаш барои бачаҳои калонсол таъин шудааст.

Дар бисьёр бозиҳои эҷодӣ бачаҳои синну солашон гуногун иштирок карда метавонанд ва дар вақти, ба ҳар кӯдак мувофиқи имконияташ роль ва мавқеи он муайян карда мешавад (масалан, оилабозӣ, боғчабозӣ, нақлиётбозӣ ва ғ.). Ба ҳар ҳол мураббия бояд бозии кӯдакҳои ҳамсолро бодиққат назорат кунад,

дар он хусус ғамхорӣ кунад, ки бачаҳо сюжет ва тарзи амалиёти худро дар бозӣ хуб азхуд кунанд, мураббия бояд муайян кунад, ки кадом рольҳо барои хурдсолон муҳим асту кадомашон— барои бачаҳои калонтар.

*Дар гӯруҳи омехта ба бозии хурдсолон диққати махсус додан лозим аст,* зеро ки дар соли сеюм ва чоруми ҳаёти кӯдак бозии сюжетноку рольдор танҳо акнун ташаккул меёбад ва бинобар ин, инкишофи минбаъдаи бозии кӯдакон аз бисьёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки кӯдак дар ин солҳо чиро ёд мегирад, ба чӣ ноил мешавад. Пеш аз ҳама, ғамхорӣ кардан лозим аст, ки барои бозии кӯдакони хурдсол дар қисми ороми хона ҷой ҷудо карда шавад, инчунин барои интихоб намудан ва дуруст ҷо ба ҷо гузоштани бозичаҳои зарурӣ, ғамхорӣ кардан зарур аст.

Агар дар гурӯҳ хурдтаракон бисьёр бошанд, барои бозии онҳо дар ҷойҳои гуногуни хона ду-се гӯша ҷудо кардан лозим аст. Дар айни ҳол ҳарҷониба фикр карда баромадан даркор аст, ки дар вақти машғулияти кӯдакони калонсол хурдсолон бояд дар кучо бозӣ кунанд, то ки ба калонсолон халал нарасонанд ва дар мавриди зарурӣ оромона ба процесси режимии навбатӣ гузаранд (тайёрӣ ба сайру гашт).



Расми 10. «Ширро хӯред. Ман боз медиҳам».

Интихоби бозичаҳо аз рӯи хелҳояшон набояд мураккаб бошад, вале матлуб аст, ки бозичаҳо калон ва якчанд нусха бошанд (якчанд-то лӯхтаку мошинчаҳои якхела ва ғайра). Ин имконият медиҳад, ки якчанд бачаҳо дар як вақт ҳамаашон ба

як хел бозӣ машғул шаванд; маълум аст, ки кӯдакон ба якдигар тақлид карданро дӯст медоранд.

Барои бозии кӯдакон бозичаҳои сюжетӣ (лӯхтакҳо, хирсчаҳо, ҳаргӯшчаҳо ва ғ.), мебели барои лӯхтакҳо муносиб, косаю табақҳои ҳархела, комплекти кӯрпачаю болиштчаҳои лӯхтак заруранд. Бачаҳо боғчабозӣ, духтурбозӣ, сартарошбозӣ ва амсоли инро дӯст медоранд, бинобар ин асбобу анҷоми зарурии ин бозиҳо, инчунин асбобҳои духтурӣ, мусиқанавозӣ ва ғайраро доштан лозим аст. Одатан дар вақти бозиҳои сюжетноку рольдор хурдтаракон дар рӯи хона бисьёр ҳаракат мекунанд, бинобар ин мавҷуд будани хелҳои гуногуни мошин (беҳтараш мошинҳои чӯбин), аробачаи лӯхтак, аробачаҳои дучархаи боркашонӣ, занбарғалтакча ва ғайра зарур аст. Агар дар гурӯҳ баъзе қисмҳои сарулибос, аз қабили қарсча, пешдоманча, «тоқиҳои» ҳайвонҳо мавҷуд бошанд, бисьёр хуб аст. Хурдтаракон дар вақти бозӣ ороста шудан, ба худашон ва ба рафиқонашон пӯшондани тоқича, бастани қарсча ва монанди инҳоро дӯст медоранд. Барои бозиҳои сохтмонӣ бояд хелҳои гуногуни хиштча ва шаклҳои калонтари масолеҳи бинокории Агапова мавҷуд бошад.

Аз мураббия талаб карда мешавад, ки вай ба бозиҳои кӯдакон фаъолона ва бевосита роҳбарӣ кунад, худаш ҳам иштирок намояд.

Мураббия метавонад аз чунин тарзҳои самараноки кор аз қабили бо ҳамроҳии кӯдакҳо дар бозӣ иштирок кардан («Биё, ҳардуямон ба лӯхтак хӯрок медиҳем», «Биё либоси лӯхтакро ҳамроҳ мекашем») ва нишон додани тарзи бозӣ бо бозичаҳо («Ман бо харгӯшча бозӣ кунам, ту нигоҳ кун») истифода барад. Барои он ки кӯдакон тарзҳои ҷудогонаи бозиро (муолиҷа кардан, хӯрондан, хобондан) ёд гиранд, ба онҳо бозичаҳои гуногунро пешниҳод кардан лозим аст (масалан, хӯрондани лӯхтак, харгӯшча, хирсча ва ғ.). Баъд дар солҳои чоруму панҷуми ҳаёти кӯдакон мураббия оҳиста-оҳиста ба онҳо ёд медиҳад, ки худашон сюжети бозиро хаёл карда бароранд. Барои ин ӯ амалиёти одам ва амалиёти конкретии ӯро м у ш о ҳ и д а мекунад (шофёр мошинро ба кор меандозад, дари ӯро мекушояд, ба паси руль мешинад, мошинро тоза мекунад ва ғ; мураббия кӯдаконро ба наздаш ҷеғ мезанад, мешинонад, ба онҳо китоб хонда медиҳад, назорат мекунад, ки кӯдакон ӯро гӯш кунанд). Бештар бозии кӯдакони калонсолро ҳамчун намуна истифода бурдан лозим аст. Бо ҳамроҳии хурдсолон бозии кӯдакҳои калонсолро мушоҳида карда, ба онҳо гуфтан лозим аст, ки рафиқони калонсолашон чӣ бозӣ карда истодаанд, кадом рольро иҷро менамоянд, чӣ кор мекунанд ва г. Хурдсолон мебинанд, ки кӯдакҳои калонсол хонаю поездро чӣ тавр сохта истодаанд, бозии машғулияти мусиқиро чи гуна иҷро мекунанд. Дар онҳо хоҳиши дар бозии калонсолҳо иштирок кардан пайдо мешавад. Хурдсолон ба кӯдакони калонсол тақлид мекунанд, усули бо-

зиҳои гуногун ва тарзи бо рафиқони ҳамбозӣ муносибат карданро ёд мегиранд.

Барои инкишофи бозии сюжетноку рольдори кӯдакони хурди синни томактабӣ *бозиҳо-машғулиятҳо* дорои аҳамияти муҳим мебошанд. Ин машғулиятҳоро мураббия метавонад ҳам дар вақти омӯзиши муташаккилона ва ҳам дар вақти фаъолияти мустақилонаи кӯдакон гузаронад (дар гурӯҳи омехта ташкили бозӣ-машғулиятҳоро ба кӯдаки калонсол дар зери назорату мушоҳидаи мураббия супоридан мумкин аст). Дар адабиёти дахлдор (Е. И. Тихеева, Р. И. Жуковская ва дигарон) тарзи ташкили бозиҳо-машғулиятҳо баён карда шудаанд, ки онҳоро дар гурӯҳҳои омехта бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст. Масалан, Р. И. Жуковская[1] як қатор тарзу хелҳои лӯхтакбозиро тавсия мекунад «Машенька бедор шуд», «Ба лӯхтак чӣ медиҳем», «Шустани сару либосу лӯхтак», «Барои лӯхтак хона месозем» ва ғ.). Дар ин бозиҳо мураббия якчанд тарзу усули пай дар паи бозиҳоро, ки байни якдигар бо як риштаи ҷараёни зиндагӣ пайваст мебошанд, нишон медиҳад. Чунончи дар бозӣ-машғулиятҳо «Машенька бедор шуд» кӯдакон ба лӯхтак «Саломи пагоҳӣ» мегӯянд, либосҳои ӯро паси ҳам, бо тартиб мепӯшонанд, дастурӯяшро мешӯянд ва хӯрок медиҳанд. Ин бозиҳо барои ба вуҷуд омадани бозиҳои сюжетноку рольдор таъсири мусбат мерасонад, роҳи ба вуҷуд овардан ва ба амал баровардани сюжети на онқадар мураккабро нишон медиҳад. Ғайр аз ин хурдсолон дар ин ҷо ба лӯхтак, ба «духтарчаи худ», яъне ба одами хурдакак чӣ тавр меҳрубонона ва навозишкорона муносибат карданро ёд мегиранд.

*Кӯдакони калонсол* дар бозиҳояшон на танҳо он мавзӯъҳоро чуқур инъикос мекунанд, ки ба кӯдакони 3—5-сола хосанд (дар оила, боғчаи бачагон, меҳнати калонсолон ва ғ.), балки дар бозиҳояшон ҳар хел саёҳатҳо мекунанд, кӯпруку туннелҳо месозанд, кӯшиш мекунанд, ки ба шуҷоату қаҳрамонии лётчикҳою кайҳоннавардон, баҳрчиён, сӯхторхомӯшкунҳо ва ғайра тақлид намоянд. Бозии онҳо ҳам аз ҷиҳати мазмун, ҳам аз ҷиҳати аз худ кардани малакаҳои бозӣ хеле такмил меёбанд, ки ин такмильёбӣ дар лаҳзаҳои зерин ифода мегарданд:

1) Мавзӯи бозиро интихоб карда тавонистан, сюжет тартиб додан, яъне рольҳо, воқеаҳо, пайдарпаии онҳоро муайян кардан;

2) матлаби ҳамин сюжетро ба амал баровардан, яъне ҷои бозиро интихоб кардан, бозичаҳо ва асбоби бозиро хоста гирифтан, амалиёти бозиро мувофиқи рольҳо ва сюжет иҷро кардан.

Дар ҷараёни роҳбарӣ намудан ба бозиҳои кӯдакони калон-

---

[1] Ниг. «Воспитание детей третьего года жизни». Дар зери таҳрири В. Г. Нечаева. М., 1965.

сол, ки бозии сюжетноку рольдорро азхуд кардаанд, бештар усулҳои ғайримустақими таъсиррасониро истифода бурдан лозим аст; дар хусуси васеъ намудани доираи фикру ният, муайян кардани тасаввуроти кӯдакон пеш аз бозӣ, дар рафти бозӣ ва баъди ба охир расидани он, дар хусуси инкишофи афкори коллективона ва амалӣ намудани он ғамхорӣ кардан лозим. Дар вақти ташкили мушоҳида дар машғулиятҳо ва дар рафти иҷрои коре, ки махсус барои пурмазмунтару пуробурангтар намудани бозиҳо карда мешавад, хеле муҳим аст, ки дар маркази диққат одамон, шахсони касбу кори гуногун, амалиёти конкретона ва муносибати байни якдигарии онҳо гузошта шаванд. Ба хоҳишу илтимоси кӯдакон, ки ин ё он чизи дар тасаввуроташон бударо аниқ кардан мехоҳанд, бо диққат муносибат карда, ба онҳо донишҳои зарурро додан лозим ва ё кӯшиши онҳоро ба сӯи ҷустуҷӯи мустақилонаи ҷавобҳои даркорӣ равона кардан зарур аст. Он чиро, ки барои бозӣ, барои ба амал баровардани мақсаду ниятaшон зарур аст, кӯдакон хеле хуб ва бо шавқ аз худ мекунанд. Кӯдакони калонсолро ба муҳокимаи мақсади бозӣ ҷалб намудан, ҳикоя кардани он, ки кӯдакон дар дигар боғчаҳо чӣ тавр бозӣ мекунанд, хеле фоиданок аст.

Барои он ки бозии кӯдакони синни калони томактабӣ дар гурӯҳи омехта назар ба боғчаи бачагонаи муқаррарӣ якранга ва аз ҷиҳати мазмун камбағал набошанд, ба мураббия мушоҳида ва назорат кардан зарур аст, ки кӯдакон аз ҳаёти ҳаррӯза таассуроти пурра ва равшане гиранд; мураббия бояд сари вақт ба ёрии онҳо ҳозир шавад, талаботи онҳоро қаноат кунонад, шавқу завқ ва тасаввуроти онҳоро инкишоф диҳад.

Р. И. Жуковская[1] чунин системаи таъсиррасонии мураббияро ба инкишоф ёфтану пурмазмунтар шудани бозии «Самолётҳо ва лётчикҳо», ки кӯдакони 6—7-сола муддати дароз бозӣ мекарданд, ба таври зерин баён мекунад: Дар давраи аввал диққати мураббия ба батартиб овардани тасаввуроти ҳаётии кӯдакон равона карда шуд (гуфтугӯ, сӯҳбат дар хусуси он, ки кадоме аз кӯдакон ба самолёт савор шудааст, ба куҷо рафтааст, кӣ самолётро дар кино ё телевизор дидааст, ба кӣ дар хусуси самолёт китоб хонда додаанд ва ғ.). Баъд педагог тасаввуроти кӯдаконро дар хусуси он ки самолёт чӣ тавр ба замин мефуроя, аз куҷо мепарад, ҷаро барои паридану шиштан майдон лозим аст, аниқ ва муайян кард. Баъди дар ин бобат гуфтугӯ кардан ба кӯдакҳо таклиф карданд, ки суратҳои дар китоби И. Винокуров «Самолёт мепарад» чоп шударо тамошо кунанд. Мураббия диққати кӯдаконро ба аэродром ҷалб намуд, нақл кард, сонӣ нишон дод, ки чӣ тавр аз материалҳои гуногун (кубикҳо, ғӯлачаҳои чӯбин, рег ва ғ.) аэродром сохтан мумкин аст. Кӯдакон бо шавқи калон ба бозии аэродромсозӣ шурӯъ

[1] Жуковская Р. И. «Воспитание ребёнка в игре». М., 1963, саҳ. 115—127.

карданд. Бо мақсади минбаъд ҳам васеъ кардани тасаввуроти кӯдакон, аз он ҷумла дар хусуси меҳнати одамон дар аэродром, мураббия аз китоби И. Винокуров «Дар аэродром» порчаеро хонда дод. Бачаҳо дар бораи ба самолёт андохтани сӯзишворӣ, дар хусуси мошини бензовоз ва ғайра маълумот гирифтанд. Дар бозӣ рольҳои нав пайдо шуданд: шофёри бензовоз, коргари бензинандоз, техник.

Бо мақсади инкишофи минбаъдаи бозӣ педагог кӯшиши худро ба он равона кард, ки таассуроти кӯдакҳоро дар бораи кори самолёт аниқ кунад ва ба тартиб оварад (бо кӯдакон дар хусуси он ки бо самолёт чиро ба куҷо бурдан мумкин аст, суҳбат кард, суратҳои ҷудо карда гирифтагиро ба онҳо нишон дод, аз китобҳои бачагона порча хонда дод ва ғ.). Масалан, ҳикояи И. Винокуров «Дар вақти бӯрон» дар хусуси он ки чӣ тавр дар вақти бӯрони сахт духтурро бо самолёт ба ҷои зимистонгузаронӣ, ба назди бемор оварданд, нақл менамояд. Ин ҳикояро кӯдакон бо шавқи калон гӯш карданд, дар онҳо нисбат ба меҳнати аъзоёни экипажи самолёт, ки қаҳрамонии ҳақиқӣ нишон додаанд, ҳисси эҳтиром ба вуҷуд омад. Инъикоси таассуроти кӯдакон дар хусуси меҳнати аъзоёни экипажи самолёт ва муносибати байни ҳамдигарии онҳо дар лаҳзаҳои гуногуни парвоз, мавзӯи асосии бозии ин давра гардид.

Дар натиҷаи таъсиррасонии педагогии ба мақсади муайян равоншуда, ки ҳар бор дар шакли саволҳои эҳтиёткорана, муҳокимаи якҷоя, хонда додани адабиёти бачагона ва ғайра ба амал меояд, қайд мекунад муаллиф, бозии самолёту лётчик яке аз бозиҳои коллективонаи дӯстдошта гардид. Кӯдакон дар вақти бозӣ ба гурӯҳчаҳо тақсим шуда, мустақилона ва муттафиқона амал мекарданд: то бо мошин сӯзишворро наоранд, лётчикҳо ба иҷрои супориш намебаромаданд; ба ҳаво фақат баъди гирифтани супориш мепариданд ва ғ.

Дар мисоли овардашуда системаи таъсиррасонии педагогие дида мешавад, ки вай ба кори дар дилу шуури кӯдакон инкишоф додани тасаввуроти эҷодӣ, васеъ ва аниқ намудани таассуроти бачаҳо дар хусуси он ҷиҳатҳои ҳаёт, ки дар кӯдакон хоҳиши дар бозиҳои худ инъикос кардани онҳоро ба вуҷуд меорад, равона карда шудааст. Он чиз ҳам хеле муҳим аст, ки педагог аҳволи рӯҳияи бачаҳоро ҳис мекунад, талаботи онҳоро медонад, шавқу ҳаваси ба бозӣ доштаи онҳоро дар муддати дурудароз дастгирӣ мекунад ва инкишоф медиҳад, бачаҳо бошанд, саргарми бозианд, ба гурӯҳчаҳо тақсим шуда бозӣ мекунанд, ба бозии коллективӣ ҳамроҳ мешаванд.

Чуноне ки А. П. Усова қайд кардааст, ташкил шудани коллективҳои бозикунанда нишондиҳандаи ташаккульёбии шавқу рағбати кӯдакон ба бозӣ мебошад, ки дар заминаи он ҷамъияти бачагонаи қобили ҳаёту амалиёт ба вуҷуд меояд. Мураббия ба гурӯҳчаҳо ва коллективҳои бозикунанда такья намуда, ба ҳаёти дар бозӣ мегузарондагии бачаҳо роҳбарӣ мекунад. Вай

дар бачаҳо сифатҳои ҷамъиятӣ ва муносибати дӯстона, маҳорати ба якдигар ҳамкорӣ карданро ташаккул медиҳад. Маслиҳат медиҳад, ки ин ё он бозиро бо кӣ кардан беҳтар аст, онро чӣ тавр хубтар ба ҷо овардан мумкин аст, усули одилона ҳал намудани масъалаҳои баҳснокро, ки дар вақти интихоб намудани ҳарифи бозӣ ва тақсими рольҳо, инчунин дар роҳи ба амал баровардани мақсади бозӣ пайдо мешаванд, ба кӯдакон ёд медиҳад.

Ҳамаи ин гуфтаҳоро дар мавриди ба бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ роҳбарӣ намудан ба эътибор гирифтан зарур аст.

## РОҲБАРӢ НАМУДАН БА БОЗИҲОИ УМУМИИ КӮДАКОНИ ГУНОГУНСИН

Кӯдакони синни томактабӣ дар бозиҳои эҷодии худашон ҳаёт ва фаъолияти калонсолонро дар вақти кор ва дар оила инъикос мекунанд, бо шавқу завқ боғчабозӣ мекунанд, хона, роҳ, кӯпрукҳо месозанд. Умумияти мазмуни мавзӯъ барои бозиҳои якҷояи сюжетноку рольдор, сохтмонӣ ва дигар бозиҳои кӯдакони синнашон гуногун шароити мусоид ба вуҷуд меорад.



Расми 11. «Савор шавед, хурдтаракон. Ҳозир ҳамаамон парвоз мекунем».

Бисьёр бозиҳо (оилабозӣ, бозии боғчаи бачагон) дар гурӯҳи омехта маҳз аз он сабаб рангоранг ва шавқовар мегузаранд, ки дар онҳо кӯдакҳои хурдсол ва калонсол иштирок мекунанд.

Ин фаҳмост. Ба кӯдакон самимияти ҳиссиёту муносибат хос аст, ки он дар ин ё он роль зоҳир мегардад. Кӯдак дар роли модар ба рафиқи хурдсолаш назар ба рафиқи ҳамсолаш меҳрубонтару навозишкортар мешавад, дар бозии боғчаи бачагон бошад, ӯ бо хоҳиши том ба кӯдаки хурдсол сурудхониро ёд медиҳад, чунки вай дар ҳақиқат суруди мазкурро намедонад.

Дар айни замон агар роли модару мураббияро кӯдакони калонтару ботаҷрибатар иҷро кунанд, хурдсолон ба онҳо боҳурматтар муносибат мекунанд.

Назорат кардан лозим аст, ки бачаҳои майда ба лӯхтаки муқаррарие, ки онро калонсолон мепӯшонанду мехӯронанд, табдил наёбанд; корро чунон ташкил кардан лозим аст, ки онҳо худашон фаъолона амал кунанд: шеър хонанд, бо тӯб бозӣ кунанд, ё дигар амалеро, ки барои инкишофи онҳо муҳим аст, ба ҷо оранд. Агар хуртаракон дар бозӣ фаъолият нишон надиҳанд, мураббия бояд маслиҳат диҳад, ки кадом роль ва кадом навъи амалиёт ба онҳо мувофиқтар аст.

Масалан, агар мураббия бинад, ки модарҳои ботамкин мӯи духтарчаҳои худашонро хеле дурудароз шона мекунанд, ба онҳо саволи ёридиҳанда додан лозим: «Шумоён бо кӯдакчаҳоятон ба сайру гашт мерафтагетон ва бо онҳо тӯббозӣ мекардагетон?», ё гуфтан лозим аст: «Бачаҳоятон аз шиштан монда шуданд, бо онҳо рақс кунетон» ва ғ.

Мисоли дигар. Як гурӯҳи кӯдакҳои калонсол аз масолеҳи бинокорӣ хона месозанд. Хурдтаракон роли коргарони ёрдамчиро иҷро мекунанд: онҳо кубикҳоро меоранд ва ё онҳоро ба бинокорон гирифта медиҳанд. Ин хел кори якранга ба дили бачаҳо мезанад ва онҳо тайёранд аз бозӣ бароянд. Инро педагог пай мебарад ва ба кӯдакҳои калонсол мегӯяд: «Чӣ хел хонаи хушрӯй мешавад-а! Масолеҳро хурдтаракон меоваранд? Офарин, бисьёр боғайрат кор мекунанд. Дар атрофи хонаи шумо девор даркор будагист-а? Мумкин аст, ки мо онро бо хурдтаракон созем? Ана, бисьёр хуб». Пас аз ин бозии якҷоя давом мекунад. Ғайр аз ин кӯдакҳои калонсол сохтмони хонаро тамом карда, ба хурдтаракон ҳамроҳ мешаванд ва ҳама якҷоя сохтани деворро ба охир мерасонанд. Баъди тамом шудани бозӣ ба хӯроки пешин тайёр шудан даркор, мураббия ба бачаҳо таклиф мекунад, ки хонаи сохташударо вайрон накунанд ва фикр кунанд, ки дар ин ҷо чӣ мешавад: «Шояд боғчаи бачагон шавад-а? Агар розӣ бошед, фикр кунед, ки барои бозии нави баъди хӯрокхӯрӣ мекардагиамон чӣ хел бозичаҳо даркоранд».

Дараҷаи иштироки кӯдакони хурдсол ва калонсолро дар бозии умумӣ муқоиса карда, фаъолияти ҳар як иштирокчии бозиро мувофиқи қобилияти синну сол ва индивидуалиаш баланд бардоштан — вазифаи хеле муҳими мураббияи гурӯҳи омехта мебошад. Ин гарави он аст, ки бозиҳои якҷоя натанҳо нафънок, балки барои ҳамаи иштирокчиён шавқовар ҳам мебошад. Дар акси ҳол, хурдтаракон метавонанд ба бозиҳои умумӣ иштирок

карданро нахоҳанд. Аз ин ҳам бадтараш ин аст, ки хурдтаракон эътироз намекунанд ва ба пассивӣ одат карда, ба бозии назди калонсолон ё мушоҳидаю тамошои бозии онҳо қаноатманд мешаванд.

Баъзан кӯдакон мехоҳанд, ки ҳамроҳ бозӣ кунанд, аммо хурдтаракон ба бозии мазкур ҳоло тайёр нестанд: онҳо ҳоло тасаввуроти зарурӣ надоранд ё дар ҳайати коллектив бозӣ карда наметавонанд. Дар ин гуна мавридҳо ба педагог зарур аст,



Расми 12. «Мо дар мушак ҳам парида метавонем».

ки ба хурдтаракон барои ёфтани роль ва мавқеи худ дар бозӣ ёрӣ расонад (ба монанди мисоли болоӣ) ва ё онҳоро ба дигар бозӣ ҷалб кунад, баъдтар норасогии дониши онҳоро пурра кунад ё барои дар бозии коллективӣ бо дигар кӯдакон ҳамкорӣ намудан тайёр кунонад, инро дар бозии дидактикӣ кардан мумкин аст.

Пас ба педагог зарур аст, ки сабаби дар бозии кӯдакони калонсол ба хурдтаракон ҷой набуданро фаҳмад ва барои пайдо кардани роҳи дурусти ҳалли ин проблемаи муҳими тарбия ёрӣ расонад. Дар айни замон ба сарзанишу маломати доимии кӯдакони калонсол, ки бо хурдтаракон бозӣ карданро он қадар раво намебинанд, роҳ додан мумкин нест. Қатъӣ талаб кардан ҳам мумкин нест, ки кӯдакони калонсол ҳатман ҳамеша бо хурдсолон бозӣ кунанд. Кӯдакони калонсол ҳақ доранд, ки ба бозиҳои мураккабтару барояшон шавқовартар машғул шаванд, бо ҳамсолони худ бошанд. Мураббия бояд ин хел бозиҳоро дастгирӣ ва ҳимоя кунад.

Модоме, ки ҳар як иштирокчии бозӣ аъзои баробарҳуқуқи коллективи бачагони бозикунанда мебошад, дар мавриди аз ҷиҳати синну сол гуногун будани ҳайати бачаҳо бозиҳои мураккабро ташкил кардан душвор аст ва барои ин он қадар кӯшиш кардан ҳам лозим нест. Бозиҳои якҷоя дар гурӯҳи омехта ҳамин хел ҳам шуда метавонанд, ки хурдсолон ролу амалиёти худро гӯё дар назди гурӯҳҳои бозӣ кардаистодаи кӯдакони калонсол иҷро карда истода бошанд. Алоқаи хурдтаракон бо калонсолон ба воситаи мавзӯи умумӣ ба амал баровarda шуда, аз тарафи шахси калонсол (мураббия) фаъолона дастгирӣ карда мешавад. Дар айни замон бояд дар назар дошт, ки педагог дар марҳилаи муайяни бозии коллективӣ (айнан дар бозии «Самолёту лётчикҳо» будагӣ барин) метавонад кӯдакони хурдсолро ҳам ҷалб кунад. Масалан, дар давраи баъди аз тарафи бачаҳои калонсол тамом кардани сохтмони аэродром мураббия метавонад аз байни хурдсолон звенои самолётро ташкил диҳад ва хоҳиш кунад, ки онҳоро ба аэродроми нав қабул намоянд.

М. В. Минкина дар китоби худаш оид ба роҳбарии оқилонаи педагогӣ ба бозиҳои якҷояи бачаҳои гуногунсин як қатор мисолҳои эътимоднок меорад.

Мана яке аз он мисолҳо[1]. Гурӯҳи кӯдакони калонсол дар фасли зимистон, дар вақти сайру гашт аз барф киштие сохта, дар он баҳрбозӣ карданд. Ба ҷои бозӣ бачаҳо ҷамъ шудан мегиранд, вале кӯдакони калонсол ҳеҷ касро ба киштӣ даромадан намемонанд. Мураббия бо мақсади ташкил кардани бозии якҷояи тамоми гурӯҳ, ба капитани киштӣ муроҷиат мекунад: «Рафиқ капитан, шумо танҳо маллоҳони калон доред, маллоҳони хурд куҷоанд?». Витя, ёрдамчии капитан ҷавоб медиҳад: «Дам мегиранд, шабона тӯфон шуда буд». «Маллоҳони хурдро қабул намекунед?» Онҳо дар сменаи дуюм кор мекунанд,— гапашро давом дода, мураббия ба бачаҳои гурӯҳчаи миёна (6 нафар) каллапӯши матросии лентачадорро мепӯшонад. Сюжети бозӣ мураккабтар мешавад.

---

[1] Ниг. Минкина М. В. «Работа в разновозрастной группе детского сада». Минск, с. 1963, саҳ. 77—78.



Расми 13. «Рафикон матросхо, саворшавиро сар кунед!»



Расми 14. «Пурра ба пеш!»

Бозии «Ледокол» («Киштии яхшикан») вусъат меёбад. Маллоҳон наҳангҳоро медоранд. Баъди он ки бозии гурӯҳи калонсолону миёнсолон ба тартиб даромада, авҷ гирифт, мураббия бо ҳамроҳии хурдтаракон ба назди киштӣ омада, киштӣ ва ҳайати онро таъриф мекунад ва аз капитан хоҳиш менамояд, ки хурдтараконро сайру гашт кунонад. Ҳамин тавр, ҳамаи кӯдакони гурӯҳ ба бозӣ ҳамроҳ мешаванд.

Дар бозиҳои драмавӣ ва сохтмонӣ барои ташкил кардани бозиҳои шавқовар ва сермазмун, барои инкишоф додани ҳисси ҳамкорию мустақилона, барпо кардани муносибати байни якдигар дар вақти бозӣ, инчунин барои ташаккул додани муносибатҳои мусбати байниҳамдигарии кӯдакони синнашон гуногун имкониятҳои калон мавҷуданд[1].

Дар бозии драмавӣ матни афсона, ҳикоя, шеър, суруд асоси муттаҳидкунӣ мегардад, кӯдакон ба худашон роли қаҳрамонони конкретиро мегиранд ва онҳоро дар асоси матн тасвир мекунанд ва ё ба амалиёти онҳо эҷодиёти худро дохил мекунанд. Дар гурӯҳи омехта бозии драмавӣ бештар бо ташаббуси кӯдаки калонсол (ё мураббия) ташкил мегардад. Дар ин гуна маврид ташкилотчии бозӣ роли баранда ё қаҳрамони асосиро ба худ мегирад, сонӣ дигар кӯдаконро, аз он ҷумла хурдсолонро низ ба бозӣ ҷалб мекунад.

## РОҲБАРӢ БА БОЗИҲО ВА МАШҚҲОИ ДИДАКТИКӢ

«Программаи тарбия дар боғчаи бачагон» дар ҷараёни бозиҳои дидактикӣ ба амал баровардани як қатор вазифаҳои тарбиявию таълимиро пешбинӣ мекунад, ки ин бозиҳо бо хоҳиши худи кӯдакон ба вуҷуд меоянд ва ё дар овони фаъолияти мустақилона аз тарафи педагог ташкил карда мешаванд[2].

Ба ҳайати бозиҳои дидактикӣ (таълимӣ) бозӣ ва машқҳои бо бозичаҳо ва материалҳои дидактикӣ, инчунин бо бозичаҳо ва асбобҳои муқаррарӣ ба ҷо овардашаванда ва худи бозиҳои дидактикӣ бо қоидаҳояш дохил мешаванд. Ҷиҳати умумии бозиҳои номбаршуда аз он иборат аст, ки ҳамаи онҳоро *калонсолон бо мақсади тарбияи сенсорӣ ва фикрии кӯдак махсус кор карда баромадаанд ва ё интихоб кардаанд.* Дар айни замон ҳар як намуди бозии дидактикӣ аз рӯи хислат ва тарзу усули таълими кӯдак ва ташкили фаъолияти он, инчунин аз рӯи

[1] Мураббии гурӯҳи омехта аз китобҳои зерин материалҳои шавқовар ва фоиданокро пайдо карда метавонад: Нечаева В. Г., Корзакова Е. И. «Бозиҳои сохтмонӣ дар боғчаи бачагон», М., 1965; Лиштван З. В. «Игры в занятиях со строительным материалом в детском саду», М., 1967.

[2] Дар бораи бозии дидактикӣ, чун шакли таълими муташаккилона ниг: «Таълим ва тарбия дар машғулиятҳои гурӯҳи омехта».

муносибати байни худи бозикунандагон ва муносибати онҳо бо мураббия хусусиятҳои худро дорад:

1. Хусусияти бозӣ ва машқҳое, ки ба воситаи бозича ва маводҳои дидактикии таълимӣ, инчунин бо бозичаҳои ба якдигар васлшаванда, кушодаю пӯшидашаванда, ғундоштаю ҷудо карда шаванда (матрёшкаҳо, замбурӯғчаҳо, манорачаҳо, шаклҳои геометрӣ ва ғ.) иҷро карда мешаванд, аз он иборат аст, ки асосҳои бозӣ ва таълим дар худи материалҳои бозӣ, дар сохти махсуси онҳо таҷассум ёфтаанд. Онҳо ба тавре тартиб дода шудаанд, ки кӯдакон дар рафти бозӣ тарзи ба мақсади шавқовар ва конкретии ба назди худ гузоштаашон ноил шуданро (аз якдигар фарқ карда тавонистани бузургӣ, шакл, ранг ва ғайраро) меомӯзанд, бо роҳи амалиёти ҳархела (чидан, бо ҳам пайвастан, ғундоштан, ба сӯрохӣ даровардани узвҳои бозича) аз қисмҳои ҷудогона ҷамъ кардану сохтани бозичаи зеборо ёд мегиранд. Дар ин ҷо ҳам аз бозичаҳо дуруст истифода бурдан, онҳоро бамавқеъ кор фармудан дар назар дошта шудааст ва маҳз аз ҳамин сабаб онҳоро дидактикӣ, таълимӣ меноманд. Агар кӯдак дар вақти бозӣ дуруст амал кунад, қисмҳо ва узвҳои бозичаро дуруст интихоб карда гирад, он гоҳ ба натиҷаи дилхоҳ ноил мешавад, яъне соҳиби бозичаи бутуну мукаммал мешавад. Дар ҳолати нодуруст амал кардан узву қисмҳо бо якдигарашон рост намеоянд, яке ба дигаре намедароянд, баъзе қисмҳо зиёдатӣ мекунад, дар натиҷа бозичаи дилхоҳ ба вуҷуд намеояд ва хато маълум мешавад. Кӯшиши ба даст овардани натиҷаи матлуб кӯдаконро водор мекунад, ки гаштаю баргашта амал кунанд, узву қисмҳои заруриро ҷустуҷӯ кунанд, онҳоро дурусттар аз назар гузаронанд ва аз ҷиҳати рангу шакл ва бузургиашон хубтар фарқ кунанд. Дар ҳар як бозича танҳо якду хусусияти он (масалан, дар матрёшка, манорача-ҷасомат, андоза) қасдан ҷудо ва алоҳида таъкид карда шудаанд, ки ин барои кӯдак ҳалли вазифаро осон мекунад.

Қимати бозичаҳои дидактикӣ, алалхусус бозичаҳои одамро инъикос мекардагӣ (матрёшка) боз дар он аст, ки кӯдакон бо онҳо бо шавқу ҳавас бозӣ мекунанд. Кӯдакон матрёшкаро сохта хурсанд мешаванд, ки ҳар кадомашон соҳиби бозичаи зебо ва дилписанд мебошанд, ба онҳо сифату хислатҳои одамонро медиҳанд, онҳоро ба рақс кардан, сайр кардан, пинҳон шудан водор мекунанд, матрёшкаҳои майдаро-духтарча, калонашромодар меноманд ва ғ.

2. Дар вақти фаъолияти мустақилонаи кӯдакон бо онҳо ба воситаи асбобу анҷоми оддии рӯзгор ва бозичаҳои муқаррарӣ (лӯхтакҳо ва либоси онҳо, мошинҳо, сабзавот, баргҳо, сангчаҳо ва ғ.), ки онҳо аз рӯи аломати муайян (ранг, ҷасомат, материалҳои аз он сохта шудагиашон) хоста гирифта шудаанд, бозӣ-машғулият ва бозӣ-машқ гузаронида мешавад. Ин гуна воситҳо назар ба бозичаҳои махсуси таълимӣ, роҳбарии фаъолонаи мураббияро (алалхусус дар бозиҳои хурдтаракон) талаб

мекунад. Ин маънои онро ифода мекунад, ки педагог фаъолияти кӯдаконро ба ҷараёни даркорӣ равона месозад, ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки аз бисьёр хусусиятҳо яктаашро, масалан, шаклро, ҷудо карда тавонанд ва аз рӯи ҳамин хусусият предмети даркориро хоста гирифта, муқоиса карда тавонанд. Дар акси ҳол, кӯдакон аз иҷрои вазифаи дидактикӣ дур мераванд ва бозӣ-машқ вайрон мешавад, мақсади таълимии худро гум мекунад.

Баробари калон шудани кӯдакон, ин гуна бозиҳо ҳам хислати мустақилонатар пайдо кардан мегиранд.

3. Барои кӯдакони синни томактабӣ бозиҳои дидактикии қоидадор ҳам дастрас мебошанд: инҳо бозиҳои чопии болоистолӣ аз қабили лото, домино, бозиҳои даҳанакӣ («Акси садо», «Баръакс» ва ғ.), бозиҳои даҳанакии ҳаракатнок («Рангҳо», «Канӣ, гӯй мо чӣ кор мекунем»), шашкабозӣ ва ғ. Ин бозиҳо дорои структураи васеъ буда, дар ҳар кадоми онҳо вазифаҳои дидактикӣ (инкишофи процессҳои сенсорӣ, инкишофи нутқ ва тафаккур), инчунин дигар бозиҳо (руст шудану ҷустуҷӯ кардан, чистоньёбӣ, мусобиқа ва ғ.) ва риоя кардани қоида (чӣ гуна интихоб карда гирифтани суратчаҳо, чӣ гуфтан, такрор накардани гапи гуфташуда, бо навбат иҷро кардани амалиёт ва ғ.) ҳал карда мешаванд. Хусусияти ин гуна бозиҳо аз он иборат аст, ки бозии кӯдакон ва дар рафти он аз худ кардани донишу маҳорат дар асоси қоидаҳо ва бо роҳи аз тарафи бозингарон ҳатман иҷро шудани онҳо ба амал меояд.

Ба мураббияи гурӯҳи омехта зарур аст, ки хусусиятҳои зикршудаи бозиҳо ва машқҳои гуногуни дидактикиро ба эътибор гирифта, аввало кӯшиш кунад, ки ҳамаи бозиҳои нишон додашуда ба қадри имкон истифода шаванд, сонӣ ба ҳисоб гирад, ки кадоме аз бозию машқҳо муҳимтаранд ва ба хусусиятҳои синну сол ва индивидуалии бачаҳои гурӯҳ мувофиқтаранд.

Дар тамоми кори педагогӣ дар мавриди муайян кардани вазифаҳои тарбиявӣ ва интихоб кардани бозиҳо ва бозичаҳои конкретии дидактикӣ тавсияҳои «Программаҳои тарбия дар боғчаи бачагон»-ро ки барои ҳар як гурӯҳи синну сол пешбинӣ шудаанд, ба асос гирифтан ва дар айни замон шароитҳои конкретӣ ва имкониятҳои гурӯҳи худ (синну соли кӯдакон, дараҷаи инкишофи ҳар яки онҳо)-ро дар назар доштан зарур аст.

Вазифаҳо ва шаклҳои ташкили бозиҳои мустақилонаи дидактикӣ дар ҳар гурӯҳи мухталиф ҳархела мешаванд — дар гурӯҳи кӯдакони хурдсолу миёнсол — як хел, дар гурӯҳи кӯдакони калонсол (аз 5 то 7-сола)-дигар хел ва дар гурӯҳҳое, ки ҳайати кӯдакон аз ҷиҳати синну сол ғуногунанд (аз 2—3 то 7) боз дигархелтаранд.

*Дар мавриди роҳбарӣ ба бозиҳои дидактикӣ, ки аз тарафи мураббия гузаронда мешаванд ва ё онҳоро худи кӯдакон ташкил мекунанд, пешбинӣ кардан зарур аст, ки кӯдакон ҳам бо ҳамсолонашон, ҳам бо рафиқони хурдсол ё калонсоли ҳамгурӯҳи худ бозӣ кунанд.* Чуноне ки амалия нишон медиҳад, кӯшиши

мустақилонаи кӯдакон, ки мехоҳанд бозии дидактикӣ ташкил кунанд, на ҳамеша бомуваффақият ба охир мерасад. Баъзан бозии якҷоя умуман ба амал намеояд ва ё баъди сар шудан зуд вайрон мешавад, чунки кӯдакон имконияти гуногуни хоҳишмандони бозиро ба ҳисоб намегиранд.

Ин гуна фактҳоро тамоман истисно кардан ё пешгирӣ кардан аз имкон берун аст. Таҷрибаи ба роҳ мондани муносибат ва фаъолияти байни якдигарии кӯдакон дар коллективи кӯдакони гуногунсин оҳиста-оҳиста ташаккул меёбад. Вале мураббия метавонад ва ӯҳдадор аст, ки ин процессро идора кунад, дар интихоби бозӣ ва ба роҳ мондани он ёрӣ расонад. Бозиҳои дидактикӣ, ки онҳоро шахсони калонсол кор карда мебароянд ва ташкил мекунанд, ба педагог имконият медиҳад, ки ӯ ба интихоби бозиҳои дастрас ва аз ҷиҳати мазмун фоиданок, ки барои баланд бардоштани дараҷаи бозӣ ва муносибати мусбати байни кӯдакони гуногунсин мусоидат мекунад, фаъолонатар таъсир расонад.

## ТАШКИЛИ БОЗИИ ДИДАКТИКИИ КӮДАКОНИ ҲАМСОЛ

Дар ҳаёти гурӯҳи кӯдакони синну солашон гуногун бозиҳо ва машқҳои кӯдакони як синну сол, вақте ки танҳо хурдтаракон ва ё, баръакс, танҳо калонсолон бозӣ мекунанд, мавқеи муҳимеро ишғол менамоянд. Қоидаю тартиби аксарияти бозиҳои дидактикӣ маҳз барои кӯдакони синни муайян тартиб дода мешавад. Масалан бозичаҳои халқӣ (матрёшка ва ғ.) асосан барои хурдтаракон таъин шудаанд, вале бозиҳои қоиданок (бисьёр бозиҳои чопии болоистолӣ, даҳонакӣ) бештар барои синни калони томактабӣ аст. Ташкил намудани бозиҳои дидактикӣ бо кӯдакони як синну сол, хусусан дар ҳангоми ёд гирифтани тарзи бозӣ, аз худ кардани мазмун, амал ва қоидаҳои он зарур аст. Муттаҳид кардани кӯдакони ҳамсол, аксар вақт кӯдакони калонсол дар мавриди бозиҳоро хуб донистану тавонистани онҳо ҳам ба мақсад мувофиқ аст, зеро онҳо ба бозӣ иловаҳо дохил мекунанд, вариантҳои нави онро меёбанд. Навъи бозии кӯдакони як синну сол дар гурӯҳи омехта, одатан хеле бисьёр мешавад, бинобар ин ҳоло муфассалтар дида мебароем, ки кадоми инҳоро бештар бо кӯдакони хурдсол, кадомашро бо кӯдакони синни миёна ва кадоме аз онҳоро бо бачаҳои синни калони томактабӣ ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст (гарчи дар ин кор қоидаю тартиби қатъӣ шуда наметавонад).

Дар гурӯҳи кӯдакони хурди синни томактабӣ (аз 2 то 4-сола) бозиҳо ва машқҳое, ки бо ёрии бозичаҳо ва материалҳои дидактикӣ, инчунин бо предмету суратчаҳои аз рӯи аломати муайян (ранг, шакл ва ғ.) интихоб шуда гузаронда мешаванд, ҷои асосиро ишғол мекунанд. Вазифаи программавии ин бозиҳо-тарбияи сенсорӣ: инкишофу такмили эҳсос-

кунии ранг, шакл, ҷасомат, вазъият дар фазо, инчунин бо асбобу анҷоми рӯзгор ва бозичаҳо, ки ҳамеша дар атрофи кӯдакон воқеъ буда, бо онҳо дар хона ва боғчаи бачагон сару кор доранд, сарфаҳм рафтан мебошад. Кӯдакон шинохтани предметҳо, гуфта додани номи онҳо ва бо онҳо амал кардан, инчунин дуруст истифода бурдани бозичаю материалҳоро ёд мегиранд.

Дар гурӯҳ бояд ба миқдори кифоя матрёшка, манорача, замбуруғчаҳо ва ғайра мавҷуд бошанд, то ки ҳамаи кӯдакон дар як вақт бозӣ карда тавонанд. Ин бозичаҳои номбаршуда бояд аз 3—4 қисм — барои кӯдакони 2—3-сола, аз 6—8-қисм — барои кӯдакони 3—4-сола иборат бошанд. Кӯдакони 2—3-сола предмет ё қисмҳои онро одатан аз рӯи як аломат (аз рӯи ранг, ҷасомат ва ё шакл), аммо кӯдакони 3—4-сола аз рӯи ду-се аломат (масалан, аз рӯи рангу шакл) интихоб мекунанд ва меғундоранд.

Кӯдакон аз он сабаб бо бозичаҳои дидактикӣ бозӣ карданро дӯст медоранд, ки ин бозиҳо ба амалиёти индивидуалии ҳар як кӯдак асос ёфтаанд, такроршавии ба кӯдакон хосро дар бар мегиранд (бутунро ба қисмҳои алоҳида ҷудо кардан, ҳалқаҳоро ба тир гузарондан, қисмҳои нимтаиро бо ҳам васл кардан ва ғ.). Ба туфайли принципи худназораткунӣ, ки дар асоси бозичаҳо ва материалҳои омӯзанда қарор мегиранд, мураббия имконият дорад, ки ба қадри кам ё зиёд фаъолияти мустақилонаи бардавоми бачаҳои хурдро ташкил намояд, дар онҳо маҳорати худро ба коре машғул карда тавонистан, ба дигарон, халал нарасонида, бозӣ карданро инкишоф диҳад — ин маънои онро дорад, ки мураббия ба ҳаёти гурӯҳ роҳнамоӣ мекунад, муносибати байниҳамдигарии бачаҳоро тарбия менамояд.

Ба кӯдакони хурдсол баъзе бозиҳои чопии болоистолӣ фаҳмо ва фоиданоканд («Лотои ҷуфт», «Қадом ҳайвон чӣ тавр бонг мезанад», «Меваҳундорӣ», «Полези мо», «Предмет ва инъикоси он»). Бозии мустақилона бо он назорат карда мешавад, ки дар баъзе мавридҳо кӯдак ҷуфти суратчаҳоро меёбад, дар мавриди дигар (масалан, «Полези мо»)-сурати сабзавотҳои рангаро ба болои тарҳи (суроби) он мегузорад, дар мавриди сеюм-предметҳоро гирифта ба болои сурати он мемонад.

Мураббия бозича ва бозиҳои дидактикиро дар гурӯҳ ҷорӣ карда, албатта, бояд кӯдаконро бо онҳо шиносо кунад, ба кӯдакон нишон диҳад, ки қисмҳои бозичаҳоро чӣ тавр бо ҳам якҷоя (васл) кардан, бо кадом тартиб ҳалқаҳоро ба тир гузаронидан, суратчаҳоро чӣ тавр интихоб карда гирифтан лозим, инчунин материалҳоро баъди бозӣ чӣ тавр таҳ карда ва ба кунҷо ғундошта мондан лозим аст. Сонӣ амалиёти мустақилонаи кӯдакон, маҳорати бодиққат бозӣ кардан ва то охир давом доданн онро дастгирӣ кардан лозим: ҳамаи матрёшкаҳоро бо тартиб чида ҷо ба ҷо кардан, ҳамаи фигураҳои геометриро ба сӯрохиҳои муайяни қуттӣ ҷо ба ҷо кардан ва ғайра.

Дар заминаи ҳамин бозии индивидуалӣ, ки онро дар кӯдаки 2—4-сола ғамхорона ташаккул додан ва бо он эҳтиёткорона муносибат кардан зарур аст, кӯдаконро оҳиста-оҳиста барои ҳамроҳ бозӣ кардан ва бо кӯдакони дигар муносибат намудан водор кардан лозим аст. Масалан, дар бозиҳои «Манорача соз», «Замбуруғчаҳоро тунук кун», «Бо саққочаҳо бозӣ мекунем» ва ғ. ду-чор нафар бозигарон иштирок мекунанд. Ҳамаи онҳо дар паси як стол нишаста, бо бозичаҳои якхела як хел амал мекунанд, вале ҳар яке мустақилона бозӣ намуда, бо қисмҳо ва узвҳои бозичаи худ мустақилона амал мекунанд. Баъд кӯдаконро ба бозии дигар, ки бо бозичаи умумӣ бо навбат амал кардан лозим аст, даъват мекунанд. («Тӯбро мегелонем», «Барои матрёшка роҳча месозем»). Ин ҷо амалиёти як кӯдак бо амалиёти кӯдаки дигар вобаста мебошад. Дар як қатор бозиҳои ҳаракатнок ва дидактикӣ (аз қабили «Поезд», «Қорвон» ва ғ). ҳамкории кӯдакон дар заминаи амалиёти умумӣ, ки кӯдакон бо роҳбарии мураббия тақлидкунон ба ҷо меоранд, ба вуҷуд меояд.

Дар мавриди бо бозичаҳои дидактикӣ ташкил намудани бозӣ назорат кардан лозим аст, ки кӯдакон бисьёртар дар ҳаракат бошанд. Бозии озодонаи кӯдакон хеле муфид ва шавқовар аст. Масалан, мураббия ва ё кӯдаки калонсол ба рӯи хона тӯбчаҳои рангоранг ё гуногунҳаҷмро мепартояд ва ба кӯдак мегӯяд, ки ягонтаи онро биёрад. Дафъаи дигар мураббия дарвозачаҳои гуногунро шинонда таклиф мекунад, ки тӯбчаи ба ранги дарвоза мувофиқро ёфта, аз ӯ ғелонда гузаронад.

Дар ин бозиҳо, баробари ҳал карда шудани вазифаҳои тарбияи сенсорӣ ва фикрӣ, кӯдакон аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф меёбанд: роҳ гаштан, давидан, часпида баромадан ва ғайраро машқ мекунанд, ки ин дар синни хурди томактабӣ хеле муҳим аст. Алоқаи тарбияи фикрӣ ва ҷисмонӣ дар бозиҳои ҳаракатноки барои хурдтаракон таъиншуда, баръало зоҳир мешавад. Масалан, дар бозиҳои сюжети оддӣ доштагӣ («Мурғон ва автомобиль», «Пишак ва мушчаҳо» ва ғ.) ва ё дар бозӣ-машқи бесюжет («Ба тӯб расида гир», «Канӣ гӯй, ин овози кадом ҳайвон») баробари инкишофи ҳаракати узвҳои бадан, нутқи кӯдак такмил меёбад, рангу садоҳоро дарк мекунад.

Баъзан дар гурӯҳи омехта бо кӯдакони хурдсол низ бозиҳои на он қадар мураккаби қоидадорро ташкил кардан зарур аст. Қоидаҳои бозӣ, гарчи хеле содда бошанд ҳам, кӯдаконро ба ҳалли вазифаҳои дидактикӣ водор карда наметавонанд, дар амалиёт ва муносибати байни якдигарии бачаҳо тартиби зарурӣ ҷорӣ карда наметавонанд. Бинобар он, мураббия аз болои иҷрои қоидаҳои бозӣ ва тартиби ҷорӣ кардагиаш — дар як вақт аз рӯи навбати бозӣ амал кардани кӯдакон назорат мекунад, ба бозӣ фаъолона иштирок мекунад, ба кӯдакон чӣ хел бозӣ карданро нишон медиҳад. Кӯдакон дар ҳамин гуна бозиҳои умумӣ иштирок карда («Саққоро дар кафи дастат пинҳои

кун», «фонус чаро месӯзад?» ва ғ.) барои минбаъд мустақилона ташкил кардани бозиҳо таҷриба пайдо мекунанд.

Барои бо кӯдакони хурдсол гузаронидани баъзе бозиҳо, ки бо истифода бурдани бозичаҳои дидактикӣ ва суратҳои ҷуфт ва ғайра алоқамандананд, кӯдакони калонсолро ҷалб кардан мумкин аст: дар баъзе мавридҳо ба сифати баранда (масалан, дар вақти бозии лотои «Суратчаҳои ҷуфт», «Халтачаи аҷоиб» ва ғ.) ва дар мавриди дигар — барои нишон додани тарзи бозӣ: ҳалқаҳоро ба тир гузарондан, узвҳои матрёшкаро дуруст ҷо ба ҷо кардан ва ғайра.

*Дар соли панҷуми ҳаёташон кӯдакон* бо бозичаҳо ва маводҳои дидактикӣ амал карданро асосан ёд мегиранд ва бо онҳо дуру дарозтар машғул мешаванд. Бинобар ин, мураббия бояд ғамхорӣ кунад, ки бозиҳои аз қабили «Манорачаро соз» ва ғайра барои ба гурӯҳчаҳо муттаҳид шудани кӯдакон мусоидат кунанд. Барои ин талаботи кӯдаконро, ки мехоҳанд бо бозичаҳои дидактикӣ, суратчаҳои бурида мешудагӣ ва ғ. машғул шаванд, дастгирӣ кардан даркор, инчунин вазъияте ба вуҷуд овардан лозим аст, ки кӯдаконро барои ба гурӯҳчаҳо тақсим шуда бозӣ кардан водор намояд.

Масалан, лаълиеро ки дар он қисмҳои 3—4 бозичаи ҷудошаванда (манорача, матрёшка, тухми ба қисмҳо чудошаванда ғ.) мавҷуд аст, ба болои стол оварда мемонанд, кӯдаконро ба он ҷо даъват мекунанд ва аз онҳо хоҳиш мекунанд, ки бозичаҳоро созанд, васл кунанд (ба хурдтаракон мураббия ёрӣ мерасонад).

Мисоли дигар. Ба болои стол маҷмӯи суратчаҳоеро, ки дар онҳо зарфҳои гуногун акс ёфтаанд, оварда мемонанд. Ба хоҳишмандон (ва ё ба онҳое ки бояд ба хелу гурӯҳҳо ҷудо кардани зарфҳоро машқ кунанд) таклиф мекунанд, ки зарфҳоро аз рӯи хелҳояшон ҷудо кунанд (баъзе кӯдакон зарфҳои чойнӯширо ва баъзеи дигарашон зарфҳои хӯрокро ҷамъ мекунанд).

Ғайр аз ташкили ин гуна бозиҳои мустақилона бо гурӯҳи 3—4 нафараи кӯдакон, мураббия бояд бозиҳои ба воситаи бозичаҳои дидактикӣ гузаронда мешудагиро худаш бо ҳамаи кӯдакони 4—5-сола гузаронад. Дар ин гуна мавридҳо зарур аст, ки:

а) ба кӯдакон бозичаҳои мураккабтар дода шавад: бозичаҳое ки дорои миқдори зиёди деталу қисмҳо (то 12 адад) ё детальҳои гуногунранг бошанд;

б) аз кӯдакон талаб карда шавад, ки вазифаҳои сенсориро аниқтар иҷро кунанд: ҳалқаҳоро ба тир бо тартиби муайян гузаронанд ва ба дарвоза саққоҳои рангаш мувофиқро ғелонанд;

в) унсурҳои мусобиқа ҷорӣ карда шавад-тезтар чида баромадани манорача, аз кубикҳо сохтани сурат (агар кӯдакон бо предмету бозичаҳо амал карданро нағз ёд гирифта бошанд).

Дар бозии кӯдакони панҷсола аз кӯдакони хурдсол дида, бисьёртар маҷмӯи шаклҳои геометриро истифода бурдан, хо-

тамкории оддитаринро ёд додан лозим, инчунин кор фармудани кегил, ҳалқа (барои ҳаво дода, ба нишон расондан), қалпоқчаҳои паррон ва ғайра низ зарур аст, зеро онҳо барои ба ҳамдигар мутобиқ кардани дастаҳо (дар вақти ҳаво додану дошта гирифтан), инкишофи андозакунӣ бо чашм ва тарбия намудани ирода мусоидат мекунанд.

Кӯдакони 4—5-соларо ба бозиҳои номураккаби чопии болоистолӣ-лотоҳои гуногун ва дигар бозичаҳои суратдор ҷалб кардан лозим аст. («Ба хурдтаракон», «Зарфҳои ранга», «Лотои геометрӣ», «Полизи мо», «Доминои чизҳо», «Доминои шаклҳо» ва ғ.). Муҳим аст, ки дар ин гуна бозиҳо ба ёфта мувофиқ карда тавонистани карточка-суратчаҳои ҷуфт бо ҳамин хел суратҳои дигар, ки дар картаҳои калон ва ё дар карточкаи домино будагӣ асос ёфтааст, худи кӯдакон амалӣ бозиро иҷро кунанд ва бе назорати бевоситаи мураббия ба қоидаҳои номураккаб риоя карда, худашонро тафтиш кунанд, бо дигар иштирокчиҳои бозӣ амалиёти худашонро мутобиқ карда тавонанд. Албатта, мураббия даставвал бояд ба кӯдакон усули тартиби бозиро ёд диҳад: бо шарту шароит ва таҷҳизоти бозӣ шинос кунад, барои фаҳмидани вазифа, тарзи амалиёт ва қоидаҳои бозӣ ёрӣ диҳад, чӣ хел бозӣ карданро нишон диҳад, худи мураббия якчанд бор ҳамроҳи бачаҳо ба бозӣ бевосита иштирок кунад. Дар ин ҷо кӯдаки калонсолро ҳамчун барандаи бозӣ ҷалб кардан мумкин аст, ё ин корро ба кӯдаки ҳамсол, ки бозиро аз дигарон беҳтар омӯхтааст, супурдан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Диққати кӯдакони синни миёнаро доимо ба бозиҳои бо лӯхтак ва маҷмӯи асбобу анҷоми рӯзгор иҷро мешудагӣ ҷалб кардан лозим аст. (зарфҳои чойнӯшӣ, хӯрокхӯрӣ, сарулибос: либоси таг, курта, пальто, ҷома, мева, сабзавот ва ғ.). Бо ин маҷмӯи асбобу анҷоми рӯзгор бозиро худи мураббия ташкил мекунад, ба бозӣ ҳамаи кӯдакон ва ё хоҳишмандонро ҷалб мекунад, ба ҳар яки онҳо (ё ба 2—3 бача) супориши индивидуалӣ медиҳад, ки дар интихоб кардан ва аз рӯи аломатҳои маълумашон ҷо ба ҷо гузоштани предметҳо ё суратчаҳо, барои номи предметро гуфта тавонистан машқ кунанд.

Чунон ки мебинем, бозии кӯдакони панҷсола хеле гуногун буда, хусусияти онҳо аз он иборат аст, ки аз бозиҳои оддии ба хурдтаракон хос буда, ба бозии бачаҳои томактабии калонсол гузаштан, аз рӯи қоида бозӣ карданро пешбинӣ мекунанд. Бинобар ин ба мураббии гурӯҳи омехта зарур аст, ки кӯдакони гурӯҳи миёнаро аз пеши назар дур накунад ва ба бозии онҳо роҳбарӣ кунад. Дар назар доштан лозим аст, ки кӯдакон дар ин синну сол натанҳо бозиҳои ёддодаи мураббия, балки бозиҳоеро низ мекунанд, ки худашон аз рафиқони калонсолашон ёд гирифтаанд. Ин бозиҳоро дар сари вақт дидан ва дастгирӣ кардан зарур ва ба амалиёти мустақилонаи рӯзафзуни кӯдакон

такья карда, ба онҳо аз рӯи қоидаҳои номураккаб бозиданро ёд додан лозим аст.

Бозиҳои дидактикии қоиданок барои *томактабиёни калонсол* (соли шашуми ҳаёт) пешбинӣ мекунад, ки дар кӯдакон қобилияти фаҳмидани хосияти доираи васеи предметҳо ва ҳодисаҳо тарбия карда шавад, инчунин онҳо дар бораи предмету ҳодисаҳо тасаввуроти ҳарҷонибаи хулосавӣ пайдо кунанд, бо шаклҳои гуногуни геометрӣ, бо пайдарпаии рангҳои спектр ва ғ. шинос шаванд. Ин гуна бозиҳо аз ҷиҳати хусусият ва аҳамияташон дар байни бозиҳои таълимӣ ҷои аввалинро ишғол мекунанд.

Акнун кӯдакони 5—6-сола аз ӯҳдаи бозиҳои мураккаби болоистолии чопӣ («Аз рӯи рангаш интихоб кун», «Фаслҳои сол», «Ба кӣ чӣ қадар лозим», «Ҳафт қатор» ва ғ.), бозиҳои даҳонакӣ («Қанӣ, ёб», «Номи чизҳо, шакл ва рангашонро гӯй ва ғ.), бозиҳои даҳанакии ҳаракатнок («Кадом звено зудтар ҷамъ мешавад», «Хонаи кӣ» ва ғ.) мебароянд. Дар гурӯҳи ин синну сол бозиҳои андозакунӣ бо чашм ва мутобиқкунии ҳаракатҳои гуногун («Қалпоқчаҳои паррон», «Кӣ зиёд», «Ҳалқапартоии болоистолӣ», «Футбол» ва ғ.), инчунин бозиҳо-муаммоҳо («Саққочаро соз», «Ба тартиб биёр», «Парахаҳои ранга» ва ғ.), шашкабозӣ аҳамияти калони ташкилкунандагӣ пайдо мекунад.

Мураббияи гурӯҳи омехта бояд ғамхорӣ кунад, ки кӯдакҳои калонсол бозиҳои гуногуни дидактикиро дӯст доранд ва онҳоро иҷро карда тавонанд, шавқу ҳаваси худро қаноат кунонида тавонанд, бозии дӯстдоштаашонро интихоб карда, онро бо ҳамсолони худ иҷро кунанд. Педагог ба имконияти рӯзафзуни кӯдакон такья намуда ва афзудани кӯшиши онҳоро ба мустақилона амалкунӣ (кӯдакон аллакай аз рӯи қоида бозӣ карданро ёд гирифтаанд, дар бозиҳо сармин шуда метавонанд) дастгирӣ намуда, пешакӣ муқаррар мекунад, ки ба кадом кӯдак кадом бозиро бояд ёд диҳад (ба бозӣ шинос мекунад, қоидаи онро мефаҳмонад, худаш бо кӯдакон якчанд бор бозӣ мекунад, бозии мустақилонаи онҳоро мушоҳида мекунад ва ғ.); вазифаи сарминӣ (сардорӣ)-ро месупорад ва назорат мекунад, ки сарминҳо иваз шуда истанд; месанҷад, ки бозиҳои такрорӣ ба кӯдакон барои мустақилона иҷро кардани онҳо чӣ тавр мадад мерасонанд.

Дар мавриди роҳбарӣ намудан ба бозии кӯдакони калонсол, педагог бояд ин чизро ба эътибор гирад, ки шавқу ҳаваси кӯдакон нисбат ба бозӣ ва иштирокчиёни он торафт тағьир мееёбад, бозингари дилхоҳашонро интихоб мекунанд. Дар баъзе мавридҳо шавқу ҳаваси кӯдакҳо ба ин ё он бозӣ мувофиқат мекунад, масалан, гурӯҳе аз кӯдакон бештар шашкабозӣ мекунанд. Дар мавриди дигар кӯдакон ба якдигар майл, дӯстии наздик пайдо мекунанд: онҳо ҳамеша дар ҳамаи бозиҳо ҳамроҳи якдигаранд. Педагог бояд назорат кунад, ки кӯдакҳо дар кадом асос, бо кадом мақсад муттаҳид мешаванд ва инро ба назари

эътибор гирифта, шавқу рағбат ва муносибати байни якдигарии онҳоро ба роҳи дуруст равона намояд. Хусусан ба кӯдаконе, ки бозӣ карда наметавонанд ё ба бозиҳои умумӣ бо дили нохоҳам ҳамроҳ мешаванд ва ё онҳоро дигарон ба бозиашон шарик намекунанд, диққати махсус додан лозим аст. Пеш аз ҳама, сабаби ин фактҳоро фаҳмидан, сонӣ дар асоси ин барои ба бозӣ ҳамроҳ кардани кӯдак чораҳо дидан лозим аст.

Имконияти бозии мустақилона дар соли ҳафтуми ҳаёти кӯдак меафзояд. Кӯдакон аз он ки дар бозиҳои дидактикӣ дониш, чобукӣ, зиракӣ, ҳозирҷавобӣ, диққатнокӣ, чусту чолокӣ зоҳир карда метавонанд, хурсанд мешаванд. Онҳоро ба мисли пештара амалиёти бозӣ ба худ ҷалб мекунад, вале акнун онҳо бештар ба мақсади охирини бозӣ аҳамият медиҳанд, онҳо барои ноил шудан ба натиҷаи охирини бозӣ кӯшиш мекунанд. Бозиҳои дидактикии кӯдакони ҳамин синну сол бояд дар онҳо ҳисси донишдӯстӣ, фикрронии фаъол, инчунин хислатҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳамкорӣ ва ба якдигар ёрирасонӣ, хайрхоҳӣ, қобилияти ба қадри манфиату фикри дигар рафиқони ҳамбозӣ расидан ва онҳоро ба эътибор гирифтан, софдилона ва аз рӯи қоида бозӣ кардан)-ро инкишоф диҳанд. Бозиҳоро барои ба вуҷуд овардани коллективҳои устувори бозингарон, ки бо манфиати умумӣ, хайрхоҳии байнияк дигарӣ, муносибати байниҳамдигарии рафиқона пайваст шудаанд, истифода бурдан лозим аст.

Дар гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб роли бозиҳои болоистолии чопӣ доир ба таснифоти предметҳо назар ба давраи пештара хеле меафзояд (лотои «Ба кӣ чӣ лозим», «Фаслҳои сол» ва ғ.). Диққати кӯдаконро бештар бозиҳое ба худ ҷалб мекунанд, ки онҳо бо мусобиқаи ориентировкаи зуд ва аниқи сенсорӣ сар мешаванд, инчунин аз дарк кардан ва ба гурӯҳҳо ҷудо намудани шаклҳои геометрӣ, рангҳои асосӣ ва тобишҳои гуногуни онҳо ва ғайра иборатанд. Онҳоро хотамкориҳои гуногун, бозиҳои мураккаби муаммонок, шашкабозӣ торафт бештар ба худ ҷалб мекунанд. Хеле муҳим аст, ки бозиҳои номбурда натанҳо иштирокчиёни бевоситаро, балки тамошобинонро низ, ки бозиро мушоҳида ва ба муваффақият ё нобарории рафиқонашон муносибати худро фаъолона ифода мекунанд, муттаҳид менамоянд (тамошобинон бештар кӯдакони хурдсол мебошанд).

Дар бозии мустақилонаи кӯдакон бозиҳои гуногуни дидактикии даҳонии қоиданок торафт бештар мавқеи муҳим ишғол мекунанд[1]. Масалан, дар байни онҳо чунин бозиҳо шуда метавонанд: 1) бозиҳои аз қабили чистон, ки аз ҷудо карда тавонистани аломатҳои хоси предметҳо, аз муқоисакунӣ иборатаст («Чистон», «Ҳа-не», «Монанд-номонанд» ва ғ.); 2) бозиҳои доир ба инкишофи маҳорати хулоса баровардан, аз рӯи аломатҳои

[1] Ниг. Бондаренко А. К. «Словесные игры в детском саду». М., 1974 г.

муайян ба як ҷо ғун кардани предметҳо («Се чизро номбар кун», «Ба кӣ чӣ лозим» ва ғ.); 3) бозиҳои доир ба инкишоф додани қобилияти ҳодисаи воқеиро аз ғайривоқеӣ ҷудо карда тавонистан, хулосаҳои дуруст бароварда тавонистан («Кӣ бисьёртар мебинад», «Мешавад-намешавад»); 4) бозиҳои оид ба инкишофи тобоварию босабрӣ, ҳозирҷавобӣ, чаққонию зиракӣ («Фантҳо», «Дар куҷо будам-намегӯям» ва ғ.).

Чунон ки мебинем, аксарияти бозиҳои дидактикии номбаршуда дар ҳақиқат бозиҳои қоиданок буда, дар онҳо вазифаҳои мураккаби фикрӣ ва тарзи бозӣ дар мавриди аз ҷониби ҳар як бозигар ва ҳамаи бозигарон ҳатман ба ҷо оварда шудани қоидаҳои муайян иҷро карда мешаванд, Ин хел бозиҳо ба кӯдакони хурдсол дастрасу мувофиқ нестанд, бинобар ин пешбинӣ шудааст, ки дар гурӯҳи омехта ин бозиҳо танҳо бо кӯдакони калонсол гузаронида шаванд.

Дар мавриди ба бозии кӯдакони калонсол роҳбарӣ намудан ба мураббия зарур аст, ки:

1) барои мустақилона истифода бурдани кӯдакон бозиҳои дидактикӣ интихоб карда шуда, ба онҳо бозиҳои наве, ки ба гурӯҳ ҷорӣ карда мешаванд, ёд дода шаванд;

2) мубодилаи таҷриба ташкил намуда, ба худи кӯдакон имконият дода шавад, ки бозиҳои дӯстдоштаашон ва хуб медонистагиашонро ба рафиқонашон ёд диҳанд;

3) барои бой гардонидани таҷрибаи мустақил бо кӯдакони 5—7-сола (дар вақти машғулият ва берун аз он) мунтазам бозиҳои мураккабтари дидактикӣ, аз қабили «Саёҳат», «Выставкаи бозиҳо», «КВН-и кӯдакон» ва ғайра гузаронида шаванд.

Дар шароити гурӯҳи омехта аксарияти бозиҳои дидактикии барои синну соли муайян таъиншударо бо ҳамаи кӯдакон якҷоя гузарондан мумкин аст. Мақсади асосии алоҳида-алоҳида дида баромадани бозиҳои дидактикӣ дар он аст, ки мехоҳем тағьир ёфтани хусусияти ин бозиҳоро дар давраҳои гуногуни кӯдакии томактабӣ нишон диҳем ва диққати мураббияро ба он бозиҳо ҷалб намоем, ки барои ҳар як давраи синну сол аҳамияти муҳими таълиму тарбиявӣ дорад. Донистани ин ба педагог аз он сабаб зарур аст, ки ӯ барои ба бозиҳо роҳбарӣ кардан усулҳои мувофиқро интихоб карда тавонад, масалан, ӯ бояд дурусттар муайян кунад, ки дар мавриди набудани шароити бозиҳои алоҳида-алоҳида кӯдакони синну солашон гуногунро дар кадом бозӣ якҷоя кардан фоиданоктар аст.

## ТАШКИЛИ БОЗИҲОИ УМУМИИ ДИДАКТИКИИ КӮДАКОНИ ГУНОГУНСИН

Таҷриба ва тадқиқот нишон медиҳанд, ки дар бозиҳои дидактикӣ якҷоя будани кӯдакони синнашон гуногун аз ҷиҳати тарбиявӣ мумкин ва фоиданок аст. Вале педагог бояд ҳамеша

дар хотир дошта бошад, ки кӯдакони хурдсол ва калонсол дар зинаҳои гуногуни бозӣ меистанд ва ба қоидаҳои бозӣ ҳар хел муносибат мекунанд. Кӯдакони хурдсолро худи бозӣ ҷалб мекунад: дар амалиёти он ҳамаи мазмун ва мақсади бозӣ барои кӯдак мавҷуд аст. Кӯдакони 4—5-сла акнун аз рӯи қоида бозӣ карданро ёд мегиранд. Ҷиҳати асосии бозиҳои дидактикии калонсол риоя кардани қоидаҳои бозӣ мебошад.

*Мураббия бояд кӯшиши бо хурдсолон бозӣ кардани кӯдакони калонсолро бинад, дастгирӣ кунад, онҳоро ҳавасманд намояд.* Хуб мешуд, агар кӯдакони калонсол дар бозиҳои қоиданоки на он қадар мураккаб вазифаи сармини хурдсолонро (мустақилона ва ё бо таклифи педагог) бо майлу хоҳиши худ ба зимма гиранд ва ба онҳо чӣ хел бозӣ карданро ёд диҳанд.

Масалан, кӯдаки калонсол агар бинад, ки хурдсолон ҳалқаҳоро ба ранги тирчӯб нигоҳ накарда, бетартиб шадда карда истодаанд, ӯ метавонад ба онҳо чӣ тавр дуруст шадда карданро нишон диҳад, омӯзонад ва ғайра.

Дафъаи дигар кӯдаки калонсол ду-се кӯдаки хурдсолро ба бозии болоистолии чопӣ даъват мекунад («Кадом ҳайвон чӣ тавр бонг мезанад», «Суратчаҳои ҷуфт», ва ғ.), онҳоро паси стол шинонда, ба онҳо картаҳои калонро тақсим мекунад, худаш карточкаҳои майдаро баровvarда нишон медиҳад ва онро ба кӯдаке месупорад, ки дар картаи ӯ ҳамин хел сурат ҳаст ва ғ.

Боз мисолҳои дигар овардан мумкин аст — ин гуна мисолҳо дар ҳаёти гурӯҳҳои омехта бисьёранд. Вале кӯдакони калонсолро водор кардан лозим нест, ки онҳо ҳатман ҳар рӯз бо хурдсолон бозӣ кунанд. Дар хотир доштан зарур аст, ки кӯдаки калонсол дар мавриди бо хурдсолон бозӣ кардан, гӯё роли одами калонсолро иҷро мекунад ва бо хурдсолон барои онҳо шуда бозӣ мекунад; талаботу манфиати дарккунӣ ва бозии худаш, инчунин талаботи аз рӯи қоида ба ҷо овардани онро ӯ танҳо дар ҳангоми бо ҳамсоли худ бозӣ кардан қонеъ мегардонад.

Бозии кӯдакони калонсол бо кӯдакони синни миёна ҳам (бо вуҷуди он ки имконияти иштирокчиёни бозӣ баҳам наздик аст) на ҳамеша талаботи онҳоро қонеъ мегардонад. Охир, бозиро аз кӯдаки хурдсол ва бозиро наметавонистагӣ бурдан он қадар душвор нест ва бинобар ин бозӣ шавқовар ҳам намешавад. Агар аз кӯдаки хурдсол бурдани бозӣ ба кӯдаки калонсол маъқул бошад, педагог бояд дар бораи чунин рафтори кӯдак андеша кунад: сабаби ин гуна кӯшиши кӯдак дар чист — хоҳиши бозӣ кардан, шод намудани рафиқи хурдсоли худ, ба ӯ ёрӣ расондан аст ва ё дар ӯ ҳисси бар шахси заифу нотавон бартарият доштан васваса кардааст. Дар мавриди дуюм пеши роҳи оқибати номатлубро гирифтан лозим аст. Барои ҳамин ин хел кӯдаконро ба бозии дигар бачагони бозӣ ва қоидаи онро хуб медонистагӣ шарик кардан лозим, то ки вай, аз як тараф, ҳис кунад, ки барои ба мақсади душвор ноил шудан бисьёр меҳнат кардан даркор ва аз тарафи дигар, бояд бифаҳмад, ки вай

ҳам ба мисли дигарон метавонад хато кунад, бозиро бой диҳад ва ғайра, яъне зуҳуроти кибру ғururро аз ибтидо пешгирӣ кардан лозим аст.

Бозиҳои якҷояи кӯдакони синнашон гуногун дар мавриде муташаккилона мегузарад, ки агар дар ин бозиҳо хурдсолону калонсолҳо муттаҳиду тифоқ бошанд. Кӯдакони 6—7-сола, ки якдигарро хуб медонанд, кӯшиш мекунанд, ки ба хурдсолон ёрӣ расонанд, ба онҳо ҳар чизи медонистагию метавонистагиашонро ёд диҳанд ва дар айни замон афзалияти худашонро таъкид накунанд. Барои давом кардан ва вайрон нашудани бозии умумӣ баъзан онҳо аз хурдсолон ҳатман ба ҷо овардани қоидаи бозиро талаб намекунанд, агарчи барои худашон онро ҳатмӣ медонанд.

Бозии кӯдакони гурӯҳҳои миёна ва хурдсол на ҳама вақт оромона, ҳамвор мегузарад ва аз ин рӯ, диққати махсуси мураббияро талаб мекунад. Он чизро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки кӯдакони 4—5-сола ҳоло барои аз рӯи қоида бозӣ кардан душворӣ мекашанд, аз ҳамин сабаб ба бозии умумӣ бояду шояд иштирок карда наметавонанд, бинобар ин, кӯдакони калонсол аз хурдон меранҷанд, аз болои онҳо ба педагог арзу шикоят мекунанд ва ғ. Барои инкишоф додани муносибатҳои неки байни кӯдакони ҳамаи синну сол, алалхусус дар мавриде, ки аксарияти онҳоро маҳз кӯдакони хурдсол ва миёнсол ташкил медиҳанд, бештар бо бозичаҳо ва материалҳои дидактикӣ (матрёшкаҳо, манорачаҳо ва ғ.) бозӣ карданро таклиф намудан лозим аст. Кӯдакон дар наздикии якдигар ҳар кадом бо лӯхтаки худ бозӣ мекунад, вале дар айни замон ҳамкории оддии онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Чӣ тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар мавриди чунин бозӣ дар кӯдакони 4—5-сола хоҳиши ба кӯдаки хурдсол ёрӣ расондан зудтар пайдо мешавад (кушодан ё пӯшидани матрёшка, интихоб намудани ҳалқаҳои ҳархела ва ғ.). Суханони хайрхоҳонаю насиҳатомезонаи сари вақт гуфта шудаи педагог, масалан, дар хусуси он ки бачаҳо дӯстонаю муттафиқона бозӣ карданд ва онҳо акнун бисьёр матрёшка-духтарчаҳо доранд, акнун ҳамроҳи онҳо сайру гашт мекунанд, ба киштӣ савор мешаванд, ба кӯдакон ва муносибати байниҳамдигарии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Мураббия ба бозиҳои умумии дидактикӣ, ки бо ташаббуси худи кӯдакон ба вуҷуд меоянд, роҳбарӣ менамояд ва худи ӯ ҳамин гуна бозиҳоро ташкил мекунад. Мураббия ин бозиҳоро ба ду-се гурӯҳчаҳо ва ё бо тамоми аҳли гурӯҳ гузаронда, фаъолият ва муносибати байниякдигарии кӯдаконро ташкил мекунад, вазифаҳои дидактикиро сари вақт сабук ё мураккаб менамояд, иҷрои қоидаҳоро ба низом медарорад. Бисьёр бозиҳои дидактикии дар маҷмӯаҳои бозиҳо тасвирьёфта ва дар боло баён кардашуда метавонанд бо иштироки фаъолонаи мураббия ба амал бароварда шаванд. Вале барои ин бояд педагог хуб донад, ки кадом бозӣ барои кӣ таъин шудааст, қоидаҳои онҳо

чӣ гунаанд, вазифаҳо, амалиёт ва қоидаҳои мухталифи он бозиҳоро ба синну соли кӯдакон нигоҳ карда, чӣ гуна тағьир додан ва чӣ тавр татбиқ кардан мумкин аст.

Якчанд мисоли бозиҳои якҷоя бо кӯдакони синнашон гуногун:

1. Бозии саёҳат дар рӯи хона. Ҳамаи кӯдакон чизҳои гуногуни аз материалҳои гуногун сохташударо ҷамъ мекунанд; хурдсолон ҳар гуна чизҳо ва бозичаҳои мухталифро меёбанд, меоранд ва номи онро мегӯянд, кӯдакони миёнсол — бозичаҳои чӯбин ва оҳанинро, кӯдакони калонсол — чизҳои аз ҳамин материалҳо сохташудаи таъминоти муайян доштагиро (зарфҳо, мебель ва ғ.) меёбанд, меоранд ва номи онҳоро гуфта медиҳанд.

2. Бозии «Халтачаи сеҳрнок». Ҳамаи кӯдакон бозӣ мекунанд, вале халтачаи сеҳрнок — ҳамагӣ ду дона: яктоаш барои кӯдакони 2—4-сола, дигараш барои кӯдакони 5—7-сола. Метавонанд дар як вақт ду кӯдак барояд. Кӯдаки хурдсол аз халтачаи худ чизҳоро якто-якто мебарорад ва номи онҳоро мегӯяд, кӯдаки калонсол аз халтаи худаш чизро мебарораду ба ӯ нигоҳ накарда, номашро мегӯяд.

3. Барои бозии кӯдакони синни гуногун як қатор бозиҳои анъанавии дидактикии дорои хусусияти сюжетию ролиро, аз қабили «Магазин», «Выставкаи бозичаҳо», «Мактаб» ва ғайра, ба осонӣ мувофиқ кардан мумкин аст.

## БАЪЗЕ ТАВСИЯҲО ОИД БА БОЗИҲОИ ҲАРАКАТНОКИ ҚОИДАДОР

Бозиҳои ҳаракатноки қоидадор дар процесси педагогӣ аз бозиҳои дидактикӣ дида васеътар истифода карда мешаванд. Онҳо ҳамчун қисми зарурии машғулиятҳои физкультура гузаронда мешаванд, аз тарафи мураббия ба план гирифта шуда, дар вақти сайру гашт ташкил карда мешаванд, инчунин бо таклифи педагог ва ё хоҳиши худи кӯдакон дар соатҳои фаъолияти мустақилона ба амал меоянд. Дар программа (дар қисми «Машғулиятҳо») бозиҳои мувофиқи ҳар як синну сол аз рӯи намудҳои асосии ҳаракат ва системаи муайян дароварда мешаванд: роҳгардию давидан, хазидану часпида баромадан ва ғ.— ин интихоби бозиҳо ва роҳбариро ба онҳо осон мекунад. Маълум аст, ки кӯдакон бештар бозиҳои дар машғулиятҳо ёд гирифтагиашонро мекунанд.

Бозиҳои қоиданок, ки бо мақсади тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ гузаронида мешаванд, ба се намуди нисбатан мустақил тақсим мегарданд: 1) бозиҳои ҳаракатнок: сюжетдор ва бесюжет, 2) бозиҳои дорои хусусияти спортӣ: город-

ки, баскетбол, тенниси руистолӣ, бадминтон, футбол, хоккей ва ғ.; 3) бозиҳои бо суруди якка ва хор[1].

Бозиҳои гурӯҳи якум — бозиҳое, ки сюжети муайян надоранд, аз ҳама осонтару соддатар ҳисоб меёбанд, онҳо ё аз иҷро кардани супоришҳои конкретии ҳаракатнок («Ба ман расида гиред», «Кӣ зудтар ба назди ман давида меояд» ва ғ.) ва ё аз бо предметҳо бозӣ кардан (кеглибозӣ, ҳалқапартоӣ ва ғ.) иборатанд; ҳаводиҳӣ ва дошта гирифтан, бозиҳои эстафетадор, ки дорои унсурҳои мусобиқа мебошанд, низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд.

Дар бозиҳои ҳаракатноки сюжетдор амалиёти кӯдакон ба роли иҷро мекардагиашон вобаста аст. («Турнаҳо», «Чашмбандак» ва ғ.) қоидаҳои бозиҳои мазкур рафтори кӯдакон, инчунин равиши худи бозиро ба тартиб меандозанд.

Бозиҳо аз ҷиҳати тарзи ҳаракат калон, миёна, хурд мешаванд. Дараҷаи ҳаракатнокии бозӣ аз рӯи суръати ҳаракати ҳар як кӯдак, фаъолияти он, инчунин бо миқдори иштирокчиёни он муайян карда мешаванд.

Бозиҳои дорои хусусияти спортӣ бо дараҷаи асосҳои техникаи бозиро аз худ кардани кӯдакони миёнсолу калонсоли синни томактабӣ вобастааст. Онҳо ҳаракати фаъолияти кӯдакро дар вақти бозӣ ташкил медиҳанд (дар бозиҳои городки, баскетбол ва ғайра).

Бозиҳои бо суруди якка ва хор бештар дар асоси суруду рақсҳои халқӣ ташкил карда мешаванд. Онҳо ба кӯдакон таъсири калони эмоционалӣ мерасонанд, ба ташаккули равонию хиромонӣ, мазмунӣ, возеҳии ҳаракати кӯдакон мусоидат мекунанд.

Таносуби намудҳои гуногуни бозӣ дар гурӯҳҳои синну соли ҳархела тағьир меёбад.

Бозиҳои ҳаракатноки қоидадор, ба мисли бозиҳои дидактикӣ, ба тарбияи фикрӣ ва маънавии кӯдак, ба кори дар кӯдакон ташаккул додани муташаккилӣ, батоқатӣ, моҳирию чаққонӣ ва дигар сифатҳо таъсири калон мерасонанд.

Истифода кардани бозиҳои ҳаракатнок ба мураббияи гурӯҳи омехта ёрӣ мерасонад, ки фаъолияти ҳарҷонибаи ҷисмонии кӯдакон ва бозии онҳоро ташкил намояд. Ба ҳаёти кӯдакони ҳар як гурӯҳ чунин бозиҳоро ҷорӣ кардан лозим аст, ки онҳо барои мустақилона амал кардани кӯдакон, барои назорат кардани худаш ва рафиқонаш имконият дорад.

Бозиҳои ҳаракатноки қоидадор дар гурӯҳи омехта, ба мисли бозиҳои дидактикӣ, бояд ба мақсаду сарбории ҷисмонӣ нигоҳ карда, бо кӯдакони як синну сол дар ду гурӯҳчаи алоҳида ва ё бо ҳамаи гурӯҳ (аз 3 то 7-сола) гузаронда шавад. Дар

---

[1] Тасвири бозӣ аз рӯи китоби Осокин Т. И. «Физическая культура в детском саду». М., 1973, саҳ. 26—27.

ин маврид бозиҳои кӯдакони як ё ду гурӯҳи аз ҷиҳати синну сол бо ҳам наздикро афзал донистан лозим аст, зеро ин барои хубтар ба ҳисоб гирифтани қобилияти кӯдакон имконият медиҳад. Хусусан ба бозиҳои ҷудогонаи кӯдакони синни томакта-



Расми 15. «Командаи кӣ ғолиб мешавад?»

бӣ, ки аз иҷро кардани амалиёти мураккабтар иборат аст, шароити мусоид фароҳам овардан хеле зарур аст («Мактаби тӯб», «Ҳаво додану дошта гирифтани тӯб», тенниси рӯистолӣ ва ғайра).

# БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ РОҲБАРИИ ПЕДАГОГӢ ДАР ГУРӮҲИ ОМЕХТА[1]

Меҳнат яке аз воситаҳои муҳими тарбияи коммунистӣ, шакли ташкили фаъолияти кӯдакон мебошад. Дар фаъолияти меҳнатӣ мунтазам иштирок намудан, чуноне ки дар программа қайд карда мешавад, вазъияти кӯдаконро дар муҳити ҳамсолон ва муносибати онҳоро бо атрофиёни калонсол тағьир медиҳад. Дар ҷараёни меҳнат малака ва маҳорати кӯдакон такмил меёбад, мушоҳидакориашон инкишоф меёбад, доираи шавқу рағбати онҳо васеъ мешавад, сифатҳои ахлоқӣ, меҳнатдустӣ, шаклҳои ибтидоии масъулиятшиносӣ, ҳисси вазифашиносии онҳо ташаккул меёбад.

Дар шароити гурӯҳи омехта таъсири тарбиявии меҳнат хеле меафзояд. Ҳаёти якҷояи кӯдакони синнашон гуногун имконият медиҳад, ки ғайр аз хислатҳои зикршуда, дар байни кӯдакони хурду калон муносибати мусбат — ба хурдон ғамхорӣ кардани кӯдакони калонсол, барои ба хурдсолон ёрӣ расондан ҳамеша тайёр будан, ба онҳо кори наметавонистагиашонро ёд додан ва ғайра тарбия карда шавад. Дар навбати худ кӯдакони хурдсол ба рафиқони калонсолу кордони гурӯҳашон бо ҳисси эҳтиром нигоҳ мекардагӣ мешаванд, аз натиҷаҳои меҳнати онҳо фахр мекунанд, аз иштирок кардани худ дар кори якҷоя бо онҳо шод мегарданд. Вале ин дар сурате ба вуҷуд меояд, ки агар мурабби хусусиятҳои кӯдакони синну солашон гуногунро хуб донад, дар гурӯҳ вазъияти дӯстӣ ва муносибати боилтифотонаи байни кӯдакон ва нисбат ба калонсолонро фароҳам оварад ва ташкили фаъолияти меҳнатии ҳамаи кӯдаконро нағз ба роҳ монад. Хуб мешуд, агар шахси калонсоле, ки бо кӯдакон кор мекунад, роҳ надиҳад, ки кӯдакони калонсол ба хурдсолон аз ҳад зиёд ёрикор шаванд, аз будаш зиёд парасторӣ кунанд, зеро ин хурдсолонро аз мустақилона амал кардан маҳрум менамояд; дар айни замон кӯдакони калонсолро ба ёрии хурдон оқилона ва эҳтиёткорона ҷалб намуда, шахсони калонсол қисми кори худ —

[1] Дар тайёр кардани маводҳои боби мазкур методисти тарбияи томактабии шуъбаи маорифи вилояти Москва Ю. И. Чеснокова иштирок кардааст.

нигоҳубини хурдсолонро ба зиммаи онҳо намегузоранд (вале мутаассифона баъзан чунин ҳодисаҳо вомехӯранд) ва онҳоро водор намекунанд, ки барои хурдсолон масъул бошанду ҳама вақт ба ҷои онҳо кореро баҷо оранд.

Дар мавриди тарбияи муносибати байни кӯдакони синну соли гуногун корро чунон ташкил кардан лозим аст, ки ғамхории кӯдакони калонсол бар хурдсолон дар вобастагии зич бо дуруст қонеъ гардондани талабот ва шавқу завқи ба дониш, бозӣ ва меҳнат доштаи кӯдакони калонсол пеш бурда шавад, аҳамияти муносибати онҳоро бо ҳамсолонаш ва бачаҳои аз худашон калонтар ба эътибор гирифтан зарур аст. Ҳамеша барои фароҳам овардани шароите кӯшиш кардан лозим аст, ки дар он иштироки кӯдакон дар амалиёти якҷояи меҳнатӣ ёрии кӯдакони калонсол ба хурдсолон кори муқаррарӣ ва хайрхоҳона буда, дар дили онҳо ҳиссиёти мусбат ва хурсандиро бедор мекунад.

Меҳнат ҳамчун фаъолияти каму беш мустақилонаи кӯдаки синни томактабӣ тақрибан дар синни панҷсолагӣ ташаккул меёбад. Бинобар он, меҳнат дар программаи гурӯҳи кӯдакони калонсол ва тайёрии мактаб — дар қатори бозию машғулиятҳо — ба боби махсус ҷудо карда шудааст. Албатта, ин маънои онро надорад, ки ба тарбияи меҳнатӣ аз синни панҷсолагӣ шурӯъ карда шавад. Мувофиқи талаботи программа кӯдаконро ҳанӯз аз овони хеле хурдиашон сар карда, дар ҷараёни тамоми ҳаёти онҳо дар боғча ва хона ба меҳнати мувофиқи қувват одат кунонидан лозим аст. Меҳнати бачаҳои хурдсол аз рӯи хусусияти худ ба хелҳои дигари фаъолият, хусусан бо бозӣ низ алоқаи зич дошта, тадриҷан сифати ба худ хос пайдо мекунад.

## ВАЗИФАҲО ВА МАЗМУНИ ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ТОМАКТАБИЁН[1]

Педагоги гурӯҳи омехта дар мавриди муайян намудани вазифа ва мазмуни тарбияи меҳнатӣ, ба мисли тамоми кори тарбиявию таълимӣ, бояд талаботи программаро, ки барои ҳар як гурӯҳи боғчаи бачагон таъин шудааст, ба асос гирад, қобилияти малакаи меҳнатии бачагони гурӯҳи худро ба таври конкретӣ дар мадди назар дошта бошад. Таҷриба исбот мекунад, ки дар мавриди дуруст риоя намудани таносуби талаботи программа ва вазъияти тарбияи меҳнатии ҳайати реалии гурӯҳҳои кӯдакони синну соли гуногун, ба ташкили чунон процесси педагогӣ муваффақ шудан мумкин аст, ки кӯдакони ҳамаи синну

[1] Дар навиштани ин ва дигар қисмҳои боби мазкур материалҳои китоби «Воспитание дошкольника в труде», дар зери таҳрири В. Г. Нечаева. М., с. 1974 васеъ истифода шуданд.

сол ба таври кофӣ меҳнат намуда, мувофиқи синну соли худ малакаю маҳорат пайдо мекунанд.

Вале чунин ҳам мешавад, ки танҳо кӯдакони калонсол меҳнат мекунанду барои ташкили фаъолияти меҳнатии хурдсолон вақти калонсолон намерасад. Масалан, доя ба кӯдакони хурдсол барои пӯшидану кашидани либос бояд танҳо ёрӣ расонад (пӯшондан, кашидан, дастуруӣ шуёндани кӯдак бештар маҳз ба ӯ супорида мешавад) ва ба кӯдакон имконият дода шавад, ки кори метавонистагиашонро худашон ба ҷо оранд, вале бисьёр вақт ин корро ба ҷои кӯдак худи доя иҷро мекунад. Падару модарон дар вақти саросемагии корравӣ, инчунин бачаҳои калонсол, ки ёрии хурдсолон ба онҳо супурда шудааст, низ айнан ҳамин тавр рафтор мекунанд. Дар мавриди ташкил намудани дигар намудҳои меҳнат ҳам (масалан, навбатдорӣ) ба ин худи мураббияҳо низ роҳ медиҳанд, баъзан кори кӯдакони хурдсолу миёнсолро ба кӯдакони калонсол мефармоянд. Албатта, кӯдаки калонсол инро зудтар ва беҳтар ба ҷо меорад, аз вай дилпур будан мумкин аст, вале дар ин маврид талаботи маъмули педагогӣ вайрон мешавад, ки ин талабот чунин аст: Танҳо ба таври муттасил ба меҳнат ҷалб намудани кӯдакон ба ташаккули малакаҳои зарурӣ, хоҳиши меҳнаткунии онҳо мусоидат мекунад.

Тарбияи меҳнатии кӯдакон дар ҳамаи гурӯҳҳои синну соли гуногун бояд барои ба амал баровардани вазифаҳои зерини программавӣ равона карда шавад:

1) тарбия намудани муносибати мусбат нисбат ба меҳнати калонсолон, кӯшиши ба қадри ҳол ба калонсолон ёрӣ додан, ба натиҷаи меҳнати онҳо манфиатдор будан; ташаккули тасаввурот дар бораи зарурати меҳнат дар ҳаёт, дар бораи муносибати калонсолон ба меҳнат, дар бораи характери ҷамъиятӣ доштани меҳнат;

2) ташаккули малакаҳои меҳнатӣ ва такмили минбаъдаи онҳо, маҳорати диққатнокӣ, вазифашиносӣ, чолокию моҳирона, бо суръати зарурӣ кор кардан;

3) тарбияи меҳнатдӯстӣ, саъю кӯшиши меҳнатӣ, ҳисси масъулият, ғамхорию дилсӯзӣ, эҳтиёткорию сарфакорӣ, барои меҳнат тайёр будан;

4) тарбияи малакаҳои ташкили меҳнат, барои меҳнат тайёр карда тавонистани тамоми чизҳои зарурӣ ва баъди кор ҷои корро тоза намудан ва ба тартиб даровардан;

5) ташаккули муносибати мусбати байни кӯдакон дар ҷараёни меҳнат, кӯшиши ба рафиқи ҳамкори худ ёрӣ расондан, ба кори дигарон хайрхоҳона муносибат намудан ва ғайра.

Тасодуфӣ нест, ки шиносоӣ бо меҳнати калонсолон ба гурӯҳи якуми вазифаҳои тарбияи меҳнатӣ дохил карда шудааст. Ин асоси тарбияи дуруст ва инкишофи фаъолияти шахсии меҳнатии кӯдак мебошад. Меҳнати кӯдак маҳз аз мушоҳида намудани меҳнати шахси калонсол ва амалиёти якҷояи меҳнатӣ бо

он сар мешавад. Аҳамияти бо меҳнати калонсолон шиносоӣ пайдо кардани кӯдак боз дар он аст, ки тарбияи меҳнат бо инкишофи ақлӣ ва маънавии кӯдакони синни томактабӣ зич алоқаманд аст.

Гурӯҳҳои дигари вазифаҳо низ дар ҳамаи зинаҳои тарбияи томактабӣ пешбинӣ шудаанд, вале мувофиқан ба ҳар як синну соли муайян ин вазифаҳо конкретӣ мегарданд ва тадриҷан мураккабу васеъ мешаванд. Аз гурӯҳи кӯдакони хурдсол то гурӯҳи калонсолон талабот нисбат ба сифати малакаҳои меҳнатӣ ва муносибатҳо ба суръати фаъолият, дараҷаи худташкилӣ ва мустақилии кӯдак дар ҷараёни меҳнат пай дар пай меафзояд. Шакли ташкили меҳнати кӯдак гуногун мешавад ва ӯ торафт хислати коллективона пайдо мекунад. Дар шароити гурӯҳи аз ҷиҳати синну сол омехта хеле муҳим аст, ки ба тафовути талабот нисбат ба кӯдакони синнашон ҳархела риоя карда шавад ва дар тарбияи меҳнатии ҳайати реалии гурӯҳ, маҳорату малакаи кӯдакон ба эътибор гирифта шавад.

Масалан, дар ҷараёни кори дар кӯдакон тарбия намудани меҳнатдӯстӣ, ба саъю кӯшиши меҳнатӣ одат кунонидан ва дигар сифатҳои шахсият (вазифаи сеюм) талаботи зерини программавиро ба амал баровардан лозим аст:

| Барои кӯдакони соли сеюми ҳаёт | Барои кӯдакони соли чоруми ҳаёт | Барои кӯдакони соли панҷуми ҳаёт | Барои кӯдакони соли шашуми ҳаёт | Барои кӯдакони соли ҳафтуми ҳаёт |
|---|---|---|---|---|
| Супоришҳои оддиро иҷро кардан | Барои мустақилона иҷро кардани кори мувофиқи қувваташ, инчунин барои дар гурӯх нигоҳ доштани тартиботу иштирок намудан хоҳиш зоҳир кардан | Барои меҳнат кардан ва ба саъю кӯшиши меҳнатӣ тайёр будан хоҳиш зоҳир намудан | Ба меҳнати худаш иштиёқ зоҳир намудан, барои ба нафъи умум меҳнат кардану кӯшидан, барои дар меҳнати якҷоя иштирок кардан ва аз кори ногувор рӯй гардондан тайёр будан | Барои ба нафъи умум меҳнат кардан кушиш зоҳир намудан, бо ташаббуси худ ба иҷрои кор шурӯъ намудан, бо хисси масъулият ва мустақилона меҳнат кардан. |

Вазифаҳои тарбияи меҳнатӣ дар боғчаи бачагон дар намудҳои гуногуни меҳнат, ки ба кӯдакони синни томактабӣ мувофиқу нафъноканд, яъне дар корҳои хоҷагию маишӣ, дар меҳнати ҳавои кушод ва меҳнати дастӣ ба амал бароварда мешаванд. Ба меҳнати хоҷагию маишӣ кӯдакони ҳамаи гурӯҳҳо ҷалб карда мешаванд, вале ба ин кор хусусан дар гурӯҳҳои хурдсолон диққати махсус додан лозим аст. Дар оғуши табиат — дар ҳавои кушод меҳнат карданро низ аз синни сесолагӣ меомӯзо-

| Хели корҳо | Гурӯҳи дуюми хурдсолон | Гурӯҳи миёна | Гурӯҳи калонсолон | Гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб |
|---|---|---|---|---|
| Худхизматрасонӣ | ботартиб мустақилона либос пӯшидан ва кашидан (бо ёрии андаки мураббия). Либосҳоро ботартиб таҳ карда мондан. Қамбудиҳои ночизи либосро дуруст кардан. | мустақилона либосро кашидану пӯшидан, тугмаҳоро андохтан, банди ботинкаро бастан. Қамбудии либосро мустақилона бартараф намудан. Ҷойгаҳро андохтан. | ҳар кореро, ки мумкин аст, бе ёрии дигарон худаш иҷро намояд; тартиби муқарраршуда, тозагиро дар хона ва боғчаи бачагон риоя кунад. Чизҳои шахсӣ, бозичаҳо, китобҳоро бо тартиб нигоҳ дорад, бетартибии либосро бартараф кунад; тугмаҳоро худаш дӯзад, пальторо тоза кунад, ҷӯроб, пешдоманашро шӯяд. | либосро зуд кашаду пӯшад. Аз паи тозагии либосу пойафзолаш шавад. Бенизомии либосро бинад ва бартараф кунад, либосу пойафзолашро тоза кунад, тугмаҳоро дӯзад. |
| Дар гурӯҳ ва участка тартиботро рио кардан. | Бозичаҳо, масолеҳи бинокориро ғундошта, ба ҷои муайян нигоҳ доштан. Тахтаварақҳои калонро шустан. | Бо латтаи тар пок кардани стулҳо, рафҳо, масолеҳи бинокорӣ, бозичаҳоро шустан. Бо супориши педагог сару либоси лӯхтакро шустан. Бозичаҳои болоистолиро ба як ҷо ғун кардану дар ҷой-ҷояш таҳ карда мондан. | Хонаи гурӯҳро ҳар ҳафта рӯбучин кардан ва ба тартиб овардан; мебельро пок кардан, растаниҳоро шустан, бозичаҳои аз пластмасса сохташуда, масолеҳи бинокориро шустан, либоси лӯхтакро дарзмол кардан. | Ҳар ҳафта стулҳо, тахтаи таги тиреза, масолеҳи бинокориро пок кардан, бозичаҳоро шустан, либоси лӯхтакро шустан ва дарзмол кардан. |

нанд, вале дар ин ҷо имконияти кӯдакони хурдсолу миёнсол маҳдуд аст. Дар гурӯҳи кӯдакони калонсол, хусусан дар гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб аҳамияти ин намуди меҳнат хеле меафзояд, торафт бештар қимати тарбиявию таълимӣ пайдо мекунад. Дар фаъолияти кӯдакони панҷ-ҳафтсола меҳнати дастиро васеътар ҷорӣ кардан лозим аст: дар гурӯҳи калонсолон — тайёр кардани чизҳои майда-чуйда барои бозӣ (аз коғаз, картон, тахтачаҳо), чизҳои хотиравӣ аз материалҳои табиӣ, дар гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб — ғайр аз чизҳои номбаршуда — кор бо чӯб, ва матоъ.

Мундариҷаи баъзе аз намудҳои меҳнати хоҷагию маишӣ (худхизматрасонӣ, дар тартиботи гурӯҳ ва участка иштирок намудан)-ро дар таблицаи саҳ. 85 дидан мумкин аст.

Чуноне ки дида мешавад, аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаштан программа тадриҷан васеъ ва мураккаб мешавад, ки ин бо роҳи ҷорӣ намудани амалиёти нави меҳнатӣ ва тадриҷан афзудани нисбат ба мустақилӣ ва мураттабии меҳнат ба вуҷуд меояд.

Талаботи программавӣ доир ба иштироки кӯдакон дар кори ба болои стол муҳайё кардани хӯрок ва ба машғулият тайёр намудани материалҳо бо ҳамин роҳ меафзояд.

Масалан, кӯдакони 3—4-сола дар вақти ба болои стол ҳозир намудани хӯрок ба доя ёрӣ мерасонанд (дастпоккун, лаълии нонро ба болои стол мемонанд, қошуқҳоро ба ҷо-ҷояш мегузоранад). Кӯдакони гурӯҳи миёна, ғайр аз ин табақчаҳо, пиёлачаҳоро ба ҷо-ҷояш мегузоранд. Стаканчаҳоро аз дастпоккунакҳо пур мекунанд, баъди хӯрокхӯрӣ лаълиҳои нон ва стаканҳои дастпоккунакдорро мерундоранд. Кӯдакони 5—6-сола худашон ба болои стол хӯрокро ҳозир мекунанд, таоми сеюмро мебиёранд, кӯдакони шаш-ҳафтсола бошанд, ғайр аз ин таоми дуюмро оварда, тақсим карда медиҳанд, баъди хӯрокхӯрӣ косаю табақро меғундоранд.

Педагог бояд хеле равшан тасаввур дошта бошад, ки дар программаи ҳар як гурӯҳ мувофиқи ҳамаи намудҳои меҳнат чиҳо пешбинӣ шудааст, талаботи программаро ба дараҷаи ҳозираи фаъолияти меҳнатии ҳар як кӯдак мутаносиб намуда, пас аз он вазифаҳои конкретии кори тарбиявию таълимиро барои муддати муайян пешбинӣ кунад.

Ба масъалаи таҳлили меҳнати дар оғӯши табиат — ҳавои кушод иҷро мекардагии кӯдак ва меҳнати дастии он таваққуф намекунем (дар программа ба ин масъалаҳо махсус диққат дода шуда, онҳо муфассал баён карда шудаанд ва бинобар ин худи мураббия дар мисоли меҳнати хоҷагию маишӣ метавонад барои ҳар як гурӯҳ ҷиҳатҳои асосии тарбияи меҳнатиро муқаррар кунад), вале аҳамияти бузурги ин намудҳои тарбияи меҳнатиро барои тарбияи кӯдакони гурӯҳҳои омехта, алалхусус дар боғчаҳои бачагонаи деҳот, таъкид мекунем. Ин маълум аст: бачаҳои деҳот бо табиат алоқаи зичу бевосита доранд, дар му-

ҳити меҳнати хоҷагии қишлоқ зиндагӣ мекунанд, дар нигоҳубини растанӣ ва чорво фаъолона иштирок менамоянд ва аз ин рӯ, ҷиҳати хеле муҳими кор он аст, ки кӯдакони деҳот ин корро натанҳо дар шароити гӯшаи табиат, балки ҳар рӯз дар шароити ҳаёти оилаашон ба ҷо меоранд.

## ТАШКИЛИ МЕҲНАТИ КӮДАКОН

Дар роҳи ба амал баровардани вазифаҳои тарбияи меҳнатӣ ва иҷро намудани талаботи программа, ташкили дурусти меҳнати кӯдакон дар гурӯҳ аҳамияти бағоят калон дошта, он ба маҳорати мураббия вобаста аст, ки ӯ бояд дар кори худ қоидаҳои умумии педагогӣ ва хусусиятҳои ба худ хоси ҳаёту тарбияи якҷояи кӯдакони гуногунсолро ба ҳисоб гирад.



Расми 16. «Гӯшаи табиатро ба тартиб меоварем».

Дар асоси тавсифи шаклҳои гуногуни меҳнат ва иттиҳодияҳои кӯдакон, ки онро Р. С. Буре[1] баён кардааст, баъзе масъалаҳои ташкили меҳнат ва тарбияи муносибати байниякдигарии кӯдакони синну соли гуногунро дар гурӯҳи омехта дида мебароем.

---

[1] Ниг. Буре Р. С. «Тарбияи томактабиён дар меҳнат». М., 1971.

Меҳнати индивидуалӣ бояд дар фаъолияти ҳам кӯдаки хурдсол, ҳам кӯдаки калонсол мавҷуд бошад ва он муносибати эҳтиёткоронаи мураббияро талаб мекунад. Ташкили фаъолияти меҳнатии бачагон ҳам дар миқьёси гурӯҳчаю гурӯҳ, ҳам дар миқьёси тамоми коллектив танҳо дар он замина имконпазир мегардад, ки ҳар як кӯдак амалиёти меҳнатии ба худаш мувофиқро аз худ намояд ва диққати худро ба он ҷалб карда тавонад, кори саркардаашро то охир расонад.

Паҳлӯ ба паҳлӯ истода меҳнат кардан яке аз шаклҳои асосии ташкили фаъолияти кӯдакони хурдсол мебошад, вале он баъзан дар синни калонтари томактабӣ низ ба мақсад мувофиқ аст. Хусусияти паҳлу ба паҳлу истода меҳнат кардани кӯдакони гуногунсин, ба мисли меҳнати кӯдакони гурӯҳи як синну сол, дар он аст, ки ҷои кори онҳо умумӣ буда, номи амалиёти меҳнатии онҳо низ якхела аст, вале бо вуҷуди он, касе ба касе ягон мутобиат надорад. Аҳамияти паҳлу ба паҳлу истода меҳнат кардан, алалхусус, барои кӯдакони гурӯҳҳои хурдсолон ва миёнсолон, дар он аст, ки мураббия ба онҳо малакаҳои нав меомӯзад ва маҳорати меҳнатии ёд гирифтаашонро мустаҳкам мекунад, ба онҳо меомӯзад, ки кори сар кардаашонро ба охир расонанд ва онро ботартиб, паси ҳам иҷро намоянд. Дар айни замон вай метавонад дараҷаи роҳбарии худро индивидуалӣ намояд, яъне ба ҳар як кӯдак ба меҳнати ӯ нигоҳ карда, таъсир расонад. Масалан, ба баъзе кӯдакон таклиф карда мешавад, ки либоси лӯхтакро шӯянд, аз участка хазон чинанд, ба гулзор об резанд, пиёз шинонанд, китобро таъмир кунанд ва ғ. Ба меҳнати паҳлу ба паҳлу (ба хусусияти меҳнат нигоҳ карда) кӯдакони синну соли ба якдигар наздик (хурдсолону миёнсолон, калонсолону миёнсолон ва ғ.), инчунин тамоми гурӯҳро ҷалб кардан мумкин аст.

Меҳнати умумӣ кӯдаконро на танҳо бо амалиёти умумӣ (ҳама барг мечинанд, ҳама пиёз мешинонанд), балки бо натиҷаҳои умумӣ (ҳама кор карданд ва участка тоза шуд) низ муттаҳид мекунад. Аз ҷиҳати тарбиявӣ муҳим аст, ки кӯдак супориши худро ҳамчун қисми кори якҷоя шуморида, худро чун аъзои коллектив ҳис мекунад, нафъи умумии корро мефаҳмад, ӯ инчунин барои кори иҷро кардаи худ ва меҳнати рафиқонаш масъулият ҳис мекунад. Аммо ҳамаи ин танҳо баъди тамом шудани кор, баъди аз тарафи ҳамаи кӯдакон ба итмом расондани он ба амал меояд. Бинобар ин, меҳнати умумиро чунон фикр карда баромадан ва ташкил кардан лозим аст, ки супоришҳои меҳнатӣ сари вақт дода шаванд, то ки кӯдакон онро ба қадри имкон дар як вақт ба итмом расонда тавонанд ва мураббия ҳар дафъа ба натиҷаҳои иҷрои он супоришҳо ва нафъи барои кори умумӣ овардаи онҳо, баҳо дода тавонад. Хуб мешуд, ҳар дафъа таъкид карда шавад, ки хурдсолон низ бо ҳамроҳии дигарон меҳнат кардаанд. Дар мавриди ташкил намудани меҳнати умумӣ ба хусусияти кор нигоҳ карда, ба гурӯҳу

звеноҳо тақсим кардани кӯдакони як ё якчанд синну сол мумкин аст.

Меҳнати якҷоя дар гурӯҳҳои омехта, ба мисли гурӯҳҳои синну соли якхела, танҳо бо кӯдакони калонсол (5—7-сола) ташкил карда мешавад. Ин меҳнат дар мавриди малакаҳои хуби меҳнатӣ доштани кӯдакон ба амал бароварда мешавад ва он аз иҷро намудани як қатор (3—4) даври пай дар ҳам иборат аст. Масалан, шустани кубчаҳоро ба таври зерин ташкил кардан мумкин аст: ду кӯдак кубчаҳоро мешӯяд, се нафар онҳоро аввал ба оби тоза чайқонда пок мекунад, як кас кубчаҳои тозаро ба болои рафчаҳо мечинад ва ғ. Дар ин ҷо ҳар кӯдак танҳо як қисми корро ба ҷо оварда, як амалро чандин бор такрор мекунад ва ҳар даъфа натиҷаи меҳнати худро ба иштирокчии дигари кори умумӣ месупорад. Кӯдакон ҳанӯз дар ҷараёни кор бо якдигар вобаста мешаванд. Дар ин маврид борҳо вазъияте ба вуҷуд меояд, ки вай якҷоя амал кардан, дар хусуси кори иҷро шудаистода гуфтугӯ намудан, маслиҳат карданро талаб мекунад. Кӯдакон дар мавриди ба миён омадани душворие ба якдигар ёрӣ расондан, маслиҳат доданро ёд мегиранд. Ба ҳамин тариқ, дар ҷараёни меҳнати якҷоя барои ҳамкории неки байнияқдигарӣ ва ташаккульёбии муносибати мусбати кӯдакон имконияти калон фароҳам меояд.



Расми 17. «Қамтар истед, ҳозир фирфиракҳо тайёр мешаванд.»

Меҳнати кӯдакон дар боғчаи бачагон дар мавриди риоя на-

мудани шартҳои зерини педагогӣ воситаи тарбия ва шакли ташкили фаъолияти кӯдакон шуда метавонад: ба таври мураттаб ба меҳнат ҷалб намудани ҳар як кӯдак, ба эътибор гирифтани сарборӣ — вазнинию сабукии коре, ки кӯдак ба ҷо меорад, дуруст интихоб намудани асбобу анҷоми зарурӣ, дар гурӯҳ ба вуҷуд овардани вазъияти меҳнатӣ.

Дар гурӯҳи омехта, ба мисли гурӯҳҳои кӯдакони ҳамсол меҳнати кӯдакон дар шакли ба як бача додани супориш (ва якбора — ба якчанд бача), навбатдорӣ ва фаъолияти коллективона, ки дар он тамоми гурӯҳ (гурӯҳча) иштирок мекунад, ташкил карда мешавад.

## РОҲБАРӢ БА МЕҲНАТИ КӮДАКОНИ ҲАМСОЛ

Зарурати ташкили меҳнати кӯдакони ҳамсол (масалан, танҳо хурдсолон ва ё танҳо калонсолон) дар шароити гурӯҳи омехта бо он муайян карда мешавад, ки намудҳои ҷудогонаи меҳнат (ё амалиёти меҳнатӣ) дар программа танҳо барои ин ё он гурӯҳи муайяни синну сол пешбинӣ шудааст. Ин гуна зарурат аз он сабаб низ ба миён меояд, ки ин ё он намуди меҳнат ба ҳаёти кӯдак аввалин бор ҷорӣ карда мешавад, ӯ барои тарбияи кӯдаки синну соли муайян аҳамияти махсус дорад ва бинобар ин роҳбарии бевосита ва фаъолонаи педагог хеле матлуб аст.

Масалан, бо мақсади такмил додани малакаи либоспӯшии кӯдакони 2—4-сола ба қатори рӯихати супоришҳои меҳнатӣ дохил кардани бозӣ бо лӯхтаки дидактикӣ (яъне лӯхтаке, ки сарулибоси пурра дошта, онро ба осонӣ кашидан мумкин аст, тугма дорад ва ғ.) ва ба воситаи он машқ кунонидани тарзу усулҳои ботартиб пӯшидану кашидани либос ба мақсад мувофиқ аст. Албатта, барои кӯдакони калонсол, ки либоспӯшию либоскаширо ёд гирифтаанд, ин хел бозӣ лозим нест.

Меҳнати кӯдакони ҳамсолро дар гурӯҳи омехта ба таври индивидуалӣ, инчунин дар гурӯҳчаҳои аз 3—4 кас иборат ва дар миқьёси гурӯҳ ба амал баровардан мумкин аст. Вай метавонад бо таклиф ва супориши мураббия ё бо ташаббусу хоҳиши худи кӯдакон ба амал ояд.

Меҳнати индивидуалии гурӯҳи омехта аз рӯи мундариҷаи худ ва ҳаҷми талабот аз меҳнати ҳаминхелаи гурӯҳи кӯдакони як синну сол кам фарқ мекунад. Мураббия меҳнатро бештар ба шакли супориш иҷро намудани кори конкретии оид ба худхизматрасонӣ (куртаро аз нав пӯшидан, ресмони ботинкаро бастан, тугмаро дӯхтан) ё кори барои коллектив (пок кардани стулҳо, ба моҳичаҳо хӯрок додан, рафчаи китобмонакро ба тартиб овардан) ташкил мекунад. Додани супоришҳо дар мавриди кор бо кӯдакони синну солашон гуногун истифода меша-

вад, вале вай хусусан барои кӯдакони хурдсол муҳим аст, зеро онҳо ҳоло ихтиёрӣ меҳнат карданро ёд нагирифтаанд ва дар шаклҳои мураккабтари меҳнат иштирок карда наметавонанд.

Хислати хоси ба чунин тарзи меҳнат роҳбарӣ намудан дар гурӯҳи омехта аз он иборат аст, ки мураббия бояд дар як вақт ҳам ба меҳнати индивидуалии кӯдакони синну солашон гуногун, ҳам ба чӣ тавр иҷро карда шудани корҳои гуногун назорат кунад. Масалан, пагоҳӣ кӯдаки хурдсол бо супориши мураббия баргҳои калони растаниро пок мекунад, кӯдаки панҷсола стулҳоро ҷо ба ҷо мегузорад ё курсичаю харакҳоро дар хонаи либоскашак пок мекунад, ягон кӯдаки дигари 6—7-сола ба пальтои худаш ё рафиқи хурдсолаш тугма медӯзад.

Ҳамин хел супоришҳоро ба гурӯҳи на он қадар калони кӯдакон (3—4 нафар) низ додан мумкин аст. Дар ин маврид ҳар як кӯдак метавонад мустақилона амал кунад (масалан, се кӯдаки синни миёна барги се растаниро пок мекунанд) ва ё ҳамаашон як кори умумиро иҷро менамоянд. (баргҳои як растании калонро пок мекунанд). Дар мавриди дуюм кӯдакон дар хусуси кори коллективона бо якдигар маслиҳат кардан, амалиёти худро бо амалиёти дигарон мутобиқ намудан, ба қори худ ва меҳнати коллектив дуруст баҳо доданро ёд мегиранд.

Навбатдорӣ шакли мураккабтари ташкили меҳнат мебошад, ки дар ҷараёни он кӯдакон як қатор амалиёти меҳнатии бо якдигар алоқамандро ба ҷо меоранд. Навбатдорҳо барои ҳама, барои коллектив хизмат мекунанд ва аз ин рӯ, онҳо бояд ҳатман кори супоридашударо ба охир расонанд.

Вазифа, мундариҷа ва намудҳои навбатдориро дар боғчаи бачагон дида мебароем. (Ба таблицаи саҳ. 92 нигаред).

Баробари мураккаб гаштани вазифа ва мундариҷа, ки зикри онро дар боло дидем, инчунин баробари дар гурӯҳҳои кӯдакони калонсол пайдо шудани шаклҳои нави навбатдорӣ ташкили фаъолияти меҳнатӣ низ тағьир меёбад. Дар гурӯҳи хурдсолон навбатдори ошхона, танҳо барои дар столи худ нишастагон, ҳозир намудани хӯрок ёрӣ мерасонанд. Педагог кӯдаконро ба кор ҷалб намуда, ба таври конкретӣ супориш медиҳад, ки кӣ бояд навбатдорӣ кунад ва дар кадом стол хӯрок ҳозир карда шавад: «Наташа имрӯз барои овардани хӯроки ин стол ёрӣ мерасонад, Витя — ба он стол» ва ғ. Кӯдакони 4—5-сола ҳаҷми калони корро ба ҷо меоранд ва метавонанд ба дутогӣ стол хизмат расонанд. Чунин тарзи ташкили навбатдориро сонитар, баъзан дар дигар намуди навбатдорӣ — дар тайёрии машғулият истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дафъаи дигар ба навбатдорон супоришҳои гуногун медиҳанд: ба яке мефармоянд, ки аз ҷевон қуттии қаламдорро биёрад, ба дигаре месупоранд, ки қаламҳоро ба болои стол бо тартиб гузорад ва ғ. Кӯдакони калонсол (5—7-сола) мунтазам дар ошхона, гӯшаи табиат ва доир ба тайёрии машғулият одатан дунафарӣ навбатдорӣ мекунанд. Барои нигоҳубини растанӣ ва ҳайвонот кӯдаконро ба звеноҳои

| Вазифаҳои тарбиявӣ | Мундариҷаи меҳнат |
| --- | --- |
| **Синни хурд** (соли 4-уми ҳаёт) | |
| Ташаккул додани тасаввурот дар бораи аҳамияти меҳнати навбатдорҳо, бо навбат иҷро кардани супоришҳо.<br>Ёд додани пайдарҳамӣ дар ҷараёни кор. | *Навбатдории ошхона.* Ба доя барои ба болои стол хозир намудани хӯрок ёрӣ додан; қошуқҳоро тақсим карда додан, лаълиҳои нон, стаканҳои дастпоккунакдор, табақҳои меваро ҷо ба ҷо гузоштан. |
| **Синни миёна** (соли 5-уми ҳаёт) | |
| Тарбия намудани ҳоҳиши барои дигарон меҳнат кардан. Ба меҳнат муносибати мусбат доштанро тарбия намудан.<br>Ташаккули малакаҳои нави меҳнатӣ. | *Навбатдории ошхона.* Қосаю табақҳои доя овардаро ба болои стол тақсим карда ҷо ба ҷо гузоштан, аз столи хӯроктақсимкунӣ дутоғӣ пиёла овардан, ба стаканҳо дастпоккунҳоро андохтан. Баъди хӯрокхӯрӣ табақи нон, стаканҳоро гирифтан, нонрезаҳоро рӯфта гирифтан, дастурхонҳоро ғундошта, таҳ кардан (бо ёрии навбатчӣ ё дигар шахси калонсол). |
| | *Навбатдорӣ оид ба тайёрии машлият.* Ба мураббия барои пеш аз машғулият овардани материалҳои даркорӣ ёрӣ додан, қаламҳоро ҷо ба ҷо гузоштан ва ғ. |
| **Синни калон** (аз 5 то 7-сола) | |
| Дар кӯдакон ташаккул додани хисси масъулият барои кори супоридашуда, кӯшиши ба нафъи коллектив хизмат намудан, дар сари вақт ва ҳамеша ба иҷрои вазифаҳояш одат кунонидан: ба навбатдорӣ дар вақташ омадан, пайдарҳамии амалиёти меҳнатиро донистан, аз асбобу анҷом дуруст истифода кардан. | *Навбатдорӣ дар ошхона.* Ба болои стол гузоштани косаю табақ ва қошуқ, баъди хӯрокхӯрӣ ғундоштани онҳо (кори навбатдоронро бо худхизматрасонии кӯдакон вобаста кардан зарур аст; косаю табақҳоро ба столи хӯроктақсимкунӣ бурдан, ба миёнҷои стол мондани табақҳо).<br>*Навбатдорӣ оид ба тайёрии машғуғулият.* Столҳоро ҷо ба ҷо гузоштан, интихоб намудани материалҳои зарурӣ.<br>*Навбатдорӣ дар гӯшаи табиат.* Ба растаниҳо нигоҳубин кардан (об рехтан, буридани баргҳои хушк, нарм кардани замин ва ғ.) хайвонҳоро парвариш кардан (тоза кардани қафасҳо, рехтани рег, обу хӯрок додан, тоза кардани аквариум бо роҳбарии мураббия. |

3—4 нафара тақсим кардан мумкин аст. Графики махсуси навбатдорӣ муқаррар карда шуда, ба ҷои намоёни хонаи гурӯҳ овехта мешавад ва кӯдакони калонсолро одат мекунонанд, ки онҳо кай ва кадом намуди навбатдориро ба ҷо меоранд ва бо ҳамроҳи кӣ кор мекунанд, пешакӣ дониста гиранд.

Дар баъзе мавридҳо мураббия меҳнати тамоми гурӯҳро, масалан, гурӯҳи хурдсолонро, вақте ки онҳо ягон амалиёти навро аз худ мекунанд, ташкил менамояд, кӯдакони калонсолро барои таъмир намудани китобҳо муттаҳид намуда, ба онҳо пайдарҳамии корро нишон медиҳад; мувофиқи мақсад аст, ки кӯдакони ҳафтсола ба сохтани бозичаҳои чӯбин барои хурдсолон ҷалб карда шаванд.

Баъзан ташкил кардани меҳнати кӯдакони як гурӯҳи синну сол ба мақсад мувофиқ аст, зеро ки ин имконият медиҳад маҳорат ва муваффақияти кӯдакро ошкор кунанд ва онро ба рафиқони ҳамгурӯҳи он нишон диҳанд, дар онҳо ҳисси масъулиятро барои кори супурдашуда тарбия намоянд.

Масалан, дар охири сол навбатдории ошхонаро ба кӯдакони 4—5-сола, ки танҳо акнун малакаи иҷро намудани ҳамин намуди меҳнатро аз худ карда истодаанд, вале дониш ва маҳорати муайян пайдо кардаанд, супоридан мумкин аст. Навбатдории онҳоро чунин ташкил кардан мумкин аст. 4—5 навбатдор ба ҳар стол — яктогӣ) таъин карда мешавад. Доя табақҳоро ба рӯи стол тӯкуз карда мемонад, кӯдакон бошанд, онҳоро ботартиб ва базеб ҷо ба ҷо мегузоранд. Баъд қошуқ, табақи нон, дастпоккункаҳоро мегузоранд. Дар охири хӯрокхӯрӣ ба доя барои ғундоштани косаю табақ ёрӣ медиҳанд.

Педагог диққати тамоми гурӯҳро ба он ҷалб менамояд, ки бачаҳои гурӯҳи миёна бисьёр чизҳоро ёд гирифтаанд ва акнун метавонанд навбатдорӣ кунанд, барои ҳама хизмат намоянд ва кори ба рӯи стол ҳозир намудани хӯрок ва баъди хӯрок ғундоштани косаю табақро хуб ба ҷо оранд. Дар айни замон бо̄з илова кардан мумкин аст, ки кӯдакони боқимонда ба қадри меҳнати навбатдорҳо мерасанд, ботартиб хӯрок мехӯранд, калонсолон бошанд, баъди хӯрокхӯрӣ косаю табақи чиркини худро меғундоранд.

Ғайр аз меҳнате, ки мураббия дар ин ё он шакл бо кӯдакони ҳамсол ташкил мекунад, меҳнати бо ташаббуси худи бачаҳо ба ҷо овардашуда роли калони педагогӣ мебозад. Хеле хуб мешуд, ки худи кӯдакон нуқсони либоси худро дидаю бартараф карда тавонанд, ба тартибу тозагӣ дар гурӯҳ ва дар участка кӯшиш намоянд.

## РОҲБАРӢ БА МЕҲНАТИ КӮДАКОНИ ГУНОГУНСИН

Меҳнати кӯдакони синну солашон гуногун ҳам барои хурдсолон, ҳам барои калонсолон аҳамияти калони тарбиявӣ дорад. Дар ҳаёти якҷояи кӯдакон фактҳое фаровонанд, ки ба тарбияи кӯдак таъсири фоидабахш мерасонанд. Масалан, кӯдаки калонсол мебинад, ки рафиқи хурдсолаш душворӣ мекашад, вай дарҳол ба ёрии ӯ мешитобад: ғамхорона шарфи ӯро баста мемонад, тугмаи болоии ба кӯдак дастнорасро меандозад, остини ӯро пеш аз дастуруйшӯӣ барзада мемонад ва ғ. Кӯдак ёрии рафиқи калонсоли худро бо камоли қаноатмандӣ ва хурсандӣ қабул мекунад. Баъзан чунин ҳодисаро мушоҳида кардан мумкин аст, ки кӯдак ёрии шахси калонсолро рад мекунад («Ман худам»), вале ёрии рафиқи калонсоли худро қабул мекунад. Кӯдакони калонсол барои хурдтаракон бо шавқу муҳаббати калон ҳар хел чизҳо ва бозичаҳо тайёр карда медиҳанд, ки маросими супурдани ин туҳфаҳо ба як тантанае табдил меёбад, боиси шодмонии ҳам хурдтаракону ҳам калонсолон мешавад.

Вале ин гуна муносибати байниҳамдигарии кӯдакони гуногунсол албатта, худ аз худ ба вуҷуд намеоянд, балки натиҷаи кори ҳаррӯза ва бодиққати педагог, натиҷаи маҳорати сари вақт дида тавонистани ҷиҳатҳои мусбати ҳаёти якҷояи кӯдакон ва ба кори тарбияи коллективи тифоқи кӯдакон моҳирона истифода кардани он ҷиҳатҳо мебошад.

Ташкили меҳнати умумии кӯдакони гуногунсол дар шароити гурӯҳи омехта, албатта, барои ба амал баровардани вазифаҳои дар боло зикрьёфтаи тарбияи меҳнатӣ ёрӣ мерасонад, вале ӯ барои ташаккули малакаҳои меҳнат ва муносибати мусбати байниҳамдигарии кӯдакон дорои аҳамияти махсус мебошад.

Мураббияҳои гурӯҳҳои омехта, чуноне, ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, фаъолияти якҷояи кӯдакони хурду калонро барои ташаккули малакаҳои меҳнатӣ хеле васеъ ва моҳирона истифода мебаранд. Мураббия, меҳнати хоҷагию маишӣ (кӯдакони хурдсолу калонсол), инчунин меҳнати дар оғӯши табиат — ҳавои кушод (кӯдакони миёнсолу калонсол) ва меҳнати дастӣ (кӯдакони калонсол)-ро ташкил намуда, ба ибрати мусбати кӯдакони синнашон калонтар ва малакаи меҳнатиашон мукаммалтар такья мекунад. Барои ин мақсад супоришҳои алоҳида додан мумкин аст: «Ба Наташа нишон деҳ, ки ресмони ботинкаро чӣ тавр бастан лозим», «Серёжа (калонсол), Володяро (хурдсол) ҷеғ зан ва ҳардуятон ба хорпуштак хӯрок диҳетон», «Лариса (калонсол), ба Мила ва Оля (миёнсол) барои часпондани варақи китоб ёрдам кун» ва ғ.

Таҷрибаи кӯдакони синнашон калонтар барои ба кӯдаки хурдсол ёд додани усули навбатдорӣ ҳамчун намунаи ибрат истифода мешавад. Ин бештар дар он маврид зарур аст, ки бачагони ягон гурӯҳ хели нави навбатдориро аз худ мекунанд. Масалан, дар мавриди ҷорӣ кардани навбатдорӣ дар гӯшаи табиат,

мураббия кӯдакони 4—5-соларо навбатдор таъин намуда, аввал худаш нақл мекунад ва нишон медиҳад, ки онҳо чӣ кор кунанд, ба ҳайвону растаниҳо чӣ хел нигоҳубин намоянд, баъд навбатдоронро ба иҷрои вазифаашон шурӯъ мекунонад, ин корро худаш бо ҳамроҳии кӯдакони навбатдор ба ҷо меорад ва ё дар давоми навбатдорӣ ба амалиёти онҳо назорат мекунад.



Расми 18. «Хурдтаракон, тӯҳфаҳои моро қабул кунед».

Баъди чанд вақт, пас аз он ки кӯдакони гурӯҳи миёна бо амалиёти нави меҳнатӣ каму беш шинос мешаванд, ба ҳайати навбатдорон кӯдаки калонсолтар ва моҳиртарро дохил карда, ба он кори мураккабро супоридан ва аз бачагони дигар талаб кардан лозим аст, ки кори онро мушоҳида кунанд. Баъд якҷоя

иҷро кардани ин корро ба кӯдакони калонсолу хурдсол супоридан мумкин аст ва ғ.

Таҷрибаи мунтазам ба навбатдорӣ таъин кардани кӯдакони гуногунсол аз ҷиҳати педагогӣ дуруст будани худро исбот намуд.

Ин хел навбатдории умумиро ташкил намуда, мураббияи гурӯҳи омехта набояд фаромуш кунад, ки агарчи кӯдакон дар як ҷо меҳнат мекунанд, вале вазифаи ҳар як гурӯҳи сину сол ҳархела ва ба имконияту маҳорати онҳо мувофиқ мебошад. Масалан, мураббия кӯдакони 4—5-сола ва 5—6-соларо ба навбатдории умумии ошхона ҷалб намуда, метавонад гӯяд, ки кӯдакони гурӯҳи миёна столи хӯроккӯрии худро тайёр кунанду кӯдакони калонсол азони худро, ба таври иловагӣ супорида мешавад, ки баъди хӯроккӯрӣ ҳамаи столҳоро тоза намоянд. Дар дигар мавриди, дар вақти тайёрӣ ба машғулият (расмкашӣ) педагог вазифаҳоро ба таври зерин тақсим мекунад: кӯдакони гурӯҳи миёна коғаз, мӯқалам, латта, столчаи мӯқаламмонакро ҷо



Расми 19. «Ура! Калонҳо барои мо чӣ хел фирфиракҳои нағз сохтаанд...»

ба ҷо мегузоранд, кӯдакони калонсол бошанд, ранг ва банкачаи обдорро оварда мемонанд. Ва ё мураббия мундариҷаи машғулияти дар пеш истодаро ба эътибор гирифта, ба кӯдакони миёнсол месупорад, ки столи лою ғаҷро тайёр кунанд, кӯдакони калонсол материалҳои заруриро барои сохтани маснуот ҳозир мекунанд.

Масалан, мувофиқи мақсад аст, ки дар овони нигоҳубини харгӯшҳо кӯдакони хурдсол барги караму сабзиро шӯянд, кӯда-



Расми 20. «Ҳозир бачаҳо ба хӯрокхӯрӣ меоянд. Ту чумчаҳоро ба ҷойҳояшон гузор, ман лаъличаҳоро мемонам».



Расми 21. «Ҳама кор муҳим аст».

кони калонсол бо ҳамроҳии бачаҳои гурӯҳи тайёрӣ катакро тоза кунанд, дигар бачаҳои 6—7-сола сабзавоти тозакардаи хурдсолонро реза кунанд. Баъд ҳамаи кӯдакон ба харгӯшҳо хӯрок медиҳанд ва аз меҳнати умумӣ ба завқ меоянд.

Ин хел мисолҳо хеле бисьёранд, вале аз мисолҳои баёншуда равшан аст, ки дар меҳнати умумӣ иштирок намудан кӯдаконро ба ҳамкорӣ ва якҷояамалкунӣ одат мекунонад. Чунин шаклҳои тарбияи кӯдакони синну солашон гуногунро дар дигар намудҳои фаъолияти меҳнатӣ, барои ҳалли вазифаҳои хеле васеътар масалан, барои ташаккули муносибатҳои неки байниякдигарии кӯдакон, барои дар онҳо тарбия намудани хоҳиши муттаҳидшавӣ баҳри меҳнати якҷоя истифода бурдан мумкин аст.

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ГУРӮҲҲОИ ГУНОГУНСИН

Педагог дар рафти фаъолияти ҳаррӯзаи кӯдакон, дар ҷараёни ташкили бозиҳои мустақилона ва меҳнати онҳо вазифаҳои муҳимми инкишофи ҷисмонӣ, фикрӣ, маънавӣ ва эстетикии кӯдаки томактабиро ба ҷо меорад. Дар ин маврид мураббия ҳар қадар ҳодисаҳои гуногуни ҳаётро барои васеъ намудани дониши кӯдак истифода барад, бачагон ҳамон қадар ба ҳодисаҳои муҳими атроф хӯбтар сарфаҳм мераванд, бисьёртар меомӯзанду уҳдабаро мешаванд, хубтар инкишоф меёбанд.

Ҳарчанд ки ин роҳи муҳими таълиму тарбия дорои аҳамияти калон аст, донишомӯзӣ дар ҷараёни кори тарбиявии ҳаррӯза ҳамаи вазифаҳои тарбияи ҳамаҷонибаи томактабиёнро дар боғчаи бачагон пурра таъмин карда метавонад. Чунон ки дар тадқиқотҳои А. П. Усова, Е. И. Радина, В. Г. Нечаева, Н. П. Сакулина, А. М. Леушина ва дигарон қайд карда мешавад, бисьёр вазифаҳои донишомӯзӣ, такомулоти ташаккульёбии донишу малакаи ҳамаи бачагони гурӯҳ бояд дар машғулиятҳои алоҳида омӯхта шуда, ин кор бо ёрии воситаҳои дидактикию бо системаи муайян, дар асоси баҳисобгирии синну соли бачагон ба амал бароварда шавад.

Таълим дар боғчаи бачагон аз процесси ахбороти ба як мақсади муайян равона кардашудае иборат буда, педагог ба бачагон донишу маҳорати нав меомӯзад, ба воқеияти атроф дуруст муносибат карданро ёд медиҳад, фаъолияти донишҷӯии томактабиёнро инкишоф дода, дар онҳо маҳорату хоҳиши омӯзишро бедор мекунад. Мураббия дар донишомӯзӣ (таълим) симои марказист: вай фаъолияти бачагонро ташкил ва равона мекунад. Аммо таълим процесси дутарафа буда, фаъолияти ҳар як кӯдаки гурӯҳро дар машғулиятҳо низ дар бар мегирад.

Қори донишомӯзию тарбиявӣ дар машғулиятҳо дорои хусусияти программавӣ буда, барои ҳамаи бачаҳои боғча, ҳам шаҳрию ҳам қишлоқӣ, ки гурӯҳҳои муқаррарӣ ё гурӯҳҳои омехта доранд, ҳатмист. Вазифаҳо ва мундариҷаи кори донишомӯзӣ дар «Программаи корҳои тарбиявӣ дар боғчаи бачагон» мутобиқан ба ҳар як гурӯҳи синну сол баён карда шуда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: бо муҳити атроф шинос кардан ва инкишофи нутқи бачагон; инкишофи тасаввуроти математикӣ;

расмкашӣ, часпонда сохтан (аз пластилин) ва аппликация; конструкциясозӣ; тарбияи мусиқӣ; тарбияи ҷисмонӣ.

Аз рӯи план ва мунтазам гузарондани машғулиятҳо, мувофиқи фаслҳои дар боло зикршудаи программа, инкишофи ҷиҳатҳои гуногуни шахсияти кӯдакро таъмин мекунад. Дар машғулиятҳои оид ба шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқи бачагон, инчунин ташаккули тасаввуроти математикӣ ва конструкциясозӣ; асосан вазифаи тарбияи фикрӣ ҳал карда мешаванд; дар машғулиятҳои физкультура — масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва дар машғулиятҳои расмкашӣ — аз пластелин сохтани чизҳо, апплекация, мусиқӣ — тарбияи эстетикӣ ҳал карда мешаванд. Вазифаҳои тарбияи маънавӣ (ахлоқӣ) дар рафти машғулиятҳои оид ба шиносоӣ бо муҳити атроф, ҳодисаҳои табиати кишвари маҳбуб, ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра ба амал бароварда мешаванд.

Инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдаконро дар ҳамаи машғулиятҳои фаслҳои программа пешбинӣ кардан зарур аст. Масалан, дар рафти бо меҳнати калонсолон шинос кардани кӯдакон, на танҳо ба фаҳмондани касбу кори гуногун, фаъолияти меҳнатӣ ва маҳсули кори одамон аҳамият додан лозим аст, балки мазмуни маънавии меҳнатро баён кардан, дар бачагон нисбат ба калонсолон, ки сарватҳои моддӣ ва маънавӣ меофаранд, ҳисси эҳтиромро талқину тарбия кардан лозим аст ва қайд кардан зарур аст, ки Ватани мо ба меҳнати хуб баҳои баланд медиҳад, қадр мекунад ва ғайра. Аз ҷиҳати эстетикӣ бошад, ба зебоии меҳнат диққати кӯдаконро ҷалб карда, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки онҳо дар ҳар як чизи оддию муқаррарӣ ҷиҳати зебоии онро дидаю ҳис карда тавонанд: ҳам дар бинои буньёдкардаи коргар, ҳам дар либоси дӯхтаи модар, ҳам дар хонаи тоза рӯбучин кардаи доя, ҳам дар сурати кашидаи рассом ва ғайра.

Дар машғулиятҳои расмкашӣ, аз пластилин сохтани макетҳои гуногун, аппликация тасаввуроти кӯдакон дар хусуси шакл, сохт, ранги предметҳо ва завқи бадеии онҳо инкишоф меёбанд. Дар айни замон вазифаҳои муҳими тарбияи фикрӣ, яъне аниқ ва васеъ намудани тасаввуроти бачагон дар бораи предметҳою ҳодисаҳои тасвиршуда, инкишофи қобилияти муқоисакунӣ ва робитаҳои муҳими байни онҳо ҳал карда шаванд. Илова бар ин нисбат ба ҳодисаҳои тасвиршудаи табиати кишвари маҳбуб ва ҳаёти иҷтимоӣ муносибати мусбат доштани кӯдакон ва дар онҳо ҳисси мақсаднокӣ ва мустақилиро инкишоф додан зарур аст. Дар баробари ин дар машғулиятҳо малакаи риоя кардани қоидаҳои нишастану истодан такмил меёбад, таносубу мутобиқати ҳаракати онҳо беҳтар мешавад, ки ин барои инкишофи ҷисмонии кӯдакон муҳим аст.

*Агар процесси дидактикӣ ҳамин тавр пеш бурда шавад, таълим дар боғчаи бачагон омили муҳими тарбия мегардад.*

Таълими томактабиён бояд ба инкишофи фикрии онҳо мусоидат кунад. Мувофиқи талаботи программа барои ин зарур аст,

ки бачагон дар машғулиятҳо бо донишҳои умумӣ шинос карда шаванд, робитаҳо ва муносибатҳои мутақобили оддитарини байни предметҳо ва ҳодисаҳо ошкор карда шаванд; ба инкишофи қобилияти фикрии кӯдакон, ба чизи муҳиму номуҳимро фарқ карда тавонистан, муқоисаю хулоса карда тавонистани онҳо ва ғайра муваффақ шудан лозим аст.

Таъсири самарабахши машғулияти дуруст ташкилшуда дар он зоҳир мешавад, ки дар бачагон шавқу фаъолияти донишомӯзӣ пайдо мешавад, қобилияти хондан, иҷро кардани кори муайяни фикрӣ, бо системаи муайян пай дар пай аз худ кардани материали таълим ба вуҷуд меояд.[1]

Мураббия бояд дар бораи ташаккули унсурҳои зерини кори таълим ғамхорӣ кунад:

қобилияти фаъолона, зуд фаҳмидани нишондодҳои мураббия (нигоҳ кардану дидан, гӯш кардану шунидан), дар мавриди нафаҳмидан, савол дода аниқ кардани мақсаду тарзи амалиёт;

қобилияти аз рӯи нишондодҳои додашуда амал карда тавонистан, диққати худро ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда ҷалб карда тавонистан (муоинаи суратҳо, лаҳзаҳои афсонаро ба хотир овардан ва тасвир намудан, ҷасомати чизҳоро чен кардан ва ғ.), барои ба даст овардани натиҷаҳои матлуб кӯшидан;

дар рафти машғулият дар асоси нишондодҳои таълимӣ ва вазифаҳои гузошташуда амалиёти худро назорат карда тавонистан, эҷодкорӣ зоҳир намудан, ба амалиёту натиҷаҳои кори худ ва дигарон дуруст баҳо додан.

Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, зери таъсири омӯзиши дуруст ва дар кӯдакон инкишоф додани фаъолияти донишомӯзӣ томактабиён боинтизомтару муташаккилтар мешаванд, дар онҳо барои ҳал намудани вазифаҳои фикрӣ ва фаъолияти донишомӯзӣ, завқ пайдо мешавад, майлу хоҳиши дар коллектив кор кардан ташаккул меёбад. Дастовардҳои мусбати кӯдакон дар машғулиятҳо ба мазмуну хусусияти фаъолияти мустақилонаи томактабиён, ба рафтору муносибати онҳо нисбат ба атрофиёнашон — калонсолон ва рафиқони ҳамгурӯҳашон таъсири калон мерасонад.

## АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ МАШҒУЛИЯТҲО ДАР ГУРӮҲИ ГУНОГУНСИН

Дар вақти муайян намудани вазифаҳо, мундариҷа, шакл ва тарзу усулҳои таълим дар боғчаҳои бачагонаи камкомплект, инчунин дар мавриди ба амал баровардани ташкили маишат, бозию меҳнати кӯдакон, қоидаҳои умумии дидактикиро бо хусуси-

---

[1] Ниг. Усова А. П. «Обучение в детском саду». Нашри 2 зери таҳрири А. В. Запорожец. М., 1970.

яти кор бо кӯдакони синну солашон гуногун дар вобастагии зич пеш бурдан лозим аст.

*Яке аз омилҳои муҳиме, ки муваффақияти кори таълими кӯдаконро дар машғулиятҳо муайян мекунад, он аст, ки мураббия пеш аз ҳама, бояд «Программаи тарбия дар боғчаи бачагон», материалҳои ба гурӯҳҳои синну соли гуногун таалуқдоштаро хуб донад. Дар интихоби материали машғулият ва муайян намудани донишу маҳорати конкретӣ бештар материали маҳаллӣ истифода шуда, дар бораи предмету ҳодисаҳои оддитарини муҳити атроф маълумот дода шавад*[1].



Расми 22. «Бинед, дар гармхонаи мо бодирингҳо чӣ хел мерӯянд».

Дар гурӯҳҳои кӯдакони синну солашон гуногуни боғчаҳои бачагонаи камкомплект, ки дар қишлоқчойҳо воқеъ гаштаанд, шароити зисту зиндагонӣ ва меҳнати мардуми деҳотро, инчунин имконияти бо табиати бои деҳот бештар вобастагӣ доштани кӯдакро ба ҳисоб гирифтан лозим. Ба ҳамин муносибат ба амал баровардани программаи шиносой бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Бачагони томактабии деҳотро, пеш аз ҳама, бо табиати киш-

---

[1] Дар программаҳои барои боғчаҳои бачагон, ки дар бисьёр республикаҳои иттифоқӣ (Украина, Гурҷистон, Латвия ва ғ.) дар асоси программаҳои РСФСР тартиб дода шудаанд, материалҳои оид ба табиати хос, зисту зиндагонӣ, маданияти миллӣ ва мисоли инҳо ҳамроҳ карда шудаанд.

вари маҳбуб, бо ҳаёту меҳнати меҳнаткашони деҳот шинос намудан, дар онҳо нисбат ба саҳрою бешазор, кӯҳу дарьё, боғу майдон, чарогоҳҳо ва ғайра ташаккул додани шавқи баланд ва муҳаббати фаъолона зарур аст.

Бо роҳи экскурсияҳои мунтазам ва ташкили мушоҳидаҳои доимӣ ба кӯдакон хусусиятҳои меҳнати деҳқонон, чорводорон, механизаторон ва ғайра, марҳилаҳои асосии парвариши зироатҳои ғалла-дона, сабзавот, мева ва монанди инҳоро фаҳмонда додан зарур аст; дар вақти шиносоӣ бо меҳнати механизаторон роли мошинҳои «боақлу доно»-и хоҷагии қишлоқро дар роҳи сабук намудани меҳнати одамон ва рӯёндани ҳосили баланд таъкид намудан лозим аст. Бо одамони беҳтарини колхозу совхоз шинос намудани кӯдакон ва дар онҳо тарбия намудани ҳисси эҳтиром нисбат ба он шахсон дорои аҳамияти калони тарбиявӣ мебошад. Ҳамаи ин таҷрибаи бачагонро амиқтар мекунад, ба низом медарорад ва ба педагог имконият медиҳад, ки бо ёрии фактҳои ба кӯдакон фаҳмою дастрас дар онҳо фаҳмиши баъзе қонуниятҳои умумии табиат ва ҳаёти ҷамъиятиро, инчунин фаҳмиши аҳамияти меҳнати меҳнаткашони деҳотро ба нафъи тамоми ҷамъиятамон ба вуҷуд оварад.

Дар асоси таассуроти ҳиссӣ ва хулосаҳои оддитарин дар кӯдакон фаҳмиши он чизҳоеро низ ташаккул додан лозим аст, ки кӯдакон онҳоро бевосита намебинанд, вале аз нақлҳои калонсолон, аз китобҳою суратҳо, киною телевизион мефаҳманд.

Дар ҳамаи фаслҳои программа пешбинӣ кардан лозим аст, ки дар рафти кор талаботи умумии программа бо материалҳои маҳаллӣ якҷоя, дар вобастагии зич ба амал бароварда шавад. Чунончи, ҳангоми таълими расмкашӣ, шаклсозӣ ва дигар намудҳои санъати тасвирӣ бештар ба мавзӯи деҳот муроҷиат кардан лозим; ба кӯдакон имконият додан даркор аст, ки ҳиссиёт ва тасаввуроти худро дар хусуси он чизҳое, ки ҳар рӯз мебинанд, барояшон наздику фаҳмо ва азизу дастрасанд, ифода кунанд, онҳоро дар шакли образнок инъикос намоянд.

Қор яквақта бо гурӯҳи кӯдакони ҳамсинну сол (хурд, миёна, калон) дар боғчаҳои бачагони дорои гурӯҳҳои синнусоли якхела принципи асосии таълим ҳисоб меёбад. Мураббия одатан дар мавриди бо тамоми гурӯҳ гузаронидани машғулият програмаи таълимиеро интихоб мекунад, ки мазмунан барои ҳама умумият дошта бошад ва кӯшиш мекунад, ки он программа бо ёрии воситаҳо ва шаклҳои якхелаи ташкили таълим ба амал бароварда шавад. Вале ҳатто кӯдакони ҳамсол аз якдигарашон аз ҷиҳати савияи дониш ва маҳорат, хусусияти идрок, тафаккур ва дигар процессҳои психикӣ фарқ доранд: баъзе кӯдакон фаъол, серғайрат буда, нишондоди педагогро тез мефаҳманд ва ба ҷараёни таълим зуд ҳамроҳ мешаванд; баъзеи дигарашон барои фаҳмидани супориши таълимӣ ва ёфтани роҳҳои беҳтарини ҳалли он бештар вақт сарф мекунанд. Бинобар ин, дар ҳангоми таълим хусусиятҳои индивидуалии кӯдаконро ба эътибор ги-

рифтан зарур аст; ба пешравии умумии гурӯҳ муваффақ шуда, дар айни замон ҳар як кӯдакро ба зери диққату назорат гирифта, ба пешравии мунтазами он, материали программаро аз худ кардани он муваффақ шудан лозим аст; ҳамеша бояд ғамхорӣ кард, ки дар кӯдак унсурҳои зарурии фаъолияти таълимӣ инкишоф ёбанд.

Ба амал бароварда шудани принципи бо хусусиятҳои индивидуалии кӯдакони якҷоя, пайваста пеш бурдани кори коллективонаю ҳамаҷониба дар гурӯҳҳои омехта, дорои аҳамияти махсус аст; мураббия дар мавриди гузаронидани машғулият бо кӯдакони синну солашон гуногун бояд ҳамеша он чизро ба эътибор гирад, ки онҳо аз ҷиҳати дониш, маҳорат ва умуман савияи инкишофашон аз якдигар хеле фарқ мекунанд. Аз ин рӯ дар процесси таълим маҳз ба ҳамин ҷиҳати кор аҳамияти махсус додан зарур аст.

Ба гурӯҳчаҳо тақсим карда, кор бурдан принципи таълим дар гурӯҳи омехта мебошад; ин принцип аз қоидаи асосии таълими томактабии советӣ бармеояд: бояд ҳамаи кӯдакон ҳатман маҷмӯи дониш ва малакаҳои дар программа пешбинӣ шударо аз худ кунанд ва барои таҳсили бомуваффақият дар мактаб тайёр бошанд.

Бо мақсади таълими босамараи кӯдакон гурӯҳҳои омехтаро ба гурӯҳчаҳо тақсим намудан зарур аст, зеро бе ин ба дараҷаи зарурии инкишофи фикрӣ ва ҳамаҷонибаи кӯдакон ноил шудан хеле душвор аст. Ба гурӯҳчаҳо ҷудо кардани кӯдакон ба шумораи онҳо ва синну солашон нигоҳ карда ба амал бароварда мешавад.

Масалан, гурӯҳе, ки дар он кӯдакони аз 2—3 то 7-сола тарбия мегиранд, барои гузаронидани машғулиятҳо ба се гурӯҳча— хурдсолон (кӯдакони 2—4-сола), калонсолон (кӯдакони 5-сола) ва тайёрии мактаб (кӯдакони 6-сола) тақсим карда мешавад. Ҳар гурӯҳча одатан аз 5 нафар (ва зиёдтар аз он) кӯдакони ҳамсол ташкил меёбад. Агар кӯдакони ҳамсол кам бошанд, онҳо ба гурӯҳчаҳои мобайнии таълимӣ вобаста карда мешаванд, вале талабот ба онҳо (ба синну солашон нигоҳ карда) ба таври индивидуалӣ, ё сабук, ё вазнин карда мешавад.

Дар мавриди набудани шароити мусоид (масалан, таҷрибаи кофӣ надоштани мураббия ва ғайра) чунин гурӯҳро танҳо ба ду гурӯҳча — хурдсолон ва калонсолон ҷудо кардан мумкин аст. Дар боғчаҳои бачагонаи дукомплекта, дар мавриди аз кӯдакони синну соли гуногун иборат будани гурӯҳҳо, онҳо бояд ҳатман ба ду гурӯҳча ҷудо карда шаванд. Мураббия алалхусус бояд ба кӯдаконе, ки ба ҳафт қадам мондаанд, диққати махсус диҳад — онҳо бояд ба мактаб хуб тайёр карда шаванд.

Дар мавриди муайян намудани мазмуни программавии машғулият онро ба асос гирифтан лозим аст, ки кӯдакони ҳар як гурӯҳча чиҳоро медонанд, чиҳоро иҷро карда метавонанд ва баръакс, чиҳоро наметавонанду намедонанд. Амалия шаҳодат

медиҳад, ки дар шароити гурӯҳи омехта, кӯдакони хурдсол хубтар ва зудтар инкишоф меёбанд. Дар айни замон, баъзан дар инкишофи кӯдакони калонсол ақибмонӣ мушоҳида мешавад. Бинобар он, кӯшиш кардан лозим аст, ки материали ҳар як машғулият дорои ягон чизи нав ва дар айни замон барои кӯдакони синнусоли муайян дастрас ва шавқовар бошад; вай аз масъалаҳои ба синни кӯдак мувофиқ ва конкрет иборат бошад, ки ҳалли он кори фаъоли фикрро талаб кунад, кӯдакро водор кунад, ки донишҳои ҳосил кардаашро бо тасаввуроти ҳисси бевоситаи худ дар бораи предметҳо ва ҳодисаҳои воқеияти атроф вобаста карда тавонад.

Дар гурӯҳҳои кӯдакони синнусоли гуногун, ҳамчун бо гурӯҳи кӯдакони ҳамсол, тамоми процесси аз худ намудани мазмуни программаро таъмин кардан зарур аст. Барои ҳамин зарур аст, ки дар машғулиятҳо ҳам аз худ кардани материали нав, такрор ва мустаҳкамкунии дониш, ҳам аз тарафи кӯдакон мустақилона истифода карда тавонистани дониш ва малакаҳои ҳосилшуда пешбинӣ карда шавад. Вале агар дар машғулиятҳои гурӯҳҳои ҳамсиннусол, дар лаҳзаҳои муайян, яке аз ин масъалаҳои дидактикӣ ҳал карда шавад, пас дар гурӯҳҳои омехта дар як вақт корҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд: бо кӯдакони гурӯҳи синнусоли муайян материали навро меомӯзанд ва дар айни замон ба дигар бачагон месупоранд, ки мавзӯи гузаштаро такрор кунанд; кӯдакони гурӯҳи сеюм мустақилона кор мекунанд.

Масалан, ҳама суратеро тамошо мекунанд, ки вай ба бачагони калонсол шинос аст, вале барои кӯдакони хурдсол ва миёнсол чизи нав аст. Мураббия ба хурдсолон тамошо кардан ва фаҳмонда тавонистани сурат ва ба баъзе саволҳои оддӣ дар бораи мазмуни сурат ҷавоб дода тавонистанро меомӯзад (ин кист, ӯ чӣ мекунад? ва ғ.); кӯдакони гурӯҳчаи миёна бо ёрии педагог нақл кардани мазмуни суратро ёд мегиранд; кӯдакони калонсол, баробари кори умумӣ, дар хусуси расм мустақилона ҳикоя тартиб медиҳанд. Ё лаҳзаи дигар. Ҳамаи кӯдакон расми одамро мекашанд: хурдон — лӯхтакро, миёнсолон — духтарчаи тӯбдорро, калонсолон — модарӯ духтари зеболибосро. Ин барои кӯдакони хурдсол чизи нав аст, кӯдакони миёнсолу калонсол бошанд, кори пештар омӯхтаашонро мукаммалтар мекунанд.

Дар рафти машғулиятҳо, ки дар онҳо барои кӯдакони синнусоли гуногун вазифаҳои ҳархела пешбинӣ шудаанд, мураббия бояд дар хотир дошта бошад, ки бояд дар ҳар як гурӯҳча муттасилии (пайдарпаии) зарурии процесси таълим риоя карда шавад. Масалан, мавриди гузаронидани машғулият бо гурӯҳи хурдсолон (ё миёнсолон ва ё калонсолон) ғамхорӣ кардан лозим аст, ки пас аз гузаронидани материали нав бояд такрору маҳкам кардани он, баъд гузаронидани машқҳои оид ба истифода карда тавонистани донишу малакаҳои ҳосилшуда пешбинӣ карда

шавад. Албатта, имконияти кӯдакони хурдсол барои кори мустақилона ҳоло ночиз аст, вале бо бачагони калонсоли томактабӣ ин корро зуд-зуд ба амал баровардан мумкин ва зарур аст.

Риояи мунтазамию муттасилӣ дар таълими кӯдакон кори хеле муҳим ва зарур аст. Зеро бе ин талаботи программаро иҷро намудан маҳол аст, ҳамаи кӯдакони гурӯҳ донишу малакаҳои заруриро ба таври бояду шояд аз худ карда наметавонанд.

Хусусияти ба худ хоси таълим, зарурати дар як машғулият гузаронидани ду-се машғулияти мустақил бо гурӯҳчаҳои гуногун, мураббияро водор мекунад, ки дар бисьёр мавридҳо барои ҳар як гурӯҳча ҳалли танҳо як вазифаро (ба як гурӯҳча вазифаи нав медиҳад, ба гурӯҳчаи дигар — такрор ва ғ.) ва баъзан — ду вазифаро (вазифаи нав ва такрор, такрор ва истифодаи донишу малакаи ҳосилшуда) пешбинӣ кунад.

Ба вуҷуд овардани шароите, ки дар он дар зарфи як машғулият тамоми маҷмӯи вазифаҳо (аз баёни материали нав то мустақилона истифодабарии он аз тарафи бачагони синнусоли гуногун) ҳал мешуда бошад, дар амал имконнопазир аст (ин боиси аз ҳад зиёд мураккаб гардидани методикаи таълим мешавад). Бинобар ин дар гурӯҳи омехта, назар ба гурӯҳи кӯдакони синнусолашон якхела, маҷбуранд барои кӯдакони калонсол машғулиятҳои ба таври мустақилона истифода бурдани донишҳоро пешбинӣ кунанд, зеро ин тадбир ба мураббия имкон медиҳад, ки дар дигар гурӯҳчаҳо материали нав гузарад.

Барои самаранокии кори таълим истифодаи воситаҳо ва шаклҳои гуногуни ташкили омӯзиш дар процесси дидактикӣ (машғулиятҳои таълимӣ, бозиҳои дидактикӣ, машқҳои дидактикӣ) аҳамияти калон дорад.

Шакли асосии ташкили таълим *машғулиятҳои таълимӣ* буда, вай ба таъсири таълимдиҳии бевоситаи мураббия нишондодҳо, фаҳмондадиҳӣ ва намунаҳои дорои хусусиятҳои лафзӣ, аёнӣ ва амалӣ қарор мегирад. Маърифатомӯзии кӯдак, азхудкунии донишу малака дар вазъияти дидактикӣ ба вуқуъ меояд: педагог меомӯзонад, кӯдакон меомӯзанд. Ин асоси таълимдиҳии мураббия (вай ба назди кӯдакон вазифаҳои дастраси фикрӣ ва амалӣ мегузорад, роҳи ҳалли онҳоро мекушояд, процесси ҳалли масъала ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳро ташкил мекунад) ва фаъолияти оддии донишомӯзии кӯдакон (ба самти нишондодашуда рафта тавонистан, аз худ кардани усулҳои рационалии амал)-ро муайян мекунад.

Дар ин гуна машғулиятҳо ғамхорӣ кардан лозим аст, ки дар кӯдакон ҳисси гуфтаҳою нишондодҳои педагогро хуб, бодиққат гӯш кардану қабул кардан, чун шарти ҳатмии фаъолияти маърифатомӯзӣ ва амалӣ, ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ тарбия карда шавад (бо диққат гӯш кардед — қуттичаро дуруст часпондед). Агар мураббия пай дар пай ба ҳар як кӯдак нишондодашро такроран гуфтан гирад, ба кӯдакон ҳамеша ёрӣ додан гирад ва луқма партофтан гирад, таълим қимати педаго-

гиашро гум мекунад ва ин боиси он мегардад, ки зоҳиршавии фаъолият ва мустақилияти кӯдакон дар процесси таълимгирӣ дучори маҳдудият мегардад.

Нишондодҳои педагог дар мавриди амалӣ намудани мазмуни программавӣ бояд аниқ ва мухтасар бошад, аз бачагон талаб кунад, ки онҳо ҳамаи дониш ва маҳораташонро сафарбар кунанд, чизҳои навро фаъолона аз худ намоянд. Дар мавриди истифодабарии намунаи чизе (расм, бино, аппликация ва ғ.) мувофиқи мақсад аст, ки ба кӯдакон бештар на як намуна, балки якчандтояшро нишон ва маслиҳат диҳад, ки аз кадом ҷиҳат ба намуна тақлид кунанд ва дар кадом мавриду аз кадом ҷиҳат метавонанд худашон мустақилона амал кунанд ва ғайра.

Дар системаи умумии таълим *бозиҳои дидактикӣ* ҷои муайянро ишғол мекунанд. Дар машғулияте, ки дар шакли бозии дидактикӣ гузаронида мешавад, мураббия масъалаҳои ақлӣ ва амалиро ба назди кӯдакон бевосита не, балки дар шакли бозӣ пешниҳод мекунад.

Масалан, дар бозие, ки мақсади он такмил додани тақлиди садо мебошад, ба кӯдакон таклиф карда мешавад, ки овози зоғ, дигар паррандаҳо ва ҳайвонҳоро тақлид кунанд. Дар дигар маврид супориши фарқ карда тавонистан ва гуфта тавонистани номи сабзавоти гуногунро дар вақти бозии «барои лӯхтакҳо сохтани полиз» ҳал мекунанд.

Аз худ кардани дониш ва ташаккульёбии маҳорат дар бисьёр мавридҳо на аз рӯи программаи пешбинишуда, балки беихтиёр дар вақти бозиҳои шавқовари кӯдакон (пинҳоншавию ҷустуҷӯ, чистонгӯию чистоньёбӣ, инъикоси ҳолатҳои гуногуни ҳаёт, мусобиқа, кӯшиши ҳарчи зудтар ба мақсад ноил шудан дар рафти бозӣ ва ғ.) ба амал меояд. Вале ин на дар ҳар гуна бозӣ, балки дар бозиҳое имконпазир аст, ки дар онҳо вазифаҳои дидактикӣ бо ҳам зич вобастаанд ва ҳалли бомуваффақияти вазифаи дидактикӣ ба натиҷаи бозӣ таъсир мерасонад. Масалан, дар бозие, ки вазифаи он дар кӯдакон такмил додани дарккунии шаклҳои предметҳо аст, бояд шарти асосии ғалаба ба узвҳо ҷудо кардани предметҳо бошад. Дафъаи дигар, вақте ки мақсади боз дар кӯдакон мустаҳкам намудани дониш оид ба намудҳои меҳнати калонсолон мебошад, кӯдаке ғолиби бозӣ ҳисоб меёбад, ки бисьёртар номҳои касбу корро медонад. Ва ё агар мақсади бозӣ дар рафти машғулият мустаҳкам кардани тасаввуроти кӯдакон дар борай тирамоҳ бошад, кӯдаке ғолиб мебарояд, ки бисьёртар аломатҳои ин фасли солро медонад.

Дар рафти бозии дидактикӣ муносибати байни мураббия ва кӯдакон хусусияти ҳамбозигӣ пайдо мекунад. Педагог дар бозии хуб ташкилшуда, на ҳамчун муаллим, балки ҳамчун иштирокчии он амал мекунад ва ба кӯдакон бевосита не, балки ба воситаи роли баранда, бо ёрии қоидаҳои бозӣ таъсир мерасонад. Дар бозии дидактикӣ қоидаҳо аҳамияти калони таъ-

лимӣ доранд. Онҳо бозиро ба сӯи мақсад равон мекунанд, алоқаи бозиро бо таълим мустаҳкам мекунанд, ба мураббия имконият медиҳанд, ки ба бозӣ роҳбарӣ намояд, рафтор ва муносибати бозингаронро ташаккул диҳад.

Машғулиятҳое, ки дар шакли бозиҳои дидактикӣ гузаронида мешаванд, чуноне ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, барои ҳалли вазифаҳои тарбияи сенсорӣ, барои бо ҳодисаҳои табиати зиндаю ғайризинда, бо баъзе ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (меҳнати калонсолон, воситаҳои алоқаю нақлиёт ва ғ.) шинос намудан, барои инкишофи нутқ ва малакаҳои математикӣ васеъ истифода шуда метавонанд. Вале доираи таъсири бозиҳои дидактикӣ назар ба машғулиятҳои таълимӣ тангтар аст; масалан, бо ёрии бозиҳо дар кӯдакон тарбия намудани қобилияти рассомӣ ё конструкторӣ душвор аст. Маҳдудияти бозиҳои дидактикӣ боз дар он низ зоҳир мегардад, ки ба воситаи онҳо ба кӯдакон ёд додани чизи нав душвор буда, ин хел бозиҳо барои мустаҳкам намудан ва такрори материал истифода мешаванд.

Дар процесси таълими муташаккил «машқҳои дидактикӣ» дорои мавқеи муайян мебошанд. Онҳо баъзан ба сифати машғулиятҳои мустақил бо тамоми кӯдакон дар давоми вақти таъиншуда гузаронида мешаванд.

Асоси таълимии машқҳои дидактикӣ аз он иборат аст, ки материалҳо ва бозичаҳои махсус тайёркардашудаи автодидактикӣ, худомӯз истифода мешаванд: инҳо маҷмӯи шаклу фигураҳои геометрии ҳамвор ва ҳаҷмдори хурду калон, гуногунранг, расмҳои геометрӣ, суратчаҳои бурида ва ғайра мебошанд. Бозичаҳои чӯбини халқии дидактикии васлшавандаю ҷудошаванда, аз қабили матрёшка, гумбазча, кура, тухм, замбӯруғ ва ғ., васеъ паҳн шудаанд. Кӯдакон дар хусуси ҳаҷм, шакл, ранг ва дигар сифатҳои предметҳо дар рафти амалиёти чандинкарата бо ин материалҳо ва бозичаҳо дониш ҳосил менамоянд, васл мекунанд ва ғайра. Худи сохти бозичаҳо кӯдаконро ба амалиёти зарурӣ водор мекунад, хаторо нишон медиҳад (исмҳои бозича бо якдигар мувофиқ намеоянд, ба сӯрохии даркорӣ намедароянд, бозича сохта намешавад). Агар кӯдак қисмҳои бозичаро аз рӯи ҳаҷм, ранг фарқ карда тавонад, қисмҳои бозичаро дуруст интихоб карда тавонад, он гоҳ ӯ ба натиҷаи дилхоҳ соҳиб мешавад — бозичаро пурра месозад. Кӯдакон аз соҳиби бозичаи зебо ва мураттаб амалкунанда шуданашон шод мегарданд ва бо хоҳиши том бозӣ карда, дар айни замон фарқ карда тавонистани ҳаҷм, шакл, ранг, таносубҳои микдорро ёд мегиранд.

Дар мавриди ташкил намудани машқҳои дидактикӣ мураббия бояд дар бораи интихоби материалҳои зарурӣ барои ҳамаи кӯдакон ғамхорӣ кунад, онҳоро бо ин материал ва коидаҳои истифодаи он шинос намояд. Педагог бозиҳои муайян-

ро ташкил намуда, ба асосҳои худомӯзонандаи бозичаҳо ва материалҳои дидактикӣ такья мекунад[1].

Васеъ истифодабарии машғулиятҳои гуногун алалхусус барои муассисаҳои томактабии камкомплекти дорои гурӯҳҳои омехта аҳамияти махсус дорад. Ба системаи машғулиятҳои таълимӣ дохил намудани бозиҳои дидактикӣ ва машқҳои дидактикӣ имконият медиҳад, ки хусусияти кӯдакони синнусоли гуногун хубтар ба ҳисоб гирифта шуда, самараи кори тарбиявию таълимӣ афзунтар гардад, вобастагӣ ва ивазшавии нафъноки фаъолияти кӯдакон ба амал бароварда шавад, мондашавии кӯдакон пешгирӣ карда шуда, дар давоми машғулият қобилияти хуби меҳнатии онон нигоҳ дошта шавад, имкониятитарбияи ақлӣ васеъ гардад. Педагог вобаста ба вазифаҳои таълим ва хусусиятҳои синнусолии кӯдакон метавонад ҳам ба диққати озодонаи кӯдакони калонсол, ҳам ба диққати беғаразонаи хурдсолон такья намояд, вай ба донишомӯзию ҳунаромӯзии кӯдакон роҳбарӣ намуда, вазифаҳои тарбиявию донишомӯзиро дар шаклҳои мувофиқтар ба амал барорад.

Масалан, дар машғулияти якҷояи гурӯҳи омехта омӯхтани материали навро дар як гурӯҳча бо такрор ва ё истифода бурдани дониш ва малака, дар гурӯҳчаи дигар бо якҷоягии машқи дидактикӣ ба амал баровардан мумкин аст. Масалан, мураббия қисми кӯдакони гурӯҳро бо фигураҳои геометрӣ ё чӯбчаҳои ранга машғул намуда (ҳар як кӯдак бо бозичаҳои худ машғул мешавад), имконият пайдо мекунад, ки диққати асосии худро ба бачагони дигар фаҳмонда додани материали нав ҷалб намояд. Ҳатто кӯдакони хурдсол ҳам метавонанд бо материалҳо ва бозичаҳои худомӯз (манорача, пирамидача) машғул шаванд. Кӯдакони калонсол барои кори мустақилона бештар имконият доранд.

Дар боғчаҳои бачагона мунтазам гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, инчунин бозиҳои муташаккилона ва машқҳои дидактикӣ методикаи таълимро хеле бой мегардонад; имконият медиҳад, ки дар амалия на танҳо усулҳои *даҳонӣ* (ҳикоя, нақл, эзоҳот, саволҳо, хонда додани адабиёти бачагона ва ғ.) ва а ё н ӣ (намоишдиҳии объектҳои табиӣ ва асбобҳои аёнӣ, намуна ва усулҳои амалиёт ва ғ.), балки *усулҳои амалӣ ва бозиҳо* васеъ истифода шаванд. Инро хусусан дар вақти гузаронидани машғулиятҳои оид ба шиносоии кӯдакон бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ ба назар гирифтан лозим, ки

---

[1] Дар машқҳои дидактикӣ, ғайр аз ин бозичаҳо ва материалҳои махсус, бозича ва предметҳои муқаррарии гуногун, суратчаҳои ҳамин бозичаю предметҳо инъикосьёфта (лӯхтакҳо ва бизоти онҳо, сабзавот, гулҳо, тугмаҳо, қаламҳо), ки аз рӯи ягон аломат интихоб карда шудаанд, (ранг, шакл, материале, ки аз он сохта шудаанд ва г.) низ истифода мешаванд. Машқҳои бо чунин бозичаю предметҳо гузаронда мешудагӣ аз мураббия талаб мекунад, ки ӯ дар тамоми рафти машғулият бештар бевосита амал кунад.

дар ин маврид фаъолияти кӯдакон асосан бо ёрии усулҳои даҳонӣ ва аёнӣ ташкил карда мешавад: кӯдакон шахси калонсолро гӯш мекунанд, ба вай нигоҳ мекунанд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, аз рӯи суратҳо нақл мекунанд.

Вазифа аз он иборат аст, ки дар ин машғулиятҳо ба фаъолиятӣ дарккунандагии кӯдакон ҳарчи бештар корҳои амалӣ ҷорӣ карда шуда, ба ҳар кӯдак имконият дода шавад. ки предметро мустақилона тафтиш намояд (қисми заруриро ёбад, шакли онро муайян кунад, аз чӣ сохта шудани онро ҳис кунад), қисму материалҳоро интихоб кунад, ба гурӯҳҳо ҷудо намояд, аз онҳо чизи бутунро созад.

Дар машғулиятҳо бо кӯдакони хурдсол лаҳзаҳои гуногуни бозиро васеъ истифода бурдан лозим. Масалан, мураббия ба кӯдакон мурочиат карда мегуяд: «Биёед, ба лӯхтак Наташа нишон диҳем, ки мо чӣ хел бозичаҳо дорем»; ҳар як кӯдак бозичаеро гирифта меорад, нишон медиҳад ва номи онро мегӯяд.

Дар ин бобат ҳангоми гузаронидани машғулият ба кӯдакони калонсол низ ғамхорӣ кардан лозим. Масалан, дар вақти экскурсияи китобхона хуб мешуд, ки нақли китобдор ё педагог дар бораи китобҳо, намоиш додани онҳо дар рафу витринаҳо бо шиносоии амалӣ бо китоб пурра карда шавад: ҳар як кӯдак китоберо мегирад, муқоваи онро тамошо мекунад, варақ мезанад, расмҳои онро мебинад ва ғ. Дар мавриди дигар, ки машғулият дар шакли бозии дидактикии «Выставка» (конспекти он дар поёнтар дода мешавад) гузаронида мешавад, кӯдакон дар бораи предметҳо, бозичаҳо, аз кадом материал сохта шудани онҳо маълумот мегиранд, зеро онҳо на танҳо аз мураббия мешунаванд, балки худашон онҳоро бевосита мебинанд, барои сохтани выставкаи лӯхтакҳо он чизҳоро интихоб мекунанд, баъд бозичаҳоро дар залҳои гуногуни ҳамин выставка (зали бозичаҳои чӯбин, зали бозичаҳои пластмассӣ ва ғ.) ҷо ба ҷо мегузоранд.

Истифодаи тамоми усулҳои гуногуни таълим, баланд бардоштани роли усулҳои амалӣ ва бозӣ ба хусусиятҳои томактабиён мувофиқ аст, зеро процесси ба донишу малака соҳиб гаштани кӯдак, аз худ кардани материали программавии нав на бо роҳи дарккунии нофаъол, балки дар процесси амалиёти фаъолона ба амал меояд.

Кори педагог дар як машғулияти бо гурӯҳчаҳои кӯдакони синнусоли гуногун гузарондашаванда талаб мекунад, ки ташкили машғулият ҳарҷониба фикр карда шавад, вазъияти хонаи гурӯҳ ба таври махсус ташкил карда шуда, васоити дидактикӣ ва аёнӣ сари вақт тайёр ва дуруст ҷо ба ҷо гузошта шавад.

Муҳим аст, ки ҷои машғулиятгузаронӣ дар қисми ором ва равшани хонаи гурӯҳ воқеъ гашта бошад, мебель муносиби қадубасти кӯдакон буда, столҳо мувофиқи ҳар як гурӯҳи син-

ну сол гузошта шаванд (агар мувофиқи мундариҷаи машғулият паси стол кор кардани кӯдакон пешбинӣ шуда бошад). Машғулият бо томактабиёни калонсол дертар давом мекунад, бинобар ин столи онҳоро дар наздикии тирезаҳо қатор гузоштан мувофиқи мақсад аст. Столҳои аввал — барои кӯдакони 5-сола, столҳои қатори охир — барои кӯдакони шашсола. Ба қатори дуюм столҳои кӯдакони миёнсолу хурдсолро мегузоранд. Агар столҳо се қатор гузошта шаванд, боз хубтар аст: он гоҳ ҳар як гурӯҳча як қаторро ишғол мекунад. Дар гурӯҳҳое, ки аз ду гурӯҳчаи синнусолӣ иборатанд, столҳо ба таври болоӣ гузошта мешаванд: як қатор назди тиреза — барои кӯдакони калонтар, қатори дуюм — барои хурдтаракон. Ин тарзи гузоштани стол боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки барои хубтар ташкил намудани процесси таълим шароит фароҳам меояд — баъди машғулияти кӯтоҳмуддат хурдтаракон мавриди ба бозӣ ё сайр рафтанашон ба кӯдакони калонсол халал намерасонанд.



Расми 23. Барои дар як вақт бо се гурӯҳ гузаронидани машғулияти аппликация ҳама чиз тайёр аст.

Мураббия бояд дар рӯи столи худ, дар мольбертҳо (дар гурӯҳи омехта будани ду мольберт матлуб аст) ҳамаи васоити намоиширо (суратҳо, бозичаҳо, асбобҳо, муляж, китоб ва ғ.) пешакӣ тайёр карда монад. Қатъи назар аз он ки машғулият якбора бо ҳамаи кӯдакон оғоз меёбад ва ё бо ягон гурӯҳчаи

алоҳида, ҳамаи материалҳои даркорӣ ва васоити ба кӯдакон додашаванда пешакӣ ба ҷойҳои худашон гузошта мешаванд: ба кӯдакони дар ҷойҳояшон нишаста, додани васоиту материалҳо ба ташкили процесси дидактикӣ халал мерасонад ва вақти машғулият тӯл мекашад.

Ба он масъала низ аҳамият додан лозим аст, ки бачаҳо то саршавии машғулият, ё баъд вақти озоди худро чӣ тавр мегузаронанд. Барои ин дар як гӯшаи хонаи бозӣ дар масофаи муайяне дуртар аз столҳои машғулият бозичаҳо ва васоити кори мустақилонаи кӯдакон, столчаи китоб ва монанди инҳоро мегузоранд. Ҳамаи ин чизҳоро алоқадри имкон чунон гузоштан лозим аст, ки кӯдакони дар машғулиятбуда, шарикони бозикунандаашонро набинанд, бозикунандагон бошанд, ба дигар кӯдакон халал нарасонанд. Дар кори тайёрӣ ба машғулият ба мураббия кӯдакони калонсол ва доя ёрӣ мерасонанд; доя баъд хурдтараконии аз машғулият озодро назорат мекунад.

## ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТ ВА МЕТОДИКАИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН

Ҳалли вазифаҳои таълимию тарбиявӣ мувофиқи талаботи «Программаи тарбия дар боғчаи бачагон» ва дар асоси ба эътибор гирифтани хусусияти таълими кӯдакони синну солашон гуногун дар гурӯҳи омехта, асосан дар шакли се типи машғулият ба амал бароварда мешавад:

1. Машғулият бо ҳамаи кӯдакон аз рӯи як фасли таълим, вале бо мундариҷаи гуногуни программавӣ барои гурӯҳҳои аз ҷиҳати синну сол мухталиф (ҳама сурат мекашад ё аз рӯи суратчаҳо нақл мекунанд ва ғ.).
2. Машғулият бо ҳамаи кӯдакон, вале аз рӯи фаслҳои гуногуни барои гурӯҳчаҳо таъиншудаи таълим (як гурӯҳча сурат мекашад, дигараш бо математика машғул мешавад).
3. Машғулият бо як гурӯҳча (дигар гурӯҳча мустақилона бозӣ мекунад ё ба сайругашт тайёр мешавад).

Акнун хусусияти ташкил намудани ҳамин машғулиятҳо ва методикаи гузаронидани онҳоро алоҳида-алоҳида дида мебароем.

### МАШҒУЛИЯТ БО ҲАМАИ КӮДАКОН АЗ РӮИ ЯК ФАСЛИ ПРОГРАММА

Машғулият бо кӯдакони гурӯҳҳои аз ҷиҳати синну сол гуногун аз рӯи як фасли программа, вале бо мазмуни программавии гуногун барои ҳар як синну сол — шакли асосии ташкили таълим дар гурӯҳҳои омехта мебошад ва дар амалия васеъ истифода мешавад.

Вале ин гуна машғулиятҳо ба талаботи дидактикии имрӯза

на ҳамеша мувофиқат мекунанд ва аз ин рӯ, барои ҳалли вазифаҳои программавӣ ҳамаи гурӯҳчаҳо на ҳама вақт мусоидат карда метавонанд. Қамбудии асосии гузаронидани ин гуна машғулиятҳо аз он иборат аст, ки мураббияҳо наметавонанд фаъолияти яквақтаи тамоми кӯдаконро дар давоми ҳамаи машғулият пешбинӣ кунанд ва ба он ноил шаванд. Дар бисьёр машғулиятҳои оид ба шиносоии кӯдакон бо муҳити атроф, ташаккули тасаввуроти математикӣ ва ғайра педагогҳо барои амалиёти фаъолонаи гурӯҳчаҳои гуногун аксар вақт як навбати ба худ хосеро ҷорӣ мекунанд: «Ҳозир ба ман хурдтаракон ҷавоб мегӯянд» (як қатор саволҳо дода мешавад), «Акнун ман аз миёнсолон мепурсам» ва ғ. Дар ин гуна мавридҳо кӯдакони миёнсолу калонсол — якешон бештар, дигарашон камтар — сомеони нофаъол шуда мемонанд; онҳо дар интизории навбати худ монда мешаванд ва шӯхӣ мекунанд. Илова бар ин, барои машғулияти кӯдакони калонсол хеле кам вақт мемонад.

Чунин ҳолат дар машғулиятҳои оид ба расмкашӣ, сохтани конструкцияҳои гуногун ва ғ., ки бачагон бо предметҳо ва материалҳо сарукор доранд, мушоҳида мешавад. Фаҳмондани супориш ҳамеша аз хурдсолон оғоз меёбад, кӯдакони миёнсолу калонсол бошанд, мешинанду интизор мешаванд. Аз тамоми вақте ки барои машғулият ҷудо карда шудааст, танҳо нисфи он насиби кӯдакони калонсол мешавад. Бинобар ин педагог баъзан маҷбур мешавад, ки супоришро каму содда кунад, ба вақти боқимонда мувофиқ намояд; баъзан ӯ маҷбур мешавад, ки бо мақсади иҷрои программа муддати умумии машғулиятро дароз кунад. Ҳардуяш ҳам номатлуб аст.

Дар ҳолати мунтазам истифода бурдани усули бо навбат супоришдиҳӣ (аввал ба хурдсолон, сонӣ ба миёнсолон, дар охир ба калонсолон) на танҳо кӯдакони калонсол, балки хурдсолон ҳам зарар мебинанд: мураббия дар вақти ба гурӯҳи калонсолон фаҳмонда додани супориш ба сураткашӣ, асбобсозӣ ва дигар корҳои хурдсолон роҳбарӣ карда наметавонад. Мураббия, вақте ки бо калонсолон корашро тамом карда, ба ёрии хурдсолон меояд, онҳо аллакай дар арафаи тамом кардани коранд, вале чунон ки таҳлил нишон медиҳад, онҳо ба натиҷаи дилхоҳ ноил нашудаанд.

Барои он ки камбудиҳои номбаршуда бартараф карда шаванд ва самараи машғулиятҳои якҷояи тарзи боло афзун гардад, чунон шароитеро фароҳам овардан лозим, ки машғулиятҳо на танҳо зоҳиран умумӣ бошанд (ҳамаи кӯдакон аз рӯи сурат нақл мекунанд, ҳама сурат мекашанд, ҳама аз масолеҳи бинокорӣ ҳарчӣ месозанд ва ғ.), балки аз ҷиҳати моҳияти дидактикиашон ҳам умумӣ гарданд, ки дар он мураббия дар як вақт ба машғулияти бачагони синнусоли гуногун роҳбарӣ мекунад.

Шарти асосӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки *мавзӯи*

*асосӣ ва мазмуни программавии машғулият дуруст муайян карда шавад.* Ин чунин маънӣ дорад, ки дар мавриди кор кардa баромадани плани машғулият кӯшиш кардан лозим аст, ки на танҳо фасли программа (шиносӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ, расмкашӣ, асбобсозӣ ва ғ.) ва хусусияти фаъолияти кӯдакон (ҳама рафти ҳодисаро мушоҳида мекунанд ва ё сурат мекашанд) барои ҳамаи гурӯҳчаҳо умумӣ бошанд, балки қисмҳои конкретӣ ва мавзӯъҳои ҳамин фаслҳо, инчунин намудҳои фаъолияти кӯдакон ҳам умумӣ бошанд.

Масалан, дар машғулияти умумии оид ба инкишофи нутқ беҳтар мешуд, ки омӯзондани маҳорати нақлкунӣ ё ташаккули маданияти садои нутқ в ғ., шиносӣ бо меҳнати калонсолон ё бо воситаҳои алоқаю нақлиёт пешбинӣ карда шаванд. Дар машғулияти расмкашӣ бояд алоқадри имкон намуди чизи тасвиршаванда (предмети сюжетӣ, декоративӣ) ва мавзӯи конкретӣ (ҳама сурати хонаро ё суратро аз рӯи афсонаи «Шалғам» мекашанд ва ғ.) умумӣ бошанд. Ин аз он рӯ мувофиқи мақсад аст, ки дар мавриди аз рӯи мазмунашон ва фаъолияти кӯдакон умумӣ будани машғулиятҳо, ба мураббия ташкил намудани кори таълимию тарбиявӣ осонтар мешавад ва фаъолияти яквақтаи ҳамаи кӯдакон имконпазир мегардад.

Баъд, *мавзӯи пешбинишуда ҳатман барои ҳар як гурӯҳчаи синну сол конкретонида мешавад*: кӯдаконро бо кадом намудҳои меҳнат ва касбу кори калонсолон шинос кардан лозим, кадом предмет ё сюжетро кашидан даркор ва хеле муҳим аст, ки мазмуни программавӣ мувофиқи синнусоли кӯдакон интихоб карда мешавад.

Мана, чанд мисол оид ба тақсими мундариҷаи программавии машғулиятҳо, ки дорои мавзӯи умумии таълим мебошанд.

1. Нақл аз рӯи сурат.

Хурдсолон предметҳои дидагиашонро шиносанд, номи онҳоро гӯянд ва ба саволҳои: ин чист? ин кист? чӣ хел? чӣ кор мекунад? ва ғ. ҷавоб диҳанд.

Миёнсолон предметҳоро тасвир кунанд, аломатҳои хоси онҳоро номбар кунанд, аз рӯи саволҳои мураббия мазмуни суратро нақл кунанд.

Калонсолон, ғайр аз инҳо, чизҳои дар сурат инъикосьёфтаро ботартиб ва бе ёрии мураббия нақл кунанд.

2. Бозии дидактикии навъи «Халтачаи сеҳрнок» ё «Магазин».

Хурдсолон предметро шиносанд ва номи онро дуруст гӯянд, ба саволҳои оддӣ дар бораи он (ранг, ҳаҷм, бо он чӣ корро ба ҷо овардан мумкин) ҷавоб гӯянд.

Миёнсолон предметро палмосида шиносанд, рангу шакли онро гӯянд, предметҳоро аз рӯи ҳамин аломатҳо муқоиса кунанд.

Калонсолон на танҳо аломатҳои предметро, балки аз ка-

дом материал сохта шудани он ва вазифаи онро муайян карда тавонанд, предметҳоро тасниф кунанд ва ғ.

3. Расмкашӣ дар мавзӯи «Меваҳо ва сабзавотҳо».

Хурдсолон шаклҳои мудаввар ва дарозрӯя кашида, кӯшиш мекунанд, ки ҳарчи аниқтар тасвир кунанд, суратро ранг мекунанд.

Миёнасолон шакли мудаввар ва тухмшаклро мекашанд ва кӯшиш мекунанд, ки он ба предмет монанд бошад.

Қалонсолон, илова бар супоришҳои номбаршуда, расми меваю сабзавотро ба шаклаш нигоҳ карда мекашанд.

Дар баъзе мавридҳо барои машғулияти умумии як фасли программа мавзӯъҳои ҳархеларо пешбинӣ кардан мумкин аст, вале зарур аст, ки материалҳои программавӣ барои гурӯҳчаҳои синнусоли гуногун наздик бошад.

Масалан, дар машғулияти расмкашӣ (бо қалам ё ранг), ки мақсади он ёд додани кашидани хатти рост ва предметҳои шаклашон ростхатта мебошад:

Хурдсолон хатти ростро ба як сӯ мекашанд (роҳравҳо, лентачаҳо, борон);

Миёнсолон хатти шоқулӣ ва уфуқӣ мекашанд (рӯймолча, дастурхон);

Қалонсолон малакаи ба ҳамаи тарафҳо кашидани хати рост, дуруст ва ба ҷои худаш кашидани қисмҳои предмет, инчунин риоя кардани таносуб (масалан, хона)-ро мустаҳкам мекунанд.

Ба ҳамин тариқ, дар мавриди пешбинӣ намудани машғулияти умумии кӯдакони синнусоли гуногун, муқаррар кардани мавзӯъ ва мундариҷаи программавии ҳар як гурӯҳча зарур аст, ки ба қадри имкон асоси умумии кори таълимии гурӯҳҳои синнусолашон гуногун пешбинӣ карда шавад.

*Дар ҷараёни таълим ба фаъолияти умумии ҳамаи кӯдакони синнусоли гуногун ноил шудан* шарти дигарест, ки боиси босамар гузаронидани машғулиятҳои умумӣ, нафънок истифода кардани ҳар як дақиқаи вақти барои машғулият ҷудо кардашуда мегардад. Ин аз бисьёр ҷиҳат ба оғози машғулият вобаста аст. Инро ба ҳайати синнусолии кӯдакон ва хусусияти мундариҷаи программавӣ нигоҳ карда, бо роҳҳои гуногун ба амал баровардан мумкин: бо роҳи дар як вақт бо ҳамаи гурӯҳчаҳо ё дар ҳар як гурӯҳча (аз кӯдакони нисбатани калонсол) гузаронидани машғулият.

Одатан аксарияти машғулиятҳоро бо иштироки ҳамаи кӯдакон аз рӯи як фасли программа ва мавзӯи умумии таълим сар мекунанд (як суратро дидан ва аз рӯи он нақл кардан; як асарро хонда додан ё нақл кардани педагог, кашидани расм ё сохтани чизе аз рӯи сюжети як афсона, бозии умумии «Халтачаи сеҳрноқ» ва ғ.). Мувофиқи мақсад будани чунин машғулият дар як вақт ҷалб намудани ҳамаи кӯдакон аён аст, зеро ки дар ин машғулиятҳо фаъолияти якхелаи гурӯҳчаҳои гуногун ба

амал бароварда мешавад ва мураббия метавонад супоришҳои умумӣ диҳад. Дар айни замон нишондодҳо бояд кӯтоҳ ва аниқ бошанд. Дар баъзе мавридҳо (хониш ва нақли педагог, нақли кӯдакон аз рӯи расм ва ғ.) мураббия бо ду-се калима мақсади машғулиятро баён мекунад ва ба ҳама таклиф мекунад, хониш ва нақли ӯро шунаванд ва ё суратро тамошо кунанду сонӣ худашон нақл кунанд, ки дар он чӣ кашида шудааст; дар айни замон гуногунии мақсад барои кӯдакони гурӯҳчаҳои гуногун таъкид карда мешавад (хусусан барои кӯдакони калон фаҳмондани мақсад муҳим аст). Дар дигар машғулиятҳо (бештар дар расмкашӣ, асбобсозӣ ва дигар машғулиятҳои маҳсулдеҳ[1]) дар вақти фаҳмонда додани мавзӯъ, вазифа ва тарзи амал хислатҳои ба кӯдакони синнусоли гуногун (аз хурдтаракон сар карда) хосро тадриҷан ошкор кардан лозим аст. Хуб мешуд, агар супориши ба гурӯҳчаи хурдсолон додашуда ба дараҷае қисми таркибии супориши оянда барои калонсолон мегардид. Ин имконият медиҳад, ки ҳамаи гурӯҳ аз аввали машғулият фаъол бошад ва кӯдакони калонсол барои ба кор шурӯъ намудан бисьёр интизор намешаванд.

Машғулиятҳое, ки дар як вақт бо ҳамаи кӯдакон сар мешаванд, дар гурӯҳчаҳо бо навбат ба охир мерасанд. Аввал (баъди 10—15 дақиқа) хурдсолон тамом мекунанд, баъд пас аз 5—10 дақиқа миёнсолону калонсолон ба охир мерасонанд.

Дар мавриде, ки агар дар машғулияти умумӣ барои гурӯҳчаи гуногун мавзӯъҳои мухталиф пешбинӣ шуда бошад, инчунин агар дар ин маврид хурдсолон ба фаҳмондадиҳии дурударозу муфассал эҳтиёҷ дошта бошанд, машғулиятро якбора бо ҳама не, балки бо кӯдакони калонсол сар кардан мувофиқи мақсад аст.

Масалан, машғулияти умумӣ ба мавзӯи аз масолеҳи бинокорӣ сохтани хона (барои ҳар гурӯҳча мураккабияти мувофиқ дорад) бахшида шудааст. Барои хурдсолон ин материали нав аст ва ба онҳо муфассал нақл кардан ва нишон додани роҳу тарзи сохтани бино лозим аст. Мураббия ин машғулиятро бо кӯдакони калонсол сар мекунад (хурдсолон бигузор бозиашонро оромона кардан гиранд), ба онҳо чиро ва чи хел сохтанро мефаҳмонад, дар давоми 1—2 дақиқа назорат мекунад, ки ҳама ба кор сар кунанд ва танҳо баъди ҳамин гурӯҳчаи хурдсолонро ба машғулият даъват мекунад.

«Шумо коғазро бурида мечаспонед. Бинед инро чӣ хел кардан лозим аст».

Агар ин гуна машғулият ҳарҷониба фикр карда шуда, ҳама чиз пешакӣ тайёр карда шуда бошад, вай оромона ва му-

---

[1] Фаъолияти маҳсулдеҳ гуфта расмкашӣ, асбобсозӣ ва ғайраро меноманд, кӣ дар натиҷаи онҳо маҳсули моддӣ — сурат, маснуоти лоин, бино ва ғ. ба вуҷуд меояд.

ташаккилона мегузарад. Кӯдакони 5—7 -сола одатан дорои малакаи устувори фаъолияти таълимӣ шудаанд, ҳамин ки супоришро гирифтанд, дарҳол ба машғулияти хурдсолон халал нарасонда, ба кори мустақилона шурӯъ мекунанд. Чунин тарзи ташкили машғулиятҳо на танҳо бо ҳамаи кӯдакон, ки одатан аввал, дар соатҳои пагоҳӣ гузаронида мешаванд, балки дар баъзе машғулиятҳои дуюм (аз математика, расмкашӣ, конструкциясозӣ) бо кӯдакони миёнсолу калонсол низ дурустии худро нишон медиҳад. Чунончи, баъди танаффус ба машғулияти математика аввал танҳо кӯдакони калонсол ҷалб карда шуда, ба онҳо материали нав дода мешавад; сонӣ, баъди панҷ-ҳафт дақиқа ба машғулият кӯдакони миёнсол ҳамроҳ мегарданд; бо ҳамаи инҳо бозии дидактикӣ ё машқи шумурдан дар заминаи материали конкретӣ гузаронида мешаванд. Ин гуна машғулиятҳо қариб дар як вақт ба охир мерасанд ва имконият медиҳанд, ки вақти машғулияти кӯдакони ҳар як синнусол ба таври дилхоҳ бошад.



Расми 24. «Ҳозир коғазҳоро бурида мечаспонем. Ман ба шумо чӣ тавр иҷро кардани ин корро нишон медиҳам».

Барои он ки таълими кӯдакони синнусоли гуногун дар шароити машғулияти якҷоя бомуваффақият гузарад, хеле муҳим аст, ки ба фаъолияти кӯдакон, баъди ба онҳо додани супориш, дуруст роҳбарӣ карда шавад; муваффақ шудан лозим аст, ки тамоми аҳли гурӯҳ ва ҳар як кӯдак дар давоми тамоми машғулият фаъол бошанд. Ин хусусан дар машғулиятҳое за-

рур аст, ки дар онҳо донишомӯзӣ асосан дар ҷараёни фаъолияти нутқӣ, мушоҳидаю шунавидан гузашта, ба кори амалии кӯдакон такья карда намешавад.

Аз тарафи мураббия барои ҳамаи кӯдакони гурӯҳ пешниҳод карда шудани супоришҳои умумӣ ва дар айни замон дараҷаи мураккабиашон барои ҳар як гурӯҳча гуногун дар таш-



Расми 25. «Акнун навбати шумоён. Ҳоло шумо хона месозед».

кили таълими кӯдакони синну соли гуногун аҳамияти калон дорад. Ин вобаста ба хусусияти машғулият ва ҳайати синнусолии гурӯҳ бо роҳҳои гуногун ба даст оварда мешавад. Дар машғулиятҳое, ки ба шиносоии кӯдакон бо объекти барои ҳама умумӣ—предмет, ҳодиса ё инъикоси он бахшида мешаванд, мо чунин манзараеро мебинем: дар тамоми ҷараёни машғулият мураббия бо ҳамаи кӯдакон кор мебарад, хурдсолон, миёнсолон ва калонсолонро ба саволу ҷавоб ва кори амалӣ ҷалб мекунад. Саволҳо ва супоришҳои дараҷаи мураккабиашон гуногун бояд бо навбат дода шаванд, то ки дар ҳар як лаҳзаи машғулият ҳамаи кӯдакон фаъол бошанд. Масалан, мураббия ба кӯдакон сурати духтарчаро нишон дода, савол медиҳад: «Дар ин сурат киро кашидаанд?» Ба саволи: «Либоси он чӣ хел аст?» кӯдаки миёнсол ҷавоб медиҳад; ба саволи: «Ба фикри шумоён, барои чӣ либоси вай ин хел аст?» — томактабиҳои калонсол ҷавоб медиҳанд.

Саволҳоро доир ба сурати мазкур (ё сурати дигаре) баъзан бо дигар тартиб, яъне аз саволи мураккаб сар карда до-

дан лозим аст («Бинед ва фикр кунед, ки ин суратро чӣ хел номидан мумкин аст?) ва дар чунин мавридҳо барои ҷавоб гардондани кӯдакони гурӯҳчаи калонсолон ва миёнсолонро даъват мекунанд.

Дар дигар машғулият кӯдакон мева ва сабзавотро муоина мекунанд. Ба саволҳои ба тамоми гурӯҳ додашудаи педагог бачагон ҷавоб медиҳанд. «Ин чист?» — мепурсад педагог аз кӯдаки сесола, ӯ ҷавоб мегардонад: «Помидор». Дар бораи шакл ва ранги помидор кӯдакони 4—5-сола ҷавоб мегардонанд. Ба саволи «Оё помидор ҳамеша сурх аст? Кадом помидор сурх мешавад? Кадомаш сабз мешавад?» — кӯдакони 6—7-сола ҷавоб медиҳанд: «Пухтагиаш», «Хомаш». Педагог ҳамин тавр амал карда, ба фаъолияти ҳамаи кӯдакон ноил мешавад ва саволҳоро мувофиқи синну соли бачаҳо сабук ё мураккаб мекунад: хурдтаракон дар ҳангоми ҷавоб гардондан ба дониши конкретиашон, дараҷаи предметро ҳис карданашон такья мекунанд, калонсолон фаҳмиши қонуниятро намоиш медиҳанд, масалан, байни ранг ва дараҷаи пухтагӣ ё хомии сабзавот (программаи шиносоӣ бо табиат аз тарафи кӯдакон фаҳмидани чунин робитаҳоро пешбинӣ мекунад).

Мураббияҳои гурӯҳҳои омехта метавонанд боз аз як усули дигари афзудани фаъолияти кӯдаконро бомуваффақият истифода баранд: ҷалб намудани кӯдакони калонсол ба аниқ ва пурраю васеътар намудани ҷавобҳои хурдсолон. Дар ин маврид сухан ва амали кӯдакони калонсол чун як намунаи дуруст ҳал намудани супориш ҳисобида мешавад. Ин усулро хусусан дар қисми аввали машғулияти умумӣ, ки педагог маҷбур аст диққати асосиашро ба хурдсолон диҳад, истифода бурдан фоиданок аст.

Имконияти калони дар як вақт инкишоф додани ҳам фаъолияти ақлӣ, ҳам фаъолияти амалии кӯдакони синни гуногун дар машғулиятҳое низ мавҷуданд, ки дар шакли бозӣ ва машқҳои дидактикӣ бо ёрии материалҳои дидактикӣ гузаронида мешаванд. Масалан, дар бозии дидактикие, ки бо бозичаҳо ба амал меояд («Чӣ тағьир ёфт?» «Выставкаи бозичаҳо» ва ғ.), кӯдакони хурдсол ба саволи «Кадом бозичаҳо дар рафчаҳо истодаанд?», кӯдакони миёнсол ба саволи «Дар рафчаҳо бозичаҳои якхела ҳастанд? Онҳо кадоманд?, кӯдакони калонсол ба саволҳои аз қабили «Чӣ тағьир ёфт? Кадом бозичаро гирифтанд?, «Бигӯ, ин чӣ гуна бозича аст?» ҷавоб медиҳанд. Дар дигар машғулияти машқи дидактикӣ, супориши аз рӯи шакл (ранг, ҳаҷм) фарқ кардан, муқоиса намудани предметҳоро кӯдакони хурдсол бо ёрии предметҳо ва бозичаҳо, масалан, бо роҳи ба даст гирифта, муоина кардану санҷидани кубику тӯбча ҳал мекунанд. Кӯдакони калонсол бошанд, инро бе ёрии предметҳо бо роҳи ба хотир овардан ва гуфтани ном, шакл, ҳаҷм ва ранги предмету бозичаҳои дигари мураккабтар, муқоисаи онҳо ба амал мебароранд.

Дар машғулиятҳои умумии расмкашӣ, асбобсозӣ ва дигар намудҳои фаъолияти маҳсулдеҳ низ ҳамин гуна шароитро фароҳам овардан мумкин аст, ки дар он супориши якхела, вобаста ба вазифаи таълим ва синну соли кӯдакон ё содда ё мураккабтар карда мешаванд.

Масалан, дар гурӯҳе, ки кӯдакони аз 2 то 3-сола ва аз 3 то 4-сола тарбия меёбанд, вазифаи кашидани хатти рости шоқулӣ (ба тӯбча кашидани ресмон) бо кӯдакони сесола дар шакли аёнию амалӣ, вазъияти якҷоягии расмкашию тарбия ба амал бароварда мешаванд. (Мураббия пешакӣ дар қисми болоии варақчаҳои коғази кӯдакон 6—8 адад доирача мекашад, бачагон бошанд, ба зери ҳар як доирача расми ресмонро мекашанд). Кӯдакони хурдсоли гурӯҳи дуюм (чорсолаҳо) метавонанд хатҳои рост — ресмонҳоро бо тӯбчаҳои (пуфакҳои) тасаввурӣ дар варақи тозаи коғаз кашанд.

Дар машғулиятҳое, ки бо иштироки масолеҳи сохтмон гузаронида мешаванд, ҳамин усулро истифода кардан мумкин аст. Вазифаи нави барои матрёшка аз хиштчаҳо сохтани хонаҷаро (ба ҳар кӯдак 8—10 дона хиштча дода мешавад) бачаҳои сесола, агар ҳаҷм ва шакли бинои оянда пешакӣ маълум карда шавад, зуд иҷро мекунанд. Барои ин ба ҳар кӯдак яктогӣ варақчаи коғаз ё картонро медиҳанд ва мегӯянд, ки ин фарши хона мешавад. Барои сохтани девори хона кӯдак бояд хиштчаҳоро дар се тарафи лаби варақ — фарши хона чинад. Ҳамин тавр хонаи матрёшка тайёр мешавад. Кӯдакон баъди он ки бо ёрии андоза (варақи коғаз ё картон) сохтани биноро ёд гирифтанд, ба сохтмони бино аз рӯи намунаи сохтаи мураббия шурӯъ мекунанд. Маҳз ҳамин гуна вазифа ба назди кӯдакони чорсола гузошта мешавад. Бо ҳамин тариқ, вазифаи умумии сохтани хонача дар чунин шароит барои кӯдакони синни гуногун мураккабии мухталиф пайдо мекунад.

Дар машғулиятҳои оид ба биносозӣ, ки бо кӯдакони калонсол (5—6-сола) гузаронида мешавад, вазифаи сохтани бинои якхеларо ба таври зерин ба амал баровардан мумкин аст: ба кӯдакони соли шашуми ҳаёт таклиф карда мешавад, ки биноро аз рӯи намуна (мураббия тарзи сохтанро нишон медиҳад) созанд, ба бачагони соли ҳафтуми ҳаёт таклиф мекунанд, ки биноро бе намуна, мувофиқи шароит созанд[1].

Масалан, ҳама кӯпрук месозанд; кӯдакони калонсол — аз рӯи сохтаи педагог, кӯдакони гурӯҳи тайёрӣ — кӯпруки чунон баланд, ки аз таги он киштӣ гузашта тавонад (ба кӯдак киштича медиҳанд) ва дорои чунон васеъгие, ки аз болои он дар як вақт ду мошин гузашта тавонад, (мошинчаҳо дода мешаванд).

---

[1] Ниг. Поддьяков Н. Н. Конструирование.— Дар китоби «Сенсорное воспитание в детском саду». Дар зери таҳрири Н. П. Сакулина ва Н. Н. Поддьяков. М., 1965, саҳ. 24, 27, 28.

Дар баъзе машғулиятҳои умумии шаклҳои дар боло зикрьёфта фаъолияти кӯдакони синни гуногунро дар мавриди ҳалли масъалаҳои зайл бо роҳи истифодаи объектҳои гуногун инкишоф додан мумкин аст, ки ба туфайли онҳо машғулияти таълимӣ ба дараҷаҳои гуногуни душворӣ соҳиб мешаванд.

Чанд мисол меорем.

1. Дар гурӯҳи омехта оид ба инкишофи нутқ машғулият мегузарад — ба бачагон аз рӯи суратҳо нақл карданро ёд медиҳанд. Мураббия ба кӯдакон суратчаҳоеро тақсим карда медиҳад, ки дар онҳо предметҳои алоҳида (барои гурӯҳҳои хурдсолон), сюжетҳои номураккаби ҳаёти кӯдакон дар боғча ва хона (барои гурӯҳчаи миёнсолон) ва сюжети мураккабтари ҳаёти одамони калонсол ё ҳодисаҳои табиат (ба гурӯҳчаи калонсол) акс ёфтаанд. Дар мавриди дода шудани суратчаҳои якхела дар назди кӯдакони синни гуногун вазифаҳои ҳархела гузошта мешаванд (баъзеҳо аксҳоро мешуморанд ва онҳоро гуфта медиҳанд, баъзеи дигарашон — мазмуни аксҳоро нақл мекунанд).

2. Дар мавриди гузаронидани бозиҳои машҳури дидактикии «Халтачаи сеҳрнок» бозичаҳо ва предметҳоро ба ду халта меандозанд: яке барои кӯдакони хурду миёнсол, дигараш — барои бачагони 5—7-сола. Педагог бо навбат бачагони синни гуногунро даъват мекунад (аввало бештар бачаҳои хурдсолро), вале ҳар як кӯдак чизро аз халтачаи худаш мегирад, вазифаи содда ё мураккаби ақлиро иҷро мекунад (дар халтачаи якум чизҳои оддитару шиностар ва дар халтачаи дуюм — чизҳои мураккабтар гузошта шудаанд).

3. Дар машғулиятҳои расмкашӣ содда ё мураккабтар намудани талабот нисбат ба кӯдакони синни гуногун бо чунин роҳ ба амал баровардa мешавад: бачагони як гурӯҳча суратро аз ёд мекашанд, дигарашон аз рӯи чизе, баъзеашон бо қалам, дигарашон — бо ранг, баъзе бачаҳо аз шаклҳои тайёр аппликация мекунанд, баъзе дигаронаш бошад, пешакӣ худашон шаклҳои даркориро бурида тайёр менамоянд ва ғайра.

Мутахассисон маслиҳат медиҳанд, ки машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва мусиқӣ дар ҳар як гурӯҳча алоҳида ва ё бо кӯдакони синнашон ба ҳам наздик гузаронида шаванд. Аммо дар амал ин машғулиятҳо бо сабаби душвориҳои ташкилӣ ақаллан ҳар ҳафта аз ду машғулият яктоаш бо ҳамаи кӯдакон (аз 2—3—то 7-сола) якҷоя гузаронида мешаванд.

Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, гузаронидани машғулиятҳои якҷояи тарбияи ҷисмонӣ ва мусиқӣ (хусусан вақте ки инро роҳбари мусиқӣ ва мураббия мегузаронанд) ба педагогҳои гурӯҳи омехта назар ба машғулиятҳои ақлӣ (инкишофи нутқ, математика ва ғ.) ва ҳатто назар ба машғулиятҳои расмкашӣ ва конструкциясозӣ душвор нест. Ин фаҳмост. Хусусияти машғулияти тарбияи ҷисмонӣ аз он иборат аст, ки дар он васоити машқчӯб, ҳалқа, байрақча ва ғ. — васеъ исти-

фода мешавад; ҳар як кӯдак дар ин маврид ҳаракатҳои асосиро машқ мекунад ва онро аз худ мекунад. Дар машғулиятҳои мусиқӣ бошад, оҳанг, бозӣ бо асбобҳои мусиқӣ ва ғ. кӯдаконро шавқманд ва муташаккил мегардонад.

Ҳаракат, сурудхонӣ, амалиёти мусиқию савтӣ ва ғ. дорои хусусияти махсуси тамошоӣ ва иҷрокунандагӣ мебошанд, бинобар ин дар машғулиятҳои якҷояи мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ташкили амалиёти бо навбати кӯдакон хеле имконпазир аст (як гурӯҳча ҳаракатҳоро ба ҷо меорад, дигараш тамошо мекунад, баъзе бачаҳо месароянд ё мерақсанд, дигаронашон мешунаванд, тамошо мекунанд).

Дар мавриди роҳбарӣ ба машғулиятҳои умумии фаслҳои мазкури программа, бар иловаи нишондодҳои болоӣ, ба усулҳои зерин диққати махсус додан лозим аст[1].

Дар вақти интихоби машқҳои умумӣ ва ҳаракатҳои асосӣ вазнинии ҷисмониро ба бачагони синни гуногун бо роҳи тағьир додани зиёд ё кам кардани миқдори такрор зиёд ё кам намудан лозим аст. Масалан, машқ бо тамоми гурӯҳ 6 маротиба такрор карда мешавад, бачагони гурӯҳи калонсол бошанд, боз 3-4 маротиба бо суръати тез иҷро мекунанд. Аз бачагони калонсол хубтар, босифаттар иҷро намудани ҳаракату машқро талаб кардан мумкин аст. Чунончи, агар дар мавриди ба пеш хамшавӣ (дастҳоро ба нӯги пой расондан) барои хурдсолон қат кардани зонуи пойҳо ҳатмӣ набошад, пас барои кӯдакони 5—6-сола талаботи ҳатмист. Ва ё дар мавриди ҳаводиҳии чизе — хурдсолон бояд онро танҳо ба садди тахтагӣ расонанд, лекин калонсолон бояд ба давраи мобайни он расонанд.

Дар ин машғулият машқу ҳаракатҳои гуногун, инчунин асарҳои мусиқӣ барои шунавонидану сурудан истифода мешаванд. Дар чунин маврид бо навбат иҷро карда шудани онҳо айни муддаост. Масалан, машқро аввал гурӯҳчаи миёнсолону калонсолон муоина мекунанд, пас аз он машқро бачагони 5—7-сола ба ҷо меоранд, хурдсолон бошанд, онро муоина мекунанд. Ё дар машғулияти мусиқӣ: бачагони калонсол суруд мехонанд, мерақсанд, хурдсолон бошанд, мешунаванд ва тамошо мекунанд.

Дар ҳолати ташкили хуби фаъолияти коллективии кӯдакон дар як вақт иҷро карда шудани ҳаракати асосӣ бо истифодаи васоити гуногун хеле фоиданок аст. Масалан, машқи мувозинатро дар як вақт ҳамаи бачагони синни гуногун якҷоя иҷро мекунанд.

Чунон ки мебинем, барои самаранокии машғулиятҳои умумӣ бо кӯдакони синни гуногун аз рӯи як фасли программа роҳ-

[1] Ниг. Осокина Т. И., Тимофеев Е. А. Физическое воспитание.— дар китоби «Сельский детский сад». Зери таҳрири Р. А. Курбатова ва Т. А. Маркова., М., 1973, саҳ. 172—173.

ҳои гуногун мавҷуданд ва ҳамаи онҳо дар муассисаҳои томактабии камкомплекти қишлоқу шаҳр истифода шуда метавонанд. Вале дар ҳар як мавриди конкретӣ мазмуни программавии машғулиятро хуб фикр карда баромадан ва методи таълимро дуруст интихоб кардан лозим аст.

Бо мақсади аз худ намудани методикаи планкашӣ ва бомуваффақият гузаронидани машғулият хеле фоиданок мебуд, ки мураббия дар ҳар сари чанд вақт плани муфассал ва конспекти машғулиятҳоро тартиб диҳад. Ин имконият медиҳад, ки ба лаҳзаҳои муҳимтарину асосии таълими кӯдакони синни гуногун диққати махсус дода шавад.



Расми 26. «Бинед, чӣ тавр бачаҳои калонсол бозии «Заргӯши бехона»-ро бозӣ мекунанд».

Пеш аз он ки конспектҳои намунавии машғулиятҳои умумиро аз рӯи як фасли программа пешниҳод кунем, лаҳзаҳои асосиеро дида мебароем, ки дар конспект инъикос гаштани онҳо матлуб аст.

## Номи машғулият

Мавҷуд будани гурӯҳчаҳои синни гуногун қайд карда мешавад (масалан, конспекти машғулият дар гурӯҳи синни миёнаю калонсол ва ё дар гурӯҳи синни хурд — миёна — калонсол ва ғ.); номи фаслҳои таълим (шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ, инкишофи тасаввуроти математикӣ, тарбияи ҷисмонӣ, расмкашӣ ва ғ.), инчунин мавзӯи машғулияти маз-

кур (суҳбат дар бораи меҳнати калонсолон, ҳисоби миқдорӣ ва тартибӣ, бо қалам кашидани хона ва ғ.) навишта мешаванд. Агар дар як машғулият мавзуъҳои он барои гурӯҳҳои мухталиф ҳархела бошанд, барои ҳар як гурӯҳча алоҳида нишон дода мешаванд, масалан, бо ранг кашидани дарахти бебарг (гурӯҳчаи синни миёна) ва дарахти баргдор (гурӯҳчаи синни калон) ва ё аз лой сохтани чизҳо аз рӯи мавзӯи «Хирсчаи мо» (гурӯҳчаи синни миёна), сохтани чизҳо аз рӯи тасаввурот (гурӯҳчаи синни калон).

### Мундариҷаи программавӣ

Нишон дода мешавад, ки кадом қисми программаи солонаро бояд кӯдакони гурӯҳчаҳои синни гуногун дар машғулияти мазкур аз худ намоянд, материали мазкур нав аст ё бачагон бояд донишу малакаи худро мустаҳкам кунанд, дар истифодабарии онҳо машқ кунанд. Баъзан дар гурӯҳи омехта қисми материали программа мумкин аст барои бачагони синни гуногун умумӣ бошад, лекин барои баъзеҳо (одатан кӯдакони хурдтарин) ин материал нав буда, барои баъзеи дигар — шинос ва онро бояд онҳо мустаҳкам кунанд.

Мазмуни программавӣ дар бисьёр мавридҳо пешбинӣ мекунад, ки кӯдак бояд чиро аз худ намояд, чиро ёд гирад (донистани ному вазифаи асбобу анҷоми рӯзғор; шакл ва сохти предметҳоро баён карда тавонистан, донистани ҳайати миқдорӣ дар доираи 5 ва ғ.) Дар программа вазифаҳои педагог низ пешбинӣ карда мешавад, ки дар он гап дар бораи ташаккули унсурҳои фаъолияти таълимӣ ва ҳалли дигар вазифаҳои тарбиявӣ меравад (тарбияи одоби ба суханону нишондодҳои педагог гӯш кардан ва аз рӯи он амал кардан, омӯзондани қобилияти аз рангҳо моҳирона истифода кардан, тарбия намудани ҳисси муҳаббат ба боғчаи худ). Чунин тарзи навишти план барои инъикоси даврaҳои таълим ва азхудкунии дониш қулай аст. Калимаҳои «омӯзондан», «ёд додан», «шинос намудан» ва ғ. одатан ба материали нав мансуб буда, калимаҳои «мустаҳкам кардан», «муайян намудан», «машқ намудан», «такрор кардан» ва ғ. ба муносибати донишу маҳорати пештар аз худ кардаи кӯдакон истифода мешаванд.

### Усулҳои методика

Мураббия ин ҷо бояд тарзу усулҳоеро номбар кунад, ки бо ёрии онҳо вазифаҳои таълимии тамоми гурӯҳ, гурӯҳчаҳои синни гуногун ва агар зарурат бошад, кори индивидуалиро бо кӯдакони алоҳида ба амал баровардан мумкин шавад.

Чунончи, дар мавриди ба план гирифтани суҳбат методи асосӣ савол буда, саволҳо бояд мувофиқи синну соли кӯдакон

бошанд; дар вақти расмкашӣ бояд ба кӯдакони хурдсол тамоми процесси инъикоси предмет нишон дода шуда, дар айни замон барои кӯдакони синнашон калон қисман нишон додани процесси расмкашӣ ва ё даҳонӣ баён кардани он кофист.

## Тайёрӣ ба машғулият

Дар ин қисм нишон дода мешавад, ки мураббия барои дарк ва аз худ намудани мазмуни программавӣ, инчунин барои тайёр кардани воситаҳои аёнии зарурӣ ва материалҳои машғулият, пешакӣ ҷо ба ҷо гузоштани онҳо, бояд кадом корҳоро анҷом диҳад. Ин хусусан дар гурӯҳи кӯдакони синни гуногун зарур аст, зеро ин ҷо кӯдакон ба машғулият ҳама якбора не, балки бо гурӯҳчаҳои алоҳида ҷалб карда мешаванд. Дар ин шароит ба азхудкунии мазмуни программавӣ тайёр кардани кӯдакон аҳамияти калон дорад: мушоҳидаҳои гуногуни пешакӣ (дар як ҳафта, ду-се рӯз ва ҳатто пагоҳии рӯзи машғулият), сӯҳбатҳо, китобхонӣ, суратҳоро тамошо кардани кӯдакон ва ғ. Ҳамаи ин ё дар вақти фаъолияти мустақилонаи кӯдакон (дар гурӯҳ, участка, берун аз участка) ташкил карда мешавад ё дар дигар машғулиятҳо пешбинӣ карда мешаванд. Дар гурӯҳи омехта гузаронидани кори пешакӣ хусусан бо кӯдакони калонсол зарур аст, зеро гарчи ба онҳо донишу маҳорати мураккабтар дода мешаванд, вале дар машғулияти якҷоя бо хурдсолон ба онҳо на ҳамеша диққати зарурӣ додан муяссар мешавад.

## Рафти машғулият

Дар конспект нишон додан зарур аст (қатъи назар аз он ки машғулият бо ҳама якҷоя гузаронида мешавад ё дар гурӯҳчаҳо), ки аввал кадом гурӯҳча ба машғулият шурӯъ мекунад ва фаъолияти кӯдаконе, ки ба навбати дуюм мондаанд, чӣ хел ташкил карда мешавад.

Агар машғулият дар як вақт сар шавад, он гоҳ барои ҳамаи кӯдакон муқаддимаи машғулият пешбинӣ карда мешавад, ки дар он мақсаду мазмуни мавзӯъ баён мегардад; ин ҷо хусусияти хоси вазифаҳои машғулият, тарзу усулҳои ҳалли онҳо дар миқьёси ҳар гурӯҳчаи алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад, нишон дода мешавад, ки чӣ тавр бояд ба кор шурӯъ кард. Баъд тарзу роҳҳои ба процесси таълим роҳбарӣ намудан, муваффақ шудан ба фаъолияти ақлӣ ва амалии кӯдакони синни гуногун қайд карда мешавад.

Кӯдакон машғулиятро тадриҷан ба итмом мерасонанд: аввал хурдсолон, баъд — калонсолон. Ҷамъбасти кори хурдсолон ба таври мухтасар, баъди тамом кардани ҳар як кӯдак гузаронда шуда, бо кӯдакони калонсол бошад, муфассалтар таҳ-

лил намудани натиҷаи кори онҳо, хусусан аз худ кардани материали программавӣ. пешбинӣ карда мешавад.

Дар машғулиятҳое, ки дар ҳар гурӯҳча алоҳида — аввал дар яке аз онҳо (одатан бо калонсолон), баъд дар дигараш оғоз меёбад, фаҳмонда додани мавзӯъ ва мазмуни программавӣ, нишондодҳо оид ба ҳалли вазифаи гузошташуда дар ҳар гурӯҳча алоҳида ба амал бароварда мешаванд. Баъди он ки гурӯҳи аввал ба фаъолияти амалӣ шурӯъ намуд, гурӯҳи дигар ба машғулият даъват карда мешавад.

Баъди муддате чанд ҳамаи гурӯҳ кори амалӣ мекунад ва усули ба ҳарду гурӯҳча бо навбат роҳбарӣ намудан пешбинӣ карда мешавад. Ин машғулиятҳо қариб дар як вақт ба охир мерасанд, ки барои таҳлили умумии натиҷаҳо имконият медиҳанд, аммо табиист, ки баҳои корҳои кудакони синни гуногун низ гуногун мешавад.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ТАЙЁРИИ КӮДАКОНИ КАЛОНСОЛ

### шиносоӣ бо ҳодисаҳои ҷамъиятӣ

*Сӯҳбат дар бораи В. И. Ленин*

Мундариҷаи программавӣ

Гурӯҳчаи калонсолон (тайёрӣ)

Бояд донист, ки В. И. Ленин ғамхори одамон буд, таълим медод, ки дӯстона кор кунанд, то ки мамлакатамон пурзӯр бошад, дар он калонсолон ва кӯдакон хуб зиндагӣ кунанд. Одамони советӣ В. И. Ленинро дӯст медоранд, китобҳои онро меомӯзанд, кӯшиш мекунанд, ки мувофиқи гуфтаҳои ӯ зиндагӣ ва кор кунанд. Бояд донист, ки В. И. Ленин асосгузори Давлати Советӣ мебошад.

Методика

Дар рафти сӯҳбат хондани шеъри А. Деҳотӣ «Шогирди Ленин мешавем», тамошои суратҳои китоби Н. Қ. Крупская «Владимир Ильич Ленин», шеърҳои ба В. И. Ленин бахшидашударо хондани бачаҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Рафти машғулият

Машғулият бо хондани шеъри «Шогирди Ленин мешавем» сар карда шавад (матни шеър оварда мешавад).

Мо, насли хушбахти замон,
Фарзанди халқи қаҳрамон,
Бо байрақи Ленин мудом
Ҳастем озоду амон.

Ояндаи рахшони мо,
Тобанда бар чашмони мо,
Хоҳад, ки ҳар касбу ҳунар,
Донад дили ҷӯшони мо.

Доно шуда бо илму фан,
Дар хизмати халқу Ватан,
Бо роҳи Ленин меравем,
Шогирди Ленин мешавем.

Соҳиб шуда бар илму фан,
Дар хизмати халқу Ватан,
Бо роҳи Ленин меравем,
Шогирди Ленин мешавем.

А. Деҳотӣ

Баъд кӯдакон бояд ба хотир оваранд, ки дар бораи В. И. Ленин чӣ гуна шеър ва ҳикояҳоро медонанд («Арча дар Сокольники»-и А. Кононов, «Портрети Ленин»-и С. Погореловский, «Дар меҳмонии Ленин»-и Н. Саконская ва ғ.), аз ду-се бача хоҳиш карда шавад, ки шеърҳо хонда диҳанд.

Баъд бо кӯдакон дар бораи он сӯҳбат кардан лозим аст, ки В. И. Ленин дар хусуси одамон ғамхорӣ мекард, таълим медод, ки онҳо дӯстона кор кунанд, то ки мамлакати мо пурзӯр бошад ва дар он зиндагии ҳам калонсолону ҳам кӯдакон хуб бошад. Бачагонро пурсидан лозим, ки ба фикри онҳо, ғамхории В. И. Ленин дар бораи кӯдакони советӣ дар чӣ зоҳир мегардид (боғчаи бачагон ва мактабҳои зебо, қасрҳои пионерон, театрҳо ва китобхонаҳои бачагон, сохта шудаанд, кӯдакон ба дача ва лагерьҳои пионерӣ мераванд, барои бачаҳо бозичаҳои шавқовар месозанд, китобчаҳои бачагона нашр мекунанд ва ғ.).

Ба бачагон нақл кардан лозим аст, ки калонсолон ва кӯдакон аз В. И. Ленин барои ғамхорӣ, ки дар ҳаққи онҳо карда мешавад, миннатдоранд. В. И. Ленинро дӯст медоранд ва ӯро ҳамеша бо некӣ ёд мекунанд. Дар сӯҳбат гуфтан лозим аст, ки одамони советӣ муҳаббат ва миннатдории худро чӣ тавр ифода мекунанд. Бо ёрии саволу ҷавобҳо ба бачагон фаҳмонда додан лозим, ки одамон китобҳои В. И. Ленинро меомӯзанд, бо номи ӯ шаҳрҳо, майдону кӯчаҳо, колхозу совхозҳо номида шудаанд. Дар Москва Мавзолеи В. И. Ленин мавҷуд аст. Дар Москва, Ульяновск, Ленинград ва дигар шаҳрҳо музейҳо ташкил гардидаанд, ки дар онҳо чизҳои шахсии В. И. Ленин, китобҳо, расмҳои он нигоҳ дошта мешаванд.

Ба бачагон таклиф кардан лозим аст, ки онҳо дар боғчаи бачагон чӣ тавр хотираи Владимир Ильичро пос медоранд, нақл намоянд: шеъру сурудҳо аз ёд мекунанд, сурату расми фотографӣ ҷамъ мекунанд, альбомҳо месозанд ва ғ. 22 апрель, дар рӯзи таваллуди В. И. Ленин дар боғчаи бачагон утренник (ҷамъомади пагоҳӣ) мегузаронанд. Бачагон портрети В. И. Ленинро бо гулҳо оро медиҳанд, бахшида ба он сурудҳо ва шеърҳо мехонанд.



Расми 27. «Шумо шеърхоро дар бораи Владимир Ильич Ленин хеле хуб хонда додед. Акнун ба назди ҳайкал гул мегузорем».

Пас аз ин ба кӯдакон гуфтан лозим аст, ки баъди машғулият ҳама ба назди ҳайкали В. И. Ленин меравандва он ҷо гулҳо мегузоранд. (Кӯдакони синни калон бо ҳамроҳии мудири боғчаи бачагон рафта, гулҳоро тайёр мекунанд).

Бо бачагони соли ҳафтуми ҳаёт машғулиятро давом дода, тасаввуроти онҳоро дар бораи он ки В. И. Ленин асосгузори Давлати Советӣ мебошад, аниқ кардан лозим аст. Нақл кардан лозим аст, ки коргарон ва деҳқонон бо роҳбарии В. И. Ленин ва ҳамсафони ӯ бар зидди подшоҳ ва боён шӯриш ташкил намуданд. Баъди революция Республикаи Советӣ барпо карда шуд. Заводу фабрикаҳо — аз они коргарон, замин — аз они деҳқонон гардид. (Дар рафти суҳбат бачаҳо китоби Н. К. Крупская «Владимир Ильич Ленин»-ро тамошо мекунанд).

### КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ МИЁНАЮ КАЛОНСОЛ

## ШИНОСОӢ БО МУҲИТИ АТРОФ ВА ИНКИШОФИ НУТҚ

*Суҳбат дар бораи меҳнати колхозчиён* бахри рӯёндани сабзавоту мева.

Мундариҷаи программавӣ

**Гурӯҳи миёна**

Мева ва сабзавотро шинохтан ва номи онро гуфтан.

Донистани он ки меваю сабзавотро колхозчиён меруёнанд.

Сабзавотро баҳор мекоранд ва мешинонанд, ҳосилашро тобистон ва тирамоҳ мегундоранд.

Колхозчиён бисьёр меҳнат мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки хубтар кор кунанд.

**Гурӯҳи калонсолон**

Номҳои сабзавоту меваро аз ёд гуфтан: дуруст фарқ карда тавонистани мева ва сабзавот.

Қолхозчиёнро, ки сабзавот ва мева мерӯёнанд, сабзавоткорон ва боғдорон меноманд.

Донистани навбати корҳои сабзавоткорӣ (тайёр кардани замин ва тухмию кӯчат, коштан, шинондани кӯчат, нигоҳубини киштзор, обьёрӣ, шудгоркунӣ, ҷамъоварии ҳосил).

Барои кори хуб ба колхозчиён ордену медаль медиҳанд, дар бораи онҳо дар газета менависанд, бо радио ва телевизион мешунавонанд.

Аз колхоз меваю сабзавотро ба шаҳр меоранд ва дар магазину бозор мефурӯшанд.

Тасаввуроти бачагонро дар бораи олати меҳнати сабзавоткорон ва боғдорон, истифодабарии мошинҳои хоҷагии қишлоқ (трактор, комбайн) мустаҳкам кардан.

## Методика

Нишон додани хелҳои сабзавот, мева ва сурати онҳо, додани савол ба бачаҳо, нақли педагог, истифода кардани чистонҳо.

## Тайёрии машғулият

Бо мақсади дар бачагон афзудани тасаввуроти конкретӣ дар бораи боғу майдон ва полиз, вақти кашондани сабзавоту мева дар кӯчаҳои қишлоқ ё шаҳр, фурӯши онҳо дар дӯкону магазинҳо, бозори меваю сабзавотфурӯшӣ, мушоҳидаи кори калонсолон ташкил карда мешавад. Ба машғулият 5—6 намуди сабзавоту мева, миқдори лозимии суратҳои олати меҳнати сабзавоткорон ва боғдорон, инчунин расмҳои баъзе мошинҳои хоҷагии қишлоқ (трактор, комбайн, лаблабугундор, мошини картофельшинон ва ғ.) муҳайё карда мешавад.

Рафти машғулият

1. Мураббия бо ҳамроҳии бачагон меваю сабзавотро муоина мекунанд, номи онҳоро аниқ мекунанд (гурӯҳчаҳои миёна), оид ба гурӯҳҳо тақсим кардан ва фаҳмондани калимаҳои «сабзавот» ва «мева», фарқ карда тавонистани онҳо (гурӯҳчаи миёна ва калонсол) машқ мегузаронад, дар хусуси савзавоту меваҳо ёфтан (гурӯҳи миёна) ва гуфтани (гурӯҳи калонсолон) чистонҳоро ёд медиҳад.

2. Педагог тасаввуроти бачагонро дар бораи он ки сабзавоту мева дар куҷо мерӯянд, онҳоро кӣ мерӯёнад, муайян мекунад; мефаҳмонад, ки онҳоро колхозчиён (гурӯҳи миёна), сабзавоткорон ва боғдорон (гурӯҳи калонсолон) мерӯёнанд. Мураббия дар рафти сӯҳбат аз кӯдакон мепурсад, ки онҳо кай ва дар куҷо кори калонсолонро дар вақти парвариши сабзавоту мева дидаанд.

3. Пай дар пай ва мундариҷаи меҳнати калонсолон аниқ карда мешавад: сабзавотро кай мекоранду мешинонанд (гурӯҳи миёна), сабзавоткорону боғдорон чӣ кор мекунанд (гурӯҳи калонсолон), ҳосилро кай ҷамъоварӣ мекунанд (гурӯҳи миёна), сабзавоту меваи конкретиро чӣ тавр меғундоранд (гурӯҳи калонсолон) ва ғ.

Мураббия ҷавоби бачагонро ҷамъбаст мекунад ва пай дар паии хелҳои меҳнати сабзавоткорону боғбононро такрор мекунад.

4. Педагог таъкид мекунад, ки колхозчиён кӯшиш мекунанд ҳосили фаровон рӯёнанд, хуб ва якҷоя кор кунанд. Сабзавоту меваи рӯёндагиашонро ба шаҳр меоранд, одамон онҳоро дар магазину бозор мехаранд. Қалонсолону кӯдакон сабзавоту меваҳои бомазаро мехӯранд ва ба колхозчиён «ташаккур» мегӯянд.

Гурӯҳчаи миёна меравад.

5. Кӯдакони калонсол ба хотир меоранд, ки сабзавоткорон кадом олати меҳнатро (бел, каланд, панҷшох, обпошак ва ғ.), боғдорон, (бел, каланд, қайчии дарахбур, дорупошак ва ғ.), кор мефармоянд. Мураббия ба кӯдакон таклиф мекунад фикр кунанд, ки оё агар одамон танҳо бо ҳамин олатҳо кор кунанд, бисьёр сабзавоту мева рӯёндан мумкин аст? Ва бо ҳамин дониши кӯдаконро дар хусуси истифодаи мошинҳои хоҷагии қишлоқ дар парвариши картофель, лаблабу ва ғ. трактор, мошинҳои лаблабуғундор, комбайни картофельғундор, дар хусуси таҷҳизоти обьёрӣ, ғизодиҳӣ ба киштзор бо ёрии самолёт ва ғ. аниқ мекунад (бо ҳамроҳии кӯдакон тамошо намудани сурати мошинҳои гуногун).

6. Дар хотима педагог бо кӯдакон дар бораи он сӯҳбат мекунад, ки дар парвариши сабзавот, мева ва дигар зироатҳои хоҷагии қишлоқ на танҳо сабзавоткорону боғдорон, балки трак-

торчиён, ронандагон, лётчикҳо ва дигарон иштирок мекунанд. Онҳо дар мошинҳое, ки коргарон дар шаҳр, дар заводҳо сохтаанд, кор мекунанд.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ КӮДАКОНИ ГУНОГУНСИН (аз 3 то 7-сола)

## ШИНОСОӢ БО ТАБИАТ ВА ИНКИШОФИ НУТҚ

*Мушоҳида намудани мокиён ва хурӯс*[1]

### Мундариҷаи программавӣ

**Гурӯҳчаи хурдсолон**

Мокиён ва хурӯсро шинохтан ва номидан. Хусусиятҳои хоси мурғро фарқ кардан: дар сараш тоҷи майда, чашм, нӯл (минқор), тани патдор, думи на чандон калон, пойҳои борик, қанот дорад. Мокиён роҳ мегардад, мепарад, дон, кирмчаҳо, алафро чида мехӯрад. Мокиён тухм мекунад.

**Гурӯҳчаи миёнсолон**

Фарқи байни мокиёну хурӯсро аз рӯи намуди зоҳириашон (ҳаҷми бадан, дум, қанот, тоҷ, ранг, садои қуқуашон) ва рафторашон — (хурӯс дон ва дигар резгиҳоро ёфта, мокиёнро ҷеғ мезанад).

Донистани он ки одамон барои чӣ мурғҳоро парво мекунанд.

**Гурӯҳчаи калонсолон**

Донистани он ки мурғҳо паррандаанд: онҳо дорои нӯл (минқор), қанот, пой, дум, бадани патдор мебошанд. Мурғон паррандаи хонагианд ва дар наздикии одамон зист доранд.

Одамон барои мурғон ҳамаи шароитҳоро муҳайё мекунанд (бино, хӯрок, нигоҳубин), ки бе он мурғон зиста наметавонанд. Одамон дигар паррандаҳои хонагиро низ парвариш мекунанд (мурғобӣ, ғоз). Онҳоро дар фермаҳо ва фабрикаҳои паррандапарварӣ парвариш мекунанд.

### Тайёрии машғулият

Дар қитъаи боғча ё хонаи гурӯҳ барои мушоҳидаи мокиёну хурӯс ҷои қулаеро ҷудо кардан лозим аст. Хӯрокӣ (дон,

---

[1] Дар вақти кор карда баромадани конспект таҷрибаи кори мураббиёни ясли — боғчаи № 407 ш. Москва ба ҳисоб гирифта шуд.

кирмча ва ғ.) ва обро тайёр карда мондан лозим. Кӯдаконро ба шакли нимдоира саф оростан лозим, ки онҳо хубтар мушоҳида кунанду мураббия ба бачагони гурӯҳчаҳои гуногун дурусттар роҳбарӣ карда тавонад.

## Рафти машғулият

Мураббия мокиёнро нишон дода таклиф мекунад, ки вай чӣ хел аст; бо ёрии саволҳо диққати кӯдаконро ба хусусиятҳои хоси мокиён ҷалб мекунад. Саволҳо ба ҳама дода мешаванд, вале ба мураккабии онҳо нигоҳ карда, барои ҷавоб кӯдакони синни гуногун даъват карда мешаванд.

Сабти рафти машғулиятро меорем:

Мураббия: «Ин чист? (Мокиён), дуруст, ин Чипор аст. Ӯ дар участкаи боғчаи мо зиндагӣ мекунад. Дар сари мокиён чӣ ҳаст? (Тоҷ, нӯл, чашм). Бадани мурғак чӣ дорад? (Пат). Инаш чист? (Қанот). Ин чӣ? (Дум). Пойҳои мокиён чи гунаанд? (Борик). Ҳозир мокиён чӣ кор мекунад? (Роҳ мегардад). Вай боз чӣ кор карда метавонад? (Парида, нӯл зада метавонад).

Биёед, ба вай хӯрок медиҳем. Гӯед, ки мурғон чӣ мехӯранд? (Арзан, алаф, кирмча). Ман ҳозир донро мепошам, шумо бинед, ки вай чӣ тавр хӯрок мехӯрад. Мурғак чӣ кор мекунад? (хӯрок мехӯрад).

Бачаҳо, ин чист? (чистон мегӯяд). Дуруст, хурӯсаки ман, хурӯсаки зебоям. (Хӯрӯсро сар медиҳад). Вай ҳам хӯрдан мехоҳад, бигузор бо ҳамроҳии мурғак хӯрок хӯрад.

Биёед, то хӯрок хӯрда шудани онҳо ҳикоя кунем, ки мо дар бораи мурғак чиҳоро медонем. Канӣ, Ленаҷон, ту ҳикоя кун (6—7-сола)».

Лена: «Номи мурғаки мо Чипор аст. Вай роҳ мегардад, мепарад, хӯрок мехӯрад. Мурғак гандум, арзан, кирмчаҳо, алафро дӯст медорад, об мехӯрад. Вай дар боғи мо зиндагӣ мекунад, мо ба вай нигоҳубин мекунем: хӯрок медиҳем, ба наздаш об мемонем, реги тоза меорем».

Мураббия: «Дуруст, Лена нағз нақл кард. Акнун хурдсолон ба бозӣ мераванд. Шумоён, бачагон, ба мурғҳо нигоҳ кунед ва гӯед, ки мокиён ва хурӯс аз ҷиҳати берунӣ чӣ монандӣ доранд.

Дуруст аст, ки ҳар кадоми онҳо сар, тан, дум, ду пой, бадани серпат ва ғ. доранд. Ин ҷиҳати умумии монандии онҳост (ба ҷавоби саволҳое, ки ба ҳама дода шудаанд, бештар бачаҳои 4—5-соларо даъват кардан лозим аст).

Онҳо аз ҷиҳати зоҳирӣ чӣ фарқ доранд? (хурӯс калонтар асту мокиён хурдтар, тоҷу думи онҳо як хел нестанд: аз они мокиён хурду аз они хурӯс — калон).

Думи хурӯс чӣ хел аст? (Қалон, патҳояш дароз, гуногунранг). Думи мокиён чӣ хел аст? ва ғ.

— Шумо дар бораи мокиёну хурӯс хуб нақл кардед. Акнун гӯед, ки одамон барои чӣ мурғ парвариш мекунанд? Бачагон ҷавоб медиҳанд.

Мураббия тасдиқ мекунад: «Дуруст аст. Мокиён тухм мекунад. Одамон гӯшти мурғро мехӯранд. Аз пати онҳо болишт мекунанд. Болиштҳои шумоён ҳам аз пати мурғанд, онҳо мулоиманд ва дар онҳо хоб кардан хуб аст.

Барои шумо, бачагон (ба кӯдакони миёнсол муроҷиат мекунад), машғулият ба охир расид. (Мурғонро ба мурғхона мебаранд).

Шумо, калонсолҳо, фикр кунед ва гӯед, ки мурғҳо — ҳайвон, парранда ё моҳӣ? (Парранда). Шумо боз чӣ хел паррандаҳоро медонед. (Гунҷишк, акка ва ғ.). Онҳо бо мурғ чӣ монандӣ доранд? (Аз ҷиҳати берунӣ). Дуруст. Ҳама паррандаҳо мепаранд, роҳ мегарданд, дон, кирм ва монанди инҳоро мехӯранд.

Мурғҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд? Кӣ барои онҳо манзил, хона месозад? Кӣ ба мурғҳо хӯрок медиҳад? Дуруст. Одам. Мурғҳо дар шафати хонаи одам зиндагӣ мекунанд.

Фикр кунед, мурғонро чӣ хел номидан мумкин. Мурғон — паррандаи хонагӣ ё ваҳшӣ? (Хонагӣ, зеро ки онҳоро одам парвариш мекунад).

Чӣ хел паррандаҳоро ваҳшӣ меноманд? (Онҳое, ки дар кӯҳсор, беша, биёбон ва дигар ҷойҳо зиндагӣ мекунанд, худашон барояшон манзил — лона месозанд, худашон хӯрокашонро ёфта мехӯранд).

Паррандаҳои ваҳшӣ оё бо ёрии одам зиндагӣ карда метавонанд? Дуруст, метавонанд. Лекин онҳоро низ эҳтиёт кардан, фасли зимистон ба онҳо хӯрок додан лозим.

Бачаҳо, ба фикри шумоён саъбаҳое, ки дар гурӯҳи мо зиндагӣ мекунанд, паррандаҳои хонагианд ё ваҳшӣ? (Ҷавоби бачаҳо). Дар мавриди додани ҷавоби дуруст ё нодуруст пурсидан лозим, ки чаро онҳо ин тавр фикр мекунанд? Дуруст, саъбаҳо паррандаҳои ваҳшианд, вале барои дар қафас зиндагӣ кардан ром карда шудаанд. Онҳо ба одам одат мекунанд, зеро ки одам ба онҳо хӯрок медиҳад.

Агар саъбаҳоро аз қафас сар диҳанд, онҳо чӣ мешаванд? Дуруст, онҳо парида мераванд ва дар саҳро зиндагӣ мекунанд, бе ёрии одам ба худ лона меёбанд. Бинобар он саъбаҳои мо дар гурӯҳи мо, дар хона зиндагӣ кунанд ҳам, паррандаи ваҳшӣ мебошанд.

Шумо боз кадом паррандаҳои хонагиро медонед? (Мурғобӣ, ғоз, мурғи марҷон ва ғ.). Дар колхозу совхозҳо, дар фермаҳои паррандапарварӣ паррандаҳои хонагӣ бисьёранд. Онҳоро дар фабрикаи паррандапарварӣ ба вуҷуд меоранд ва парвариш мекунанд. Бегоҳӣ ман ба шумоён суратҳоеро нишон медиҳам, ки чӣ тавр паррандаҳоро нигоҳубин мекунанд. Шумо мебинед, ки онҳо дар он ҷо чӣ хел бисьёранд.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ МИЁНАЮ КАЛОНСОЛ

# ИНКИШОФИ НУТҚ

*Аз рӯи сурат нақл кардан бо истифодаи унсурҳои бозии «Почтальон мактуб меорад» ва «Сандуқчаи сеҳрнок».*

### Мундариҷаи программавӣ

**Гурӯҳи миёнсолон**

Давом додани омӯзиши бачагон: баён карда тавонистани сурат, гуфта додани аломатҳо ва амалиёти муҳимтарини он. Гӯш кардани нақли дигар бачаҳо.

**Гурӯҳи калонсолон**

Давом додани омӯзиши бачагон: аз рӯи сюжети суратҳо тартиб додани ҳикояҳои начандон калон. Машқи доир ба дуруст тартиб додани ҷумлаҳо ва исмро бо сифат мувофиқат кунонида тавонистан.

### Тайёрии машғулият

Ду даста суратчаҳои ҷуфтро тавре тайёр кардан лозим аст, ки ду бача (яке аз гурӯҳи миёна ва дигаре аз гурӯҳи калонсолон) аз ин суратҳо дошта бошанд. Суратчаҳо бояд сюжети начандон мураккаби ҳаёти кӯдакон ва одамони калонсолро дар худ таҷассум карда бошанд. Бо почтальон дар хусуси вақти ба боғчаи бачагон омадани ӯ пешакӣ маслиҳат кардан лозим ва ё ин рольро ба зиммаи ягон корманди боғча гузоштан даркор (дар ин маврид сумкаи почтальонро пешакӣ тайёр кардан айни муддаост).

Барои қисми дуюми машғулият «Сандуқчаи сеҳрнок», инчунин суратчаҳоеро тайёр кардан лозим аст, ки дар онҳо предметҳои алоҳидаи гуногунҳаҷм инъикос ёфтаанд, масалан, себи калон ва себи хурд, тӯби кабуд, ҷалаки (сатили) кабуд.

### Рафти машғулият

*Қисми 1 машғулият*

Дарро тақ-тақ мекунанд. Мураббия мепурсад: «Кӣ дари моро мекӯбад? Он шахси сумкаи калон доштагӣ кист?» Бачаҳо ҷавоб мегардонанд.

Почтальон медарояд, бо кӯдакон саломулек мекунад ва ба ҳар якеи онҳо яктогӣ конверт медиҳад. Кӯдакон онро ба болои стол назди худ мегузоранд.

Мураббия ба бачагон супоришро фаҳмонда медиҳад: «Суратро аз конверт бароред, ба вай бодиққат нигоҳ кунед ва

гӯед, ки дар он чӣ кашида шудааст (гурӯҳи миёна), бачаҳои калон аз рӯи сурат ҳикоячае гуфта медиҳанд».

Бачагон суратчаҳоро бодиққат тамошо мекунанд (1—2 дақиқа), баъд мураббия кӯдаки миёнсолро ба наздаш даъват намуда, таклиф мекунад, ки мазмуни мактубашро гуфта диҳад. Агар кӯдак душворӣ кашад мураббия ба вай саволҳои ёрирасон медиҳад. Баъд кӯдаки калонсол аз рӯи ҳамин сурат ҳикоячаеро фикр карда, нақл мекунад. Мураббия ҳамагӣ 6—8 нафар кӯдакро даъват мекунад.

*Қисми 2 машғулият*

Педагог сандуқчаро ба дасташ гирифта, мегӯяд: «Нигоҳ кунед, дар дасти ман — сандуқчаи сеҳрнок, дар даруни вай бисьёр сурат ҳаст... Қасеро ки ҷеғ занам, вай омада аз сандуқча суратеро мегирад ва мегӯяд, ки дар вай чӣ чиз кашида шудааст ва калонии он чӣ қадар аст. Сар мекунем:

Суратчаро гузоштам
Ба сандуқчаи кабуд,
Акнун гӯй ту Таняҷон
Ин чӣ суратчае буд?»

Агар ба назди сандуқча кӯдаки миёнсол ояд, вай номи чизи дар сурат бударо мегӯяд ва ба як сӯ мегузорад. Кӯдакони калонсол бояд на танҳо номи чизро бурро гӯянд, балки рангу ҳаҷм ва дигар аломатҳои онро гуфта диҳанд, исмро бо сифат мувофиқ карда тавонанд. Агар ҷавоб хато бошад, мураббия ба ҳамаи бачагон таклиф мекунад, ки фикр кунанд ва ҷавоби дурусташро гӯянд (12—15 бача пурсида мешавад).

### КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ГУНОГУНСИН
### (аз 3 то 7-сола)

## РАСМКАШӢ, ЧАСПОНДА СОХТАН, АППЛИКАЦИЯ

*Аз рӯи афсонаи «Кулча» бо қаламҳои ранга расм кашидан: хонае, ки дар он бибию бобо зиндагӣ мекарданд (хурдсолон), эпизодҳои афсона — мувофиқи интихоби худи бачагон (миёнсолону калонсолон).*

Мундариҷаи программавӣ

| **Гурӯҳчаи хурдсолон** | **Гурӯҳчаи миёнсолон** | **Гурӯҳчаи калонсолон** |
|---|---|---|
| Дар рӯи варақ кашидани хонача: қисмҳои онро бо | Бо ёрии мураббия аз афсона воқеаеро интихоб намудан ва | Мустақилона интихоб намудани воқеа, дуруст ҷо ба ҷо |

кунҷҳои рост кашидан (девор тиреза, бом), онро ба тасвири аниқтар наздик намудан.

онро кашидан, расмро дар рӯи варақи коғаз дуруст ҷо ба ҷо гузоштан, сохти асосии бадани ҳайвонро кашидан, дуруст ранг кардани он.

гузоштани расм дар рӯи коғаз, хусусияти сохти дарахтон, хусусияти ҳайвонҳои ваҳширо дуруст ифода намудан, персонажҳоро дар ҳолати амалиёт тасвир кардан.

## Методика

Хотиррасон кардан лозим, ки бибие, ки кулчаро пухта буд, дар хонача зиндагӣ мекард. Расми хоначаи шаклан начандон мураккабро нишон додан, қисмҳои асосии хона (девор, бом, тиреза дар)-ро аниқ кардан. Усулҳои дар шакли росткунҷа кашидани предметҳоро ба хотир овардан.

Ба хотир овардани воқеаҳои асосии афсона; кашидани он лаҳзае, ки кулча дар роҳ бо ҳайвонҳо вомехӯрад.

Ба хотир овардани воқеаҳои асосии афсона, бачагонро пурсидан лозим ки кадом воқеаро тасвир кардан мехоҳанд; ба онҳо таклиф кардан лозим аст, фикр кунанд, ки вохӯрии кулчаро бо ҳайвонҳои ваҳшӣ дар беша чӣ хел бояд тасвир бикунанд.

## Тайёрии машғулият

Дар арафаи машғулият бо ҳамроҳии бачагон аз масолеҳи бинокорӣ сохтани хонача, тайёр кардани намунаи расми хона, қаламҳои ранга.

Нишон додани диафильм аз рӯи афсонаи «Кулча». Дар машғулиятҳои оянда пешбинӣ намудани кашидани расми ҳайвоноти ваҳшӣ ва сохтани шакли онҳо.

Ҳама чизҳои зарурии машғулият: коғаз, қалами тайёр кардашуда, бояд бо ёрии навбатчиён, пешакӣ ҷо ба ҷо гузошта шаванд.

## Рафти машғулият

Машғулият бо бачагони синни миёна ва калон сар мешавад, хурдсолон хомӯшона бозӣ мекунанд.

Мураббия тафтиш мекунад, ки кӯдакон чӣ тавр нишастаанд ва мегӯяд: «Бачаҳо, шумо афсонаи «Кулча»-ро хуб медо-

нед. Онро ба шумо хонда додаанд, шумо диафильм ва суратҳоро дар китоб тамошо кардаед. Қанӣ, акнун биёед ба хотир орем, баъди он ки бибӣ кулчаро пухта, барои хунук кардан ба болои тахтаи тиреза гузошт, бо он чӣ ҳодиса рӯй дод. (Кӯдакон нақл мекунанд, ки кулча бо кӣ вохӯрд).

«Ана, ҳоло шумо сурати онро кашед, ки дар афсона бо кулча чӣ ҳодиса рӯй дода буд. Хуб мешуд, ки шумо бачаҳо (ба кӯдакони калонсол муроҷиат мекунад) — сурати онро, ки чӣ хел кулча дар беша бо ҳайвонҳои ваҳшӣ дучор шуд, бикашед. Аввал фикр кунед, ки чӣ мекашед, сонӣ сар кунед. Ба шумо, бачаҳо (ба кӯдакони миёнсол муроҷиат мекунад), сурати бешазорро кашидан лозим нест: шумо метавонед сурати онро кашед, ки кулча дар роҳ бо кӣ дучор шуд. Шояд ягон кас мехоҳад сурати бо хирс ё бо рӯбоҳ дучор шудани кулчаро кашад, ё гуфтугӯи кулчаро бо заргӯшча ва гург кашад. Аввал фикр кунед, чиро кашидан мехоҳед, сонӣ сар кунед. Суратро ҳамин хел кашед, ки ҳама чиз дар як варақ ҷой гирад. (Якчанд бачаҳоро пурсидан лозим, ки онҳо чиро кашидан мехоҳанд). Шумоён расмҳоро оромона ва мустақилона кашидан гиред, ман ба хурдтаракон расмкаширо ёд медиҳам».

Баъд мураббия хурдтараконро ба машғулият даъват мекунад, ба онҳо ёрӣ медиҳад, ки ҷойҳояшонро ёфта нишинанд, супоришро мефаҳмонад: «Бачаҳо, ҷӯраҳои калонсоли шумо аз афсонаи «Кулча» расм мекашанд. Шумо ҳам ин афсонаро медонед. Биёед, хонаи бибии Кулча зиндагӣ кардагиро кашед. Шумо мана ин хел хонаро мекашед (намунаашро нишон медиҳад). Хонаи калону зебо аст. Ба хона бодиққат нигаред: калон, чорсӯ, барҳаво (суроби хонаро мекашад). Ин девори хона. Инаш чӣ? (Тиреза). Ин чӣ? (Дар). Шакли тиреза чӣ хел? Дуруст, росткунҷа. Дараш чӣ? Ин ҳам росткунҷа. Қанӣ, бинед — дар калон аст ё тиреза? (Ҷавоби бачаҳо). Дуруст, тиреза хурду дар калон аст. Ин чист? (Бом). Шакли бом чӣ хел аст? (Ҷавоби бачаҳо). Дуруст, шакли бом секунҷа аст.

Ранги хона чӣ хел? (Зард). Ранги бомаш чӣ? (Сурх). Шумо ҳам кӯшиш кунед, ки ана ҳамин хел хонаи калону зебо кашед. Аввал хонаро бо қалами сиёҳ кашед, баъд онро ранг кунед. Худи хонаро, аз они ман барин, бо қалами зард ранг кардан мумкин аст. Ба ман қалами зардро нишон диҳед. (Бачаҳо қаламро аз қуттӣ гирифта, нишон медиҳанд). Боми хонаро бо қалами сурх ранг кунед. Қалами сурхро нишон диҳед. (Бачаҳо нишон медиҳанд). Агар хоҳед, хона ва боми онро дигар хел ранг кардан мумкин аст. Нишон диҳед, ки қаламро чӣ тавр дуруст доштан лозим аст. Бачаҳо нишон медиҳанд, мураббия ислоҳ мекунад. Акнун ба расмкашӣ шурӯъ кунед. Фақат як хона кашед, лекин калон ва зебо бошад. Вақти ранг кардан аз хат берун набароед».

Мураббия тарзи нишасти кӯдаконро тафтиш мекунад. Дар давоми 1—2 дақиқа мушоҳида мекунад, ки бачаҳо корро чӣ

тавр сар кардаанд. Ба назди бачагони миёнсолу калонсол омада, ба онҳо ёрӣ медиҳад. Боз ба назди хурдсолон меояд ва агар зарур бошад, ёрӣ медиҳад. (Намоиши унсурҳои расмкашӣ дар варақи алоҳида дода мешавад). Мушоҳидаи кори тамоми гурӯҳ. Таклиф мекунад, ки расмкашӣ бас карда шавад.

Мураббия ба назди кӯдакони хурдсол меояд, қайд мекунад, ки ҳамаашон кӯшиш кардаанд, ки хоначаи хуб кашанд. Як-ду расмро нишон дода мегӯяд, ки бачаҳо хонаҳои калонv хуб кашидаанд, ки дар онҳо бибию бобо бофароғат зиндагӣ мекунанд. Хурдсолонро ба бозӣ ҷавоб медиҳад. Баъд бо ҳамроҳии бачаҳои миёнсолу калонсол расмҳои кашидаи онҳоро муоина мекунад, он лаҳзаҳои афсонаро, ки тасвири он дуруст аст, нишон медиҳад. Бачаҳои миёнсолро ҷавоб медиҳад. Ба бачаҳои калонсол (6—7-сола) таклиф мекунад, ки расмҳоро мувофиқи мазмуни афсона ҷо ба ҷо гузоранд (аввал кулча бо заргӯш дучор мешавад, баъд бо гург ва ғайра). Машғулият ба охир мерасад.

Навбатчиҳо васоиту бозичаҳоро меғундоранд.

### КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ МИЁНСОЛУ КАЛОНСОЛОН

## РАСМКАШӢ, ЧАСПОНДА СОХТАН, АППЛИКАЦИЯ

*Расмкашӣ бо ранг дар мавзӯи «Дарахтон»*

Мундариҷаи программавӣ

**Гурӯҳи миёнсолон** | **Гурӯҳи калонсолон**

Дар кӯдакон мустаҳкам намудани малакаи муоина карда тавонистани предмети тасвиршаванда дар пай дар паии онҳо: пурра дида тавонистани тамоми дарахт, муайян кардани шакли умумӣ, муоинаи қисмҳои асосии он (тана, шоххо, баргҳо).

Омӯзондани кашидани хатти каҷ, дар расм ифода кардани ғафсии тана ва шоххо, саросема нашуда, бо диққат кашидани расм.

Мустаҳкам намудани малакаи бо нӯги мӯқалам кашидани расм ва тадриҷан ба рӯи варақ пахш кардани он, тасвир кардани ғафсии тана дар поён ва ғафсии шоххо дар назди тана.

Методика

Дар машғулият ба хотир овардан лозим аст, ки пеш аз ин кадом дарахт дида шуда буд, ғафсии танаю шоххои он, ҷои

шохҳо, нисбати онҳо ба танаи дарахт ва байни ҳамдигар чӣ гуна аст. Қисман нишон додани тарзи кашидани расми тана низ ба ин мавзӯъ дохил карда мешавад.

## Тайёрии машғулият

Дар арафаи машғулияти оянда дар участкаи боғча ягон дарахти мувофиқеро интихоб карда, баъд бо ҳамроҳии кӯдакон онро муоина кардан лозим. Кӯдаконро тавре ба низом гузоштан лозим, ки дарахт ба ҳама нағз намояд. Ғафсии тана, чигунагии шохҳо, аз тана сабзидани онҳо ва ба чашм баръало намудани шохҳоро муоина кардан лозим аст. Ба таври илова барои кӯдакони калонсол: дарахтон бо баргҳояшон чӣ хел менамоянд — бо як ранги муайяни яклухт ё порча-порча? Дар як вақт бо дарахт чӣ намоён аст: осмон, дар поён — алаф ва ғайраро фаҳмонидан лозим аст.

## Рафти машғулият

Машғулият бо ҳар ду гурӯҳ дар як вақт сар мешавад.

Мураббия ба кӯдакон таклиф мекунад ба хотир оранд, ки вақти сайругашт чӣ гуна дарахтро дида буданд ва саволҳои аниқкунанда медиҳад: «Вай чӣ хел буд? Қисмҳои асосии онро қайд кардан мумкин аст (тана, шохҳо, баргҳо). Ранги тана ва шохчаҳои дарахт чӣ хел аст? Ранги баргҳо чӣ гуна ва дар шохчаҳо чӣ тавр ҷойгир шудаанд? Кашидани расмро аз чӣ сар кардан лозим (аз тана). Канӣ, нишон диҳед, ки мӯқаламро чӣ тавр доштан ва танаро чӣ тавр кашидан лозим». Бачаҳо мӯқалами хушкро ба коғаз пахш карда, аз боло ба поён хати шоқулӣ мефурооранд.

Баъд кӯдакон шохронии дарахтро бо дастонашон нишон медиҳанд. (дастонашонро ба ду тараф ва каме боло мебардоранд).

Мураббия бачагонро таъкид мекунад, ки кашидани заминро фаромӯш накунанд.

Ба кӯдакони гурӯҳчаи миёна таклиф мекунад, ки ба кор шурӯъ кунанд.

Педагог диққати калонсолонро боз ба он ҷалб мекунад, ки дарахтҳо ҳархела мешаванд: баланду хушқомат, пасту шохҳояшон парешон, каҷу рост, баргдору бебарг, дорои шоху барги сабз ва зарди сурхчатоб ва ғайра.

Мураббия дар рафти машғулият ба бачаҳо супориш медиҳад, ки онро бо тартиб, пай дар пай иҷро намоянд, ба онҳо маслиҳатҳо медиҳад; агар зарур шавад, тарзу усулҳои алоҳидаи расмкаширо дар рӯи вараҷе бо мӯқалами худаш кашида нишон медиҳад.

Баъди он ки кӯдакони гурӯҳи миёна корашонро ба охир

расонданд, мураббия ба онҳо таклиф мекунад, ки ба бозӣ раванд.

Қалонсолон машғулиятро давом медиҳанд. Вақте ки онҳо расмкаширо тамом карданд, мураббия ҳамаро барои таҳлил ва ҷамъбасти кори иҷрошуда даъват мекунад.

Ба яке аз бачагони калонсол таклиф кардан мумкин аст, ки аз байни суратҳои кашидаи кӯдакони миёнсол беҳтаринашро интихоб кунад ва нақл кунад, ки аз ҳама зиёдтар кадом ҷиҳати сурат маъқул шудааст ва барои чӣ: камбудии сурат дар чист? Баъд барои таҳлил дигар кӯдаконро низ даъват карда, аз онҳо пурсидан лозим, ки расмро чӣ тавр аз ин ҳам беҳтар дурусттар кашидан мумкин аст.

Диққати кӯдаконро ба он ҷалб кардан лозим аст, ки онҳо дарахтҳои бисьёр кашидаанд ва дар натиҷа бешазори зебое ба вуҷуд омадааст.

Дар охири машғулият ҳамаи суратҳоро ба девор меовезанд.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ХУРДСОЛОНУ КАЛОНСОЛОН

## РАСМКАШӢ, ЧАСПОНДА СОХТАН, АППЛИКАЦИЯ

*Часпонда сохтан дар мавзӯи «Арӯсак» (гурӯҳчаи хурдсолон), «Хирсчаи мо» (гурӯҳчаи калонсолон)*

### Мундариҷаи программавӣ

Гурӯҳчаи хурдсолон

Сохтани «Арӯсак» аз якчанд қисм бо риоя намудани таносубҳо — танаш — калонтар, сараш — хурдтар, дастонаш — хурд (ҳамаи узвҳояш — лӯнда). Такмил додани амали бо ангуштони даст тунук кардани порчаи гил; кӯдаконро барои аз асли чиз (аз натура) сохтани бозича шавқманд кардан.

Гурӯҳчаи калонсолон

Ба бачагон омӯзондани ҳунари тасвир кардани сохти бадани ҳайвонот, мустаҳкам кардани маҳорати сахт маҳкам кардани узвҳои чизи часпонда сохташуда. Кӯдаконро барои аз асли чиз (аз натура) часпонда сохтани бозичаҳо шавқманд кардан.

### Методика

Нишон додани бозича ва хондани шеър:
Бубин ки ман сурхрӯям,
Лӯндаяку хушрӯям,
Мерақсаму мебозам,

Тамошои бозича ва таҳлили он (сохт, ҳаҷм, таносуби шаклҳо). Қисман нишон додани роҳҳои часпонда сохтан. Додани саволҳо ба бачагон

Наафтида метозам!

(Таҳлили бозича) сохт, ҳаҷм ва шакл.

Ёрии индивидуалӣ ба бачаҳо, ки душворӣ мекашанд. Азназаргузаронии амали дасти кудакон ва бо бозичаҳо муқоиса намудани он.

дар бораи давраҳои кор. Амали худро бо бозичаҳо муқоиса кардани кӯдакон.

## Тайёрии машғулият

Дар арафаи машғулият ё пагоҳӣ (пеш аз машғулият) дида баромадани бозичаҳои лӯндашакл, дар бораи онҳо гуфтугӯ намудан. Тайёр кардани гил, тахтача барои ҳамаи кӯдакон.

Пешакӣ дида баромадани расмҳои афсонаи «Се хирс».

Барои ҳар бача тайёр кардани пластилини ранги қаҳвагӣ, тахтача.

## *Рафти машғулият*

Ба бачагони калонсол таклиф карда шавад, ки бозичаҳоро ғундоранд ва ба машғулият тайёр шаванд. Ба кӯдакон нишон додани хирсча, муоинаи он. Муайян намудани шакли узвҳои он: танаш — байзашакл, калон, сараш — лӯндаю аз танаш хурдтар, панҷаҳояш — дарозрӯя. Бори дигар хотиррасон намудани шаклу ҳаҷми узвҳои бадани хирсча, ба хотир овардани тартиби иҷрои кор, тарзу усулҳои бо ҳам пайвастани узвҳои ҷудогона, кашидани тарҳи чашмону даҳон.

Бачагони калонсол ба иҷрои супориш шурӯъ мекунанд. Мураббия саршавии кори онҳоро назорат мекунад, дар мавриди зарурӣ ба бачагон ёрӣ медиҳад, кӯшиши онҳоро ба иҷрои мундариҷаи программавии машғулият равона мекунад.

Ба машғулият хурдсолон даъват карда мешаванд. Ба онҳо «Арӯсак»-ро нишон додан ва хонда додани шеър. Бо кӯдакон муоина намудани бозича: танаш — калон, лӯнда, сараш — хурдтар, лекин вай ҳам лӯнда; дастонаш — саққочаҳои хурдтарак. Бо кӯдакон аниқ кардани таносуби узвҳои бадани бозича, нишон додани тартиби часпонда сохтан, усули часпондани узвҳо. Ба кор шурӯъ кардани кӯдакон.

Ҳам бачаҳои калонсолу ҳам хурдтаракон дар як вақт кор мекунанд. Ба кӯдаке, ки супоришро тез иҷро кардааст, таклиф кардан мумкин аст, ки боз як хирсчаи дигар созад; пластилин додан лозим.

Корро аввал хурдтаракон тамом мекунанд. Мураббия қайд мекунад, ки онҳо бисьёр арӯсак сохтаанд. «Арӯсак»-ро ба мобайни амали кӯдакон гузошта, мураббия ба онҳо мегӯяд, ки арӯсакҳои худро бо он муқоиса кунанд.

Баъд бачагон бо доя барои либоспӯшӣ меравeанд.

Баъди чанд вақт машғулияти бачагони калонсол низ ба охир мерасад, амали онҳо тахлил ва ҷамъбаст карда мешавад.

Машғулиятро ба таври дигар тамом кардан низ мумкин аст. Баъди тамом шудани машғулият ба болои як стол амали хурдсолон ва ба болои столи дигар амали калонсолонро мегузоранд. Педагог ба кӯдакони 3-4-сола таклиф мекунад, то бигӯянд, ки онҳо чиро сохтаанд; кӯшиши онҳоро қайд мекунад, сонӣ аз онҳо мепурсад то фаҳманд, ки ҷӯраҳои калонсоли онҳо шакли чиро сохтаанд, бубинанд, ки онҳо хирсчаҳои бисьёр тайёр кардаанд. Баъди ин хурдон дастшӯӣ мераванд, бо бачаҳои калонсол таҳлили амали онҳо давом мекунад.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ХУРДСОЛОНУ КАЛОНСОЛОН

## ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

### ПЛАНИ МАШҒУЛИЯТ

I. Аз паси якдигар роҳ гаштан ва риоя кардани бурчакҳо (барои хурдсолон). Роҳгардӣ дар колонна аз паси якдигар ва бо ишора якбора истодан. Роҳгардӣ бо суръати суст ва тез (барои бачаҳои калонсол).

II. Машқ бо байрақчаҳо.

III. Ҳаракати асосӣ — нӯги як пойро ба пошнаи пои дигар наздик карда, «болои ресмон» роҳ гаштан (калонсолон); аз ҳалқае ба ҳалқаи дигар дупоя ҷаҳидан (калонсолон); дар болои тахтае, ки рӯи фарши хона гузоштаанд, роҳ гаштан (барои хурдтаракон).

IV. Бозии умумии «Аспак» — давра зада, дастқаппон гаштану рақсидан (барои хурдтаракон). Бозии «Дошта гирифтан бо лента» (калонсолон).

V. Бозии оромонаи «Аз овозаш бидон» (калонсолон).

### Тайёрии машғулият

Мураббия бо ёрии бачаҳои калонсол ҷиҳози машғулиятро ҷо ба ҷо мекунад, ба болои стулҳо барои ҳар як кӯдак дутогӣ байрақчаи ранга мегузорад. Се адад таноб ва 2 дона тахта тайёр карда мемонад. Ба бачагон таклиф мекунад, ки либоси физкультуриро пӯшанд.

### Рафти машғулият

Бачагонро қатор кардан, ба бачагон хотиррасон кардани он, ки вақти роҳравӣ ақиб намонанд, аз паси якдигар раванд, кунҷҳоро риоя кунанд. Бачаҳо ба колонна ҳамроҳ мешаванд, роҳ мегарданд ва баробари зарбаи сахт ба дойра (3-4 бор) бозме-

истанд. Баъд хурдсолон истода, роҳгардии калонсолонро мушоҳида мекунанд (бо суръати суст ва тез ҳаракат мекунанд).

Хурдсолон дар колонна боз аз паси калонсолон мераванд, ҳама байрақчаҳоро мегиранд (дар гурӯҳи бачаҳои калонсол сардорони звено таъин кардан, бачагонро барои иҷрои машқ ба таври дигар қатор кардан лозим). Калонсолон звено-звено қатор мешаванд, хурдсолон қатор ё нимдоира шуда меистанд.

*Машқ бо байрақчаҳо.*

Машқи 1. Ҳолати аввала. Пойҳо каме аз ҳамдигар чудо, дастони байрақчадор бар қадди тан овезон. Байрақчаҳоро ба боло бардошта ба онҳо нигоҳ кардан. Бо нидои «Ба поён» байрақчаҳоро поён фуровардан.

Машқи 2. Ҳолати аввала. Пойҳо каме аз ҳамдигар чудо, кафи пойҳо мувозини якдигар, дастони байрақчадор бар қадди тан овезон.

1) танро ба тарафи рост гардонда, дастони байрақчадорро ба ду тараф бурдан.

2) Танро рост гардонида, байрақчаҳоро фуровардан ва ҳамин машқро ба тарафи чап такрор кардан.

Машқи 3. Ҳолати аввала. Пойҳо каме аз ҳамдигар чудо, дастони байрақчадор — ба боло. Нишастан ва ба садои «тук-тук-тук» чӯбдасти байрақчаро ба пол задан.

Рост шудан, байрақчаҳоро боло бардошта, ба онҳо нигоҳ кардан.

Машқи 4. Ҳолати аввала. Пойҳо — якҷоя, дастҳо — дар миён, байрақчаҳо дар рӯи пол. Аз болои байрақчаҳо дупоя ба чапу рост ҷаҳидан (15 сония). Яктогӣ қатор шуда роҳ гаштан.

Машқи 5. Машқи нафаскашӣ. 3-4 маротиба такрор мешавад: хурдсолон — 4-5 маротиба, калонсолон —6-8 маротиба.

Бачаҳо машқро ба охир расонда, яктогӣ қатор шуда, аз мобайни зал( хона) гузашта, ба стулҳо мешинанд.

Мураббия ба бачагони калонсол тартибу усули пойҳоро паси ҳам гузошта, нӯги як пойро ба пошнаи пои дигар расонда роҳ гаштанро фаҳмонда медиҳад. Машқро якбора се кӯдак иҷро мекунад. Мураббия ба кӯдакон таклиф мекунад, ки пойҳояшонро тар накарда, аз ҷӯйча гузаранд, (аз болои тахтаи рӯи пол гузошташуда ҷаҳида гузаштан).

Мураббия диққати худро аз бачаҳои калонсол дур накарда, ба дурустии ҳаракати хурдсолон назорат мекунад.

Мураббия хурдсолонро баъди 2-3 борӣ аз ҷӯйча ҷахида гузаштанашон таъриф мекунад ва ба шиштан рухсат медиҳад.

Машқро бачаҳои калонсол низ тамом мекунанд. Мураббия аз як чамбарак ба чамбараки дигар, ки ба шакли гул гузошта шудааст, дупоя ҷаҳиданро нишон медиҳад. Бачаҳо машқро иҷро мекунанд.

Мураббия хурдсолонро ба бозӣ даъват мекунад. Баъд онҳоро бо ҳамроҳии доя ба либоспӯшӣ мефиристад. Бо калонсолон машғулият давом мекунад. Мураббия дурустии ҷаҳиши бача-

гонро назорат менамояд. Аз бачагоне, ки ҷаҳишро нодуруст иҷро мекунанд, такрор кардани онро талаб менамояд.

Баъд мураббия бо бачагон қоидаҳои бозии «Дошта гирифтан бо лента»-ро муайян мекунад. Бачаҳо бозӣ мекунанд. Машғулият бо бозии оромонаи «Аз овозаш бидон» ба итмом мерасад.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ХУРДСОЛОНУ КАЛОНСОЛОН

## ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

### Мундариҷаи программавӣ

| **Гурӯҳчаи хурдсолон** | **Гурӯҳчаи калонсолон** |
|---|---|

1. Ба бачагон аз паси ҳамдигар ва пароканда гашта, ба якдигар барнахӯрдан, рост нигоҳ доштани қомат ва бо дастон хуб кор карданро ёд додан.

2. Ба бачагон ёд додани мураттаб, бонизом, мавзун иҷро кардани машқҳои инкишофи умумӣ.

3. (Гурӯҳчаи калонсолон) Ба бачагон давида ҷаҳидан ва бо як пой нарм ба замин фуромаданро ёд додан.

4. (Гурӯҳчаи калонсолон) Мустаҳкам намудани малакаи роҳравӣ аз «болои ресмон», нӯги як пойро ба пошнаи пои дигар расонда роҳ гаштан.

5. Тарбия намудани бодиққатӣ, босабрию тобоварӣ, ҷасорат.

### Тайёрии машғулият

| Гурӯҳчаи хурдсолон | Гурӯҳчаи калонсолон |
|---|---|
| Интихоби байрақчаҳо (дутогӣ ба ҳар кӯдак) | Тайёр намудани чамбарак (ба ҳар кӯдак); ресмони роҳгардӣ, халтаи регдор (4 адад), чӯб барои ҷаҳиш. |

### Рафти машғулият

Бачаҳо қатор саф мерояид, қаторро рост мекунанд.

Мураббия мегӯяд: «Бачаҳо, бо садои муқаррарии дойра саф ороста, паси якдигар роҳ меравед, бо садои пасти дойра дар рӯи хона озод, ба якдигар барнахӯрда мегардед ва баробари садои муқаррарии дойра аз нав қатор мешавед. Давидан ҳам ҳамин тавр мешавад. Ба замин сахт қадам намонда, аз якдигар дар масофаи муайян (гурӯҳи калонсолон), зебо, ҳамчун спортсменҳо роҳ мегардед. Ҳоло бодиққат, канӣ, бинед — кӣ аз паси кӣ истодааст».

Роҳгардӣ ба давидан иваз мешавад (2 бор).

Бачаҳо ба 4 звено ҷудо мешаванд. Роҳбарони звеноҳои гурӯҳи кӯдакони калонсол чамбаракро тақсим карда медиҳанд. Мураббия ва ду бачаи калонсол ба хурдсолон байрақчаҳоро медиҳанд.

Дар ҳангоми машқҳо (барои инкишофи ҳамаи мушакҳо) мураббия дурустии нафаскашӣ ва ҳаракатро назорат мекунад.

Баъди иҷрои машқҳо роҳбарон чамбаракҳо ва байрақчаҳоро ғундошта мегиранд.

Бачаҳо дар назди девори хона ду қатор шуда, ба роҳгардии болои ресмон тайёр мешаванд. Бачаҳои калонсол халтаро болои сар гузошта, аз рӯи ресмони каҷукилеби болои пол роҳ мегарданд, хурдсолон — бе халта, дар рӯи ресмони рости болои пол роҳ мераванд.

Мураббия тарзи болои ресмон дуруст роҳ гаштанро аввал ба хурдсолон, баъд ба калонсолон нишон медиҳад. Бачаҳо кафшҳояшонро кашида, машқро иҷро мекунанд (секасӣ дар ҳар гурӯҳча дар як вақт). Машқи роҳгардӣ 4 маротиба такрор мешавад.

Баъд бачаҳои калонсол машқи ҷаҳишро ба ҷо мегоранд, хурдсолон — хазиданро. Машқро бачагони синни гуногун бо навбат иҷро мекунанд (як нафар хурдсол, як нафар калонсол). Мураббия назорат мекунад, ки бачаҳо дасташонро ба замин нарасонанд, нағз рост шаванд, калонсолон бошанд, худро сахт тела дода, баъд ба замин нарм мефуроянд.

Бозии ҳаракатдори «Мушқаппак»-ро ҳамаи бачагон ба ҷо мегоранд. Роли мушҳоро якбора кӯдакони як синну сол иҷро мекунанд. Давидани хурдсолон назар ба калонсолон набояд дароз бошад. Мураббия дар рафти бозӣ ба бачаҳои калонсол мегӯяд, ки эҳтиёт шуда бозӣ кунанд ва «ҳамаи мушҳоро бо мушқаппак медорем» гуфта, кӯшиш накунанд. Бозии хурдсолонро назар бо калонсолон барвақттар тамом кардан лозим.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ГУНОГУНСИН (аз 3 то 7-сола)

## ТАРБИЯИ МУСИҚӢ[1]

### Мундариҷаи программавӣ

**Гурӯҳи хурдсолон** | **Гурӯҳи калонсолон**

1. Ба ҳар сӯ роҳ гаштан ва баробари тамом шудани мусиқӣ бозистодан.

[1] Конспектро Н. А. Ветлугина тайёр кардааст.

Роҳгардӣ бо ҳамроҳии шахси калонсол ва бозистодан баробари тамом шудани мусиқӣ (калонсолон ба хурдсолон ёрӣ медиҳанд).

Дар рӯи хона роҳ гаштан, сари вақт бозистодан — баробари тамом шудани мусиқӣ.

2. Тараннуми суруди «Гови тиллоӣ», мусиқии М. Раухвергер.

Хондани суруд бо ҳамроҳии педагог ва бачаҳои калонсол.

Хондани суруд бо савти гуногун бо мақсади инкишофи қобилияти шунавоӣ

Хондани суруди «Гунҷишкак» мусиқии М. Раухвергер.

Хондани суруд бо ҳамроҳии педагог — аз якдигар ақиб намонда ва пеш нарафта.

Хондани ифоданоки суруд мувофиқи матн ва хусусияти оҳанг.

Суруди «Самолёт», мусиқии М. Магиденко.

Сурудро дар иҷрои бачаҳои калонсол шунидан.

Баъди муқаддимаи мусиқӣ хондани суруд. Хондани тамоми суруд, хусусан охири бандҳои мусиқиро.

3. Бозии «Самолёт», мусиқии М. Раухвергер.

Бо ҳамоҳангии мусиқии сабук, чобукона давидан, баъди тамом шудани мусиқӣ бозистодан.

Хусусияти мусиқиро фарқ кардан ва мувофиқи он аз давидани сабук ба гардиши атрофи худ гузаштан; суст кардани давидан ва баъди тамом шудани мусиқӣ бозистодан.

## Рафти машғулият

1. Бачаҳо ба ду гурӯҳча тақсим мешаванд: хурдсолону калонсолон. Хурдсолон дар стул менишинанд, калонсолон рост меистанд. Мураббия мегӯяд: «Ҳозир ҳар кас ба куҷое хоҳад, меравад, худи дар бешазор будагӣ барин: он ҷо пайраҳаҳо бисьёранд ва дар онҳо одамон сайр мекунанд. Аввал бачаҳои калон мераванд. Ҳамин ки ман навохтанро бас кардам, шумо ҳам истед. Акнун хурдтараконро даъват кунед. Ҳар кас ба худ ҳамроҳ интихоб мекунад ва ҳама ҷуфт-ҷуфт шуда сайр мекунанд».

2. Мураббия бо ҳамаи бачагон суруди М. Раухвергер «Гов»-ро месарояд ва баъд таклиф мекунад: «Бачаҳои калонсол, ин сурудро мана ин тавр сароед (*мусиқиро баландтар менавозад*). Акнун ҳамроҳ месароем (*мусиқиро пасттар менавозад*)». Бачагон месароянд.

Мураббия: «Акнун дар борап мурғак месароем: Бишнавед, бачаҳо чӣ хел ба мурғак муроҷиат мекунанд. (*Месарояд*). «Исто-на-рав». Онҳо илтиҷо мекунанд. Мурғак парида меравад. (Месарояд) «афсӯс, па-ри-да-рафт».

Хурдтаракон, гӯш кунед, чӣ тавр бачаҳои калонсол аз мурғак илтиҷо мекунанд, ки наравад. Калонсолон як бандро меса-

роянд, баъд ҳамаи сурудро. Хурдтаракон гӯш мекунанд. Баъд сурудро ҳама бачагон мехонанд.

«Гӯш кунед, самолёт чӣ тавр мепарад. Ҳамин ки вай ба замин фуромад, бачаҳои калон месароянд, хуртаракон гуш мекунанд. (Бачаҳо муқаддимаро гӯш мекунанд, баъд месароянд). Бишнавед, чӣ тавр сурудан лозим: кашол дода-кашол дода. (Месарояд). «Ме-па-рем, ме-па-рем».

Ҳама баробар месароем. (Бачаҳо аввал як бандро, баъд тамоми сурудро месароянд). Самолёти мо нағз мепарад? (Ҷавоб). Нағз! Шумо ҳам дар борaи самолёт нағз сурудед!»

3. Мураббӣ ба бачаҳо бозии «Самолёт»-ро хотиррасон мекунад. «Бишнавед, самолётҳо чӣ тавр мепаранд. (Менавозад). Фаромӯш накардаед, ки онҳо чӣ тавр мепаранд? Дуруст. Аввал рост мепарранд, сонӣ давр мезананд. Барои чӣ ман дар охир суст менавозам?

(Ҷавоби бачаҳо). Дуруст, самолётҳо ба замин фаромада, истодаанд. Нинаҷон, канӣ тарзи парвози самолётҳоро нишон деҳ. (Нина нишон медиҳад). Хурдтаракон ин ҷо шинед. Барои шумо бадтар самолётҳо парида меоянд. Шумо, калонҳо, моторҳоро ба кор дароред. Паред. «Калонсолҳо бозӣ мекунанд. Баъди ду-се бор такрор шудан, педагог таклиф мекунад, ки хурдтараконро ба самолёт савор кунанд. Дар таҳти мусиқии М. Магиденко «Самолёт» бачаҳои калон хурдтараконро сайр мекунонанд, ҳар кӯдак бо дастонаш самолёти худро медорад. Ҳангоми паст шудани садои мусиқӣ ҳама мешинанд — ба замин мефуроянд. Дар охир рақсидан мумкин аст (истироҳати лётчикҳо ва мусофирон).

«Акнун парвозро давом диҳед. Хайр, то дидан», — мегӯяд мураббия. Ҳар кас дар самолёти худ мепарад. Зудтар савор шавед. Қалонҳо моторро гардонед. «Бачаҳо таҳти мусиқӣ ба самолёт савор шуда мераванд, баъд ба гурӯҳ меоянд.

## МАШҒУЛИЯТҲО БО ТАМОМИ ҚӮДАКОН АЗ РӮИ ФАСЛҲОИ ГУНОГУНИ ПРОГРАММА

Мураббии гурӯҳи омехта танҳо бо гузаронидани машғулиятҳои номбаршуда маҳдуд шуда наметавонад, зеро барои кӯдакони гурӯҳчаҳои мухталиф миқдори гуногун ва рӯйхати гуногуни машғулиятҳо барои як руз ва як ҳафта пешбинӣ шудааст. Барои фароҳам овардани шароити хуби таълим, чунин машғулиятҳо низ заруранд, ки кӯдакон дар як вақт бо чандин намуди фаъолият машғул шуда метавонанд: баъзеҳо мехонанд, дигарон бо аппликация машғул мешаванд (аз коғаз гул ва нақшу нигор мебуранд) ва ё бо як гурӯҳча машғулияти инкишофи нутқ мегузарад, дигарон ба часпонда сохтани чизҳои гуногун машғул мешаванд. Инро машғулияти муштарак мегӯянд.

Ин қабил машғулиятҳо хусусан ҳамон вақт мувофиқи мақ-

саданд, ки зарурати ба кӯдакон дифференсация намудани талабот ба миён ояд ва бо кӯдакони ягон гурӯҳ гузаронидани машғулияти хоси онҳо зарур дониста шавад. Масалан, дар як машғулият бачагони 5-6-сола метавонанд ба сохтани чизе ё аппликация машғул бошанд (барои онҳо чунин машғулиятҳо назар ба дигар гурӯҳҳо бештаранд), бо бачаҳои 6—7-сола бошад, педагог машғулияти математикӣ ё тайёрии саводомӯзиро мегузаронад.

Дар мавриди гузаронидани ин ғуна машғулиятҳо, чунон ки нақли он дар боло шуда буд, талаботи умумии дидактикиро ба асос гирифта, ҳайати аз ҷиҳати синну сол гуногуни кӯдакони гурӯҳро ба эътибор гирифтан лозим аст. Вале дар ин ҳолат таълим бисьёр хусусиятҳои ба худ хосе пайдо мекунад. Назар ба машғулиятҳои умумӣ аз рӯи як фасли программа, ки дар онҳо ба амал баровардани мазмуни гуногуни программа барои се гурӯҳчаи гуногунсин муяссар мегардад, машғулиятҳоро аз рӯи фаслҳои гуногуни программа танҳо ба ду гурӯҳча тақсим карда гузаронидан мумкин аст, агарчи дар гурӯҳ кӯдакони аз 2-3 то 7-сола ҳастанд. Дар ин маврид, мувофиқи вазифаи гузошташуда, мумкин аст, ки ба як гурӯҳча танҳо кӯдакони хурдсол (аз 2-3 то 4-сола) ё хурдсолу миёнсол (аз 2-3 то 5-сола) ва ба гурӯҳчаи дуюм кӯдакони боқимонда муттаҳид карда шаванд. Машғулиятро бо хурдсолон одатан мураббия мебарад, зеро хурдтаракон ҳоло мустақилона машғул шуда наметавонанд, машғулияти бачагони калонсол бошад, ба материали шинос ва фаъолияти мустақилонаи кӯдакони калонсол қарор мегирад. Масалан, вақте ки мураббия бо хурдсолон аз математика машғулият мегузаронад, кӯдакони калонсол бо ихтиёри худ ё аз рӯи ягон афсонаи шиносашон расм мекашанд.

Роҳҳои вобаста намудани корҳои дахлдори гурӯҳчаҳоро фикр карда баромада, хусусияти фаъолияти кӯдаконро ба эътибор гирифтан лозим. Машғулиятҳои муштаракро дар он маврид гузаронидан мумкин аст, ки агар фаъолияти як гурӯҳча диққати дигаронро парешон накунад. Масалан, мумкин нест, ки ба гурӯҳчае машғулияти сурудхонӣ, бо гурӯҳчаи дигар, расмкашӣ ва ё дар як вақт ҳам машғулияти забони модарӣ, ҳам тарбияи ҷисмонӣ гузаронда шавад. Диққати кӯдакони калонсолро, ки ҳатто машғули кори мустақилонаанд, бозиҳои шавқовари дидактикӣ, ба хурдсолон хонда додани китобҳои ба онҳо ношинос ба худ ҷалб карда метавонанд.

Ҳамин гуна машғулиятро пешбинӣ намуда, хусусияти фаъолияти мураббияро низ ба эътибор гирифтан лозим аст: вай дар як вақт ду машғулиятеро, ки дар ҳардуяш ҳам аз аввал то охир иштироки бевоситаи ӯ зарур аст, гузаронида наметавонад. Масалан, дар як вақт бо як гурӯҳча сӯҳбат ва бо гурӯҳчаи дигар машғулияти тарбияи ҷисмонӣ гузаронидан имконнопазир аст. Баръакс, дар мавриди ба таври зерин ташкил кардани машғулият, вазифаро оқилона ҳал кардан мумкин: хурдсолон

шеър аз ёд мекунанд, миёнсолу калонсолон бо пластилин ҳар гуна чиз месозанд. Дар ин маврид он чизро ба эътибор мегиранд, ки бачаҳои калонсол малакаи часпонда сохтанро доранд, саргарми кор шуда, диққати худро пароканда намекунанд, зеро онҳо он шеърро аз ёд медонанд (пештар аз бар кардаанд).

Ин гуна машғулиятҳои умумӣ бо кӯдакони гуногунсин (аз 3 то 7-сола) асосан аз се қисми асосӣ иборат буда, ба таври зерин гузаронида мешаванд.



Расми 28. «Бачаҳон калон расм мекашанд, мо китоб мехонем ва суратҳоро тамошо мекунем».

Дар давоми 3-5 дақиқаи аввал педагог ба кӯдакони гурӯҳчаи калонсолон мегӯяд, ки ба кори мустақил машғул шаванд ва ба онҳо барои оғози кор ёрӣ медиҳад (хурдсолон бозиашонро давом медиҳанд). Баъд педагог хурдсолонро ба машғулият

даъват мекунад ва қариб 10 дақиқа бо онҳо машғул мешавад (калонсолон мустақилона кор мекунанд). Мураббӣ машғулиятро бо хурдсолон ба охир мерасонад. (Онҳо боз бозиашонро давом медиҳанд, ё доя онҳоро ба сайру гашт тайёр мекунад), дар давоми 5—8 дақиқа ба кори мустақилонаи бачаҳои калонсол роҳбарӣ мекунад. Вай ба назди онҳо омада мепурсад, ки онҳо чӣ корҳоро анҷом додаанд, ба кори онҳо кӯтоҳ баҳо медиҳад ва ба истироҳат рухсат мекунад (агар бачаҳо ба лою пластилин кордор шудан бошанд, ба дастшӯӣ меравад). Ва ё баъди тамом шудани кор бачаҳои калонсол чизҳои сохтаашонро ба болои як стол ҷамъ мекунанд, мазмуни расмҳои кашидаашон (ё чизҳои аз гил сохтаашон)-ро нақл мекунанд ва бо ҳамроҳии мураббия дар таҳлили онҳо иштирок мекунанд.

Ҷиҳати мусбати ин гуна машғулият, аз афташ, маҳз дар он аст, ки мураббия метавонад дар давоми вақти муайяншуда, машғулияти кӯдакони синни гуногунро асосан пурра гузаронад ва ҷиҳати муҳимаш боз дар он аст, ки ӯ метавонад бо хурдтаракон бештару беҳтар машғул шавад, барои инкишофи нутқи онҳо ҷиддитар кор кунад, ба онҳо шеър ёд диҳад. Дар кӯдаки калонсол қобилияти мустақилона амал кардан инкишоф меёбад, ӯ мефаҳмад, ки вақти бо дигарон машғул будани педагог ба вай халал расондан мумкин нест. Аммо аз гузаронидани чунин машғулиятҳо сӯиистеъмол кардан, доимо ба фаъолияти мустақилонаи кӯдакони калонсол умед бастан хатост. Ин машғулиятҳоро бо машғулияти бачаҳои калонсол, ки дар он мураббӣ ба фаъолияти донишомӯзии онҳо фаъолона таъсир мерасонад, зич вобаста кардан лозим аст. Ба ин бештар дар машғулиятҳое, ки бо кӯдакони аз 4 то 7-сола гузаронида мешаванд, муваффақ шудан мумкин аст.

Барои гузаронидани машғулиятҳои умумӣ аз рӯи фаслҳои гуногуни программа дар гурӯҳи калонсолон (аз 5 то 7-сола) имкониятҳои калон мавҷуданд. Дар ин маврид, ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои муштарак педагог метавонад ва ӯҳдадор аст ба кори мустақилонаи ҳар ду гурӯҳча — бачаҳои хурдтар (аз 5 то 6-сола) ва калонсол (аз 6 то 7-сола) такья намояд.

Барои хубтар фаҳмидани хусусияти методикаи машғулиятҳои муштарак бояд тарзи гузаронида шудани машғулиятро дар гурӯҳи калонсолон дида бароем: супориши бачаҳои калонсол — аз гил сохтан дар мавзӯи «Хирсчаи мо», супориши бачаҳои соли ҳафтуми ҳаёт — ташаккули тасаввуроти оддии математикӣ.

Мундариҷаи программавӣ барои гурӯҳчаи калонсолон.

Мустаҳкам намудани маҳорати сохтани (часпондани) шакли мудаввару тухмшакл, омӯзондани маҳорати тасвир (ифода) карда тавонистани бузургии нисбии қисмҳои алоҳида ва сохти дурусти танаи хирсча — каллаи лӯнда, фуки дарозрӯя, гӯшчаҳои доирашакл, бадани тухмшакл ва панҷаҳо.

Мундариҷаи программавӣ барои гурӯҳчаи

т а й ё р ӣ. Мустаҳкам кардани малакаи то даҳ шумурдани рақам. Машқи пайдо кардани рақами оянда ва пешина. Ёд додани тарзи муайянкунии ҳаҷми моеъ бо ёрии ченаки шартӣ.

М а т е р и а л  б а р о и  к ӯ д а к о н — фишкаҳо, доирачаҳо, секунҷаҳо, чоркунҷаҳо, росткунҷаҳо, карточкаҳои рақамнок, ки дар рӯи онҳо шакли предметҳо кашида шудаанд. Дар ихтиёри мураббия — тӯб, скакалка, тугмаҳои ба рӯи картон дӯхташуда, болғачаи чӯбин, графини обдор, стаканҳо.

### Р а ф т и  м а ш ғ у л и я т

Мураббия: «Имрӯз, бачаҳо, ба тарзи нав бозӣ мекунем. Ман аввал бачаҳои калонсолро ба бозӣ даъват мекунам, бачаҳои гурӯҳи тайёрӣ бошанд, оромона бозӣ карда истанд. Бачаҳои калон дуруст, баҳузур шинед. Бачаҳо, мо бо шумоён дирӯз хирсча сохта будем ва ин пагоҳ онро аз нав дида баромадем. Бинобар ин ман ҳамаашро боз нишон медиҳам. Биёед ба хотир орем, ки аз чӣ сар кардан лозим. Лӯндаи лойро ба ду қисм тақсим мекунем ва яктои онро боз ба ду қисм ҷудо мекунем: се порча мешавад. Аз порчаи калон чӣ месозем? (Баданро). Шакли бадан чӣ хел аст? (Тухмшакл). Аз порчаҳои дигар чӣ месозем? Қаллаи хирсчаро чӣ тавр сохтан лозим? (ва ғ.). Ба шумо боз хотиррасон мекунам; панчаҳоро аз паҳлӯ часпондан лозим. Ҳамаи қисмҳоро хубтар часпонед, ҳамвору суфта кунед, ки хирсча зебо ва силиқ шавад». Бачаҳо ба иҷрои супориш шурӯъ мекунанд.

«Бачаҳои гурӯҳчаи тайёриро даъват мекунам, канӣ, бинемчӣ онҳо чӣ тавр нишастаанд. Ҳоло фаҳмонда медиҳам, ки мо ба чӣ машғул мешавем (бо овози баланд шумурдан). Таклиф мекунам, ки қуттиҳои фигураҳои геометрӣ доштаро гиред ва бодиққат гӯш кунед. «Ман чандтое, ки бо болғача ба стол занам, шумо чашмонатонро пӯшида шумоintroduced ва ҳамон қадар фигураҳои геометриро аз қуттӣ гирифта ба як қатор гузоред.

Тайёр шавед, чашмонатонро пӯшида гӯш кунед». Бо болғача 7 бор мезанам. Бачаҳо фигураҳоро гирифта ҷо ба ҷо мегузоранд; иҷрои вазифаро тафтиш мекунам. Якчанд кӯдаконро мепурсам, ки онҳо чандто фигураро гузоштаанд. (Ҷавоб: «Ман 7 дона фигураро гузоштам, чунки шумо 7 бор бо болғача задед). Фигураҳои геометриро ба ҷояш мегузоранд. Бачаҳо боз ба зарбаи болғача гӯш карда, миқдори зарбаро мешуморанд ва ҳамон қадар фигураро аз қуттӣ мебароранд. Баъд тафтиш мекунам, ки оё бачаҳо супоришро дуруст фаҳмидаанд ва миқдори зарба мувофиқ аст ё не.

Вақте ки бачаҳо фигураҳоро мечинанд, ба назди бачаҳои калонсол омада мебинам, ки онҳо чӣ тавр аз лой чизҳо сохта истодаанд, ба бачаҳо тарзи дуруст нишастанро нишон медиҳам. Боз ба назди бачаҳои гурӯҳчаи тайёрӣ омада, тафтиш ме-

кунам, ки онҳо супоришро чӣ тавр иҷро кардаанд ва таклиф мекунам, ки материалро ғундоранд.

Баъд кӯдакон қуттии суратҳои рақамдорро ба наздашон кашида, ба зарбаи болғача гӯш меандозанд ва мувофиқи миқдори зарба карточкаи мувофиқро (ҳамон қадар доирача доштаро) боло мебардоранд. Баъд бачаҳо карточкаҳоеро, ки дар онҳо доирачаҳо якто кам ё якто зиёд кашида шудаанд, боло мебардоранд. «Гӯш кунед. (5 бор мезанам). Қасе ки дар карточкаи ӯ миқдори доира (ё предмет) якто зиёд бошад, карточкаашро бардорад: тафтиш мекунам, мепурсам, ки кӯдак чаро карточкаашро бардошт. Ҷавоб: «Дар карточкаи ман 6 себ буд, шумо 5 бор зарба задед, бинобар ин дар карточкаи ман як себ зиёд аст. Ҳамин хел супоришро 3-4 бор (миқдори зарбаро тағьир дода) такрор мекунам; таклиф мекунам, ки материал ғундошта шавад; то тамом шудани ин кор ба назди бачаҳои калонсол рафта мебинам, ки кор чӣ тавр давом карда истодааст ва хотиррасон мекунам, ки акнун корро бас кунанд ҳам мешавад».

Ба гурӯҳи тайёрӣ вазифаи нав дода мешавад: бачаҳо якто-якто ба назди стол меоянд ва нигоҳ накарда, бо дасташон тугмаҳои ба картон дӯхташударо мешуморанд. Барои тафтиш дигар кӯдак даъват карда мешавад: вай бояд аз миқдори тугмаи мавҷуда якто зиёд чапак занад. Аҳли гурӯҳча дурустии амалиёти рафиқонашонро назорат мекунанд.

Ба назди бачаҳои калонсол омада, ба дастшӯӣ таклиф мекунам, (кори онҳо баъдтар таҳлил мегардад).

Бо бачаҳои гурӯҳчаи тайёрӣ машғулиятро давом дода, машқи шумури ҳаракатро мегузаронам: 5 қадам мондан ба тарафи рост, 6 маротиба дастро боло бардоштан, 7 бор бо скакалка ҷаҳидан.

Баъд ба болои стол графини шишагин, стакани пластмассагин ва зарфи обдорро мегузорам; ба бачаҳо муроҷиат мекунам: «Ба фикри шумо ба графин чанд стакан об меғунҷад? (бачаҳо ҳар хел ҷавоб медиҳанд). Биёед, акнун чен мекунем.

Ба яке аз бачаҳо таклиф мекунам, ки оби графинро чен кунад. Кӯдак обро бо стакан ба графин рехта мешуморад. Баъди он ки ба графин фалон стакан об рехта шуд, аз бачаҳо мепурсам, ки чандто шуд. Графин ҳоло пур нашудааст; дигар кӯдакро даъват мекунам. Вай ба графин боз об мерезад (3 стакан); аниқ мекунем, ки стакан ченаки шартӣ буд ва бо ёрии он фаҳмида шуд, ки ба графин чанд стакан об меғунҷидааст».

Баъд бачаҳои гурӯҳчаи тайёрӣ ба бозӣ мераванд, калонсолонро даъват мекунам, то омада бинанд, ки онҳо ҳамагӣ чандто хирсча сохтаанд. Мебинанд, ки ҳамаи хирсчаҳо дуруст часпонда шудаанд ё не, камбудиҳои конкретии онро қайд мекунам (масалан, хеле борик будани панҷаҳо, бисьёр дароз будани фуки хирсча). Ана ҳамин тавр, машғулият ба охир мерасад.

Чи хеле ки мебинем, хусусияти хоси машғулиятҳои мушта-

рак аз он иборат аст, ки мураббия машғулиятро ба гурӯҳчаҳо бо навбат мегузаронад. Дар ин маврид мураббия диққати худро бештар ба як гурӯҳча (дар мисоли мо — бо гурӯҳчаи тайёрӣ) медиҳад, дар гурӯҳчаи дигар бошад, ӯ ба фаъолияти мустақилонаи кӯдакон, ба донишу малакаи пештар ҳосил кардаи онҳо такья мекунад. Дар айни замон педагог барои аз назар гузаронидани машғулият ба назди бачаҳои калонсол меояд, ба онҳо маслиҳатҳо медиҳад, корро нишон медиҳад — инро ӯ дар вақти ба иҷрои мустақилонаи супориш машғул будани бачаҳои гурӯҳи тайёрӣ ба амал мебарорад. Дар дигар машғулият, баръакс, вақте ки материали нав ба бачаҳои калонсол дода мешавад, диққати асосии мураббия ба онҳо равона гардида, бачаҳои гурӯҳчаи тайёрӣ бештар ба кори мустақилона машғул мешаванд. Гузарондани чунин машғулиятҳо ба инкишофи худкории кӯдакони солҳои шашум ва ҳафтуми ҳаёт мусоидат мекунад.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ХУРДСОЛОНУ КАЛОНСОЛОН

*Бозӣ — машғулият «Шиносоӣ бо лӯхтак Наташа» (гурӯҳчаи хурдсолон).*

*Расмкашӣ аз хаёл (гурӯҳчаи калонсолон)*

### Мундариҷаи программавӣ

**Гурӯҳчаи хурдсолон**

Мустаҳкам кардани одоби саломуалейк. Аниқ кардани дониши бачаҳо дар бораи ранг, машқи гуфта додани рангҳои асосӣ.

Тарбияи ҳисси эҳтиёткорӣ нисбат ба бозичаҳо.

**Гурӯҳчаи калонсолон**

Мустаҳкам намудани маҳорати интихоби мавзӯъ ва тарзи дар расм инъикос намудани он. Давом додани омӯзиши мустақилона кор кардани бачаҳо ва талқини одоби ба якдигар ва хурдсолон халал нарасондан.

### Методика

Истифодаи лӯхтакҳо, инкишофи нутқ ва амалиёти бачаҳо ба воситаи лӯхтакҳо.

Бо бачаҳо муҳокима намудани мундариҷаи тахминии расм. Маслиҳату нишондодҳо дар рафти иҷрои кор.

### Тайёрии машғулият

Тайёр кардани лӯхтаки дидактикии дорои либоси ранг-

Қаламҳои ранга (12 дона) коғази 20×25 см.

ҳои асосӣ, бозичаҳо: хирсча, матрёшка, кубикчаи ранга, мошин (беҳтараш пластмассӣ ё чӯбин).

Пеш аз машғулият ба хотир овардан лозим аст, ки бачаҳо дар экскурсия, ҳангоми сайру гашт, дар суратҳо чиҳоро дидаанд.

## Рафти машғулият

Бачаҳои гурӯҳчаи калонсолон дар паси столҳои муқаррарии дуҷоя нишастаанд, хурдсолон бошанд, бозиро давом медиҳанд.

Тарзи нишасти кӯдаконро тафтиш мекунам, мепурсам, ки оё онҳо пай набурдаанд, ки имрӯз ба чӣ кор машғул мешаванд. (Расмкашӣ); мефаҳмонам, ки имрӯз онҳо метавонанд мувофиқи хоҳиши худ расми дилхоҳашонро кашанд; фикр кардан ва ҳал кардан лозим, ки чиро мекашанд, чӣ тавр мекашанд, то ки расм хушрӯй бараояд, монанд бошад. Хоҳишу нияти бачаҳоро муқаррар мекунам, дар интихоби мавзӯъ ба онҳо ёрӣ медиҳам (аз рӯи сюжети афсонаҳои маълум сохтани хона, сайри бачаҳо дар кӯча, қолинчаи лӯхтак ва ғ.); таклиф мекунам кӯшиш кунанд, ки расм хушрӯй бараояд, оромона, мустақилона, диққаташонро пароканда накарда кор кунанд.

Баъд ба назди хурдсолон рафта, таклиф мекунам, ки ба стулчаҳо нишинанд; ба онҳо лӯхтаки навро нишон медиҳам (номи лӯхтакро шартан Наташа номидаанд) ва мегӯям: «Боғчаи мо ба Наташа хеле маъқул, лекин вай мехоҳад, ки бо шумоён нағзтар шинос шавад, бидонад, ки дар гурӯҳ боз чӣ хел бозичаҳо ҳаст ва шумо бо онҳо чӣ тавр бозӣ мекунед. Ба Наташа гуфта медиҳем? Бисьёр хуб. Бачаҳо, Наташа ба шумоён салом мегӯяд (педагог рӯи лӯхтакро ба гӯшаш наздик меорад. Бачаҳо ҷавоб мегардонанд). Офарин. Наташа мехоҳад бо ҳар кадоми шумоён аз наздиктар шинос шавад ва шунидан мехоҳад, ки шумо ба вай чӣ хел «Салом, Наташа» мегӯед. Ман ҳозир лӯхтакро ба шумоён медиҳам. Шумо онро, аз ҷойҳоятон нахеста, ба якдигар медиҳед. Ҳозир мебинем. Лӯхтакро «Салом, Наташа» гуфта, ба якдигар медиҳанд.

Ба назди калонсолҳо омада, боварӣ ҳосил мекунам, ки онҳо ба кор шурӯъ кардаанд, тарзи нишасти онҳоро дуруст мекунам, аз назар мегузаронам, ки онҳо қаламҳои рангаро дуруст кор фармуда истодаанд ё не.

Ба назди хурдсолон бармегардам. «Ҳамаатон бо Наташа саломалейк кардед? Бисьёр хуб». (Лӯхтакро ба даст мегирам). Акнун Наташа мехоҳад бидонад, ки номи шумоён чист? (Ба назди ҳар бача меоям, бачаҳо номашонро мегӯянд. Баъд Наташа бо либоси бачаҳо ва ранги он шинос шудан мехоҳад. Ӯ аз ҳар кас мепурсад, ки ранги либоси ӯ чӣ хел аст; аз бачаҳо низ мепурсад, ки лӯхтак чӣ пӯшидааст, ранги либоси ӯ чӣ хел аст.

Баъд лӯхтак аз бачаҳо мепурсад, ки ин чизҳо (онҳо дар болои столанд) чӣ ном доранд (хирсча, матрёшка, кубикҳо ва

боз 2-3 чизи дигар) ва бачаҳо бо онҳо чӣ кор мекунанд. Дар охир бачаҳо ба Наташа ҷои нигоҳ дошта шудани он бозичаҳоро нишон медиҳанд. Баъд ба хурдсолон таклиф карда мешавад, ки дар бозигоҳ оромона бозӣ кунанд, лӯхтак бозии онҳоро тамошо мекунад.

Машғулиятро бо калонсолон давом медиҳам; кори онҳоро аз назар мегузаронам, ба кори онҳо баҳо медиҳам ва хотиррасон мекунам, ки вакти машғулият ба охир мерасад. Таклиф мекунам, ки суратҳои тамомшударо ба рӯи столи намоиш гузоранд. Баъд бо ҳамроҳии бачаҳо корҳоро аз назар мегузаронам, онҳоро таҳлил мекунам, баҳо медиҳам, ҳусну қубҳи онҳоро мегӯям (номи 2-3 кӯдакро мегирам), қайд мекунам, ки онҳо бодиққат кор карданд, ба хурдсолон халал нарасонданд, расмро мустақилона кашиданд. Таклиф мекунам, ки бегоҳ суратҳояшонро ба хурдон нишон диҳанд.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ХУРДСОЛОНУ КАЛОНСОЛОН

*Математика (гурӯҳчаи хурдсолон)*
*Расмкашӣ аз рӯи афсонаи «Се хирс» (гурӯҳчаҳои калонсол).*

### Мундариҷаи программавӣ

**Гурӯҳчаи хурдсолон**

Барои бозичаҳои як гурӯҳро мувофиқи бозичаҳои гурӯҳи дигар ҷо ба ҷо гузошта тавонистан машқ кунонидани бачаҳо. Бо дасти рост, аз чап ба рост қатор чидани бозичаҳо ва риояи масофаи байни онҳоро омӯзондан. Ба бачаҳо омӯзондан лозим аст, ки кори кардаашонро дар асоси ҷавоб додан ба саволҳои «чӣ қадар», «ин қадар», «баробар», нақл карда тавонанд. Ёфтани предметҳои бисьёр ва як предмет дар хонаи гурӯҳ.

### Материал

Маҷмӯи материалҳо ва предметҳои сатҳӣ — дар ихти-

**Гурӯҳчаи калонсолон**

Ба нақли мазмуни алоқаноки лаҳзаҳои шавқовари афсона тайёр кардани бачаҳо; ба кашидани расми ҳайвоноти (хирсҳо) ҷуссаашон гуногун ва дар ҳаракатбуда машқ кунондан.

### Методика

Намоиш додани хирсчаҳои ҷуссаашон гуногун дар ҳолати гуногун; барои кашидан пешниҳод кардани эпизоде, ки дар он танҳо хирсҳо иштирок доранд.

### Тайёрии машғулият

Дар арафаи машғулият ба хотир овардани мундариҷаи афсона, ҷудо намудани эпи-

ёри мураббия; дар ихтиёри бачаҳо — карточкаҳои духата ва бозичаҳои майда: занбуруғчаҳо, арчаҳо дар болои лаълӣ (дар қуттичаи ҳар кӯдак 4-тогӣ арча ва 5-6 донагӣ замбӯруғ) зодҳое, ки дар он танҳо хирсҳо амал мекунанд (аз сайр меоянд, ба сари хӯрок менишинанд ва ғ.). Тайёр кардани материал: қаламҳои ранга (як қуттигӣ — сари касе), коғази сафед (20×25 см).

### Рафти машғулият

Ба бачаҳо таклиф мекунам, ки ҳамаашон паси стол нишинанд, қоматашонро рост нигоҳ доранд; аз бачаҳои хурдсол хоҳиш мекунам, ки бо диққат дида, сонӣ нақл кунанд, ки дар болои столи онҳо чӣ хел бозичаҳо ҳастанд, онҳо чӣ ном доранд, чандтоанд. Баъд мегӯям: «Шумо метавонед онҳоро ба дастатон гиред, бинед, лекин инро хомӯшона кунед, ки ба ҷӯраҳои калонсолатон барои шунидани гапҳои ман халал нарасонед».

Машғулиятро сар карда, ба бачаҳо мегӯям, ки онҳо аз рӯи афсонаи шунидагиашон — «Се хирс» расм мекашанд. Суҳбати дирӯзаамро дар хусуси ҳамин афсона хотиррасон карда, таклиф мекунам эпизодҳое инъикос карда шаванд, ки он ҷо танҳо хирсҳо иштирок мекунанд; се хирси ҳархеларо кашанд, ки хирспадар, хирсмодар ва хирсча фарқ карда шавад; назди бачаҳо се бозича-хирсчаро мегузорам, баъд таклиф мекунам, ки ба расмкашӣ шурӯъ кунанд, мустақилона амал кунанд, зеро бачаҳо афсонаро нағз медонанд, хирсчаро пештар сохтаанд, часпондаанд, кашидаанд.

Ба хурдсолон муроҷиат мекунам: «Ҳамаатон бодиққат дидед, ки дар болои столатон чӣ ҳаст? Чӣ гуна бозичаҳо? (Замбуруғ, арча). Чандто бозича ҳаст? (Бисьёр). Боз чӣ ҳаст? (Карточка).

Ҳамаатон бодиққат нигоҳ кунед, ки ман чӣ тавр бозичаҳоро болои карточка мегузорам. Ман замбуруғҳоро бо дасти ростам гирифта, бо дасти ростам аз чап ба рост мечинам, байни онҳо ҷои холӣ мемонам (якчанд замбуруғро мечинам).

Чанд дона замбуруғ мондам? (Бисьёр).

Акнун ман ба таги замбуруғҳо себҳоро мечинам. Чандто ки замбуруғ бошад, ҳамон қадар себ мегузорам. Нигоҳ кунед, ман байни ҳар як замбуруғ ва себ ҷои холӣ мондам. Бо дасти ростам аз чап ба рост гузоштам. Ман чандто себ гузоштам? (Бисьёр. Баробар. Чандто ки себ бошад, ҳамон қадар замбуруғ)».

Себҳоро мегирам ва таклиф мекунам, ки ба поёни замбуруғҳо матрёшкаҳоро монанд, ки миқдорашон баробар бошад. Яке аз кӯдаконро даъват мекунам, ки вай ин корро ба ҷо орад ва мегӯям: «ҳамаи бачаҳо назорат мекунанд, ки оё Люба матрёшкаҳоро дуруст мегузорад. Люба, чандто матрёшка монд? (Чандто ки замбуруғ бошад). Дигар хел гӯем-чӣ? (Замбуруғу матрёшка баробар). Акнун лаълиҳои бозича ва карточкадорро ба пешатон кашед».

Ҳамин вақт ба назди бачаҳои калонсол омада, кори онҳоро месанҷам, ёрию маслиҳат медиҳам.

Ба назди хурдсолон меоям. Аз кӯдакон хоҳиш мекунам, ки бодиққат гӯш кунанд ва мегӯям:

«Дар бешазор бисьёр арчаҳо рӯидаанд. Ҳамаи арчаҳоро гирифта ба хатти боло монед. Онҳоро бо дасти рост аз чап ба рост қатор кунед». (Баъд тафтиш мекунам, ки бачаҳо супоришро чӣ тавр иҷро мекунанд).

Бачаҳо дар зери арча замбурӯғ ёфтанд. Ба хатти поён чандто ки арча бошад, ҳамон қадар замбурӯғ монед. Ҳар як замбурӯғро ба таги ҳар як арча монед, ҷои холӣ монданро фаромӯш накунед. (иҷрои супоришро назорат мекунам). Якхела будани миқдори арчаю замбурӯғҳоро боз чӣ хел гуфтан мумкин? (Баробар). Дуруст. Акнун арчаю замбурӯғҳоро гирифта, ба лаълӣ монед. Ба хатти боло бисьёр замбурӯғҳоро монед, бо дасти рост, аз чап ба рост. Акнун ба хатҳои худатон бодиққат нигареду ба ман гӯед, ки кадомаш бисьёр — арча ё замбурӯғ. (Замбурӯғ аз арча бисьёр: замбуруғ мӯл, арча — якто халос).

Ҳамаатон хуб ҷавоб додед. Бозичаҳоро ба лаълӣ гузошта, баъд ба ман гӯш диҳед.

Мо ба болои хатҳо бисьёр замбурӯғ ва якто арча мондему халос. Акнун бодиққат ба атроф нигоҳ карда, гӯед, ки дар гурӯҳамон кадом чиз бисьёртар асту кадом чиз — якто? Бачаҳоро пурсида, ҷавобҳои дурусташро маъқул медонам. Бачаҳо метавонанд аз ҷояшон хезанд ва чизҳои заруриро кофта ёбанд.

Бо ҳамин, машғулияти хурдсолон ба охир мерасад, бачаҳо ба бозӣ шурӯъ мекунанд ва ё бо доя ба сайру гашт тайёрӣ мебинанд.

Ба назди бачаҳои калонсол меоям, кори онҳоро аз назар мегузаронам, таклиф мекунам, ки корро тамом кунанд. Кӯдаки корашро тамом кардагӣ суратро болои мольберт монда, ҷои кориашро тоза мекунад. Бачаҳоро ба назди мольберт ба тамошои расмҳо даъват мекунам ва мепурсам, ки дар расмҳо кадом воқеаҳои афсона акс ёфтаанд, дар кадом расм хирсча хуб баромадааст. Чаро? Дар охир бачаҳо расмҳоро мувофиқи ҷараёни воқеаҳои афсона паси якдигар мечинанд.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ БАЧАҲОИ КАЛОНСОЛ ВА ГУРӮҲИ ТАЙЁРӢ

*Расмкашӣ дар мавзӯи «Шохи арча» (гурӯҳи калонсолон)*
*Математика (гурӯҳи тайёрӣ)*

### Мундариҷаи программавӣ

| **Гурӯҳчаи калонсолон** | **Гурӯҳи тайёрӣ** |
|---|---|
| Аз рӯи худи предмет кашидани расм. Тасвири сохти шох- | Машқи то 10 бо тартиб шумурдани рақам. |

ча, шакли асосӣ, ранги он, бо як ҳаракат қаламро аз коғаз ҷудо накарда кашидани барги дарахти сӯзанбарг.

Омӯзондани муқоисаи дарозӣ, васеӣ, баландии предмет бо ёрии ченаки шартӣ.

Машқи ба 2 ва 4 қисм тақсим намудани мураббаъ, ҳосил кардани қисмҳои шакли секунҷа.

## Методика

Истифодаи объекти табиӣ— шохчаи арча (ба ҳар кӯдак дода мешавад), дида баромадани сохти он; усули кашидани расми шохчаи арча; гузаронидани муқоисаи расмҳо бо шохчаи табиӣ ва баҳодиҳии худи бачаҳо.

## Тайёрии машғулият

Муоинаи арча дар майдон, шохчаи он дар гурӯҳ.

Тайёр кардани варақи коғази сафед, қаламҳои ранга, шохчаи арча — барои ҳар кӯдак.

Тайёр кардани қаламҳои ранга (аз ҳисоби 20 қалам — ба ҳар кӯдак), рӯймолчаи фланелӣ, сетоғӣ мураббаъи коғазӣ — ба ҳар кӯдак, бозичаҳои гуногун (то 10 дона), ҳар гуна андозаҳои (ченакҳои) шартӣ.

## Рафти машғулият

Ба машғулият бачаҳои гурӯҳчаи калонсолонро даъват мекунам, бачаҳои гурӯҳи тайёрӣ оромона бозӣ мекунанд.

Ҳамаи материалҳои зарурии машғулият — дар дасти бачагон ва мураббия.

Диққати бачагонро ба тарзи дуруст нишастан ҷалб мекунам.

«Бачаҳо, шумо имрӯз шохчаи арчаро бо қаламИ ранга мекашед. Биёед, шохчаро бодиққат дида бароем. (Бачаҳо шохчаро бодиққат муоина мекунанд).

Ба он диққат кунед, ки шохчаҳо аз шоххои асосӣ ҷуфт баромадаанд. Дар нӯги ҳамаи шохчаҳо нартҳои навро ҷуфт-ҷуфт кашидан зарур аст. (Нишон медиҳам).

Акнун бинед, ки сӯзани арча чӣ тавр месабзад: вай ба ҳар тараф, бетартиб не, балки ба пеш, ба нӯги шохча моил шуда месабзад. Чӣ тавр кашидани онро дар хотир доред? (Ҷавоби бачаҳо). Дуруст қаламро аз коғаз ҷудо накарда кашидан лозим.

Бачаҳо, шохчаи арчае, ки дар рӯи столатон истодааст, бо диққат аз назар гузаронед. Шумурда бароед, аз шохи асосӣ чандто шохчаи майда баромадааст. Кӯшиш кунед, ки шохчаи кашидаи шумо ба аслаш монанд бошад.

Боз бори дигар диққати бачаҳоро ба тарзи нишасти онҳо ҷалб намуда, таклиф мекунам, ки ба расмкашӣ шурӯъ намоянд.

Бачаҳои гурӯҳи тайёриро ба машғулият даъват мекунам.

Ба болои рафча 10 хел бозичаи гуногунро мегузорам. Аз бачаҳо мепурсам: «Матрёшка дар ҷои чандум истодааст? (Матрёшка дар ҷои панҷум). Замбуруғ дар ҷои чандум? (Ҳафтум). Пирамидача дар ҷои чандум? (Сеюм). Биёед, ҳамаамон бозичаҳоро бо тартиб мешуморем ва дар хотир медорем, ки кадом бозича дар кадом ҷой истодааст.

Акнун ман бозичаҳоро якто-якто руст мекунам, шумо бояд гуед, ки ман бозичаи чандумро руст кардаам. Бозичаҳо дар паси пардача пинҳон карда мешаванд. Баъд пардача кушода мешавад. Мураббия бо навбат бозичаҳоро пинҳон кардан мегирад, бачаҳо бошанд, рақами онро мегӯянд.

«Акнун супориши навро бо диққат гӯш кунед. Руймолчаи фланелиро гиреду дар он 10 хел қаламро печонед (мувофиқи салоҳдиди бачаҳо)».

То вазифаро иҷро кардани бачаҳои гурӯҳи тайёрӣ, кори гурӯҳи калонсолонро аз назар мегузаронам, ба онҳое, ки душворӣ мекашанд, ёрӣ мерасонам.

Боз ба гурӯҳчаи тайёрӣ мегузарам. «Вова, қалами кабуди ту дар чандум ҷой? (Ҷавоб). Аз они ту чӣ, Серёжа? Қалами сурхатон чандум? (Ҷавоби 2-3-бача). Оля, кадом қалами ту дар ҷои якум? (Сурх). Қаламҳоятро аз нав шумурда баро ва ранги онҳоро ба мо гӯй. (Якум — сурх, дуюм — сабз ва ғ.).

Ду-се бачаро мепурсам ва баъд аз он хулоса мекунам, ки чизҳои гуногун тартиби рақамии гуногун доранд.

Ба бачаҳо таклиф мекунам, ки қаламҳоро ғундоранд ва худам ба назди бачаҳои калонсол меоям. Тафтиш мекунам, ки онҳо шохчаи арчаро дуруст мекашанд, ё не. Баъд ба гурӯҳи тайёрӣ меоям ва ба бачаҳо танобчаро нишон дода мепурсам, ки оё онҳо медонанд ки ин чист. Мефаҳмонам, ки мо ҳоло бо ин танобча қад, бар ва баландии предметро чен мекунем, бинобар ин танобча ченаки шартӣ мешавад.

«Вова, канӣ қад, бар ва баландии столро ба мо нишон деҳ. Бачаҳо чӣ тавр фаҳмидан мумкин, ки кадомаш зиёдтар аст: қад ё бар? Дуруст, қаду бар ва баландии столро чен кардан мумкин аст. Бо чӣ чен кардан мумкин? Бачаҳо ҳар хел ченакро ном мегиранд. Ҳамаамон ба як қарор меоем: бо танобча. Яке аз бачаҳоро даъват мекунам ва ҳардуямон қади столро чен мекунем: диққати кӯдаконро ба он ҷалб мекунам, ки ченкуниро аз як канори стол сар карда, танобчаро то канори дигари стол рост кашидан лозим. Охирашро бо лентачаи ранга нишона мекунам. Баъд ду кӯдаки дигарро даъват мекунам ва ба онҳо месупорам, ки бар ва баландии столро чен кунанд. Сипас мепурсам, ки бачаҳо чӣ кор карданд, бо чӣ чен кардаанд, чиро муайян намуданд. Дар охир муайян мекунем, ки қад аз бар ва баландии стол чӣ қадар зиёдтар аст.

Ба бачаҳо месупорам, ки фигураҳои геометриро барои кор омода кунанд. Ба калонсолҳо хотиррасон мекунам, ки онҳо бояд баъди 5 дақиқа расмкаширо ба охир расонанд. Ба назди бачаҳои гурӯҳчаи тайёрӣ омада, ба онҳо фигураҳои мураббаъро нишон дода, мепурсам, ки инҳо чӣ гуна фигураанд, бачаҳо ҷавоб медиҳанд. Аз бачахо хоҳиш мекунам ба хотир оранд, ки мо дар машғулияти гузашта чоркунҷаҳоро чӣ тавр ба ду қисм тақсим карда будем (мо ду шакли росткунҷаро ҳосил карда будем) ва чӣ тавр ба чор қисм тақсим карда будем (чор шакли росткунҷа ҳосил шуда буд). Супоришро мефаҳмонам: «Мо имрӯз ба 2 ва 4 қисми баробар тақсим кардани чоркунҷаро ёд мегирем, то ки шакли қисмҳо секунҷа бошанд. Кӣ метавонад чоркунҷаро ба ду секунҷа баробар тақсим кунад? Ҳал мекунем: чоркунҷаро гӯша ба гӯша қат мекунем.

Худи мураббия ё кӯдаки даъватшуда чӣ тавр иҷро кардани ин амалро нишон медиҳад. Чоркунҷа аз хати қатшудааш бурида мешавад. Қисмҳоро нишон дода, мепурсам, ки чанд қисм ҳосил шудааст ва шакли онҳо чӣ хеланд. «Чоркунҷаи дуюмро ба 4 секунҷаи баробар тақсим мекунем. Канӣ, кӣ мегӯяд, барои ин чоркунҷаро ба чор секунҷаи баробар тақсим кардан, чӣ кор кардан лозим?» Ҳал мекунем: чоркунҷаро гӯша ба гӯша қат карда, онро боз як бори дигар қат кардан лозим. Кӯдаки даъватшуда чоркунҷаро ба чор қисми баробар тақсим мекунад. Ба ҳамаи бачаҳо месупорам, ки як чоркунҷаро ба 2 секунҷаи баробар ва дигарашро — ба 4, баъд аз секунҷаҳо боз чоркунҷа тартиб диҳанд. «Мустақилона кор кунед, баъд тафтиш мекунем, кӣ чӣ тавр иҷро кардааст».

Ба гурӯҳчаи дигар меоям ва бо ҳамроҳии бачаҳо расмҳоро дида мебароем. Расмҳои беҳтарини шохчаи арчаро бо аслаш муқоиса мекунем. Бачаҳои калонсол машғулиятро тарк мекунанд.

Ба назди кӯдакони гурӯҳи тайёрӣ меоям. Тафтиш мекунам, ки онҳо супоришро чӣ тавр иҷро кардаанд; аз 2-3 нафарашон мепурсам, ки онҳо кори кардаашонро нақл кунанд. Бо ҳамин машғулият ба итмом мерасад.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ КӮДАКОНИ МИЁНАЮ КАЛОНСОЛ

*Расмкашӣ бо қалам — дар мавзӯи «Себҳо» (гурӯҳчаи миёна)*
*Кор бо суратчаҳо (гурӯҳчаи калонсолон)*

М у н д а р и ҷ а и   п р о г р а м м а в ӣ

**Гурӯҳчаи миёна**

Машқи кашидани расми предметҳои доирашакл, дуруст,

**Гурӯҳчаи калонсолон**

Мустаҳкам намудани дониши кӯдакон оид ба ранги гул-

аз хат набаромада, ранг кардани расм. Омӯхтани маҳорати тасвири ранги предметҳо. Мустаҳкам намудани малакаи дуруст доштани қалам.

ҳои марғзор, боғ ва бешазор. Омӯхтани маҳорати нақли гулҳои шинос (лола, гули намозшом, наргис, қоқу ва ғ.). Тарбияи муносибати ғамхорона ба табиат, завқи бадеӣ.

## Методика

Нишон додани себ, ташкили таҳқиқи он.

Нишон додани гулҳои тару тоза, хондани шеърҳо дар бораи онҳо, истифодаи унсурҳои бозии «Магазин».

## Тайёрии машғулият

Дар машғулиятҳои гузашта бачаҳо меваҳои ҳархела, аз он ҷумла, себ сохта буданд.

Барои ҳар як кӯдак мольберт, коғаз, қаламҳои гуногун тайёр кардан.

Дар вақти сайру гашт бачаҳо гулҳо чида буданд, гулчамбарҳо сохта, барои гурӯҳ гулдастаҳо ороста буданд. Мувофиқи хоҳишашон бозии болоистолии «Лотои ботаникӣ-ро истифода карданд.

Тайёр кардани гулдастаҳо, гулчамбар, тоқии гул, сабадчаи гул, карточкаҳои гул.

## Рафти машғулият

Ба машғулият бачаҳои гурӯҳчаи калонсолонро даъват мекунам (хурдсолон бозӣ мекунанд). «Бачаҳо, айёми шодӣ — баҳор омад. Дар боғу чаманзор ва бешазор гулҳои бисьёр шукуфтаанд. Имрӯз мо боз дар бораи гулҳо сӯҳбат мекунем. Шумо аз кадом гулҳо гулдаста карданро дӯст медоред? (5-6 бачаро мепурсам). Шумо хеле бисьёр гулҳоро ном гирифтед.

Бачаҳо, бинед, чӣ хел гулдастаи хушрӯй аст-а? (Гулдастаи гулҳои тару тозаро нишон медиҳам). Ин ҷо гулҳои қоқу ва боз чӣ? Дуруст: лола, наргис, чинорак. Гулҳои хеле зебо. Шоирон ҳам дар бораи гулҳо бисьёр шеърҳо навиштаанд. Канӣ, ба хотир оред-чӣ дар бораи гул чӣ гуна шеърҳоро медонед. Аз фурсат истифода карда, ба кӯдакони миёнсол мегӯям, ки бозиро бас карда, ба машғулият тайёр шаванд. Бачаҳои калонсол дар бораи гулҳо шеър мехонанд.

Шеърхонии ифоданоки бачаҳоро таърифмекунам. Мепурсам, ки шоир ин ё он гулро ба чӣ ташбеҳ медиҳад ва хоҳиш

мекунам, ки бо сатрҳои шеърҳои шинос ҷавоб диҳанд. Ҷавоби бачаҳо.

Таклиф мекунам, ки боз ба гулдаста нигоҳ кунанду ҷавоб диҳанд, ки ин гулҳо дар куҷо мерӯянд. Дуруст. Наргис дар боғ мерӯяд. Онро гули боғӣ меноманд. Боз кадом гулҳои боғӣ ҳастанд? (Ҷавоби бачаҳо). Гулҳои дар саҳро меруидагӣ чӣ ном доранд? (Гулҳои саҳро). Боз чӣ хел гулҳо мешаванд? (Кӯҳӣ, бешагӣ). Дуруст.

Акнун конвертҳои дар болои стол бударо гиред. Он ҷо суратҳои гулҳои гуногун ҳастанд. Онҳоро бинед ва ба хотир оред, ки онҳо чӣ ном доранд, сонӣ ба хелҳо ҷудо кунед: боғӣ, саҳрой кӯҳӣ, бешагӣ. Шумо мустақилона коратонро давом диҳед, ман бо бачаҳои гурӯҳи миёна машғул мешавам; баъд ҳамаамон якҷоя дида мебароем, ки шумо гулҳоро чӣ тавр ба хелҳо ҷудо кардед».

Ба машғулияти бачаҳои гурӯҳчаи миёна шурӯъ мекунам. Себҳои дар сабадча бударо дида мебароем. Таклиф мекунам, ки шакли себҳоро гуфта диҳанд, сонӣ расми себҳои хушрӯю лӯндаро кашанд. Хотиррасон мекунам, ки бачаҳо бо кадом қаламҳо кашидани расмро фикр кунанд, кӯшиш кунанд, ки аз хат набароянд.

Ба назди бачаҳои калонсол меоям. Ҳамаамон якҷоя ба гурӯҳҳо ҷудо кардани гулҳоро дида мебароем. Ба яке аз бачаҳо таклиф мекунам ки хелҳои гулҳои саҳроиро номбар кунад. Дигарон дурустии интихобу ба гурӯҳҳо ҷудо кардани рафиқонашонро месанҷанд, бо кори худ муқоиса мекунанд.

Баъд ба назди гурӯҳчаи миёнсолон омада, расмкашии онҳоро месанҷам, агар зарур бошад, ёрӣ мерасонам, чӣ тавр доштани қалам ва тарзи нишастанро нишон медиҳам.

Ба назди калонсолон бармегардам, ба дурустии тафтиши байниякдигарии онҳо боварӣ ҳосил мекунам ва бо мақсади назорат ба яке аз бачаҳо мегӯям, ки номи ҳамаи гулҳои боғиро гуфта диҳад. Гулҳои боқимонда — кӯҳианд.

Супориши оянда ба бачаҳои калонсол — аз гулҳо сохтани гулдастаи дилхоҳ (аз гулҳое, ки дар сурат акс ёфтаанд) ва нақл кардан дар бораи он.

Ба назди бачаҳои миёнсол меоям, кори онҳоро мебинам ва мегӯям, ки вақти тамомшавии машғулият наздик аст.

Ба назди калонсолон омада, бо ҳамроҳии бачаҳо гулдастаи онҳоро аз назар мегузаронем ва нақли 2-3 кӯдакро мешунавем. Ба онҳо таклиф мекунам, ки расмҳоро ғундошта, ба конвертҳо андозанд ,онҳоро ба рӯи столи мураббия монанд, баъд ба бозӣ раванд.

Сипас ба назди миёнсолон омада, расмҳои онҳоро аз назар мегузаронам ва ба кӯдакон мегӯям, ки онҳо ҳамаашон барои кашидани себи хушрӯй кӯшидаанд. Расмҳоеро ки хубтар кашида шуда, шаклу ранги себҳоро дуруст тасвир кардаанд, қайд мекунам.

## МАШҒУЛИЯТҲО ДАР ГУРӮҲЧАИ КӮДАКОНИ ҲАМСОЛ

Ғайр аз намудҳои машғулиятҳо дар шароити гурӯҳи омехта, ки мо дар боло дида баромадем, лозим меояд, ки боз бо ягон гурӯҳчаи кӯдакони ҳамсол машғулият гузаронида шавад.

Масалан, дар гурӯҳҳои хурдсолону миёнсолон аксарияти машғулиятҳо бо кӯдакони миёнсол гузаронида мешаванд (машғулияти дуюми пагоҳирӯзӣ), баъзан — танҳо бо хурдсолон (машғулиятҳои бегоҳирӯзӣ). Баъзан дар гурӯҳҳои бачағони гуногунсин (масалан, калонсолону хурдсолон) лозим меояд танҳо бо як гурӯҳча машғулият гузаронида шавад. Зарурати гузаронидани ҳамин гуна машғулиятҳо дар ҳолати дар як гурӯҳ мавҷуд будани кӯдакони ҳамаи синнусол (аз 3 то 7-сола) ба миён меояд; баъзе машғулиятҳои беғоҳирӯзӣ танҳо бо бачаҳои гурӯҳчаи хурдсолон гузаронида мешаванд.



Расми 29. Кӯдакони гурӯҳчаҳои хурдсолон ва миёнсолон бозӣ мекунанд, бачаҳои 6—7-сола бошанд, машғулиятро давом медиҳанд.

Машғулиятҳо бо як гурӯҳчаи кӯдакони ҳамсол одатан дар вақти барои машғулиятҳо пешбинишудаи тартиби рӯз гузаронида мешаванд. Аммо баъзан мумкин аст ин машғулиятҳо (дар шакли бозиҳои дидактикӣ, мушоҳида, хондани адабиёти бадеӣ ва ғ.) дар соатҳои фаъолияти мустақилонаи кӯдакон гузаронида шаванд. Барои он ки бачаҳои аз машғулият озод аз маркази диққати педагог дур намонанд, машғулият дар як гурӯҳча набояд дер давом кунад. Ин ба куллӣ имконпазир аст, зеро

мураббия бо қисми хурди гурӯҳ машғулият мегузаронад ва аз ин рӯ мураббия имконият дорад супоришҳои программавиро дар муддати кутоҳ иҷро намояд.

Машғулиятҳо бо гурӯҳчаи кӯдакони ҳамсол аз рӯи мундариҷаю шакли ташкили бачагон ва методикаи таълим бо машғулиятҳои гурӯҳи кӯдакони ҳамсол якхелаанд. Лекин душвории педагог дар он аст, ки бо як гурӯҳча машғулият гузаронида, дар айни замон маҷбур аст фаъолияти мустақилонаи кӯдакони дигар гурӯҳчаҳоро назорат кунад.

Ташкили хуби коллективи кӯдакон, дар бачагон мавҷуд будани малакаҳои бозии мустақилона ва муносибати хуби байниҳамдигарӣ, инчунин аз тарафи педагог интихоб намудани вақту ҷои қулайи машғулият (зарур аст, ки бачаҳои боқимонда бо



Расми 30. «Ин пингвин — панҷум».

коре банд бошанд, оромона бозӣ кунанд ва ғ.) шарти ҳатмӣ ва омили муҳимми самаранокии ин гуна машғулиятҳо мебошанд. Машғулиятро дар қисми ороми хонаи гурӯҳ ё участкаи боғча, дуртар аз бачаҳои машғули бозӣ гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст.

Акнун конспектҳои намунавии машғулияти гурӯҳчаҳои кӯдакони ҳамсолро доир ба шиносӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқи онҳо дида мебароем.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲЧАИ КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ (АЗ 2—3 ТО 4-СОЛА)

*Шиносоӣ бо гулҳои участкаамон*

### Мундариҷаи программавӣ

Инкишоф додани тасаввуроти кӯдакон дар хусуси растаниҳои участкаи боғча: баъзеи онҳо дар алафзор меруянду баъзеи дигарашон — дар гулзор (онҳоро калонсолон мешинонанд, мекоранд); машқи гуфта додани номи ин гулҳо ва узвҳои онҳо (тана, барг, гул), аз рӯи ранг ва сохташон фарқ карда тавонистани онҳо; тарбияи шавқ ва муносибати эҳтиёткорона бо табиати зинда.

### Методика

Ташкили мушоҳида, саволу ҷавоб, нишондоду фаҳмондадиҳӣ дар рафти машғулият, истифодаи адабиёти бачагона.

### Рафти машғулият

Ба бачаҳо нишон додани қитъае, ки он ҷо алафу гулҳои зебо рӯидаанд.

Диққати бачаҳоро ба гули қоқу, ки ин ҷо хеле бисьёр аст, ҷалб карда, ёфта нишон додани онро талаб кардан.

Бо ҳамроҳии бачаҳо қоқуро муоина карда, баргу поя ва гули қоқу — телпаки онро нишон додан.

Ба яке аз кӯдакон таклиф мекунам, ки қоқуро канда, баргҳо, поя ва худи гулро нишон диҳад, чӣ хел будани рангашро гуфта диҳад (зард). Аниқ кардани он ки қоқу ва баъзе дигар гулҳо дар фасли баҳор, вақти гармии ҳаво пайдо мешаванд.

Ба назди гулзор омадан ва мушоҳида намудани гулҳо. Аз бачаҳо номи баъзе аз гулҳоро пурсидан. Баъзеи гулҳоро бурида, ба бачаҳо боз нишон додани танаю барг ва гули онҳо.

Дар хотима ба хотир овардани он ки имрӯз бачаҳо бо кадом гулҳо шинос шуданд, онҳо дар куҷо мерӯянд, хотирнишон кардан лозим аст, ки гулҳо участкаро ободу зебо мекунанд, одамон хурсанд мешаванд, гулҳоро беҳуда кандан мумкин нест.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲЧАИ КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ

*Бозии дидактикии «Саққочаро дар кафат пинҳон кун».*

**Супориши дидактикӣ:** Ташаккули тасаввуроти кӯдакон дар бораи бузургӣ (калонӣ, хурдӣ) ва рангҳои асосӣ (сурх, зард, кабуд, сабз) .**Супориш ва амали бозӣ:** бо-

зӣ бо саққоҳо, пинҳон кардану ёфтани онҳо, муайян кардани он ки кадом саққо калону кадомаш — хурд, рангаш чӣ хел аст. Қоидаи бозӣ: бо таклифи баранда (мураббия) амал кардан, яктогӣ саққоро ба даст гирифтан ва нигоҳ накарда калон ё хурд будани онро фаҳмидан. Материали бозӣ: ду хел саққо, дутогӣ барои ҳамаи кӯдакон, халтача, ду қуттии ҳархела.

### Рафти бозӣ

Мураббия қуттичаи (халтачаи) саққочадорро нишон дода, мепурсад, ки дар он ҷо чӣ ҳаст (саққоҳо).

Нишон медиҳад, ки дар қуттӣ бисьёр саққо ҳаст; ду саққоро ба даст мегирад ва бо кӯдакон аниқ мекунад, ки кадоме аз саққоҳо калону кадомаш хурд аст.

Бо таклифи мураббия бачаҳо аз қуттӣ (халта) яктогӣ саққо мегиранд, даст- даст карда мебинанд, ба педагог нишон медиҳанд, аз они кӣ калону аз они кӣ хурд буданашро мегӯянд. Ба бачаҳо таклиф мекунад, ки саққоҳои калонро, баъд саққоҳои майдаро 2-3 маротиба баланд бардоранд.

Педагог таклиф мекунад, ки саққоҳоро ба кафи дасташон пинҳон кунанд; баъд мепурсад: «Ҳамаатон саққоҳоро пинҳон кардед? Акнун мебинем — аз они кӣ дар каф пинҳон шудасту аз они кӣ — не.

Саққоҳоро ба халта меандозем — аввал хурдашро, баъд — калонашро. Ҳамаи саққоҳо пинҳон карда мешаванд.

Вова, нигоҳ накарда, аз халта саққоро барор ва гӯй, ки вай калон аст ё хурд. Ба бачаҳо саққои худро нишон деҳ. Ту дуруст гуфтӣ, ки саққо хурд аст. Акнун саққоро ба халта андоз, Наташа, ту ҳам омада саққоро ёб ва ғ.

Акнун ҳамаатон давра шавед ва дастонатонро ба пуштатон пинҳон кунед. Ман ба шумо чизеро медиҳам. Фаҳмед ва ба ман гӯед, ки ман чиро ба дасти шумо додам. Лекин нигоҳ накунед. Дуруст, саққо. Саққоҳоро боло бардоред. Бинед, шумоён чӣ қадар саққоҳои калону хурд доред. Саққои ту чӣ хел аст? Калон? Хурд?

Бачаҳо, нигоҳ кунед, ранги саққоҳоятон ҳархела аст. Ранги саққоҳои ту чӣ хел? Аз они ту чӣ? Дастатонро бардошта ба ман саққои сурхро нишон диҳед. Дастатонро фурореед. Акнун саққои сабзро нишон диҳед.

Акнун саққобозӣ мекунем. Саққоҳои сурхро ба қуттии сурх ва саққоҳои сабзро ба қуттии сабз мегузорем. Саққоҳои зардро ба кадом қуттӣ мегузорем? Дуруст, ба қуттии зард. Кабудашро чӣ? Саққоҳои кабудро ба қуттии кабуд мегузорем. Ман ҳозир ба рӯи хона чор гилемчаи ҳархела — сурх, сабз, кабуд, зардро паҳн мекунам. Ҳамаамон дар рӯи хона давр мезанем; ҳамин ки ман «Гилемчаатонро ёбед» гуфтам, ҳар кас ранги саққояш чӣ хел бошад, ба назди гилемчаи ҳамон ранг омада меистад. Офарин.

Боз як бори дигар такрор мекунем (ҷои гилемчаҳоро дигар мекунанд). Мана бозиамон ҳам тамом шуд. Биёед, саққоҳоро ғундорем: саққоҳои калонро ба қуттии калон ва саққоҳои хурдро ба қуттии хурд меандозем.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲЧАИ КӮДАКОНИ МИЁНСОЛ (4—5 СОЛА)

*Сӯҳбат дар бораи меҳнати доя*

### Мундариҷаи программавӣ

Ба кӯдакон ном ва номи падари дояро гирифта, муроҷиат карданро омӯхтан. Тасаввуроти бачагонро дар бораи кори доя мустаҳкам намудан: зарфҳои хӯрокхӯриро мешӯяд, хӯрокро оварда, тақсим карда медиҳад, чангро пок мекунад, фарши хонаро мешӯяд, рахти хоб меандозад ва ғ., бо рафту тартиби кори доя ҳангоми шустушӯи косаю табақ шинос намудан (аз боқимондаҳои хӯрок тоза кардани зарфҳо, дар оби гарм шустан ва дар тахти оби ҷӯш гузоштани онҳо ва ғ.; дар бачаҳо тарбия намудани ҳисси эҳтиром нисбат ба меҳнати доя, хоҳиши ба кори он ёрӣ расондан.

### Тайёрии машғулият

Сӯҳбат намудан бо доя, дидани тартиби ҷо ба ҷо гузошта шудани асбобу анҷоми он, хоҳиш намудан аз ӯ, ки ба бачаҳо шустушӯи зарфҳо ва дигар асбобу анҷоми хӯрокхӯриро нишон диҳад.

### Рафти машғулият

Машғулият баъди хӯроки пешин гузаронида мешавад. Аз бачаҳои гурӯҳчаи миёнсолон талаб кардан лозим, ки барои аз рӯи стол ғундоштани зарфу асобобҳои хӯрокхӯрӣ ба доя ёрӣ диҳанд. Дар ҳамин вақт бачаҳои калонсол ба бозӣ машғул мешаванд.

Ба бачаҳо барои ёриашон изҳори миннатдорӣ карда, онҳоро ба назди ҷевончаи доя овардан; аз доя илтимос кардани он, ки ба бачаҳо чизҳои дар ҷевон бударо гуфта диҳад (ҷорӯб, чалак, швабра, хокпарто, собун, сачоқ ва ғ.); аз бачаҳо пурсидани номи он чизҳо ва ба кӣ лозим будани онҳо (ба доя).

Ба назди бачаҳо таклиф намудани доя ва шунидани нақли онҳо дар бораи кори доя. Дар рафти сӯҳбат муайян намудани тасаввуроти бачаҳо дар бораи намудҳои гуногуни меҳнати доя. Тахминан чунин саволҳоро додан мумкин: «Косаю табақро кӣ мешӯяд? Доям мо боз чӣ кор мекунад? Чаро хонаи гурӯҳи мо

ҳамеша ин қадар тозаю хушрӯ?» (Доя ҳама чизро ҷо ба ҷо гузоштааст, фарши хонаро шустааст ва ғ.). Барои он ки хонаи гурӯҳ ҳамеша ботартиб бошад, бачаҳо бояд чӣ кор кунанд? (Чиркин накунанд, ҳар чиро напартоянд, ба қадри меҳнати доя расанд).

Баъди ин доя зарфҳои ғундшударо мешӯяд, бачаҳо кори онро мушоҳида мекунанд. Дар рафти мушоҳида ба бачаҳо таклиф карда мешавад, ки ба кори доя бо диққат нигоҳ кунанд, ёд гиранд; аз бачаҳо пурсидани номи ҳар амали доя; қайд кардани он ки кадом зарф тоза, сайқалдор, дилкаш мебошад.

Ба доя изҳори миннатдорӣ кардан ва гуфтани он ки бачаҳо минбаъд барои тоза намудани хонаи гурӯҳ ба доя ёрӣ диҳанд, хоҳишу супоришҳои онро ба ҷо оранд.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲЧАИ КӮДАКОНИ МИЁНСОЛ

### *Бозии дидактикии «Бӯрьёкӯбони лӯхтак Оля»*

Вазифаи дидактикӣ: васеъ ва мустаҳкам намудани тасаввуроти бачагон дар бораи мебель, косаю табақ, сарулибос, асбобҳои маишат, машқи муқоиса ва ба гурӯҳчудокунии предметҳо мувофиқи вазифаашон — мебели ошхона, хобгоҳ, зал ва ғ.; ёд додани аз рӯи тасвираш шинохта тавонистани предмет. В а з и ф а и б о з ӣ: оро додани хонаи лӯхтак Оля, ба меҳмонии он рафтан. А м а л и ё т и б о з ӣ: ҷустуҷӯи асбобу бозичаҳо барои хонаи лӯхтак, ёфтани чистон, ҷиҳозонидани хон. Қ о и д а ҳ о и б о з ӣ: ҷустуҷӯи предмету бозичаҳо дар хонаи гурӯҳ, ҳар як кӯдак дар яке аз хонаҳо предмети даркориро пайдо мекунад. Ҳар бор танҳо як предметро овардан мумкин; м а т е р и а л и б о з ӣ: чизҳо ва бозичаҳо, ки дар гирду атрофи хона гузошта шудаанд, лӯхтакҳо, столҳо.

### Р а ф т и б о з ӣ

Бачаҳо дар як тарафи хона болои курсиҳо менишинанд.

Садои тиқ-тиқи дар мебарояд—лӯхтак Оля ба меҳмонии бачаҳо омадааст. Мураббия бачаҳоро бо лӯхтак шинос мекунад ва аз ҷониби он бозиро сар мекунад. Ба лӯхтак Оля квартираи нав додаанд, ки аз ду хонаю як ошхона иборат аст; ӯ мехоҳад, ки бачаҳо барои ҷо ба ҷо гузоштани асбоби хона ёрӣ диҳанд.

Педагог ба кӯдакон мефаҳмонад, ки се столи дар назди девори хона истодагӣ, хонаҳои лӯхтак мебошанд. Акнун ҳал кардан лозим, ки хонаҳо чӣ хел истифода шаванд. Бачаҳо бояд муайян кунанд: «Оля дар кадом хона хӯрок мехӯрад, кадом хона ҷои хобаш мешавад, дар кадом хона хӯрок мепазад?» Мураббия бачаҳоро водор мекунад, ки онҳо ошхона, хонаи хӯрокхӯрӣ ва хонаи хобро гӯянд.

Мураббия бо бачаҳо дар он хусус сӯҳбат мекунад, ки барои ошхона, хонаҳои хобу хӯрокхӯрӣ чӣ чизҳо лозиманд. Дар рафти сӯҳбат баробари он ки бачаҳо номи ин ё он чизро мегӯянд, мураббия муваффақ мешавад, ки онҳо исмҳои ҷомеъ — мебель, зарф, либос, асбоби рӯзгор ва ғайраро гуфта тавонанд.

Мураббия бачаҳоро ба се гурӯҳ — нишастагони назди столи якум, столи дуюм ва столи сеюм тақсим мекунад ва мегӯяд, ки як гурӯҳ ошхонаро, гурӯҳи дигар хонаи хобро ва гурӯҳи сеюм хонаи хӯрокхӯриро меҷиҳозонанд. Таклиф мекунад, ки бачаҳо рафиқони ҳамкори худро хубтар шинохта гиранд ва онҳо бояд донанд, ки чизҳои кадом хонаро ҷо ба ҷо мегузоранд, баъд мегӯяд, ки ҳама чизҳои лозима дар хонаи гурӯҳ ҳастанд.

Педагог аз бачаҳо хоҳиш мекунад, ки хубтар кор кунанд, чизҳои даркориро ёфта, дар хонаҳои лӯхтак Оля чунон ҷо ба ҷо гузоранд, ки вай дар квартирааш бемалол, нағз зиндагӣ карда тавонад.

Мураббия аз кӯдакон нағз кор карданро хоҳиш мекунад ва супориш медиҳад, ки асбобу анҷомҳои ба ҳар се хона мувофиқро алоҳида-алоҳида кашонанд.

Бачагон ба кор шурӯъ мекунанд. Мураббия бо ҳамроҳии лӯхтак ҷиҳозонидани хонаҳоро мушоҳида мекунанд, дурустии интихобу ҷо ба ҷо гузоштани чизҳоро тафтиш мекунанд, барои пайдо намудани чизҳои даркорӣ ёрӣ медиҳанд, аз баъзе бачаҳо хоҳиш мекунад, ки ба Оля номи чизҳои овардагиашонро гӯянд (онҳоеро мепурсад, ки ба машқи иловагии гуфтани номи чизҳо ва калимаҳои ҷомеъ муҳтоҷанд), ба якдигар халал нарасонда, боғайрат кор карданро ёд медиҳад.

Баъди 6-8 дақиқа коргарон нишаста дам мегиранд. Мураббия аз номи лӯхтак ба бачаҳо миннатдорӣ мекунад ва хоҳиш мекунад нақл кунанд, ки кадом чизро ба кадом хона гузоштаанд, он чиз барои чӣ лозим аст ва он ба чӣ мансуб аст: ба мебель, зарф ва ғайра. (Бачаҳое ки хонаи мазкурро ҷиҳозонидаанд, ҷавоб медиҳанд).

Мураббия аз номи Оля корҳои анҷом додашударо ҷамъбаст мекунад: бори дигар чизҳои дар ошхона, хонаи хоб ва хонаи хӯрокхӯрӣ будаdo номбар мекунад, ба бачаҳо барои кори хубашон миннатдорӣ мекунад ва онҳоро ба буйрокӯбон даъват мекунад. Бачаҳо ба хонаи хӯрокхӯрии Оля наздиктар менишинанд.

Мураббия ба бачаҳо мегӯяд, ки Оля соҳибаи меҳмоннавоз аст ва кӯшидааст, ки меҳмонон зиқ нашаванд: ӯ мехоҳад бо онҳо бозӣ кунад, дар бораи чизҳо ва бозичаҳои дар хонааш буда чистонҳо гӯяд. Бачаҳо ҷавоб медиҳанд.

*Тамошои сурати «Колхози мо» ва сӯҳбат аз рӯи он сурат*

Мундариҷаи программавӣ

Мустаҳкам намудани дониши кӯдакон дар хусуси меҳнати колхозчиён дар рӯёндани ҳосил. Васеъ ва аниқ намудани дониши дар бораи ғунучини ҳосил доштаи онҳо. Дар бачаҳо тарбия намудани ҳисси эҳтиром нисбат ба меҳнати колхозчиён. Инкишоф додани захираи луғавии бачаҳо: ғунучини ҳосил, комбайн, комбайнчӣ, элеватор.

Методика

Додани саволҳо бо мақсади дар бачаҳо инкишоф додани тасаввурот дар бораи рӯёндани ғалла (ё пахта), нишон додани сурат, системаи саволҳо барои ошкор намудани мазмуни он, нақли хулосавии педагог аз рӯи сурат.

Тайёрии машғулият

Дида баромадани плани кор ва ба эътибор гирифтани он ки пештар доир ба шиносоии бачагони калонсол бо меҳнати колхозчиён чӣ гуна машғулиятҳо гузаронида шудаанд. Пешакӣ бо сурат шинос шудан, мундариҷаи он ва тартиби додани саволҳоро фикр карда баромадан. Суратро то саршавии машғулият бароварда мондан лозим, лекин онро пешакӣ ба бачаҳо нишон додан лозим нест.

Рафти машғулият

Педагог ба бачаҳои калонсол дар паси стол дуруст нишастанро таклиф мекунад ва машғулиятро тақрибан ба таври зерин оғоз мекунад: «Бачаҳо, мо ҳоло гуфтем, ки колхозчиён бисьёр гандум мерӯёнанд, ки аз он нони сафеду сиёҳ мепазанд. Мо чандин бор ба саҳрои колхоз рафта будем. Ба хотир оред, ки баҳорон дар вақти экскурсия, вақте ки барф об мешуду офтоб заминро гарм мекард, мо чиро дида будем? Дуруст, мо медонем, ки колхозчиён заминро тайёр мекарданд, шудгору сихмола мекарданд, баъд бо ёрии мошинҳои махсус гандум мекоштанд. Он мошинҳо чӣ ном дорад? (сеялка). Сеялкаҳо ҷӯяк мекарданд ва ба ҷӯякҳо донаро мерехтанд ва рӯи онро бо хок мепӯшониданд. Он вақт замин чӣ хел буд? Ҳа, сиёҳ. Донаи гандум сабзид, ба замин реша ронд, ба боло сабзида барг бароварда майса шуд. Саҳро чӣ шуд? Сабз. Сонӣ-чӣ? Дуруст. Поя пайдо шуду дар нӯги он — хӯшаҳо. Ҳар хӯша донаи бисьёр дорад. Ба хотир оред, ки сонӣ дар саҳрои колхозамон хӯшаҳои бисьёр

пайдо шуданд. Бале, қади гандумпоя аз қади шумоён ҳам баландтар шуд. Он вақт ранги хӯшаҳо чӣ гуна буд? (сабз). Донаҳои онҳо сахт буданд ё мулоим? (Мулоим). Он вақт гандумро пухтагӣ гуфтан мумкин буд? Гандумро кадом вақт пухтагӣ гуфтан мумкин? Дуруст. Хӯшаҳои гандуми пухтагӣ хушку тиллоранг ва донаҳои он сахт мешаванд. Ана он вақт (мо дар ин хусус ҳам гуфта будем) гандумро бо комбайн медараванд. Комбайнро кӣ меронад? Кӣ мегӯяд, ки ин мошини аҷоиб — комбайн чӣ корҳоро иҷро мекунад? Дуруст. Комбайн дар як вақт корҳои бисьёрро ба ҷо меорад: гандумро дарав мекунад, хӯшаҳои онро мегундорад, мекӯбад, донаро тоза мекунад ва охир ба мошин мерезад (бор мекунад). Комбайн ба колхозчиён ёрии калон мерасонад, онҳо ҳосилро зуд ғундошта мегиранд».

Педагог суратро нишон дода, аз бачаҳо мепурсад, ки дар он чӣ акс ёфтааст. Дар сурат саҳро ва гандуми пухтарасида кашида шудааст. Аз тарафи рост — гандуми даравидашуда. Дар сафи пеш марди комбенизонпӯше истодааст, ки китобчае дар даст дошта, ба саҳро нигоҳ мекунад (эҳтимол агроном бошад). Дар тарафи рости ӯ марди дигар (сардори бригада) дар назди мотоцикл истода, ба комбайни коркардаистода нигоҳ мекунад. Дар зинапояи комбайн дар зери соябон комбайнчӣ истодааст. Дар паҳлуи комбайн мошини боркаш ҳаракат мекунад, ки ба бордони он гандум мерезад. Дар кабина ронандаи мошин намоён аст. Дар тарафи чап, дуртар аз комбайн боз ду комбайни дигар намоён аст. Аз тарафи рости мошин боз ду мошини дигар акс ёфтаанд. Яке аз онҳо, ки наздиктар воқеъ аст, барои иваз кардани мошини аз гандум пуршуда тайёр мешавад. Мошини дигар, ки бордони пур аз гандуми он намоён аст, ба сӯи элеватор ҳаракат мекунад. Элеватор дар тарафи рост, дур аз саҳро акс ёфтааст.

Баъди 1-3 дақиқа тамошо кардани сурат педагог ва бачагон муҳокима мекунанд, ки дар сурат чиҳо кашида шудаанд ва ба ин сурат чӣ ном гузоштан мумкин аст: «Ҳосилғундорӣ», «Саҳрои колхоз», «Колхозчиён дар ғунучини гандум», «Кори аҳлона» ва ғ., баъд ба бачаҳо саволҳои ёрирасон медиҳад:

1. Суратро хубтар дидан ва тасвир кардани он: чӣ гуна саҳро акс ёфтааст? Дар маркази сурат расми киро кашидаанд? Комбайнро кӣ идора мекунад? Шахси дар катори пеш истода кист? Дар тарафи чапи комбайн чӣ намоён аст? Дар кунҷи ростчӣ? Ва ғайра.

2. Фаҳмидани мазмуни асосии сурат, ки дар он ғунучини аҳлонаи ҳосил акс ёфтааст, кӣ кадом корро ба ҷо меорад ва алоқамандии кори онҳо: дар ғундоштани ҳосил комбайнчиён, ронандаҳо, агроном, сардори бригада иштирок мекунанд. Онҳо чӣ тавр кор мекунанд: аҳлона ва ё ҳар кас ба таври худ? Барои чӣ ҳамаи онҳо ҳамроҳ кор мекунанд? Оё мумкин аст, ки ронандагон кори комбайнчиҳоро ба эътибор нагиранд? Агар ронандаҳо гандумро зуд бурда ба элеватор холӣ накунанд ва зуд

гашта наоянд, он гоҳ чӣ мешавад? Чаро сардори бригада (онро дар сурат нишон дода) мотоцикли худро тайёр карда мондааст? Чаро агроном дар даст дафтарча дорад? Бачаҳо, гӯед, ки колхозчиён дар ғунучин боз бо киҳо вобастаанд? Дуруст, бо одамоне ки дар элеватор кор мекунанд. Кӣ медонад, он ҷо ғалларо чӣ кор мекунанд? Бале, дар элеватор ғалларо нигоҳ медоранд, ба навъҳо ҷудо мекунанд, мехушконанд, хунук мекунанд, хуллас, нигоҳ медоранду эҳтиёт мекунанд.

Дар хотима мумкин аст дар хусуси рӯёндани ғалла нақли хулосавӣ карда шуда, таъкид гардад, ки ғунучини ҳосил хотимаи меҳнати зиёду душвори колхозчиён дар роҳи рӯёндани ғалла мебошад, меҳнати онҳо сазовори эҳтироми бузург аст, зеро онҳо барои хуб меҳнат кардан кӯшиш мекунанд, то ки дар шаҳру деҳот нон бисьёр бошад.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ БО БАЧАГОНИ ГУРӮҲИ КАЛОНСОЛОН

### *Бозии дидактикии «Выставкаи бозичаҳо»*

Вазифаи дидактикӣ: муайян намудани дониши бачагон дар бораи материалҳое, ки аз онҳо чизҳо ва бозичаҳо месозанд (чӯб, металл, пластмасса, резина). Машқи ба гурӯҳҳо тақсим намудани предметҳо аз рӯи вазифаашон, мустаҳкам намудани дониши кӯдакон дар бораи мафҳуми «выставка». Вазифаи бозӣ: ташкили выставка аз ҳар гуна чизҳо ва бозичаҳо. Амалиёти бозӣ: иҷрои вазифаи коргарон, экскурсоводҳо, ҷустуҷӯи чизҳо ва бозичаҳо, ҷиҳозонидани залҳо. Қоидаҳои бозӣ: дар хона ҷустуҷӯ намудани чизҳо ва бозичаҳо, аз ягон материал сохтани чизҳову бозичаҳо ва онҳоро ба ҷои таъиншуда оварда мондан, гирифтани фишка. Материали бозӣ ва таҷҳизот: чизҳо ва бозичаҳои аз материалҳои гуногун сохташуда, 4 дона стол, фишкаҳо, лӯхтакҳо.

### Рафти бозӣ

Суҳбат дар бораи выставка, дар шуури бачаҳо мустаҳкам намудани мафҳуми выставка (выставка ҷоест, ки дар он ҷо барои намоиш намунаҳои беҳтарини чизҳои гуногун: мебель, сарулибос, суратҳо, сабзавот, меваҳо, гулҳо ва монанди инҳоро мегузоранд).

Мураббия таклиф мекунад, ки аз материалҳои гуногун выставкаи бозичаҳо ва чизҳоро ташкил намоянд. Бо розигии бачаҳо мураббия роли директориро ба ӯҳда мегирад, бачаҳо — роли коргаронро.

Педагог ба бачаҳо бозичаҳо ва дигар чизҳои дар хонаи гурӯҳ бударо нишон дода мегӯяд, ки онҳо аз материалҳои гуногун сохта шудаанд (мошин аз металл, тӯб аз резина ва ғ.)

Баъд аз ин директор ба бачаҳо мегӯяд, ки дар выставка 4

зал мешавад (ба 4 стол, ки вазифаи залро адо мекунад, ишора мекунад). Дар яке аз залҳо — чизҳои чӯбин (ин ҷо манораи чӯбин истодааст), дар зали дигар — чизҳои резинӣ (мурғобии резинӣ) ва ғайра.

Директор мефаҳмонад, ки бачаҳои дар рӯбарӯи ҳар як стол нишастагӣ коргарони зали мазкур мебошанд. «Бинед ва дар хотир доред, ки бо кӣ кор мекунед ва кадом чизҳоро ғун кардан лозим».

Мураббия қоидаҳои бозиро (дар боло зикр шуда буд) мефаҳмонад ва мегӯяд, ки ба кор шурӯъ кунанд.

Баъди 10 дақиқа коргарони ҳамаи залҳо корро ба охир мерасонанд, фишкаҳоро мешуморанд ва муайян мекунанд, ки кӣ бештар чиз пайдо карда, ба зали худ овардааст.

Директор залҳоро давр мезанад ва аз бачаҳо хоҳиш мекунад, ки чизҳои пайдо кардагиашонро нишон диҳанд ва номи онҳоро гӯянд, бо ҳамроҳии коргарони ҳар зал дурустии интихоби чизҳоро тафтиш мекунад, зебову ботартиб ба ҷойҳояшон гузоштани онҳоро талаб мекунад.

Директор лӯхтакҳо — меҳмононро ба выставка даъват мекунад ва хоҳиш мекунад, ки ба онҳо залҳоро нишон диҳанд. Роли экскурсоводро дар ҳар зал кӯдаке ба ҷо меорад, ки бештар фишка гирифтааст. Баъди нишон додани 5-6 чиз экскурсовод иваз мешавад.

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ БО БАЧАГОНИ ГУРӮҲИ ТАЙЁРӢ

### *Сӯҳбат дар бораи нақлиёти шаҳр*

#### Мундариҷаи программавӣ

Муайян намудани тасаввуроти бачаҳо дар бораи нақлиёти шаҳр ва қоидаҳои истифодаи он (автобус). Машқи истифодаи донишҳои мавҷудаи бачаҳо. Тарбия намудани малакаи рафтори ҳалимона. Инкишофи захираи калимаҳо: мусофирон (пассажирҳо), истгоҳи автобус, маршрут.

#### Методика

Системаи саволҳо, нақли мураббия ва ба воқеаҳои он ҷалб намудани бачаҳо.

#### Рафти машғулият

Оғози сӯҳбат дар бораи нақлиёти шаҳр. Бо ҳамроҳии бачаҳо ба хотир овардани он ки вайҳо ҳаракати нақлиётро дар кӯчаҳои шаҳр дидаанд, нақлҳо шунидаанд, расми автомошину самолётро кашидаанд ва ғ. Аз бачаҳо пурсидани он ки дар шаҳ-

ри калон одамон кадом хели нақлиётро истифода мекунанд, ба кор, ба институт, магазин, театр, боғи истироҳати маданият ва ғ. ба чӣ савор шуда мераванд (автобус, троллейбус, трамвай, таксӣ, дар Москва, Ленинград, Киев ва баъзе дигар шаҳрҳо — метро), онҳо дар кучо ба нақлиёт савор мешаванду дар кучо мефуроянд (дар истгоҳ), онҳо ба чои даркорӣ бо кадом хели нақлиёт рафтанашонро чӣ тавр муайян мекунанд (нақлиёт маршрути муайян, истгоҳҳои аввалин, мобайнӣ ва охирин дорад). Фаҳмондани он ки маршрут — ин қитъаи роҳест, ки нақлиёт аз истгоҳи аввалин то истгоҳи охирин меравад.

Нақли мураббия дар мавзӯи «Бибикалон ба Москва омад».

Як бибикалоне дар деҳа, дар колхоз зиндагӣ мекард; вай чандин сол инчониб ба шаҳри калон сафар накарда буд. Вай ба Москва, ба меҳмонии духтараш омада, вале аз омаданаш хабар надодааст, бинобар ин ӯро ҳеч кас пешвоз нагирифт. «Акнун ман чӣ тавр ба назди духтарам меравам» — фикр мекард бибикалон. Вай ба назди як пионере омада, пурсид: «Писарам, дар шаҳри шумо чӣ хел нақлиёт ҳаст?»

Агар бибикалон аз шумоён мепурсид, чӣ чавоб медодед? (Чавобҳо).

Бибикалон ба бача ташаккур гуфта, боз пурсид, ки ба назди духтараш бо кадом нақлиёт рафтан беҳтар аст. Бача, пеш аз он ки ба саволи бибикалон чавоб диҳад, аз ӯ пурсид, ки...

Канӣ гӯед-чӣ, вай чиро пурсид? Бача аввал адреси хонаи духтари бибикалонро фаҳмида гирифт. Маълум шуд, ки бача пеш дар он кӯча будааст ва медонистааст, ки ба он чо бо метро ё автобус рафтан мумкин аст. Бибикалон бо метро рафтанро нахост, бинобар ин бача ба ӯ роҳи бо автобус рафтанро фаҳмонда дод.

Фикр кунед ва гӯед, ки барои он ки бибикалон ба чои ношинос роҳро ёфта равад, бача ба ӯ чӣ бояд гӯяд. (Чавобҳо: «Номи истгоҳи автобусе, ки бибикалон бояд савор шавад, рақами автобус ва номи истгоҳе, ки бояд бибикалон он чо фуроял»).

Бача бибикалонро ба истгоҳ бурд, то омадани автобуси даркорӣ он чо истод ва барои савор шудани он ёрӣ дод.

Бибикалон ба бача ташаккур гуфт, духтарчае аз чояш хеста, ба он чо бибикалонро шинонд.

Баъд... Канӣ кӣ мегӯяд, ки сонӣ бибикалон ва ҳамаи ба автобус савор шудагон чӣ кор карданд? Дуруст, пулро ба касса андохт (нархи билети автобус чанд пул аст?) Бибикалон кӯчаҳои автобус рафтаистодаро тамоман намедонист. Вай истгоҳи худро чӣ тавр фаҳмид?

Дуруст, ронанда истгоҳҳоро эълон менамуд. Ғайр аз ин бибикалон метавонист аз дигарон пурсад.

Бибикалон аз автобус фуромад. Баъд вай аз одамони дар истгоҳ буда пурсид, ки...

Ба фикри ту бибикалон чиро пурсид ва барои он ки хонаи духтарашро ёбад, вай бояд чӣ гӯяд.

Бале, адресашро — номи кӯча, рақами ҳавлӣ, подъезд ва хонаро.

Ана, ҳамин тавр бибикалон бо ёрии бача ва дигар одамон хонаи духтарашро ёфт. Вай ба назди духтараш омад. Ҳама аз омадани ӯ хурсанд буданд. Рӯзи дигар ӯ ҳамроҳи духтараш Москваро тамошо кард. Вай дид, ки Москва чӣ хел шаҳри калону зебо будааст. Москва ба бибикалон хеле маъқул шуд».

## КОНСПЕКТИ МАШҒУЛИЯТ БО БАЧАГОНИ ГУРӮҲИ ТАЙЁРӢ

### *Бозии дидактикии «ҚВН-и бачаҳо»*

Вазифаи дидактикӣ: васеъ ва мустаҳкам намудани дониши бачаҳо дар бораи касбҳо, амалиёти меҳнатӣ ва олоти меҳнат, тарбия намудани муташаккилӣ ва мураттабии амалиёт. Вазифаи бозӣ: дар мусобиқа ғалаба кардан, бештар хол гирифтан, ба номи «командаи ғолиб» соҳиб шудан. Амалиёти бозӣ: намудҳои гуногуни мусобиқа — кӣ зиёдтар, тезтар ва дурусттар иҷро мекунад, ҷавоб медиҳад. Қоидаҳои умумии бозӣ: баробари шунидани фармони роҳбари бозӣ, супоришҳоро дуруст, зуд, муташаккилона, мустақилона иҷро кардан. Материали бозӣ ва таҷҳизот: нишонаҳо барои капитанҳои командаҳо ва барои лавҳа — табло; фишкаҳои мудаввар ва розеткаи фишкаҳо, байрақчаҳо барои шуморидани холҳо, лавҳа — табло барои ҷамъбасти бозӣ, хелҳои гуногуни суратчаҳо аз бозии «Модарони мо, падарони мо» (М., 1966).

### Рафти бозӣ

Мураббия муайян мекунад, ки оё бачаҳо чӣ будани ҚВН-ро медонанд, онҳо намоишҳоро аз телевизион тамошо кардаанд ва таклиф мекунад, ки ба бозии «ҚВН»-и бачаҳо иштирок намоянд. Бачаҳо ба ду команда ҷудо карда мешаванд. Мураббия таклиф мекунад, ки капитанҳо ва барандаи бозӣ интихоб кунанд. Боз таклиф мекунад, ки ҳар як команда маслиҳат карда, ба вазифаи капитанӣ бачаҳои доною чобук ва зираку ташкилотчиро интихоб намоянд. Капитанҳо ба командаҳои худ ном, нишона интихоб карда, нишонаро ба сари синаи худ ва лавҳа — таблои команда маҳкам мекунанд. Мураббия бо маслиҳати бачаҳо роли барандаро ба зиммаи худ мегирад. Баранда хотиррасон мекунад, ки супоришҳоро дуруст, зуд ва фаъолона иҷро намоянд, танҳо бо амри баранда амал кунанд. Барои иҷрои супориш ба бачаҳо фишка медиҳанд; командае, ки ба миқдори зиёди фишка соҳиб шудааст, се хол дода мешавад, ба

дигараш — ду хол. Қапитанҳо мувофиқи миқдори холҳо ба лавҳа—таблои худ байрақчаи сурх мегузоранд. Командае, ки бештар фишка гирифтааст, ғолиби мусобиқа ҳисобида мешавад.

*Супориши якум:* «Кӣ зиёдтар номи касби калонсолонро медонад. Ба командаҳо таклиф карда мешавад, фикр карда, ба хотир оваранд, ки калонсолон кадом вазифаҳоро ба ҷо меоранд (якҷоя фикр кардан, оҳиста-оҳиста гуфтугӯ кардан, бо аъзоёни командаи худ маслиҳат кардан мумкин аст). Баъди фосилаи начандон калон (1-2 дақиқа) баранда, аз капитан сар карда, ба назди 2-3 аъзои ҳар команда омада, талаб мекунад, ки ба савол ҷавоб диҳанд. Барои ҳар як ҷавоби дуруст вай якто фишка медиҳад. Гашта омада, боз ду-се касро аз ҳар команда (аз охири қатор сар карда) мепурсад. Баъд бачаҳои дар мобайн нишастаро пурсидан мумкин аст (дар мусобиқаҳо муҳим аст, ки барои ҳамаи командаҳо барои ғолиб омадан имконияти якхела ба вуҷуд оварда шавад ва фаъолияти бачаҳо ҳарчи баландтар бошад).

Қоидаҳо: ҷавоби бачаҳоро бодиққат гӯш кардан, номи қасбҳоро такрор накардан, бо таклифи баранда зуд ҷавоб гардондан, халал нарасондан, гуфта надодан.

Дар хотир фишкаҳоро мешуморанд ва хол медиҳанд.

Супориши дуюм: эстафетаи «барои кор ба кӣ чӣ лозим аст».

Мураббия мегӯяд, ки бачаҳо номи касбу кори бисьёр калонсолонро гуфта доданд: «Оё медонед, ки ба одамони касбу корашон гуногун чиҳо лозиманд?» Ҳоло месанҷем. Ин супориши дуюм аст. Дар болои столи ҳар як команда карточкаҳои калон гузошта шудаанд, ки дар онҳо одамони касбу корашон гуногун акс ёфтаанд. (Нишон медиҳад). Ин кист? (Муаллим). Инаш кист? (Оташхомӯшкун). Ба ҳар команда сетоги карточка дода мешавад. Боз дар рӯи стол карточкаҳои майда ҳастанд, ки дар онҳо расми олотҳои гуногуни меҳнат, асбобу анҷом кашида шудаанд. (Нишон медиҳад, номашонро мегӯяд). Бо амри ман: «як, ду, се — сар кунед!» Қапитанҳои команда ба назди стол меоянд, яке аз карточкаҳои калонро ба даст мегиранд, онро ба аъзоёни команда нишон медиҳанд, ба тарафи чапи стол мегузоранд ва ба ҷои худашон мешинанд. Баъди ин яке аз аъзоёни команда аз ҷой мехезад, зуд ба назди стол меояд, карточкаи расми олоти дахлдори меҳнатро ёфта, ба назди картаи калоне, ки дар он сурати одами касби мазкур кашида шудааст, мегузорад. Вақте ки ин иштирокчӣ ба ҷои худ мешинад, дигараш аз ҷо мехезад ва ғ. Он командае ғолиб мегардад, ки бештар ва дурусттар карточкаҳои майдаро ба назди карточкаҳои калон мегузорад.

Қоидаҳо: ҳар дафъа танҳо яктогӣ карточкаи хурдро гирифтан мумкин, ба иҷрои вазифа танҳо баъди ба ҷои худ нишастани шахси аввал карточка гирифтагӣ иҷозат аст».

Супориши сеюм: «Қанӣ, бигӯй, ки мо чӣ кор мекунем?»

Баранда ба ҳар як команда таклиф мекунад, ки маслиҳат карда, ягон касберо интихоб намоянд, амалиёти хоси одамони ҳамин касбро нишон диҳанд. Як команда нишон медиҳад, дигараш муайян мекунад, номи амалиёти нишон додашударо ва номи ҳамин касбро мегӯяд. Баъд аз он командаи дигар нишон медиҳад. Фишкаро ҳам барои ҷавоби дуруст, ҳам барои нишон додани дуруст додан мумкин.

Қоидаҳо: якҷоя маслиҳат кардан ва якҷоя нишон додани амалиёт; дуруст иҷро кардани амалиёт, то ки фаҳмидани он осон гардад; ҳама корро хомӯшона, ба якдигар халал нарасонда иҷро кардан.

Супориши чорум: «Ба калонсолон ёрӣ медиҳем».

Баранда мегӯяд: «То ҳол мо дар бораи меҳнати калонсолон ва дар бораи ёрии бачаҳо гап мезадем. Қанӣ, бинем, шумо чӣ тавр иҷро мекунед. Супориши нав: «Тайёр кардани стол барои хӯрокхӯрӣ». Командаҳо бояд ду нафар навбатчӣ ҷудо кунанд, ки онҳо барои хӯроки чор нафар столро тайёр кунанд.

Қоидаҳо: ба болои стол чизҳои заруриро зуд ва зебо мондан, аъзоҳои команда набояд ба кори навбатчиҳо халал расонанд ё ёрӣ диҳанд.

Навбатчиҳо ба назди столи ошхона[1] омада меистанд ва баробари фармони «бачаҳо, сар ку-нед!» ба кор шурӯъ мекунанд. Капитанҳо бо ҳамроҳии баранда иҷрои супоришҳоро тафтиш мекунанд, аз рӯи дурустӣ, зудӣ ва зебогии ороиши стол ба он баҳо медиҳанд. Дар вақти баҳогузорӣ ба ҳар як нишондиҳанда як фишка дода мешавад.

Ҷамъбасти умумӣ: капитанҳо ва баранда холҳои ҳар як командаро мешуморанд. Командае ки бештар хол гирифта аст, ғолиби мусобиқа ҳисоб меёбад. Онҳо даври фахриро ба ҷо меоранд, дигарон ғолибонро табрик мекунанд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА БАПЛАНГИРИИ МАШҒУЛИЯТ ДАР ГУРӮҲИ ГУНОГУНСИН

Шарти муҳими самарабахшии машғулиятҳои гуногун дар гурӯҳи омехта он аст, ки педагог корро моҳирона ба план гирад, вазифаҳои дидактикӣ, мундариҷаи программавӣ ва методи омӯзишро мувофиқи талаботи пайдарпаӣ, муттасилӣ, тадриҷан мураккаб намудани материал ва ғайра муайян намояд. Масъ-

[1] Дар болои столи ошхона асбоби хӯроки нисфирӯзӣ тайёр карда шудааст (ҳар як стол—барои панҷ нафар); лаълиҳои дарунчуқуру нимчуқур, стаканҳо ва лаъличаҳо, зарфи нон, зарф барои дастпоккун, қошуқҳои калону хурд, вилкаҳо, дастурхон, инчунин пешбанд ва сарпӯшчаҳо барои навбатчиҳо.

алаҳои асосиеро, ки бо хусусиятҳои хоси баплангирии машғулияти бачагони гуногунсин вобастаанд, мо дар фаслҳои боло, дар ҳангоми тавсифи асосҳои дидактикӣ ва методикаи гузаронидани машғулият дида баромадаем. Мураббия дар вақти тартиб додани план бояд ҳамон тавсияҳоро ба эътибор гирад, ки планҳои перспективӣ ва календариро дар асоси талаботи адабиёти методии мавҷуда тартиб диҳад.[1]

Чунон ки мушоҳидаи корҳои амалӣ нишон медиҳад, дар план инъикос намудани номгӯй ва миқдори машғулиятҳо дар давоми як рӯз ё як ҳафта, бо тартибу навбати муайян гузаронидани онҳо барои мураббии гурӯҳи бачаҳои гуногунсин кори басо душворест. Душворӣ дар он аст, ки миқдору ҳаҷми машғулиятҳо барои бачаҳои синни гуногун ҳархела аст. Бинобар ин кӯшиши мураббиҳои гурӯҳҳои омехта дар роҳи пурра риоя кардани талаботи программа на ҳамеша ҷомаи амал мепӯшад. Дар баъзе мавридҳо зарурате ба миён меояд, ки тартиботи ҷорибуда вайрон карда шуда, талаботи мавҷуда тағьир дода шавад, он ба шароити конкретии дар як гурӯҳ тарбия ёфтани бачаҳои синну соли гуногун мутобиқ карда шавад.

Чӣ бояд кард, то ки талаботи умумии баплангирӣ ва гузаронидани машғулиятҳо бо хусусияти гурӯҳи кӯдакони гуногунсин вобаста пеш бурда шавад? Чиро тағьир додан имконпазир ва мувофиқи мақсад аст? Дар кадом маврид талаботи программавиро пурра риоя кардан лозим аст?

**Дар мавриди баплангирӣ ва ташкили машғулиятҳо дар гурӯҳи гуногунсин педагог бояд пеш аз ҳама номгӯй ва тартибу миқдори машғулиятҳои якҳафтаинаро, ки дар программа барои кӯдакони ҳар як синнусол муқаррар карда шудааст, риоя кунад.** Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳар ҳафта бо ҳамаи гурӯҳчаҳои синну соли гуногун мувофиқи ҳамаи фаслҳои таълим машғулият гузаронида шавад (бо муҳити атроф шинос намудани кӯдакон ва инкишофи нутқи онҳо, инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ, расмкашӣ, сохтани чизҳои гуногун, часпонидан — аппликация, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва мусиқӣ).

Барои ба амал татбиқ намудани дигар нишондодҳои муҳими педагогикаи томактабӣ низ кӯшиш кардан зарур аст: *риоя кардани вақти гузаронидани машғулиятҳо* (пагоҳӣ ё бегоҳӣ), *тартиби гузаронидани онҳо* (кадомаш аввалу кадомаш сонӣ), *дар вобастагӣ бо хусусияти вазифаҳои фикрӣ ва фаъолияти кӯдакон гузаронидани машғулиятҳо ва ғайра.*

Дар айни замон зарур аст, ки ҳафтаи кории шашрӯза ба назари эътибор гирифта шуда, барои рӯзи шанбе низ машғулиятҳо пешбинӣ карда шаванд. Сабаби ин, пеш аз ҳама дар он аст, ки гурӯҳҳои омехта, бештар дар муассисаҳои камкомп-

---

[1] Ниг. «Нишондодҳои методии программаи тарбия дар боғчаи бачагон». М., 1975 ва ғ.

лекти қишлоқчойҳо мавҷуданд ва аз ин рӯ, одатан ҳамаи бачагон ба боғча меоянд, зеро падару модарони онҳо рӯзи шанбе кор мекунанд. Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, машғулиятҳои шанбегӣ боз аз он сабаб заруранд, ки дар мавриди дар гурӯҳҳои гуногунсин гузаронидани машғулиятҳои яквақта ба педагог бештар муяссар намешавад, ки дар зарфи панҷ рӯз томактабиёни калонсол программаро пурра аз худ кунанд. Дар рӯзи шанбе гузаронидани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, инчунин инкишофи фаъолияти тасвирии бачагонро пешбинӣ кардан мумкин аст. Мақсад аз ин машғулиятҳо — давом додани машқҳо баҳри инкишофи малака ва маҳорати кӯдакон. Агар педагог вазифаҳои якҳафтаинаи тарбиявию таълимиро дар 5 рӯз иҷро карда тавонад, машғулиятҳои шанбегиро нагузаронад ҳам мешавад.

## БАПЛАНГИРИИ МАШҒУЛИЯТҲО БО СЕ ГУРӮҲЧА

Акнун хусусиятҳои баплангирии машғулиятҳоро дар гурӯҳҳое, ки дар онҳо ҳайати кӯдакон хеле типикианд, дида мебароем.

Дар гурӯҳҳои омехта, ки дар онҳо кӯдакони 4-5 синну сол (аз 2-3 то 7-сола) тарбия меёбанд, барои бомуваффақият гузаштани машғулиятҳои таълимӣ, бачаҳоро аз рӯи синну солашон ба 3 гурӯҳча тақсим кардан зарур аст. Аз рӯи миқдори бачагони ин ё он синнусол гурӯҳчаҳо гуногун мешаванд:

1) гурӯҳчаи хурдсолон (аз 2-3 то 4-сола); гурӯҳчаи миёнсолон (аз 4 то 6-сола) ва гурӯҳчаи калонсолон (аз 6 то 7-сола)

2) гурӯҳчаи хурдсолон (аз 2-3 то 4 сола), гурӯҳчаи миёнсолон (аз 4 то 5-сола), гурӯҳчаи калонсолон (аз 5 то 7-сола);

3) гурӯҳчаи хурдсолон (аз 3 то 4-сола), гурӯҳчаи миёнсолон (аз 4 то 6-сола) ва гурӯҳчаи калонсолон (аз 6 то 7-сола).

Дар варианти якуми ҳайати кӯдакон баплангирӣ душвориҳо дорад. Ин сабаб дорад. Ду гурӯҳчаи аввал хурдсолону миёнсолон (аз ҷиҳати синнусол омехтаанд ва аз ин рӯ ба мураббия лозим меояд, ки хусусияти ҳар як соли ҳаёти кӯдакро ба ҳисоб гирад) масалан, барои кӯдакони соли панҷуми ҳаёт дар як ҳафта 11 машғулият ва барои кӯдакони соли шашуми ҳаёт 14 машғулият пешбинӣ шудааст. Дар варианти дуюм ҳам гурӯҳчаҳои омехта (хурд, калон) мавҷуданд, вале баплангирӣ нисбатан осонтар аст, зеро барои бачагони ин ҳар ду гурӯҳча миқдори соатҳои машғулияти ҳафтаина як хел аст. (11 машғулият барои кӯдакони аз 2 то 3-сола ва аз 3 то 4-сола ва 14 машғулият барои кӯдакони аз 5 то 6-сола ва аз 6 то 7-сола). Дар ҳолати дар гурӯҳ мавҷуд будани гурӯҳчаҳои кӯдакони синнашон якхела машғулият пурра, мувофиқи талаботи программа барои бачагони ҳар як соли ҳаёт ба план гирифта мешавад.

Чунон ки мебинем, дар ҳолати чунин тақсимоти машғули-

Ҷадвали 1.

**Тақсимоти тахминии ҳафтаинаи машғулиятҳо дар гурӯҳи гуногунсини дорои гурӯҳчаҳо (варианти якум)**

| Тартиби машғулиятҳо дар давоми рӯз | номгӯи машғулиятҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | рӯзи 1-ум | рӯзи 2-юм | рӯзи 3-юм | рӯзи 4-ум | рӯзи 5-ум | рӯзи 6-ум |
| Машғулияти якуми пагоҳӣ. | Шиносоӣ бо муҳити атроф, инкишофи нутқ. Бо ҳамаи кӯдакон. | Инкишофи нутқ, тайёрии омӯхтани алифбо. Бо кӯдакони 6—7-сола. | Расмкашӣ. Бо ҳамаи кӯдакон. | Инкишофи тасавvуроти оддии математикӣ. Бо кӯдакони 3—7-сола. | Шиносоӣ бо муҳити атроф. Инкишофи нутқ. Бо ҳамаи кӯдакон. | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо ҳамаи кӯдакон. |
| Машғулияти дуюми пагоҳӣ. | Аппликация ё сохтан. Бо кӯдакони 5—6-сола. Инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ. Бо кӯдакони 6—7-сола. | Часпонда сохтан. Бо ҳамаи кӯдакон. | Шиносоӣ бо муҳити атроф, инкишофи нутқ. Бо кӯдакони 4—7-сола. | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо кӯдакони 5—7-сола. | Аппликация ё сохтан. Бо кӯдакони 5—7-сола. | Расмкашӣ. Бо кӯдакони 5—7-сола. |
| Машғулияти сеюми пагоҳӣ. | | Мусиқӣ. Бо кӯдакони 5—7-сола. | | | Мусиқӣ. Бо кӯдакони 5—7-сола. | |
| Як машғулият бегоҳӣ | Аппликация ё сохтан. Бо кӯдакони 2—5-сола. | Мусиқӣ. Бо кӯдакони 2—5-сола. | Шиносоӣ бо муҳити атроф, инкишофи нутқ. Бо кӯдакони 2—4-сола. | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо кӯдакони 2—5-сола. | Мусиқӣ. Бо кӯдакони 2—5-сола. | |

ятҳо ҳамаи фаслҳои омӯзиш (инкишофи нутқи бачагон ва шиносоӣ бо муҳити атроф, инкишофи тасаввуроти математикӣ, расмкашӣ ва ғ.) фаро гирифта мешавад.

Барои ҳамаи бачаҳои аз 3 то 7-сола, ба мисли боғчаҳои муқаррарӣ, миқдори якрӯзинаи машғулиятҳо нигоҳ дошта мешавад; барои бачаҳои аз 2 то 3-сола 10 машғулият (ба ҷои 11) пешбинӣ шудааст. Кам шудани як машғулият дар давоми ҳафта, чунон ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ҷоиз аст ва ба иҷрои мундариҷаи программавии омӯзиш халал намерасонанд, зеро дар шароити гурӯҳи омехта хурдтаракон дар натиҷаи муносибати бевоситаашон бо бачаҳои калонсол беҳтар инкишоф меёбанд (назар ба ҳамсолонашон, ки дар гурӯҳҳои яксиннаи боғчаи бачагон тарбия мегиранд), дар мавриди зарурӣ бо онҳо ба таври иловагӣ сайру гашт, бозии дидактикӣ ё ҳаракатдор (дар вақти бозиҳои мустақилона) гузаронидан мумкин аст.

Тавсияҳои программавӣ доир ба вақти гузаронидани машғулиятҳо чӣ тавр ба амал бароварда мешаванд? Дар гурӯҳи якуми хурдсолон (аз 2 то 3-сола) аз 10 машғулият 5-тоаш пагоҳӣ ва 5-тои дигараш бегоҳӣ гузаронда мешавад. Дар гурӯҳи миёнсолон (ба кӯдакони аз 3 то 4-сола ва аз 4 то 5-сола) 7 машғулият пагоҳӣ ва 4 машғулият бегоҳӣ гузаронида мешавад. Дар гурӯҳи калонсолон (аз 6 то 7-сола) ҳамаи машғулиятҳои пагоҳӣ мегузаранд.

Умуман дар схемаи намунавии овардашуда ҳамаи талаботи оид ба вақти гузаронидани машғулиятҳо риоя карда шудааст: машғулиятҳо бо кӯдакони 3-4-сола ҳам пагоҳию ҳам бегоҳӣ баргузор мегардад, бо кӯдакони 5-7-сола — танҳо пагоҳирӯзӣ. Танҳо дар як маврид дар тавсиянома тафовут ҳаст: бо кӯдакони панҷсола машғулиятҳои бегоҳирӯзӣ гузаронда мешавад — дар давоми ҳафта бо онҳо гузаронидани 3-4 машғулият (бо ҳамроҳии кӯдакони хурдсол) имконпазир ва айни муддаост — ин аз зиёд карда шудани шумораи машғулиятҳои сеюми пагоҳирӯзӣ беҳтар аст. Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, машғулияти сеюми рӯзона дар гурӯҳи омехта хуб нест, зеро кӯдакони аз ин машғулият озод аз диққату назорати мураббия берун мемонанд ва аз ин режими онҳо вайрон мешавад (аз сайру гашт дер мемонанд).

Машғулияти сеюмро ба мусиқӣ бахшидан мумкин аст: ин машғулиятро дар гурӯҳча роҳбари мусиқӣ мегузаронад. Вақте ки ӯ бо кӯдакони калонсол (аз 5 то 7-сола) машғулият мегузаронад, мураббия метавонад ҳамроҳи хурдсолон бошад ва мувофиқи режим онҳоро ба сайру гашт барад. Дар ин маврид мураббия метавонад ҳар ҳафта дар машғулияти дуюми мусиқӣ иштирок кунад ва ба фаъолияти бачаҳо роҳбарӣ намояд.

Баплангирии машғулияти бегоҳирӯзии кӯдакони 5-7-сола мувофиқи мақсад нест. Дар ин маврид мураббия водор аст бегоҳирӯзӣ бо кӯдакони хурду калон на як, балки ду машғулият гузаронад. Мураббия дар ин вақти хеле муҳими рӯз, азбаски бо-

як гурӯҳи кӯдакон машғул аст, ба фаъолияти мустақилона ва бозии дигар бачаҳо роҳбарӣ карда наметавонад.

Дуруст пешбинӣ кардани машғулиятҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки тарз ва соати гузаронида шудану иваз кардани онҳоро мураббия дар давоми рӯз ва ҳафта пешакӣ муайян месозад. Дар айни ҳол, аз як тараф, кӯшиш кардан лозим, ки тавсияҳои умумӣ дар хусуси оид ба аввал гузаронидани машғулиятҳои бо фаъолияти фикрӣ вобаста (тайёрӣ ба саводомӯзӣ, математика), баъд — машғулиятҳои амалӣ (расмкашӣ, сохтани ҳар гуна чизҳо) ё мусиқию бозӣ иҷро карда шаванд ва аз тарафи дигар, бояд талаботе, ки ба гузаронидани машғулиятҳои гурӯҳҳои омехта пешниҳод карда мешавад, ба ҳисоб гирифта шуда, аввал бо тамоми гурӯҳ машғулиятҳои умумӣ гузаронида шавад, баъд бо гурӯҳчаҳо чунин машғулиятҳое гузаронда шаванд, ки дар программа барои синнусоли гуногун пешбинӣ шудаанд.

Дар схемаи мо (таблицаи 1) ҳалли ин масъала чунин аст:

Ҳар ҳафта пагоҳирӯзӣ барои ҳамаи кӯдакони аз 2 то 7-сола 4 машғулияти аввалин гузаронда мешавад (2 машғулият ба шиносоии муҳити атроф ва инкишофи нутқ, як машғулият ба расмкашӣ ва ғ., як машғулият ба тарбияи ҷисмонӣ бахшида мешавад). Бо кӯдакони аз 3 то 7-сола дар давоми ҳафта гузаронидани як машғулият оид ба ташаккули тасаввуроти математикӣ ва барои кӯдакони 6-7-сола як машғулият оид ба инкишофи нутқ ва тайёрӣ бо саводомӯзӣ пешбинӣ карда мешавад.

Ҳар ҳафта барои кӯдакони 5-7-сола 4 машғулияти дуюмини пагоҳирӯзӣ оид ба математика, аппликация, асбобсозӣ, расмкашӣ, тарбияи ҷисмонӣ гузаронда мешавад; инчунин як машғулият бо кӯдакони 4-7-сола оид ба инкишофи нутқ ва шиносоӣ бо муҳити атроф ва боз як машғулият — бо ҳамаи бачаҳо оид ба сохтани чизҳои гуногун гузаронда мешавад.

Ҳар ҳафта бо кӯдакони 5-7-сола ду машғулияти пагоҳирӯзии мусиқӣ гузаронида мешавад.

Машғулиятҳои бегоҳирӯзӣ, чунон ки зикри он дар боло буд, танҳо барои кӯдакони аз 2-3 то 5-сола пешбинӣ шудаанд: як маротиба фақат бо хурдсолони 2-4-сола (шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ) ва 4 маротиба бо кӯдакони аз 2 то 5-сола (аппликация ва асбобсозӣ, тарбияи ҷисмонӣ, мусиқӣ —2 машғулият).

Ба ҳамин тариқ, дар чунин гурӯҳ дар як ҳафта 19 машғулият, аз он ҷумла 3 руз — сетогӣ, 2 рӯз — чортогӣ ва 1 рӯз (шанбе) ду машғулият пешбинӣ шудааст.

Номгӯй ва хусусияти машғулиятҳо дар баъзе шароитҳои конкретӣ метавонанд тағьир ёбанд. Вале ҳангоми интихоб ва тартиби гузарондани машғулиятҳо дар чунин гурӯҳҳои кӯдакони синнусоли гуногун ба баъзе дигаргуниҳои зарурии тавсияҳои анъанавӣ аҳамият додан зарур аст.

Чунончи, баъзан мумкин аст ба ҷои машғулиятҳои умумие,

ки одатан бо ҳамаи кӯдакон гузаронда мешаванд, танҳо барои кӯдакони калонсол пешбинӣ карда шаванд. Кӯдакони хурдсол бошанд дар ин вақт бозиҳои худро, ки баъди ноништа сар кардаанд, давом медиҳанд. Дар ин рӯзҳо машғулияти дуюм барои тамоми гурӯҳ гузаронда мешавад. Ҷорӣ намудани чунин тартиби баъзе машғулиятҳо барои гурӯҳҳои омехта мувофиқи мақсад аст: ин ба мураббия имкон медиҳад, ки барои кӯдакони калонсол материали нав ва душвортарро дар машғулияти аввал гузарад. Ин боз аз он сабаб муҳим аст, ки кӯшиши ҳамеша аввал гузарондани машғулиятҳои умумӣ ногузир боиси интихоби материалҳои барои хурдсолон ҳам аз ҷиҳати мазмуну ҳам аз ҷиҳати шакл осонтару фаҳмотар мегардад. Кӯдакони калонсол бошанд, дар ин ҳолат одатан маҷбур мешаванд материали шиносу медонистагиашонро такрор кунанд. Ин боиси он мегардад, ки қисми программа иҷро нашуда мемонад — кӯдакони гурӯҳҳои гуногунсин назар ба ҳамсолони дар боғчаҳои бачагонаи муқаррарӣ тарбияёбанда бо тайёрии нисбатан сусттар ба мактаб меоянд.

Боз як ҷиҳати муҳимми корро ба эътибор гирифтан лозим. Дар чунин шароити мураккаби гуногунии синну сол бачаҳои гурӯҳ дар мавриди гузарондани машғулиятҳо на ҳама вақт доимӣ мешаванд. Дар дохили гурӯҳчаҳои хурдсолону миёнсолон дар номгӯй ва миқдори машғулиятҳо тафовути муайяне ҳаст. Чунончи, бо кӯдакони 2-3-сола оид ба шиносоии муҳити атроф ва инкишофи нутқ 4 машғулият пешбинӣ шудаасту барои кӯдакони 2-4-сола — танҳо 3 машғулият; машғулиятҳои оид ба ташаккули тасаввуроти математикӣ ва аппликация бо кӯдакони сесола оғоз меёбад. Бо кӯдакони соли шашуми ҳаёт 14 машғулият гузаронда мешаваду барои синни панҷуми ҳаёт — ҳамагӣ 11 машғулият. Аз ҳамин сабаб мураббия водор аст дар баъзе машғулиятҳо гурӯҳи бачаҳоро тағьир диҳад: аз 2 то 5-сола ва ҳатто кӯдакони як синни муайян ҷудо карда шавад: аз 5 то 6-сола, аз 6 то 7-сола (ин дар таблицаи I нишон дода шудааст). Иҷрои ин вазифа аз он осонтар мегардад, ки дар гурӯҳи омехта, ғайр аз машғулиятҳои умумии омӯзиш, гузаронидани машғулиятҳо аз рӯи қисмҳои гуногуни программа, ки барои гурӯҳчаҳо пешбинӣ шудааст, ба план гирифта мешавад (таблицаи I, рӯзи якум, машғулияти дуюм).

Мураббиҳо хусусиятҳои дар боло нишондодашударо ба эътибор гирифта, дар мавриди мавҷуд будани бачаҳои ҳамаи синнусоли томактабӣ (аз 2-3 то 7-сола), метавонанд дигар вариантҳои ҳайати гурӯҳро пешбинӣ кунанд.

## БАПЛАНГИРИИ МАШҒУЛИЯТҲО БО ДУ ГУРӮҲЧА

Ғайр аз гурӯҳҳои гуногунсин (аз 2-3 то 7-сола) дар амалия гурӯҳҳои бисьёре низ мавҷуданд, ки дар онҳо кӯдакони танҳо

2-3 синнусоли ба ҳам наздик тарбия меёбанд; масалан, дар як гурӯҳ кӯдакони аз 2 то 5-сола, дар дигараш — аз 5 то 7-сола. Баъзан гурӯҳи кӯдакони синнашон хеле тафовутдошта мавҷуданд: дар якаш — кӯдакони аз 2-3 то 6-сола, дар дигараш — аз 4-5 то 7-сола.

Хусусияти хоси номгӯй, миқдор ва тартиби машғулиятҳои гурӯҳҳоеро, ки бачаҳои танҳо ду синнусол тарбия меёбанд, дар давоми рӯз ва як ҳафта дида мебароем.

Дар гурӯҳи таълимии хурдсолону миёнсолон плани машғулиятро аз рӯи ду гурӯҳча — хурдсолон (аз 2 то 4-сола) ва миёнсолон (аз 4 то 5-сола) тартиб додан лозим, дар вақти кор бо хурдсолон талаботи дар боло зикрьёфтаро, ки барои машғулияти кӯдакони гурӯҳҳои якум ва дуюми хурдсолон пешбинӣ шудааст, ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Агар дар гурӯҳ кӯдакони дусола набошанд, кор мувофиқи программаи барои бачаҳои солҳои чорум ва панҷуми ҳаёт пешбинишуда ба амал баровардa мешавад.

Барои бачагони ҳар ду гурӯҳча рӯзе дутогӣ машғулият пешбинӣ карда мешавад: барои гурӯҳи хурдсолон — пагоҳӣ (6) ва бегоҳӣ (5, ғайр аз шанбе), бо кӯдакони миёнсол бошад, танҳо — пагоҳирӯзӣ. Мураббия бояд дар як ҳафта ҳамагӣ 16 машғулият — рӯзе се машғулиятӣ ва рӯзи шанбе — 1 машғулиятро пешбинӣ кунад ва гузаронад.

Матлуб аст, ки аксарияти машғулиятҳои умумии пагоҳирӯзии (4-5 машғулият аз 6) барои ҳамаи бачагон пешбинишуда (инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ, шиносоӣ бо муҳити атроф, инкишофи нутқ, тарбияи ҷисмонӣ, мусиқӣ, расмкашӣ ё асбобсозӣ аз лою пластелин гузаронда шавад (инчунин 1-2 машғулият барои кӯдакони чор ва панҷсола) инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ, шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ (аппликация ва асбобсозӣ) пешбинӣ карда шавад. Машғулиятҳои дуюми пагоҳирӯзӣ ҳафтае 4-5 маротиба танҳо бо бачаҳои синни миёна гузаронда мешавад (шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ, сохтани асбоб ё аппликация, расмкашӣ (аз лою пластилин сохтани чизҳо, мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ); инчунин 1-2 машғулият — бо ҳамаи бачаҳо (масалан, аз лою пластилин сохтани чизҳо). Машғулиятҳои бегоҳирӯзӣ танҳо бо гурӯҳчаҳои хурдсолон гузаронда мешавад (шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ (тарбияи ҷисмонӣ, мусиқӣ, машғулият бо масолеҳи сохтмон).

Чунон ки аз таблицаи 2 бармеояд, дар гурӯҳи хурдсолону миёнсолон барои аниқтару хубтар риоя кардани талаботи программаи барои ҳар як соли ҳаёт пешбинишуда имконият ҳаст. Гурӯҳчаҳои ҷудо кардашуда (аз 2 то 4 ва аз 4 то 5-сола) доимӣ мебошанд ва ҳайати бачаҳо танҳо дар ду машғулияти рӯзи дуюм тағьир меёбад: дар машғулияти якуми пагоҳирӯзӣ, ки бо кӯдакони солҳои чорум ва панҷуми ҳаёт (ташаккули тасаввуроти оддии математикӣ барои гурӯҳи якуми хурдсолон пешби-

Ҷадвали 2.

**Тақсимоти тахминии машғулиятҳо дар давоми рӯз ва ҳафта дар гурӯҳи хурду миёна**

| Тартиби машғулиятҳо дар давоми рӯз | номгӯи машғулиятҳо, бо кӣ гузаронида мешавад | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | рӯзи якум | рӯзи дуюм | рӯзи сеюм | рӯзи чорум | рӯзи панҷум | рӯзи шашум |
| Машғулияти якуми пагоҳӣ. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ. Бо бачаҳои 3—5-сола. | Мусиқӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Инкишофи нутқ. Бо бачаҳои 2—4-сола. Аппликация ё асбобсозӣ. Бо бачаҳои 4—5-сола. | Расмкашӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. |
| Машғулияти дуюми пагоҳӣ. | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо бачаҳои 4—5-сола. | Аз лою пластилин сохтани чизҳои гуногун. Бо ҳамаи бачагон. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо бачаҳои 4—5-сола. | Мусиқӣ. Бо бачаҳои 4—5-сола. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо бачаҳои 4—5-сола. | |
| Як машғулият — бегоҳӣ | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо бачаҳои 2—4-сола. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо бачаҳои 2—3-сола. | Аппликация ё асбобсозӣ. Бо бачаҳои 2—4-сола. | Мусиқӣ. Бо бачаҳои 2—4-сола. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо бачаҳои 2—4 сола. | |

ни шудааст) ва баракс, ба машғулияти бегоҳирӯзӣ танҳо бачаҳои дусола, ки бо онҳо бештар доир ба шиносоии муҳити атроф ва инкишофи нутқ кор бурдан лозим аст, ҷалб карда мешаванд.

Қобили қайд аст, ки аксарияти машғулиятҳо (10 аз 16) асосан бо бачагони як синнусол (5 машғулият бо хурдсолон; панҷтои дигараш бо миёнсолон) ва танҳо 6 машғулият бо ҳарду гурӯҳча дар як вақт гузаронда мешавад. Аз ин машғулиятҳои умумӣ панҷтоашро мумкин аст аз рӯи як фасли омӯзиш, вале бо мундариҷаи гуногуни программавӣ, барои гурӯҳчаҳои хурдсолон ва миёнсолон гузаронда шавад. Дар як машғулияти боқимонда намуди фаъолияти бачагон гуногун мешавад: хурдсолон бо муҳити атроф шинос мешаванд, миёнсолҳо ба аппликация ё асбобсозӣ машғул мешаванд.

Дар гурӯҳи калонсолон барои бачаҳои ба мактаб тайёршавандаи муассисаи томактабии камкомплект низ ба мақсади мунтазаму мукаммал иҷро намудани программа имкониятҳои хуб мавҷуданд. Барои ин бачаҳоро ба ду гурӯҳча — калонсолон (аз 5 то 6-сола ва тайёрии мактаб (аз 6 то 7-сола) ҷудо карда, баъд машғулиятҳоро гузарондан лозим аст.

Мувофиқ омадани миқдори машғулиятҳо дар як рӯзу ҳафта, қариб якхела будани номгӯи машғулиятҳо дар ҳамаи фаслҳои омӯзиш ба мураббия имконият медиҳад, ки дар шароити чунин гурӯҳи омехта талаботи программа барои ҳар як соли ҳаёт риоя карда шавад. Масалан, режими машғулият комилан риоя карда мешавад, зеро ҳамаи машғулиятҳо пагоҳирӯзӣ гузаронда мешаванд (4 рӯз дар як ҳафта — ду машғулият ва 2 рӯз — 3 машғулият); имконият мавҷуд аст, ки дар гурӯҳҳои як синнусол машғулиятҳои бо кори фикрӣ алоқаманд (онҳоро аввал гузарондан лозим) бо машғулиятҳои ҳаракатнок ва монанди инҳо бо навбат иваз карда шаванд.

Чунон ки қайд карда шуд, аксарияти машғулиятҳо бо кӯдакони шаш ва ҳафтсола аз рӯи як фасли программа, вале бо мундариҷаи гуногун гузаронда мешаванд. Дар айни замон ба муносибати афзудани таҷрибаи кӯдакон ва дар онҳо инкишоф ёфтани қобилияти мустақилона амал кардан, баъзан мувофиқи мақсад аст, машғулиятҳое низ гузаронда шаванд, ки фаслҳои гуногуни программаро дар бар мегиранд. Масалан, бачаҳои калонсол ба асбобсозӣ машғул мешаванд, бо бачаҳои соли ҳафтуми ҳаёт бошад, оид ба математика ё тайёрии саводомӯзӣ ва инкишофи нутқ машғулият мегузаронанд.

Машғулиятҳои комбинация **кунонидашуда** аз он сабаб мувофиқи мақсад мебошанд, ки миқдору номгӯи машғулиятҳо гуногунанд: барои бачаҳои калонсол ҳар ҳафта машғулияти асбобсозӣ ва аппликация гузаронда мешавад, барои бачаҳои ҳафтсола ин гуна машғулиятҳо ҳафта дар миён барпо мегарданд, дар гурӯҳи тайёрӣ бошад, оид ба инкишофи тасаввуроти

## Тақсимоти тахминӣ ва тартиби машғулиятҳо дар давоми рӯз ва ҳафта дар гурӯҳи тайёрию кӯдакони калонсол

| Тартиби машғулиятҳо дар давоми рӯз | номгӯи машғулиятҳо, бо кӣ гузаронда мешавад | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | рӯзи 1-ум | рӯзи 2-юм | рӯзи 3-юм | рӯзи 4-ум | рӯзи 5-ум | рӯзи 6-ум |
| Машғулияти якуми пагоҳӣ. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Асбобсозӣ ё аппликация. Бо бачаҳои аз 5 то 6-сола. Ташаккули тасаввуроти оддии математикӣ. Бо бачаҳои аз 6 то 7-сола. | Расмкашӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. |
| Машғулияти дуюми пагоҳӣ. | Мусиқӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Аз лою пластилин сохтани чизҳои гуногун. Бо ҳамаи бачаҳо. | Асбобсозӣ ё аппликация. Бо ҳамаи бачаҳо. | Расмкашӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Мусиқӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. |
| Машғулияти сеюми пагоҳӣ. | | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Тарбияи ҷисмонӣ. Бо ҳамаи бачаҳо. | | | |

оддии математикӣ ду машғулият (дар гурӯҳи бачаҳои калонсол як машғулият буд) гузаронда мешавад.

Ба ҳамин тариқ, тақсимот ва бо навбат гузарондани машғулиятҳо дар гурӯҳи калонсолону тайёрӣ дар давоми рӯз ва ҳафта ба талаботи программа наздик аст. Масалан, инро мувофиқи нишондоди таблицаи 3 ба ҷо овардан мумкин аст.

Дар мавриди ба як гурӯҳ якҷоя намудани гурӯҳчаҳои аз ҷиҳати синнусол аз ҳам дур (хурду миёна ва миёнаю тайёрӣ)[1], дар вақти баплангирии машғулиятҳо ва гузарондани онҳо ба қоидаҳои дар боло зикршуда риоя кардан лозим ва алоқадри имкон талаботи умумии программаро, ки барои кӯдакони соли таваллуди дахлдор пешбинӣ шудааст, бо хусусияти тарбияи якҷояи бачаҳои синнусоли гуногун дар пайвастагии зич ба амал бароварда шавад.

Дар гурӯҳи хурду миёна (аз 2-3 то 4 ва аз 5 то 6-сола), масалан, дар як ҳафта 17 машғулият пешбинӣ шудааст: рӯзе се машғулиятӣ (ду машғулият пагоҳӣ ва яктоаш — бегоҳӣ), ғайр аз шанбе, ки машғулияти бегоҳӣ гузаронда намешавад. Агар зарур бошад, ҳафтае 1-2 маротиба чор машғулият гузарондан мумкин аст (ба рӯзҳои 5-ум ва 6-уми таблица нигаред): як машғулият барои ҳамаи бачаҳо, ду машғулият — барои бачаҳои калонсол ва якто — барои гурӯҳчаи хурдсолон (он вақт миқдори умумии машғулият 19-то мешавад). Дар ин рӯз машғулияти мусиқиро пешбинӣ кардан беҳтар аст, ки онро бо бачаҳои калонсол яке аз коркуни мусиқӣ мегузаронад; мураббия бошад, хурдсолонро сари вақт ба сайру гашт мебарад.

Дигар тавсияҳои дар боло зикрьёфта низ амал мекунанд.

Дар шароити гурӯҳи хурду калонсолон (ба мисли миёнаю тайёрӣ) вобаста намудани машғулиятҳои як фасли омӯзиш бо машғулияти фаслҳои дигар (ниг. таблицаи 4) аҳамияти махсус дорад.

Дар гурӯҳи миёнаю тайёрӣ бо кӯдакони 5-сола 11 машғулият гузаронда мешавад (ҳар рӯзе 2-машғулият ва рӯзи шанбе-1 машғулият) ва бо кӯдакони 6-7-сола 14 машғулият (4 рӯз 2-машғулиятӣ ва 2 рӯз 3-машғулиятӣ гузарондан лозим аст). Номгӯи машғулиятҳо дар ҳар ду гурӯҳча асосан якхелааст, вале бо бачаҳои 6-7-сола ҳафтае як машғулият зиёдтар баргузор гашта, ба шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ (ба саводомӯзӣ тайёр кардани бачагон) инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ ва расмкашӣ бахшида мешавад (ниг. таблицаи 5).

Дар гурӯҳи калонсолону тайёрӣ, ба мисли тавсияҳои болоӣ (ниг. таблицаи 3) ҳамаи машғулиятҳои кӯдакони солҳои панҷум

---

[1] Хотиррасон мекунем, ки аз нуқтаи назари педагогӣ гурӯҳҳои бачаҳои аз ҷиҳати синнусол наздик ба мақсад мувофиқтаранд ва дар мавриди дар муассисаи томактабӣ мавҷуд будани кӯдакони ҳамаи синну сол, бачаҳои хурду миёна ва калонсолону ба мактаб тайёршавандаро якҷоя кардан лозим аст; Гурӯҳҳои аз ҷиҳати синну сол аз ҳам дур дар он ҷое ташкил карда мешаванд, ки он ҷо кӯдакони синнусолашон ба ҳам наздик мавҷуд нестанд.

Чадвали 4.

**Номгӯи тахминии миқдор ва тақсимоти машғулиятҳо дар давоми рӯз ва ҳафта дар гурӯҳи хурдсолону калонсолон**

| Тартиби машғулиятҳо дар давоми рӯз | номгӯи машғулиятҳо, бо кӣ гузаронда мешавад | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | рӯзи 1-ум | рӯзи 2-юм | рӯзи 3-юм | рӯзи 4-ум | рӯзи 5-ум | рӯзи 6-ум |
| Машғулияти якуми пагоҳӣ. | Инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ. Бо бачаҳои хурдсол. Расмкашӣ. Бо бачаҳои калонсол. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳарду гурӯҳча. | Инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ. Бо бачаҳои калонсол. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо кӯдакони хурдсол. Аппликация ё асбобсозӣ. Бо бачаҳои калонсол. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳарду гурӯҳча. | Расмкашӣ. Бо ҳар ду гурӯҳча. |
| Машғулияти дуюми пагоҳӣ. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо ҳамаи бачаҳо. | Асбобсозӣ ё аппликация. Бо бачаҳои калонсол. | Тарбияи чисмонӣ. Бо ҳар ду гурӯҳча. | Шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ. Бо бачаҳои калонсол. | Аз лою пластилин сохтани чизҳои гуногун. Бо бачаҳои калонсол. | Тарбияи чисмонӣ. Бо бачаҳои калонсол. |
| Машғулияти сеюми пагоҳӣ. | | Мусиқӣ. Бо бачаҳои калонсол. | | | Мусиқӣ. Бо бачаҳои калонсол | |
| Як машғулияти бегоҳӣ | Аз лою пластилин сохтани чизҳои гуногун. Бо бачаҳои хурдсол. | Мусиқӣ. Бо бачаҳои хурдсол | Асбобсозӣ ва аппликация. Бо бачаҳои хурдсол. | Тарбияи чисмонӣ. Бо бачаҳои хурдсол. | Мусиқӣ. Бо бачаҳои хурдсол. | |

ва ҳафтуми ҳаёт пагоҳирӯзӣ гузаронда мешавад. Аввал 4 машғулияти умумиро бо ҳар ду гурӯҳча пешбинӣ кардан лозим (2 машғулият оид ба шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ 1— оид ба инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ, 1— оид ба асбобсозӣ ва аппликация); инчуниин ду машғулиятро танҳо бо бачаҳои гурӯҳчаи тайёрӣ гузарондан матлуб (1 машғулият оид ба тайёрии саводомӯзӣ, 1— оид ба инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ). Дар мавриди охирин бачаҳои 5-сола дар вақти машғулияти якум ба бозӣ машғул мешаванд ва сонӣ бо бачаҳои соли ҳафтуми ҳаёт дар машғулиятҳои дуюм ва сеюм иштирок мекунанд.

Машғулиятҳои дуюм ҳар рӯз бо ҳар ду гурӯҳча гузаронда мешавад (як машғулият оид ба шиносоӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқ 1— оид ба расмкашӣ, 1— оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва 2— оид ба мусиқӣ). Дар рӯзи шанбе машғулияти дуюм танҳо бо бачаҳои соли ҳафтуми ҳаёт гузаронда мешавад.

Ба ҳамин тариқ, мо масъалаҳои асосие, ки бо баплангирии машғулиятҳо дар шароити гурӯҳҳои гуногунсини дорои вариантҳои типикии ҳайати кӯдакон (аз 2-3 то 7-сола) алоқаманданд, дида баромадем; кӯшидем, ки тақсимоти тахминии машғулиятҳоро дар давоми як ҳафта (дар шароити ҳафтаи шашрӯза) кор карда бароем, то ки дар он талаботи асосии программа оид ба омӯзшии кӯдакони ҳар як соли ҳаёт, инчунин шароити махсуси гурӯҳҳои омехтаи кӯдакони синну соли гуногун инъикос ёбад; роҳҳои оқилона бо ҳам пайваст намудани фаслҳои омӯзишро дар давоми рӯз ва ҳафта муайян намуда, дар айни замон мураккабию осонии машғулиятҳо, типҳои гуногуни машғулиятро аниқ намудем, то ки вай ба омӯзиши якҷояи (ё гурӯҳии) кӯдакони синну соли гуногун мусоидат кунад.

Ин нишондодҳо тавсияномаҳои оид ба методикаи гузарондан ва баплангирии машғулиятҳои якҷояи кӯдакони гуногунсинро, ки пештар дида баромада будем, пурра мекунанд ва имконият медиҳанд, ки мо мундариҷаи конкретии программаро дар ҳаҷми тартиби муайян ва мувофиқи синну соли бачаҳо ва фаслҳои гуногуни программа интихоб карда гирем.

Тавсияномаҳои зикршуда умуман барои ҳафтаи кории панҷрӯза низ қобили қабул аст. Дар ин маврид ҳангоми баплангирии машғулият нишондодҳои иловагии Вазорати маорифи РСФСР (ё республикаи дигар)-ро дар хусуси тағйироти режими машғулиятҳо ба ҳисоб гирифтан лозим.[1] Дар асоси ин нишондод дар гурӯҳҳои бачаҳои хурд, миёна ва калонсол як машғулияти оид ба шиносоии муҳити атроф кам карда шудааст. Дар гурӯҳи тайёрӣ микдори умумии машғулиятҳо ба мисли пештара мемонад, аммо машғулиятҳои шанбегӣ ба рӯзи дигари ҳафта гузаронда шуда, ҳамчун дарси сеюм баргузор мегардад.

---

[1] Дар бораи режими машғулиятҳо дар муассисаҳои томактабии РСФСР, 23 декабри с. 1979, № 552—М.,—Маҷмӯаи фармонҳо ва дастуруламалҳои Вазорати маорифи РСФСР, № 7. марти с. 1975.

# МУНДАРИЧА

Сарсухан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3

**Ташкили ҳаёти гурӯҳҳои гуногунсин ва тарбияи кӯдакон**

Хусусияти асбобу анҷом ва таҷҳизот . . . . . . . . . . 7
Хусусиятҳои режим . . . . . . . . . . . . . . . 14
Тарбияи кӯдакон дар ҷараёни ҳаёти ҳаррӯза . . . . . . . . 31
Васеъ намудани ошноӣ бо муҳити атроф ва инкишофи нутқи кӯдакон 35

**Роҳбарии педагогӣ ба бозиҳо дар гурӯҳи омехта**

Масъалаҳои умумии роҳбарӣ намудани ба ташкили бозии кӯдакони синни гуногун . . . . . . . . . . . . . . . . . 40
Вазифаҳои тарбиявии бозӣ . . . . . . . . . . . . .
Гуногунии шаклҳои бозӣ ва аҳамияти он дар ташкили ҳаёт ва тарбияи кӯдакон . . . . . . . . . . . . . . . . 43
Муносибати байни бачаҳои синну соли гуногун дар вақти бозӣ . . 44
Мавқеи бозӣ дар режими рӯз . . . . . . . . . . . 46
Хусусияти интихоб намудан ва ҷо ба ҷо гузоштани бозичаҳо ва асбоби бозӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 48
Роҳбарии педагогӣ ба бозиҳои сюжетноку рольдор . . . . . . 50
Ташкили бозии кӯдакони як синну сол . . . . . . . . . 54
Роҳбарӣ намудан ба бозиҳои умумии кӯдакони гуногунсин . . . 60
Роҳбарӣ ба бозиҳо ва машқҳои дидактикӣ . . . . . . . . 65
Ташкили бозии дидактикии кӯдакони ҳамсол . . . . . . . . 68
Ташкили бозиҳои умумии дидактикии кӯдакони гуногунсин . . . . 75
Баъзе тавсияҳо оид ба бозиҳои ҳаракатноки қоидадор . . . . . 78

**Ба амал баровардани роҳбарии педагогӣ дар гурӯҳи омехта**

Вазифаҳо ва мазмуни тарбияи меҳнатии томактабиён . . . . . 82
Ташкили меҳнати кӯдакон . . . . . . . . . . . . 87
Роҳбарӣ ба меҳнати кӯдакони ҳамсол . . . . . . . . . 90
Роҳбарӣ ба меҳнати кӯдакони гуногунсин . . . . . . . . 94

**Таълиму тарбия дар машғулиятҳои гурӯҳҳои гуногунсин**

Асосҳои дидактикии машғулиятҳо дар гурӯҳи гуногунсин . . . . 101
Ташкили машғулият ва методикаи гузаронидани он . . . . . 112
Машғулият бо ҳамаи кӯдакон аз рӯи як фасли программа . . . 112
Машғулиятҳо бо тамоми кӯдакон аз рӯи фаслҳои гуногуни программа 147
Машғулиятҳо дар гурӯҳчаи кӯдакони ҳамсол . . . . . . . 163
Тавсияҳо оид ба баплангирии машғулият дар гурӯҳи гуногунсин . . 177
Баплангирии машғулиятҳо бо се гурӯҳча . . . . . . . . . 179
Баплангирии машғулиятҳо бо ду гурӯҳча . . . . . . . . . 183

ИБ № 1030

**Валентина Никитична Аванесова**

# Воспитание и обучение детей в разновозрастной группе

(На таджикском языке)

Тарҷумаи *В. Шарифов*
Муҳаррир *А. Қодиров*
Муҳаррири ороиш ***А. Бабушкин***
Муҳаррири техникӣ ***И. Сунчелеева***
Мусаҳҳеҳ ***Х. Имомова***

**Ба матбаа 30.03.83 супурда шуд. Ба чопаш 26.08.83 имзо шуд. Формати 60×90¹/₁₆. Коғази типографии № 2. Гарнитурааш адабӣ. Чопи барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 12 Ҷузъи рангаи шартӣ 12,625. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12,92. Адади нашр 6000 нусха Супориши 792. Нархаш 50 тин.**

**Нашриёти «Маориф»-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.**

**Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734025. Душанбе, ҳиёбони Ленин, 37.**

50 тин

Нашриёти «Маориф».